Каждая семья, имея проблему с подростком, принимает своё решение проблемы, следуя интуиции и своему житейскому опыту. Как неумение справиться со своими внутренними проблемами влияет, а то и ломает жизнь несовершеннолетних, почему все люди знают о правилах поведения, но далеко не все их выполняют? Как усложняют жизнь подростков игнорирование норм поведения – спрашиваем мы себя: Почему подростки так легкомысленно ведут себя и так легко идут на преступления? И что нужно делать, чтобы противостоять трудностям жизни, стрессу и депрессивному состоянию: какими качествами необходимо обладать? Можно ли на агрессию отвечать не агрессией? На эти и другие вопросы мы постараемся найти ответы, постараемся помочь несовершеннолетним подросткам в стрессовых ситуациях и в преодолении возникшей депрессии.

Современная жизнь полна неожиданностей, порой неприятных зачастую опасных.

В последние годы психологи слышат все больше жалоб на скуку, скучающих детей. Это и подростки, проводящие в пассивном безделье вечера у подъездов, и юноши, всё уже познавшие, разочарованные в житейских радостях. Если ребёнок скучает, значит он бессознательно отвергает сегодняшний день и тем самым отвергает себя самого. Это может быть следствием неудовлетворенной потребности ребенка в любви и ласке, потребности во внимании. Скука – это всегда внутренняя слабость, пассивность личности, вялость характера. Нередко родители, сами того не желая и не осознавая, заряжают детей болезнью скуки и плохого настроения (это вечно недовольная мама, обвиняет всех и вся в неблагодарности или неумелый в хозяйстве отец, ворчливость бабушки) .

Родители должны уметь, несмотря на житейские трудности и неудачи, сохранять дух оптимизма. Если ребенок воспитывается в атмосфере жизнерадостности и бодрости, ему не только не бывает скучно, но он растет более здоровым в психическом отношении, более жизнестойким и сильным [7,109-110]. Родители: Как же много выдержки, понимания, как много мужества требуют от родителей их обязанности. Ведь отчего порой возникают конфликты? Родители предъявляют сыновьям и дочерям те или иные требования. Они абсолютно справедливы, предъявляя эти требования, но форма предъявления – категоричная, жёсткая - вызывает протест у юных. Им кажется, что взрослые навязывают свои взгляды и вкусы, и возникает желание поступить наоборот. Здесь и встречаемся мы с родительской глухотой, которая не способна воспитать эмоционально культуру у детей. Не желая проникнуться настроением сына, мы наносим ему душевную боль, вызываем озлобление. В следующий раз он сделает больно вам и тоже не заметит этого. Воспитание человечности – процесс обоюдный[7,42].

Психологическая направленность, которая сопутствует формированию целостной личности, зависит не только от физического созревания личной биографии, но и от духовной атмосферы общества, в котором человек живет [5,243]. В жизни иногда выпадают минуты, когда самые мелкие неприятности принимают в наших глазахкатастрофические размеры.

В тяжелой депрессии проявляется слабость характера, отсутствие воли, неосмысленное желании уйти из жизни сопровождается легкомысленностью и глупостью страха. Оставшись в одиночестве с самим собой возникает мысль уйти из жизни. Возраст существенно влияет на особенности суицидного поведения, тем более, когда юность следует отнести к кризисному периоду жизни. Суицидное поведение подростков чаще всего имеет демонстративный характер, в том числе шантажа. Исследователь А.В. Личко отмечает, что у 10% подростков имеется истинное желание покончить с собой, в 90% - это крик о помощи, преобладают семейные «любовные» проблемы, причина нередко – «несчастная любовь» и у девушек, и у юношей. Побуждает к этому одно - стремление наказать других: «Вы пожалеете, когда я умру» - отчаянно думают они, решаясь на этот шаг осознанно, не понимают, что это тяжелое испытание для окружающих. [157]. Суицид изменяет жизнь всей семьи, каждый член платит за это определенную психологическую вину, делает своим заложником трагедия «до» и «после», начинается поиск виноватых, принятие траура, самобичевание «зачем», «почему». У одних – бегство в работу, у других самоограничение, уход в болезнь, наконец, бывает и такое - новый суицид (психика надломлена) «ты умер, значит умру, и я»

В таких семьях людей переполняют чувства скорби, вины, гнева… Необходима в таких стрессовых случаях психологическая коррекция, помощь психолога, окружающих близких людей, искренняя доброжелательность, чуткость, участие в преодолении горя, стрессовой ситуации.

В жизни каждому суждено терять близких и друзей. Привыкая к обычным ситуации, к заведенному ритму жизни, подросток нередко оказывается беззащитным перед жизненными испытаниями. В горе не ищут виновных. Не нужно корить себя, что могли бы что-то предотвратить, что-то сделать и трагедия не происходила бы. Знание особенности горя как стрессового состояния не работает, человек может совершать бесконтрольные поступки, биться в истерике, проявлять ненависть к друзьям, близким. В горе люди должны сплотиться, проявить максимум терпения к тому, кто больше всех страдает. Сочувствие чужому горю – это и укрепление своего духа, подготовка к жизненным испытаниям, которые всегда приходят к каждому из нас.

В юности важно иметь рядом умного и опытного человека как советчика и старшего друга. Он необходим для того, чтобы попросить совета в трудную минуту. Пока человек не

сдаётся, он сильнее своей судьбы. Воля гибнет, если человек трусит, когда он не решителен и не уверен в себе. Не потому бывают люди плохими, что мир таков, а потому, что принимают в себе дурное из этого мира. Чтобы избавиться от дурной привычки следует переключить себя на полезное увлечение. Нужно устранить причины, которые рождают неудовлетворенность жизнью. Необходимо придерживаться простого правила жизни: подумайте, прежде чем принимать решение; дважды подумайте, прежде чем его исполнять; трижды подумайте, прежде чем настаивать на своём, когда ваша воля столкнулась с волей других людей. «Воля проявится не только в том, чтобы добиться своего, но и в том, чтобы преодолеть соблазны, искушение легкой жизни, не поддаться собственным капризам и легковесного - значит тоже проявить и укрепить волю. Необходимо развивать в себе самоуважение, на этой основе формировать уверенность в себе, а затем требовательность к себе». [5, 236].

Каждому известно, как может изменить настроение (а то и вызвать состояние аффекта) плохая весть, и какая эмоциональнаявстряска может быть следствием оскорбления словом, или случившаяся неприятность, трагическое известие. «Одно хорошее слово и в жестокий мороз согреет; худая речь и из жары в озноб бросит», - говорит древняя пословица. Необходимо иметь правильное воспитание, создание в ученических коллективах благоприятного, здорового «эмоционального климата» «Моральное образование состоит в усвоении основных норм и правил поведения в данном обществе, их теоретического ихарактерного обоснования.

Правовое воспитание представляет собой раздел воспитательной работы, направленной на информирование людей о существующих в обществе законах, о правах и обязанностях гражданина. Детская безнадзорность, независимо от того, какими обстоятельствами она вызвана, служит главным источником антиобщественного поведения несовершеннолетних [2,39]. «Девиантология - научная дисциплина, описывающая феномен отклонений от социальных норм, порождающие его причины и возможности» [6,37]. Обучение - совместная деятельность родителей, педагога и образовательного учреждения по развитию личности, таланта, умений, умственных и физических способностей ребенка. Стрессопрофилактика – это обучение, воспитание в подростке способности самостоятельно преодолевать стресс.

Воспитательная работа с молодёжью очень специфична и сложна. Юные годы - время тяжелое. Подростки испытывают и физическое и психологическое напряжение – то есть стресс. Эмоциональный стресс превращается в физическое расстройство, точнее физическое расстройство заменило стресс. Это называется психоматической болезнью, часто психоматическое заболевание – подсознательная мольба о внимании и любви, способ подать родителям весть, что ты нуждаешься в их защите. Как же бороться со стрессом? Главное –не копить дурные эмоции. Исследования показали, что причиной стресса является самое обыденное напряжение, не самые мелочи, с которыми мы можем справляться. Это нормально, когда подросток время от времени испытывает легкую депрессию. При депрессии обычно подросток чувствует полное одиночество и совершенно никому не нужным, лишённым всяческой надежды. Если подростку худо, он должен с кем-то поговорить. В моменты стресса нужна сила характера. Неумение преодолеть конфликт, неуверенность, слабая сила воли, вседозволенность в воспитании - все это отрицательно влияет на психологическое состояние подростка. Все это толкает ребенка на первую пробу, все эти факторы влияют на степень предрасположенности подростков к употреблению наркотических и психоактивных стредств. Что такое наркомания? Болезнь или преступление? Многие признают, что чаще всего наркомания одновременно и болезнь, и преступление [47]. В профилактике и лечении наркомании нет плохих или хороших методов, есть эффективные и неэффективные. Только свободный и уважающий себя человек может избежать наркомании. Проблема профилактики наркомании – это прежде всего проблема воспитательная. Педагог, врач, другой человек, имеющий отношение к воспитанию детей и подростков, должен быть сильной личностью, стремящейся отстоять свое мнение, повести за собой [1,66].

Кто бы не занимался детской и подростковой наркоманией, исследователи и публицисты всегда отмечали среди факторов, предрасполагающих к наркомании, не только определенные психологические и биологические характеристики личности, но и отсутствие глубокого уважения и контекста между родителями и детьми, учителями и учениками, что здесь первично, а что следствие - трудно сказать. Однако ясно, что будущий наркоман в детстве воспитывался плохо - не всегда, но чаще всего. Наркомания – это не только личное

дело того или иного подростка. Став наркоманом, человек убивает в себе личность, убивает в себе отца, сына, специалиста, гражданина.

Когда удовлетворение мотива вследствие каких-либо препятствий становится вообще невозможным, тогда человек испытывает особо сильное нервно-психическое напряжение (досада, озлобленность, подавленность, тревожность) и расстраивается до такой степени, что вообще не в состоянии ничего делать - человек реагирует на это агрессивными реакциями. В жизни такую форму реагирования называют: «сорвать зло на ком-то». Состояние в трудной ситуации обозначается как нервно-психологическое напряжение, или английским термином «стресс». Одна из существенных задач воспитания и заключается в том, чтобы воспитать способность владеть собой при напряжении (в стрессовых ситуациях) и сдерживать антисоциальные ее проявления. Выйти из наркотической зависимости очень сложно и непросто, и больше всего этому пагубному влиянию предрасположены подростки из-за своей наивности, любознательности. Повышенный интерес молодежи к наркотикам, алкоголю, никотину влияет на их физическое и психическое состояние.

В обществе всегда были люди, которые преступали черту закона, с применением силы и агрессии, происходят случаи нарушения закона в отношении граждан, создаются опасные ситуации. Опасные ситуации социального характера это криминогенные ситуации, которые имеют место в повседневной жизни и быту: хулиганство, воровство, мошенничество, насилие, вымогательство и т.д. Хулиганство – это когда люди грубо нарушают общественный порядок в силу каких-либо причин: состояние опьянения, наркотизма, озлобленности, мести и т.д. Опасным для общества может быть наркоман, насильник (преступник, который умышленно причиняет вред людям), пьяный человек.

Воровство – это преступление, которое совершают преступники, занимаясь воровством, тайно присваивая себе чужие вещи. Это могут быть не только взрослые, а могут быть и подростки. Мошенничество – это преступники причем тоже не только взрослые, но и дети подросткового возраста, которые занимаются хищением имущества с помощью обмана. Потому, чтобы обеспечить свою безопасность от агрессивного человека, от негативного влияния действий любого преступника, необходимо выработать у себя умение распознавать людей, которые могут угрожать вашей безопасности: надо постараться избежать или отказываться от общения, а также применять правила обеспечения личной безопасности.

Существуют такие правила поведения в различных местах и ситуациях, которые могут возникнуть в повседневной жизни. В чрезмерной ситуации наиболее часто мы можем столкнуться с различными шоковыми реакциями, которые в свою очередь можно разделить на реакции по тормозимому и возбудимому типу. К возбудимым типам реакции в стрессовых ситуациях относят двигательное возбуждение и нервную дрожь. В состоянии двигательного возбуждения происходит раскоординации всей сознательной деятельности-человек теряет способность логически мыслить и принимать решения, он мечется как в клетке из угла в угол. Это может быть реакция на потерю близкого человека, во многих случаях отсутствие реакции на окружающих (на замечания, просьбы, приказы)

Двигательное возбуждение обычно длится недолго и может смениться нервной дрожью, плачем, а так же агрессивным поведением. Необходимо обратиться за помощью к кризисному психологу в случаях стрессового события. В случае если вы не можете найти облегчения вашему напряжению и чувству опустошенности, когда ваши обычные привычки изменились к худшему.

Факторы, влияющие на состояние эмоциональной сферы, особенно эмоциональные стрессы, ведущие к бурным эмоциональным реалиях или длительному отрицательному по своему характеру эмоциональному состоянию, могут вызывать различные расстройства, вызвать ту или иную болезнь, играя при этом роль последней капли, переполняющей чашу терпения защитных сил организма человека. Стресс – по английский «напряжение» - это «степень нашей жизненной активности в каждый определенный момент» [108]. Стресс необходим для адаптации организма к меняющимся условиям существования. Стресс – реакция человека в период ожидания опасности во многом зависит от эмоционального состояния окружающих его людей.

Надо уметь сосредоточить усилия на главном, преодолевать трудности и стрессовые ситуации, на своем пути. Отказываться от соблазнов, заставить себя действовать даже тогда, когда силы на исходе. Взрослее, подросток понимает, что жить – значит бороться. Народная

мудрость гласит: «Победи сначала самого себя, а потом – врагов». Волевым или безвольным человек становится в процессе приобретения жизненного опыта и воспитания. Нужно научиться преодолевать стресс, трудности, а не обходить их не пасовать перед каждойпреградой, обдуманно принимать решения [5,236].

В настоящее время нравственная ориентация подростков направлена далеко не на познание и творчество, которые были ранее основными духовными ценностями. При отрицательном характере эмоциональных контактов семьи, она утрачивает воспитательные возможности и становится микросредой, искажающей и задерживающей положительное воздействие на духовно-нравственное формирование личности, подростка. Правильное нравственное воспитание возможно лишь тогда, когда оно базируется на побуждении подростка к нравственному развитию, когда он сам активно участвует в нем.

Воспитывающая среда благотворно влияет на подростка, если она правовая, что означает уважение прав ребенка, его достоинства, личности, создает реальную защиту детства. Созданию правовой системы способствуют помощь и защита в решении его проблем, конструктивное разрешение конфликтов, благоприятный психологический климат, как в семье, так и в классе, дисциплина в классе и школе.

Надо стремиться к тому, чтобы трудности у подростков не вызывали отрицательных эмоций, чтобы не был склонен к растерянности. Воспитание человека всегда должно сохранить веру в свои силы и возможности, вести всегда себя логично и адекватно обстановке, умение не пугаться неожиданностей, а быстро мобилизовать все свои возможности и выходить победившим из любой сложной ситуации. Устойчивости эмоциональной сферы подростков способствуют физические упражнения и закаливание, опыт, ориентация на ЗОЖ. в процессе общения с людьми, преодоления жизненных трудностей помогают человеку трезво, объективно оценивать обстановку, свои способности и возможности, определить собственное место в жизни. По мнению одного из крупнейших педагогов 20-века А.С.Макаренко, корни и причины трудно воспитуемого ребенка берут свое начало в семье, буквально являющейся сферой духовно-нравственного становления индивида. Главной психологической способностью подросткового возраста считается личная нестабильность, у них чаще наблюдается падение социально-психологических и нравственных норм поведения. Результат этого - негативные тенденции общественного развития, а причины - социальная незрелость (стремление к независимости, неумение прогнозировать последствия собственных поступков.

Нравственность – это составляющая духовности, но духовность без нее невозможна. Поэтому необходимо повышать уровень духовной, нравственной, правовой и эстетической культуры семьи, чтобы стали возможными преобразование культуры, как системы нравственных ценностей, в индивидуальную, личностную и поведенческую культуру подрастающего поколения, формировании высокой нравственной позиции и постоянного стремления к духовному самосовершенствованию.

Подростковый возраст - весьма сложный и болезненный период становления личности именно на этом этапе взросления происходит формирование нравственного идеала и стереотипа поведения. Семья, ее роль заметно влияет на ценностные ориентации подрастающего поколения, на их здоровый образ жизни.

Положение детей в любом государстве - это показатель морального и нравственного здоровья семьи и общества. Безнадзорные и беспризорные подростки активно вовлекаются в преступную деятельность. С каждым годом увеличивается количество семей, неспособных надлежащим образом обеспечить содержание и воспитание детей. В сегодняшних изменившихся условиях особенно важная роль принадлежит семье, в которой закладываются прочные основы духовно-нравственных качеств человека.

Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистана Уважаемый Эмомали Рахмон в выступлении с докладом «Сфера образования» отметил, что важной задачей системы образования является в перспективе воспитание гармоничной и созидательной личности, воспитание духовности.

Воспитание является социальным, культурным, психологическим и педагогическим явлением и служит упорядочению образа жизни человека и развитию общества. Государство устанавливает такой порядок, который способствует жизнедеятельности человека и национальному воспитанию граждан. Большую ответственность здесь несёт и семья в таджикском обществе.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Буянов М.И. Размышления о наркомании: Кн. для учителя / М.И. Буянов М.: Просвещение, 1990 (33) – 80с.
2. Обухова Л. Ф. Возрастная психология. Учебное пособие / Л.Ф Обухова- М.: Педагогическое общество России, 2000. -351 с.
3. Павленок П. Д. Основа социальной работы: Учебник / П.Д. Павленок- М., 1998. - 378 с.
4. Николаева Е. И. Психология семьи. Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения. 2-е изд. / Е.И. Николаева.– СПБ.: Питер. 2017. -368с.
5. Николаева Л. П., Колесов, Д. В. Уроки профилактики наркомании в школе: Пособие для учителя / Л.П. Николаева. -М.: НПО «МОДЭК», 2003. -64 с.
6. Никифоров А. Эмоции в нашей жизни. М, сов. Россия ;1974.-272С.
7. Спиваковская А.С. Как быть родителями: (о психологии родительской 15 любви) –М.: Педагогика, 1986-160с.
8. Степанов В.Г. Психология трудных подростков. / Учебное пособие для студентов высших педагогов. Учебное завед / В.Г. Степанов / - М.: Академия, 2006. – 360С.
9. Толстых А.В. После детства. – М.: Знании, 1982.
10. Экман П. Психология эмоций. – 2-е изд./П. Экман. – СПБ.: Питер.2013. – 240С.


## ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ ВА МАЪНАВИИ ШАХС ДАР РАФЪИ РӮҲАФТОДАГӢ ВА ҲОЛАТҲОИ ҲАЯҶОНОВАР ДАР НОБОЛИҒОН


Муаллифи мақола дар бораи нақши волидон ва мактаб дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият, чӣ гуна фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои онҳо ва муҳофизат намудани онҳо аз мушкилоти дар таълими зидди маводи мухаддир мавҷудбуда, ёфтани воситаҳои самаранок дар рафъи рӯҳафтодагӣ ва ҳолатҳои ҳаяҷоновар фикру мулоҳизаҳои худро баён намудааст.

Азбаски мубориза бар зидди нашъамандӣ яке аз масъалаҳои муҳимми муосир дар ташаккули сифатҳои ахлоқии ноболиғон башумор меравад, масъалаҳои пешгирии онро бидуни ҳалли масъалаҳои умумӣ – масъалаҳои омӯзиши кӯмакрасонӣ ба насли наврас, ҳал кардан номумкин мебошад. Мактаб барои тарбияи ақидаи устувори наврасон бар зидди маводи мухаддир ва эътирози фаъол бар зидди амалҳои бадахлоқона пешбинӣ шудааст. Проблемаи пешгирии нашъамандӣ қисмати муҳимми барномаи таълимӣ – тарбиявӣ мебошад.

Дар мақола зарурат доштани таълими муосири наврасон оид ба рафтори масъулиятнок дар ҳолатҳои хатарнок мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Баланд бардоштани сатҳи рӯҳии наврасон вазифаи асосии омӯзгор ва волидон мебошад. Муаллиф дар мақолаи худ нақши фазои оила, ҳиссиёти волидонро нисбат ба фарзандон, ки барои дар лаҳзаҳои душвор интихоби дуруст намудани наврасон мусоидат менамоянд, дида баромадааст. Бояд қайд кард, ки мақола барои фароҳам овардани фазои муҳаббат ва талаботҳои оқилона нисбат ба фарзандони ноболиғ дар синф ва оила кӯмак хоҳад кард.



**Калидвожаҳо:** *Муҳити иҷтимоӣ, маънавият, ташаккули шахсият, қудрати хислат, насли наврас, ихтилоли равонӣ, ҳолатҳои стресс, депрессия, таҷовуз, таҷрибаҳои зиндагӣ, қоидаҳои рафтор, рафъи мушкилот, пешгирии нашъамандӣ, амнияти шахсӣ, ҳалли мушкилот, меъёрҳои рафтор, низоъ, эҳсосоти бад, қудрати хислат, фазои рӯҳонӣ, ҳифзи кӯдакӣ, шаъну шарафи шахсият, устувории ахлоқӣ, ҳиссиёт, зидди маводи мухаддир, тарбия, масъулият, тарзи ҳаёти солим.*


## ФОРМИРОВАНИЕ МОРАЛЬНЫХ И НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ ЛИЧНОСТИ В ПРЕОДОЛЕНИИ ДЕПРЕССИИ И СТРЕССОВЫХ СИТУАЦИЙ У НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ


Автор статьи рассказывает о том, какую роль играют родители и школа в становлении и формировании личности, как создавать для них благоприятные условия и уберечь от их проблем по антинаркотическому воспитанию, найти эффективное средства в преодолении депрессии и стрессовых ситуаций.

Так как борьба с наркоманией является глобальной проблемой в становлении и формировании личности современного подростка, вопросы её профилактики невозможно решить, не решив общие вопросы – вопросы изучения помощи подрастающему поколению. Школа призвана воспитывать у ребят устойчивое мнение в противостоянии к наркотикам и активный протест против аморальных поступков. Проблема профилактики наркомании – является важной частью учебно – воспитательной программы.

В статье говорится о необходимости современного обучения подростков ответственному поведению в опасных ситуациях. Повышение духовного уровня современных подростков является главной задачей педагогови родителей.

Авторомрассматривается и роль атмосферы семьи, отношения родителей к своим детям, которые должны способствовать тому, чтобы в трудные моменты он умел делать правильный выбор. Следует констатировать, что статья поможет создать в классе и в семье атмосферу любви и разумной требовательности к своим несовершеннолетним детям.

**Ключевые слова:** *социальная среда, духовность, формирование личности, сила характера, подрастающее поколение, психические расстройства, стрессовые ситуации, депрессия, агрессия, житейский опыт, правила поведения, преодоление трудностей, профилактика наркомании, личная безопасность, решение проблем, нормы поведения, конфликт, дурные эмоции, сила характера, духовная атмосфера, защита детства, достоинство личности, моральная устойчивость, интуиция, антинаркотическое воспитание, ответственность, здоровый образ жизни.*

**FORMATION OF MORAL AND MORAL QUALITIES OF A PERSON IN OVERCOMING DEPRESSION AND STRESSFUL SITUATIONS IN MINORS**

The author of the article talks about the role played by parents and school in the formation and formation of personality, how to create favorable conditions for them and protect them from their problems in anti-drug education, to find effective means to overcome depression and stressful situations. Since the fight against drug addiction is a global problem in the formation and formation of the personality of a modern teenager, the issues of its prevention cannot be solved without solving common issues – the issues of studying assistance to the younger generation. The school is designed to educate children with a stable opinion in opposition to drugs and an active protest against immoral acts. The problem of drug addiction prevention is an important part of the educational program.

The article talks about the need for modern training of adolescents in responsible behavior in dangerous situations. Raising the spiritual level of modern teenagers is the main task of teachers and parents. The author also examines the role of the family atmosphere, the relationship of parents to their children, which should help them to make the right choice in difficult moments. It should be noted that the article will help to create an atmosphere of love and reasonable demands on their minor children in the classroom and in the family

**Keywords:** *social environment, spirituality, personality formation, strength of character, the younger generation, mental disorders, stressful situations, depression, aggression, everyday experience, rules of behavior, overcoming difficulties, drug addiction prevention, personal safety, problem solving, norms of behavior, conflict, bad emotions, strength of character, spiritual atmosphere, protection childhood, personal dignity, moral stability, intuition, anti-drug education, responsibility, healthy lifestyle.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Алиқулова Сабринисо Тиллавовна – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: 901-41-19-83. E-Mail. alizoda83@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Аликулова Сабринисо Тиллавовна. – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой языков. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5. Телефон: 901-41-19-83. E-Mail. alizoda83@mail.ru*

**Information about the author**: *Alikullova Sabriniso Tillavovna – International Universiti of Tourism and Entrepreneurhip of Tajikistan, candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Head of the Department of Languages. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue, 48/5. Phone: 901-41-19-83. E-Mail. alizoda83@mail.ru*

# САТҲИ ВОЛОИ ТАҲСИЛ – КАФИЛИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

***Бобоёров Х. Х. Ҳамидов У. Т.***

(*Натоиҷ аз таҳқиқи мавридӣ*)

«*Вазъи феълии илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд*»[1].

Миллати сарбаланди тоҷик аз замонҳои дури таърих дар низоми мактабу маориф таҷриба андӯхтаву то кунун ин таҷрибаи ниёгонро бо иловаи дастовардҳои замони муосир дар соҳаи фановариҳо идома дода истодааст. Маҳз эҳсоси баланди ҳамин рисолатдорӣ ҳаст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси олии кишвар бо ишора ба аҳамияти калидии соҳаи мактабу маориф дар низоми давлатдорӣ чунин иброз доштанд: «*Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем*»[1].

Ҳамчунин дар идомаи ишора ба ҳамин мазмун изҳор доштанд, ки: «*Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа*

*ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад»* [1].

Воқеан, пастравии сифати тадрис дар зинаҳои мухталифи муассисаҳои таҳсилотӣ дар умум ба иқтидори зеҳнии мамлакат халал ворид сохта, метавонад сатҳи зиндагонии мардумро бар хилофи тақозои қарни навин ба мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигар самтҳо мувоҷҷеҳ гардонад.«*Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон, яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳими низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем*» [1].

Сифати таҳсилот, ки таълиму тарбияи муҳассилинро дар бар мегирад, низоми нишондиҳандаҳои дониш, маҳорат ва малака, инчунин меъёрҳои равобити арзишӣ-эмотсионалӣ нисбат ба олам ва ҳамдигар мебошад. Чунин тарзи раҳёфт ба арзёбии фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоӣ нигаронида шудааст, ки миёни онҳо нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ бояд қайд карда шаванд:

- *сатҳи таҳсилоти муҳассилин;*
- *омодагии онҳо ба идомаи таҳсил;*
- *сатҳи тарбияи муҳассилин;*
- *сатҳи мутобиқшавии иҷтимоии хатмкунандагон ба ҳаёти ҷомеа;*
- *сатҳи иҷрои стандартҳои соҳаи маориф.*

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо бо ҳам алоқаманданд ва ҳамдигарро пурра мекунанд, аммо то имрӯз нишондиҳандаи сифати таҳсили муҳассилин бобати арзёбии самаранокии фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ аввалину асосӣ буд ва мемонад [2].

Боз ҳам ба қавли Эмомалӣ Раҳмон «*... ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад*» [1].

Маҳз дар партави ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат қарор доштани соҳаи маориф ва дар ҳамин замина бо мақсади тадқиқу муайян сохтани сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам дараҷаи азхудкунии дониш аз сӯйи донишҷӯён дар миқёси донишгоҳ санаи 3 декабри соли 2022 ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ профессор Ибодуллозода А.И. дар ҷаласаи назоратии Раёсати донишгоҳ деканону мудирони кафедраҳоро мувazzaф гардонида буд, то ки эшон дар заминаи арзёбии масъалаи мазкур роҳҳои боло бурдани онро пайдо ва пешниҳод намоянд. Зеро тавре Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш таъкид доштанд: «*Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад*» [1].

Аз ҳамин лиҳоз, мо муаллифини мақола ба ҳайси мутахассисини соҳа ба таҳқиқу баррасии қазияи мазкур машғул шуда, сайъ кардем, то сатҳу сифати таҳсил ва ҳам дараҷаи азхудкунии донишро дар миқёси факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли гузашта дар ин самт муайян карда бошем. Азбаски дар соли қаблӣ, аниқтараш аз 05.04.2022 то 12.04.2022 масъалаи мазкур боз ҳам дар доираи факултети болозикр аз тарафи мо бо фармоиши Вазорати маориф ва имли ҶТ мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст, овардани маълумоти оморӣи пешниҳоднамудаамон аз ҳар ҷиҳат созгор буд.

Бояд гуфт, ки дар навбати аввал таҳқиқу арзёбии сатҳу сифати таҳсил мавриди иҷрои фармоиши Вазорати маориф ва илми ҶТ тибқи нишондиҳандаҳои зерин амалӣ шудааст:

*1) роҳҳои муосир ва самарабахши тайёр намудани мутахассисон бо дарназардошти низоми таҳсилоти салоҳиятнок; 2) дида баромадани вазъи технологияи навин; 3) барои ошкор намудани роҳу усулҳои босалоҳияти таълим гузаронидани мусоҳиба бо омӯзгорон; 4) муайян намудани сатҳи дониши донишҷӯён.* Ва ниҳоят, дар пайи таҳқиқи хеш, ки бо истифода аз саволномаҳои ҷудогона барои омӯзгорону донишҷӯён ва ҳамчунин мушоҳидаи бевосита сурат гирифтааст, натиҷаҳои омориро ҳам роҷеъ ба сифати таҳсилот ва ҳам перомуни сатҳи азхудкунии дониш аз сӯйи донишҷӯён рӯйи даст оварда будем. Мо таҳқиқи хешро бо фарогирии 16 тан омӯзгор ва 48 нафар донишҷӯён анҷом дода будем, ки дар натиҷа нишондиҳандаҳои сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш чунин ошкор шуда буданд, чунончӣ нишондиҳанда аз рӯйи сатҳу сифати таҳсилот 68,1 фисадро дар бар гирифта,

аз рӯйи сатҳи азхудкунии дониш бошад, ба 68,7 фоиз баробар буд (ниг. ба ҷадвал ва диаграммаи № 1).

***Ҷадвали № 1.** Нишондиҳандаисатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар соли таҳсили 2021-2022*

| Муассиса | Сифатитах. бо % | Сифати азхудкунӣ бо % |
|---|---|---|
| **Факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ** | 68,1 | 68,7 |

***Диаграммаи № 1.** Нишондиҳандаи сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар соли таҳсили 2021-2022*




Аммо дар соли таҳсили ҷорӣ, яъне 2022-2023 мо ба хотири даст ёфтан ба шафофияти натоиҷ боз ҳам айни таҳқиқотро бо дарназардошти натиҷаҳои соли қаблӣ маҳз дар миқёси факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ бо фарогирии 15 тан омӯзгор ва 38 нафар донишҷӯён анҷом додем, ки дар пайи он нишондиҳандаҳои сатҳу сифати таҳсилот 69 дарсад ва сатҳи азхудкунии дониш бошад, 69,3 фоиз ошкор шудаанд (ниг. ба ҷадвал ва диаграммаи № 2).

***Ҷадвали № 2.** Нишондиҳандаи сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар соли таҳсили 2022-2023*

| Муассиса | Сифатитах. бо % | Сифати азхудкунӣ бо % |
|---|---|---|
| **Факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ** | 69 | 69,3 |

***Диаграммаи № 2.** Нишондиҳандаи сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар соли таҳсили 2022-2023*




Тавре аз нишондиҳандаҳои муқоисавӣ бармеояд, сатҳу сифати таҳсилот дар зарфи ҳамагӣ бештар аз ҳашт моҳи сипаригардида дар миқёси факултети психологияи ДДОТ ба

номи С.Айнӣ то ҳадди муайян тағйир ёфта, рӯй ба беҳбудӣ ниҳодааст. Яъне, агар дар соли таҳсили 2021-2022 нишондиҳандаи мазкур 68,1 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли таҳсили ҷорӣ ҳамин нишондиҳанда 69 фисадро дар бар гирифтааст. Ин чунин маъно дорад, ки беҳбудии сатҳу сифати таҳсилот 0,9 фоиз ба амал омада, ба сатҳи азхудкунӣ низ, бетаъсир намондааст.

Чаро ки, агар нишондиҳандаи омории сатҳи азхудкунии дониш дар соли таҳсили 2021-2022 68,7 дарсадро нишон дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2022-2023 69,3 дарсадро ташкил додааст. Боз ҳам аз муқоисаи бештар аз ҳаштмоҳаи сипаришуда бармеояд, ки беҳбудии сатҳи азхудкунии дониш 0,6 фоиз рух додааст.

Барои бармало назар афкандан ба нишондиҳандаҳои муқоисавӣ дар ин самт кофӣ аст, ки онҳоро миёни ҳам дар шакли ҷадвал ва диаграмма муқоиса карда бошем (ниг. ба ҷадвал ва диаграммаи № 3).

***Ҷадвали № 3.*** *Нишондиҳандаи муқоисавии сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар солҳои таҳсили 2021-2022 ва 2022-2023*

| Муассиса | Солҳои таҳсил | Сифатитаҳ. бо % | Сатҳи азхудкунӣ бо % |
|---|---|---|---|
| **Факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ** | 2021-2022 | 68,1 | 68,7 |
| | 2022-2023 | 69 | 69,3 |
| **Муқоисаи беҳбудӣ:** | | **0,9** | **0,6** |

***Диаграммаи № 3.*** *Нишондиҳандаи муқоисавии сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам сатҳи азхудкунии дониш дар солҳои таҳсили 2021-2022 ва 2022-2023*




Аз таҳлили муқоисавии сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам дараҷаи азхудкунии дониш аз сӯйи донишҷӯён ба кас маълум мегардад, ки болоравии нишондод дар ин самт дар чунин як марҳилаи кӯтоҳи омӯзишӣ то ҳаде ба талабот посухгӯ буда, аммо ин ҳама боиси қаноатмандӣ буда наметавонад. Зеро тавре аз Паёми охирини Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар бармеояд «*Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад*» [1].

Бо назардошти ин арқоми овардаи Пешвои миллат роҳбарияти ҳар муассисаҳои таҳсилотиро мебояд мудом дар андешаи боло бурдани сатҳу сифати таҳсилот шуда, дар ҳамин замина дараҷаи азхудкунии барномаи таълимро аз сӯйи муҳассилин пайваста боло бурда бошанд. «*Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад*» [1].

Зимнан, агар ба таълимоти илми мактабдорӣ, яъне педагогика назар афканем, мебинем, ки роҳҳои таъмини самаранокии кори тадрис дар таълимгоҳҳо гуногун буда, татбиқи оқилонаи онҳо имкон медиҳад, ки ин ё он мактабдор ба иҷрои дастуроти судманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақ гардад.

Аз ҷумла, роҳҳои дар таҷриба санҷидашудаи даст ёфтан ба аҳдофи мактабдорӣ чунин буда метавонанд:

• *назорати қатъӣ бобати таъмини давомоти донишҷӯён дар раванди таҳсил;*

• *таъмини иҷрои саривақтӣ ва ҳам босифати рисолати ба зиммадошта аз сӯйи омӯзгорон, яъне пешгирӣ аз бе сабабҳои узрноку ночиз дар макони фаъолият ҳозир нашудани онҳо;*

• *татбиқи талаботи ягона нисбат ба муносибати донишҷӯён ба раванди таҳсил аз сӯйи роҳбарияти муассисаи таҳсилотӣ ва ҳам омӯзгорони он;*

• *огоҳ будани устодон аз хусусиятҳои синнусолии рушди донишҷӯён дар ин давра;*

• *бедор намудани ҳавасмандӣ (водорёбӣ)-и донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам аз бар кардани донишҳои илмӣ;*

• *сайқал додани нигоҳи ояндабинонаи донишҷӯён нисбати татбиқи донишҳои илмӣ дар ҳаёт;*

• *фароҳам сохтани фазои татбиқи шаклҳои фаъолитадриси донишҳо (гурӯҳӣ, лоиҳавӣ, системавии фаъолият, корҳои лабораторӣ аз рӯйи мавзуъҳои улуми гуманитарӣ, мубоҳисавӣ, омӯзиши интерактивӣ ва ҳамгиро...) ба донишҷӯён;*

• *барқарор кардани иртибот бо волидони донишҷӯён аз сӯйи сарпарастони гурӯҳҳои академӣ.*

Бар замми ин, яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи азхудкунии дониш аз тарафи муҳассилин – ин, ташкили раванди посухгӯ ба талаботи замон ва созандаи таълим мебошад.Дар ҳоле ки ҷаҳони муосир ба таҳаввулоти илмиву дастовардҳои фановарӣ мувоҷҷеҳ аст, месазад ки ҳар омӯзгор нисбат ба дарси худ талабҳои баланд гузошта бошад.Аммо агар мо омӯзгорон бар хилофи чунин тақозои қарни охирба дарс ҳамчун як порае аз саҳнаи ҳаёт муносибат намоем, бешак он ба худ муҳтавои соддалавҳона касб карда, ҳолати ба ҳадафрасиро аз он бароямон душвор мегардонад.

Гузашта аз ин, тибқи тақозо нисбат ба кори тадрис зарур аст, ки дарс ҳамвора аз сӯйи омӯзгор ба гунаи саривақтӣ оғоз карда шуда, ҷараёни он низ, бояд бо риояи дақиқи марҳилаҳои ин раванд роҳандозӣ карда шавад.

Агар дар иртибот ба ҳамагӣ талаботи номбурда ба таҳлили афкори донишҷӯён зимни посухашон ба яке аз суоли пурсишнома, ки тибқи он назари донишҷӯён нисбат ба дарсҳои омӯзгорон фаҳмида шудааст, назар афканем, раванди дарсҳо чунин арзёбӣ шудааст:

- *дар ҷойи аввал назари иддае аз донишҷӯён нисбати сатҳи пасти дарсҳои устодонашон баён шудааст, чунончи ба ин нуқта аз 20 нафар донишҷӯ 5 нафари онҳо ишора кардаанд;*

- *дар мавқеи баъдӣ донишҷӯён боз ҳам ба мавҷудияти иллати корбарии устодон ишора карда, иброз доштаанд, ки хуб мебуд, агар устодон бо онҳо муносибати самимиву холисона дошта бошанд, ки ин нишондиҳанда ба 4 нафар рост меояд;*

- *ва дар ниҳоят донишҷӯён (4 нафар) аз камбуди таъминоти моддӣ зимни фароҳамоварии шароити дарсхонӣ дар факултет гиламанд шуда, мушаххасан тақозои мавҷудияти тахтаҳои электрониро дар ҳар як синфхона кардаанд.*

Ҳамзамон бо ин, дар ташкилу гузаронидани дарсҳои пурмуҳтаво а) солимгардонии фазои корбарӣ, аниқтараш муоширати хайрхоҳонаи байни омӯзгору донишҷӯ; б)эродгириҳои беғаразонаи омӯзгор нисбати дастпарвари хеш; в) интихоби саҳеҳу мувофиқ ба мақсадҳои таълим анҷом шудани маводи таълимӣ ва ҳам усули пешниҳоди он; г) корбарии ҳадафмандона ва саривақтӣ аз усулу технологияи муосири таълим ногузир ва ҳатмӣ буда, риояи бечунучарои ҳамаи ин ба натиҷаҳои тадрис таъсири мусбат хоҳад дошт.

Дар бастагӣ ба гуфтаҳои боло, агар мавҷудияти бархе аз норасоиҳои кори тадрисро дар миқёси факултет аз нигоҳи омӯзгоронаш таҳлил намоем, он гоҳ ҳолати тасдиқи гуфтаҳои донишҷӯёнро дар ин бобат баръало дучор омадан мумкин аст. Чунончи, шумораи бештари омӯзгорон, аниқтараш аз 15 тан маҷмӯан 9 тани онҳо ишора ба костагии фаъолияти ҳамкасбони хеш кардаанд. Барои мисол, теъдоди алаккай ишорашудаи омӯзгорон ҳини посух ба суоли «Ба андешаи Шумо кадом намуди салоҳият ва салоҳиятнокии касбиро омӯзгор бояд дар худ ташаккул диҳад?» чунин изҳори назар намудаанд:

- *омӯзгор бояд фанни таълимии худро хуб донад;*
- *хусусиятҳои синнусолии донишҷӯёнро мавриди эътибор қарор диҳад;*
- *дастрасии воқеии донишҷӯёнро ба маводи таълимӣ таъмин карда тавонад;*
- *роҳҳои дар амалия татбиқ карда тавонистани донишҳои назариявиро ба донишҷӯён омӯзонида бошад.*

Ин ҳама эродгирии пешниҳодомезонаи омӯзгорон нисбат ба ҳамкасбони хеш гувоҳи он аст, ки ҳолатҳои амалӣ шудани чунин камбудиҳо аз ҷониби омӯзгорон зимни пешбурди фаъолияти тадрисии онҳо ҷой доранд. Бинобар ин, бархе дигари омӯзгорон ба сифати ироаи таклиф бобати беҳтарсозии сатҳу сифати таҳсилот ва ҳам дараҷаи азбаркунии дониш аз сӯйи донишҷӯён пешниҳод намудаанд, ки: а) татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ва дар ҳамин замина тадриси дарсҳо бо истифода аз васоити визуалӣ (аёнӣ); б)коркарду татбиқи эҷодкоронаи технологияҳои ҷадиди педагогӣ ва ҳам корбарӣ аз усулҳои фаъолгардонии донишҷӯён; в)соҳиб будан ба салоҳияти касбӣ; г)доштани муошırати хуб бо дастпарварон ва дар ҳамин замина ба амал овардани дифоъ аз шаъну шарафи омӯзгорӣ; д) машғул шудан ба фаъолияти илмии пажуҳишӣ ба воқеияти ҳол бадал карда шаванд.

Дар интиҳои баёни афкор перомуни масъала мо муаллифини ҳамин сатрҳо ба гунаи ақоиди хулосавӣ гуфтанӣ ҳастем, ки кунун замони он расидааст, ки бо қаноатмандӣ аз маблағгузориҳои ҳамасола нисбатан зиёди Ҳукумати мамлакат дар соҳаи мактабу маорифи кишвар афроди роҳбарикунандаро дар ин ё он муассисаҳои сатҳи мухталифи таҳсилотӣ мебояд дар заминаи шароиту имконоти мавҷуда нисбат ба беҳбуд бахшидани раванди кори таълиму тарбия ғамхориҳои беш аз пеш зоҳир намоянд.

Албатта бо ин мақсад раҳнамоиҳои басо хирадмандонаи Пешвои муаззами миллатро дар шакли таъкидоти мушаххас нисбат ба соҳаи маориф метавон сармашқи кори худ қарор дода, ҳамзамон бо ин метавон бо назардошти эрод ва ҳам пешниҳодоти ироашуда аз сӯйи омӯзгорону донишҷӯён гомҳои устувор бардошт. Ҷаро ки таъкидоти зайли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон баёнгари возеҳи тақозои мазкур мебошад: «*Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд*» [1].

**АДАБИЁТ:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 http://www.president.tj/node/29823
2. Лепп Елена. Качество образования в школе. Проблемы и пути решения https://pedsovet.org/article/kachestvo-obrazovaniya-v-shkole-problemy-i-puti-resheniya

**САТҲИ ВОЛОИ ТАҲСИЛ – КАФИЛИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА**

Дар мақола муаллифин ҳамчун мутахассини соҳа натоиҷи фаъолияти таҳқиқотии хешро перомуни муайяннамоии сатҳу сифати таҳсилот дар миқёси факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва ҳам сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи донишҷӯёни боз ҳам ҳамин факултет бо овардани маълумоти оморӣи бар пояи истифода аз пурсишномаву тест бадастомада дарҷ сохтаанд. Гузашта аз ин, бо такя ба таълимоти соҳаи педагогика соири нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ баён гардидааст, ки онҳоро бо риояи қатъии роҳҳои дар таҷриба санҷидашудаи даст ёфтан ба аҳдофи мактабдорӣ боло бурдан мумкин аст ва ин роҳҳо низ, дар мақола номбар шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *муассисаи таҳсилотӣ, таҳсилот, донишҷӯён, омӯзгорон, маориф, азхудкунӣ, дониш, дарс, сатҳу сифат, нишондиҳанда.*

**ВЫСОКИЙ УРОВЕНЬ ОБРАЗОВАНИЯ – ГАРАНТ ПРОГРЕССА ОБЩЕСТВА**

В статье авторы, как специалисты в данной области, представляют результаты своей исследовательской деятельности по определению уровня и качества образования при факультете психологии Таджикского Государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, а также уровень усвоения знаний студентами вышеназванного факультета путем предоставления статистических данных на основе использования анкет и тестов. Более того, опираясь на преподавание области педагогики, описываются и другие основные показатели эффективности деятельности образовательного учреждения, которые могут быть повышены за счет строгого соблюдения

экспериментально проверенных способов достижения целей обучения, и эти способы также перечислены в статье.

***Ключевые слова:*** *учебное зоведение, образование, студенты, преподаватели, усвоение, знания, урок, уровень и качество, показатель*

**THE HIGH LEVEL OF EDUCATION IS A GUARANTOR OF THE PROGRESS OF SOCIETY**

In the article, the authors, as specialists in this field, present the results of their research activities to determine the level and quality of education at the Faculty of Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, as well as the level of knowledge acquisition by students of the above faculty by providing statistical data based on the use of questionnaires and tests . Moreover, based on the teaching of the field of pedagogy, other key performance indicators of the educational institution are described, which can be improved through strict adherence to experimentally proven ways to achieve learning goals, and these ways are also listed in the article.

***Keywords:*** *educational institution, students, teachers, education system, knowledge, lesson, level and quality, indicator*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Бобоёров Холмаҳмад Холиқович – ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к.Айнӣ 126; тел.; whatsApp: +992 (900) 839283; E-mail: kholmahmad_29@mail.ru*

**Ҳамидов Умед Тошпӯлодович** – *асистенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавии факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; тел.; whatsApp: +992 (918) 741551; E-mail: umed_tajik@mail.ru*

**Сведение об авторах***:* *Бобоёров Холмахмад Холикович - старший научный сотрудник отдела высшего профессионального и последипломного образования ИРО им. А.Джами при АОТ 734024 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 126; тел.; whatsApp: +992 (900) 839283; E-mail: kholmahmad_29@mail.ru*

**Хамидов *Умед Тошпулодович*** - *старший преподаватель кафедры социальной психологии и семейных отношений факультета психологии ТГПУ им. С. Айни 734003 Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121; тел.; whatsApp: +992 (918) 741551; E-mail: umed_tajik@mail.ru*

**Information about the authors***:* *Boboyorov Kholmakhmad Kholikovich - Senior Researcher of the Department of Higher Professional and Postgraduate Education of IDE named after A.Jami at The AET 734024 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 126; тел.; whatsApp: +992 (900) 839283; E-mail: kholmahmad_29@mail.ru*

***Khamidov Umed Toshpulodovich*** - *Senior Lecturer of Department of Social Psychology and Family Relations, Faculty of Psychology, TSPU named after. S. Ayni 734003 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 121; tel.; whatsApp: +992 (918) 741551; E-mail: umed_tajik@mail.ru*

**ТДУ: 377**

# МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

***И. Гадоев***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*«Дар назди кормандони соҳаи маориф имрӯз вазифаҳои ниҳоят муҳим, пеш аз ҳама баланд бардоштани сифати таълим, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон, инчунин ба шароити замона мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим дар ҳама муассисаҳои соҳа қарор дорад».*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари маорифпарвар, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи хеш зарурати татбиқ ва мубрамияти шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70 – солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, ки *«... вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имконият медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдатӣ барои як донишҷу то 2 – 3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад. Бинобар ин, ба вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки аз соли 2017*

*таҳсилоти фосилавиро дар донишгоҳу донишкадаҳо ба роҳ монда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои омӯзиши электрониро омода намоянд»* **[1].**

11. Курлянд З.Н. Формирование и развитие профессиональной устойчивости учителя: дис. … доктора. пед. наук. – Одесса, 1993. – 268 с.

3.КаргиеваЗ.К.Профессиональная устойчивость учителей и определяющие ее факторы // Вопросы преемственности воспитания и формирования учебной деятельности в системе «школа-вуз»: Сб. науч. трудов. – Орджоникидзе, 1984. – С. 59 – 65.

4. Зазыкин, В. Г. О кризисных явлениях в акмеологии / В. Г. Зазыкин // Экономические и социально-гуманитарные исследования. – 2017. – 1(13). – С. 82–90.

5. Каргиева, З. К. Формирование профессиональной устойчивости сту-дентов университета : автореф. дис. …канд. пед. наук / З. К. Каргиева. – Ленин-град, 1990. – 25 с.

6. Кузьмина, Н. В. Акмеология качества профессиональной деятельно-сти специалиста : монография / Н. В. Кузьмина, С. Д. Пожарский, Л. Е. Паутова. – 192

7.Платонов, К. К. Структура и развитие личности / К. К. Платонов. – М. : Наука, 1986. – 256 с.

8. Ржанникова, О. В. Социальная зрелость как фактор становления про-фессиональной устойчивости / О. В. Ржанникова // Теория и практика физической культуры. – 1996.– № 3. – С. 39–41. 200

9.Стукалова О.В. Культурно-творческое развитие и профессиональное становление будищих специалистов а сфере культури иискусства: монография. – М.: Изд- во «ИХОР А О», 2011.-280с.

10. Аминов Н.А. Модельные характеристики способностей и одаренности учителя // Способности (К 100 – летию со дня рождения Б.М. Теплова). – Дубна: Феникс, 1997. – С. 289 – 305.

11. Зиятдинова Ф.Г. Социальное положение и престиж учительства: проблемы, пути решения. – М., 1992. – 222 с.


## МАЗМУН ВА СОХТОРИ УСТУВОРИИ КАСБӢ – ПЕДАГОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ


Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии устувории касбӣ-педагогии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ мегардад. Муалиф қайд менамояд, ки устувории касбӣ-педагогӣ ҳамчун хусусияти касбӣ ва хислатҳои шахсият мафҳуми мураккабест, ки мавзуи омӯзиши илмҳои гуногун: сотсиология, психология, педагогикаи умумӣ ва махсус мебошад. Масъалаи устувории шахс мураккаб ва серҷабҳа аст. Олимон дар давоми якчанд даҳсолаҳо ба омӯзиши ин масъала машғуланд. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар ин самт бештар ба устувории равонии шахс рабт доранд.

Устувории касбӣ дар соҳаи фаъолияти педагогӣ ҳамчун объекти мураккабе зоҳир мегардад, ки тавассути синтези равандҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иродавӣ шахсияти омӯзгор ташаккул мeёбад. Унсурҳои базавӣ (асосӣ) – и устувории касбӣ эътимод ба худ, набудани фишори эмотсионалӣ, тарс аз кӯдакон, мавҷудияти сифатҳои иродаи қавӣ, қобилияти танзим кардани ҳолати эмотсионалии худ, суръати аксуламал ба рафтори синф ва хонандагони алоҳида, қобилияти қабули қарорҳо, қаноатмандӣ аз фаъолияти худ, хастагии муқаррарӣ, татбиқи дониш ва малакаҳои касбӣ мебошанд.

Муаллиф хулосаҳои худро ҷамъ намуда пешниҳод менамояд, ки нашри ин мақолаи мазкур дар самти тарбияи ҷисмонӣ нақш ва аҳмияти хосаи худро дорад.



**Калидвожа:** *устуворӣ, касбӣ, педагогӣ, малака, маҳорат, ташаккул, таъсиррасонӣ, фаъолияти педагогӣ, равонӣ, шахс, касбият, алоқаманд, устуворӣ, ҳадафмандӣ, арзишмандӣ*

## СОДЕРЖАНИЕ И СТРУКТУРА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ УСТОЙЧИВОСТИ - ПЕДАГОГИКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

В данной статье рассматриваются основные направления профессионально-педагогической устойчивости будущих учителей физической культуры. Автор отмечает, что профессионально-педагогическая устойчивость как профессиональная характеристика и свойство личности представляет собой комплексное понятие, являющееся предметом изучения различных наук: социологии, психологии, общей и специальной педагогики. Проблема личной стабильности сложна и многогранна. Ученые изучают этот вопрос уже несколько десятков лет. Исследования, проводимые в этом направлении, в большей степени связаны с психической устойчивостью человека.

Профессиональная устойчивость в сфере педагогической деятельности выступает как комплексный объект, который формируется путем синтеза интеллектуальных, эмоциональных и волевых процессов личности педагога. Базовыми (главными) элементами профессиональной устойчивости являются уверенность в себе, отсутствие эмоционального напряжения, страха перед детьми, наличие волевых качеств, умение регулировать свое эмоциональное состояние, быстрота реакции на поведение класса и индивидуальные учащиеся, способность принимать решения, удовлетворенность своей работой, нормальная утомляемость, применение профессиональных знаний и навыков.

Автор обобщает свои выводы и предполагает, что публикация данной статьи имеет свою особую роль и значение в сфере физического воспитания.

**Ключевые слова:** *устойчивость, профессиональнализм, педагогические навыки, мастерство, сформированность, влияние, педагогическая деятельность, психология, личность, устойчивость, целеустремленность, ценность.*

## THE CONTENT AND STRUCTURE OF PROFESSIONAL STABILITY - PEDAGOGY OF FUTURE TEACHERS OF PHYSICAL EDUCATION

This article discusses the main directions of professional and pedagogical stability of future teachers of physical culture. The author notes that professional and pedagogical stability as a professional characteristic and property of a person is a complex concept that is the subject of study of various sciences: sociology, psychology, general and special pedagogy. The problem of personal stability is complex and multifaceted. Scientists have been studying this issue for several decades. Research conducted in this direction is more related to the mental stability of a person.

Professional stability in the field of pedagogical activity acts as a complex object, which is formed by the synthesis of intellectual, emotional and volitional processes of the teacher's personality. The basic (main) elements of professional stability are self-confidence, the absence of emotional tension, fear of children, the presence of strong-willed qualities, the ability to regulate their emotional state, the speed of reaction to the behavior of the class and individual students, the ability to make decisions, satisfaction with their work, normal fatigue, the use of professional knowledge and skills.

The author summarizes his conclusions and suggests that the publication of this article has its own special role and significance in the field of physical education.

**Keywords:** stability, professionalism, pedagogical skills, mastery, formation, influence, pedagogical activity, psychology, personality, stability, purposefulness, value.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Нурматов Ҳисомуддин Тохтарович– саромўзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълимии Донишгоҳи давлатии Кўлоб ба номи Абўабдуллоҳи Рўдакӣ. Сурога: Донишгоҳи давлатии Кўлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рўдакӣ. 734065, ш Кўлоб маҳаллаи С. Сафаров 16.тел: (992) 918-92-90-91*

**Сведения об авторе:** *Нурматов Хисомуддин Тохтарович - старший преподаватель кафедры физического воспитания и методики преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Адрес: Кулябский государственный университет имени Абу Абдулла Рудаки. 734065, город Куляб, С. Сафарова 16. телефон: (992) 918-92-90-91*

***Information about the author:*** *Nurmatov Hisomuddin Tokhtarovich - senior lecturer of the Department of Physical Education and Teaching Methods of the Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: Kulyab State University named after Abu Abdullah Rudaki. 734065, Kulyab, Safarova village 16. phone: (992) 918-92-90-91*

УДК: 370.12.01(575.3)

# ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ ДАР РУШДИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

*Пачаева Муҳаё Пулатовна.*
**Унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.**

Фаъолияти тасвирӣ дар синни томактабӣ бо инкишофи эмотсионалии кӯдак, дарк ва эҷоди ӯ зич алоқаманд буда, аз сатҳи инкишофи идрок, тафаккур ва нутқ вобаста аст. Инчунин, рушди фаъолияти тасвирӣ бо ташаккули таваҷҷӯҳи фаъол ба ҷаҳони атрофи кӯдакон вобаста буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки воқеиятро инъикос кунанд. Аз тамоми намудҳои фаъолияти эҷодӣ дарк ва тасвири олами атроф бештар ба кӯдакони синни томактабӣ хос аст. Фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакон муносибати эмотсионалӣ ба ҷаҳонро тарбия мекунад.

Сухомлинский В.А. гуфта буд, ки давраи кӯдакӣ кашфиёти ҳаррӯзаи ҷаҳон аст[4].

Мавриди зикр аст, ки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қадамҳои аввалини худ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини тарбияи эстетикӣ ва инкишофи қобилиятҳои бадеии кӯдаконро дар бар мегирифт. Ба вазифаҳои маорифи ҷумҳурӣ ҳалли доираи васеи чорабиниҳои мушаххас вогузор карда шудааст. Ба мисли: дар кӯдакон ташаккул додани фаҳмишҳои зебоӣ ва санъат, инкишофи дарки эстетикӣ, бедоркунии завқи бадеӣ, майли бо дастони худ офаридани зебоӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар намудҳои гуногуни фаъолият ва ғайра.

Баҳри иҷрои вазифаҳои номбурда давлату ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳо, аз ҷумлаи қонунҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳоро роҳандозӣ намудааст, ки аз ҳалли самараноки онҳо насли созанда, ватандӯст, масъулиятшинос, таҳаммулпазир, некбин ва амсоли инҳо ба воя мерасанд.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки фарогири масъалаҳои таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мебошанд, инҳоянд:

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ».

«Барномаи давлатии рушди таълими томактабӣ барои солҳои 2020-2025».

«Лоиҳаи дастгирии рушди кӯдакони синни томактабӣ»

Дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ» омадааст, ки таълим ва тарбияи томактабӣ – раванди мақсаднок, ки қобилият, майл, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабиро инкишоф дода, ба оила ва волидон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин, омодасозии онҳо барои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд[9].

Синни томактабӣ – марҳилаи инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдакони то ҳафтсола мебошад[11].

Синни кӯдакони томактабӣ, махсусан барои падару модар хеле масъулиятнок аст. Дар ин синну сол асосҳои шахсияти кӯдак ташаккул ёфта, муносибатҳо бо ҳамсолонашон пайдо мешаванд, ки ба ташаккули шахсияти ӯ таъсири калон мерасонанд. Синну соли кӯдакони аз чор то шашсола аз ҷиҳати инкишофи ҷисмонӣ нисбатан худмустақил мебошанд. Онҳо аллакай худашон хӯрок мехӯранд, нағз ҳарф мезананд, суҳбат мекунанд, роҳ мераванд ва медаванд. Хусусияти кӯдакони ин синну сол дар он аст, ки онҳо дар ҳама чиз: тарзи гуфтор, рафтор, имову ишора, интонатсия дар овоз ба калонсолон тақлидкор мебошанд. Аз ин рӯ, волидайн аз ҳарвақта бештар бояд рафтори онҳоро назорат карда, барои фарзандон намунаи ибрат шаванд.

Худхоҳӣ ва эгоистӣ ҳанӯз дар муоширот бо ҳамсолон дар кӯдакони синни томактабӣ хеле инкишоф ёфтааст. Дар онҳо амалҳои ёрии ҳамдигарӣ ва кумак ба ҳамдигар ҳанӯз то андозаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Агар кӯдак аз дасти кӯдаки дигар бозичаро гирад, шод мешавад, ки бозича дар дасташ ҳаст ва ҳатто ба ашки кӯдаки ранҷида эътибор ҳам намедиҳад ё агар ҳангоми фаъолияти тасвирӣ қалами ӯро ҳамсолаш гирад, дарҳол ба ҷаҳл омада, ба муноқиша бармехезад.

Тарбия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ин омода кардани насли наврас ба ҳаёт мебошад. Тарбия ба маънои педагогӣ шароитест, ки ба рушди кӯдак мусоидат мекунад.

Ба ақидаи Волынкина В.И. «Тарбияи бадеӣ ин қобилияти азхудкунӣ ва раванди мақсаднок барои эҷоди арзишҳои маънавӣ дар ҷаҳон ва тахайюли кӯдакон мебошад»[1.С,73].

Тарбияи бадеӣ мафҳуми хеле васеъ мебошад, ки дар худ тарбияи муносибати бадеӣ ба табиат, меҳнат ва ҳаёти иҷтимоиро дар бар мегирад. Аммо, фаҳмиши санъат чунон серҷабҳа ва беназир аст, ки аз низоми тарбияи эстетикӣ ҳамчун қисмати он фарқ мекунад. Тарбияи кӯдакон ба воситаи санъат предмети тарбияи бадеӣ мебошад[15].

Рушд раванди тағйирёбии миқдорӣ ва сифатӣ мебошад, ки таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла: таълим ва тарбия ба амал меояд. Рушди шахсият аз якчанд омилҳо вобатагӣ дорад. Ба мисли: ҷиҳатҳои синну солӣ, инфиродӣ, саломатӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра.

Ташаккул ин идоракунии махсуси муташаккили тамоми ҳаёти кӯдак бо назардошти маҷмуи омилҳо мебошад.

Тарбия раванди махсуси муташаккили ҳамкории омӯзгор ва кӯдакон мебошад, ки ба интиқоли иттилоот, коркарди он ва эҷоди иттилооти нав нигаронида шудааст. Дар ин раванд тарбияи муносибати мусбат ба раванди шинохт, ташаккули малака ва маҳорати махсуси кор бо иттилоот, пайдоиши одатҳои иҷтимоию ахлоқии рафтор аҳамияти муҳим дода мешавад.

Эҷодкорӣ як намуди фаъолиятест, ки дар натиҷаи он объектҳои аслӣ ва дорои арзиши мустақил ба вуҷуд меоянд[10.С,7]. Эҷодиёти тасвирӣ эҷоди асарҳои бадеиро дар бар мегирад, ки воқеияти атрофро инъикос мекунанд. Ҳангоми офаридани образҳои бадеӣ хислатҳои воқии онҳо ба назар гирифта мешаванд.

Кӯдаки синни томактабӣ дар ҷомеа зиндагӣ мекунад ва ӯро фарҳанги ҷомеа, муносибатҳо, ҳуқуқ ва озодиҳо фаро гирифтаанд. Дар баробари ин, кӯдаки синни томактабӣ хурдафарҳанги худро эҷод мекунад. Яъне, ӯ дар ҷаҳони тахайюлии худ ба тавri худ онро меофарад.

Ба санъати мусиқӣ, хониши бадеӣ, ҳикоянависӣ, санъати тасвирӣ шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ ҷаҳони маънавии онҳоро ғанӣ гардонида, бахри рушди эҷодиёти кӯдакон имкониятҳои мусоид фароҳам меорад.

Ҳангоми фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ метавон чунин марҳилаҳои асосиро ҷудо кард:

- пайдо шудани андеша;
- аниқ кардан ва ба мазмуни мушаххас даровардани идея;
- таҳияи мазмун ва амалисозии идея дар шаклҳои мушаххас;
- ба вуҷуд омадани асари бадеӣ дар натиҷаи фаъолияти эҷодӣ.

Бояд ёдовар шуд, ки фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ аз қобилият ва истеъдоди онҳо вобастагии калон дорад.

Агар мафҳумҳои «қобилият» ва «истеъдод»-ро баррасӣ созем, чунин гуфтан мумкин аст, ки қобилиятҳо хусусиятҳои инфиродӣ ва психологии шахс, ки ӯро аз дигарон тафовут медиҳанд, мебошанд. Қобилиятҳо ҳамеша дар фаъолият зоҳир мегарданд.

Қобилиятҳо хусусиятҳои психологии фардӣ мебошанд, ки як шахсро аз шахсони дигар ба ин васила фарқ мекунанд ва шарти бомуваффақият амалӣ намудани ин ё он фаъолият мебошанд[14.С,20].

Дар ифшои мазмун ва сохтори қобилиятҳо таҳлили талаботи психологӣ, ки ба намудҳои гуногуни фаъолияти шахс нигаронида шудаанд, мебошанд. Ба маънои дигар, муайян кардан лозим аст, ки бидуни кадом хислатҳо, сифатҳо ва хусусиятҳо шахс ин ё он намуди фаъолиятро иҷро кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таҳлили фаъолияти тасвирӣ аз нигоҳҳои психологӣ зарурият пайдо мекунад. Иҷрои ҳама гуна намуди фаъолият низоми муайяни дониш, малака ва маҳоратро талаб дорад. Аз ин хотир, ҳангоми муайян кардани мазмуни қобилиятҳо масъалаи алоқаи онҳо бо дониш, малака ва маҳорат дар мадди аввал меистад.

Дар ин масъала дар байни донишмандон ақидаи мушаххас вуҷуд надорад. Баъзеҳо бар он андешаанд, ки:

➢ қобилиятҳо ба маҳорат ва малака марбут нестанд. Онҳо танҳо суръати азхудкунии қобилиятҳоро шарҳ дода метавонад;

➢ дониш, малака ва маҳорат яке аз ҷузъҳои қобилият ҳисобида мешавад, аммо ҷузъи асосӣ нестанд. Асоси он сифати раванд мебошад, ки маҷмӯи татбиқи дониш, малака ва маҳоратро танзим мекунанд;

➢ яке аз қисматҳои қобилиятҳо маҳорати махсуси даст ба шумор меравад, ки дар натиҷаи мукаммалсозии маҳорат ва малака пайдо мешавад.

- қобилият тамоми зерсохторҳои шахсиятро, аз ҷумла: дониш, маҳорат ва малакаро дар бар мегирад.

Функсияҳои психикии инъикос дар шакли равандҳои маърифатии равонӣ амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, таснифоти қобилиятҳо ба равандҳои равонӣ, ба мисли: қобилияти ламскунӣ, дарк, хотира, тасаввурот, тафаккур, диққат ва ғайра вобаста мебошанд. Ҳар як қобилият метавонад, дар шахси мушаххас ба дараҷаҳои гуногун инкишоф ёбад. Масалан, қобилияти идрок аз рӯйи параметрҳои зерин баҳо дода мешавад: ҳаҷм, дақиқӣ, мукаммалӣ, навоварӣ, суръатнокӣ ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки майлу хоҳиш низ қобилиятҳоро тақвият мебахшад. Майлу хоҳиш пеша аз он, ки ба сифати қобилият мубадал гардад, бояд инкишоф ва рушд ёбад.

Асосан ду намуди қобилият вуҷуд дорад:

- қобилиятҳои умумӣ. Яъне, азхудкунии зуд ва осони донишҳоро дар бар гирифта, барои ҳалли масъалаҳои гуногун замина фароҳам меорад;
- қобилиятҳои махсус. Ин намуди қобилият ноил шудан ба муваффақиятро дар доираи як намуди фаъолият таҷассум мекунад.

Истеъдод бошад, маҷмуи як қатор қобилиятҳои баланди инкишофёфта ба шумор меравад. Ба таври дигар истеъдод дараҷаи махсуси инкишофи қобилиятҳо ва маҳорати иҷрои амалҳо дар сатҳи баланд мебошад.

Истеъдоди шахс дар ин ё он соҳа, дар услуби хосси амал, рафтори инфиродӣ зоҳир мегардад, ки асолат ва хусусияти эҷодии қобилиятҳои ӯро собит мекунад. Ин сифати шахс инфиродӣ буда, натиҷаи он маҳсули беназири фаъолият ба шумор меравад. Истеъдод инчунин, дарки амиқи мавзуъ, дониши мукамал, қобилияти гузариш аз содда ба мураккаб ва баръакси онро дар бар мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳолатҳои мухталиф мафҳуми истеъдодро бо эҷодкорӣ ва тафаккури эҷодӣ мепайвандад.

Тавре дар боло зикр кардем барои он ки кӯдак бомуваффақият чизеро тасвир созад, ӯ бояд ба шакли ашё диққат диҳад. Барои он ки ин раванд самаранок ба роҳ монда шавад, ба кӯдак хитоб кардан лозим аст, ки «Ин ба чӣ монанд аст?» ё «Ту инро тасвир карда метавонӣ?». Ин амал ҳисси кунҷковонаи кӯдакро бедор карда, ба тасвири он машғул мегардад. Кӯдак муайян мекунад, ки ашё ё қисмҳои алоҳидаи он ба сабзӣ, бодиринг ё помидор ва ғайра монандӣ доранд[12.С,4]. Ва ӯ дарҳол аз тахайюли худ истифода намуда, ба тасвири расм мепартозад. Аз ин рӯ, барои рушди фаъоли эҷодии кӯдак маводи бадеӣ ва тасвирӣ аҳамияти калон доранд.

Шарти дигари инкишофи бомуваффақияти қобилияти эҷодии кӯдакон дар интихоби машғулият ин озодӣ додан аст. Кӯдакон ҳамеша саргарми кор ё амале мебошанд. Онҳо як корро ба охир расонда, ба хурсандӣ ба амали дигар мегузаранд. Нақши тарбиятдиҳанда дар ин раванд аз он иборат аст, ки ба кӯдакон дар мустақилона ба дастовардҳои аъло ноил шудан кумакҳо намояд[13.С,28].

Бояд гуфт, ки фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ, тахайюл ва тасаввуроти онҳо аз шахсони калонсол ба куллӣ фарқ мекунад. Аз сабаби мавҷуд набудани шаклҳои зиёди фикрронӣ тасаввуроти эҷодии кӯдакон аксар вақт озод ва хеле бой ба назар мерасанд, аммо дар асл ин тавр нест. Дарк ва коркарди образҳое, ки ба эҷодиёт хос аст, аз дониш ва таҷрибаи ҳаётӣ вобастааст. Аз ин лиҳоз, тасаввуроти кӯдак наметавонад аз тасаввуроти болотар бошад ва паҳнои тахайюлот танҳо ба далели надоштани тафаккури интиқодӣ, ки хоси калонсолон аст, зоҳир мешавад. Ба ибораи дигар, кӯдакон бидуни тарс аз хатогӣ озодона рафтор мекунанд ва аз тавлид ва эҷоди тасвир худдорӣ намекунанд [8.С,10].

Бинобар ин, ҳалли масъалаи ташаккули қобилиятҳо ва эҷодкорӣ барои синну соли гуногун як хел ҳал карда намешаванд. Барои кӯдакони синни томактабӣ, ки дар онҳо эҳсос ва қабулу дарки ашё, то андозаи лозимӣ рушд накардааст, хислати тасвир оддӣ ва содда менамояд. Серҳаракатӣ дар кӯдакон дида намешавад. Илова бар ин, онҳо аз технологияи санъати тасвирӣ бархурдор нестанд.

Бояд қайд кард, ки психологҳо ва педагогҳо якчанд намуди фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабиро ҷудо мекунанд, ки ба инкишофи эҷодиёти онҳо бештар мусоидат мекунанд. Ба мисли: тасвирӣ, моделсозӣ, ариза, ихтироъкорӣ ва ғайра. Барои самаранок гардонидани инкишофи эҷодии кӯдакон аз ин намудҳои фаъолият истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар синни томактабӣ бо кӯдаке вохӯрдан душвор аст, ки аз фаъолияти тасвирӣ хушҳол набошад. Аз ин рӯ, фаъолияти тасвирӣ ҳамчун як намуди санъати тасвирӣ асоси рушди маҳорати эҷодӣ мебошад. Дар ин раванд истифодаи тамоми асбобҳои тасвирӣ ба мисли: қалам, намадқалам ва рангҳои гуногун муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти тасвирӣ яке аз воситаҳои аввалиндараҷа ва дастраси худшиносии кӯдак аст, ки дар он асолати бисёр ҷанбаҳои равонии ӯ зоҳир мегарданд[16.С,24].

Кӯдакони синни аз 3 то 7 сола дар фаъолияти эҷодӣ якчанд марҳилаҳои омӯзиши тасвириро мегузаранд. Яъне, онҳо инкишофи эҷодиро аз тасвирҳои сода оғоз карда, сипас, ба шаклҳои мураккаби тасвирӣ мегузаранд. Кӯдакон дар аввал аз шаклҳои геометрии оддӣ оғоз карда, оҳиста-оҳиста ба сохтани графикии шаклҳои дигар, пайваст кардани онҳо, рангу бор намудан ва ҷо ба ҷо гузории қисматҳоро аз худ мекунанд. Дар ин раванд истифодаи рангҳо ба кӯдакон хеле мушкилтар менамояд. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки дар фаъолияти тасвирӣ машғулиятҳои аввалро бо кӯдакон ба омехта кардани рангҳои гуногун ва тасвири осмони кабуд, баргҳои сабз ва зард бахшед.

Моделсозӣ ин эҷоди симо ва зоҳири ашёи калонҳаҷм мебошад, ки ба ташаккули тафаккур ва эъҷози маҷозӣ мусоидат мекунад. Барои кӯдакони синни томактабӣ мавод ва таҷҳизоти асосии ин раванд пластилин ва гил мебошанд. Эҷодкорӣ аз пластилин ва гил аз чизҳои оддӣ ба мисли: бо дастон гирд кардани курра, омодасозии сутунчаҳо ва секунҷаҳо оғоз карда мешавад. Лепка барои он мувофиқ ва осон менамояд, ки қисмҳоро ба осонӣ пайваст кардан мумкин буда, шакли онҳоро тағйир дода мешавад ва он чизе, ки дар раванди тасвирӣ ислоҳи он мушкил менамуд, дар ин ҷо осон ба даст меояд. Ҳангоми машғул гардидан бо лепка кӯдакон мафҳумҳои ҳаҷм, таносуб, шакл ва сохтори ашёро меомӯзанд. Бо маҳорати хуб инкишофёфта объектҳои мураккабро низ сохтан мумкин аст. Ба мисли: бозичаҳо, мошинҳо, паррандаҳо, ҳайвонот ва ғайра. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз гуногунӣ ва гуногунрангии пластилин воситаи ифодакунандаи гил бештар аст. Гил барои кӯдакон воситаи осонтари эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад. Кӯдакон маҳсули эҷодро метавонанд, хушк намуда, дар раф гузошта, муддати тӯлонӣ натиҷаи меҳнати худро бубинанд.

Дар раванди аппликатсия кӯдакон бо шаклҳои оддию мураккаб, қисмҳо ва ҳаҷми предметҳои гуногун, дар ҳолати буридан ва часпондан шиносоӣ пайдо мекунанд. Эҷоди тасвирҳои аппликатсионӣ тафаккур ва тасаввуроти зиёдро талаб мекунад, зеро дар ин раванд ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки бе тасвири як ҷузъиёт хусусияти асосии мавзуъ нест гардида, баёнгари маъно шуда наметавонад.

Коғаз бо рангҳои дурахшон маводи дастрастарин ва маъмул барои кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Кор бо коғаз ба кӯдак кумак мекунад, ки малака ва қобилиятҳои муфид пайдо карда, амалҳои дастиро инкишоф диҳад[2].

Фаъолияти аппликатсионӣ ба рушди фаҳмишҳои математикӣ мусоидат мекунад. Кӯдакони синни томактабӣ бо сифатҳо ва хусусиятҳои соддатарин шаклҳои геометрӣ шинос шуда, дар бораи мавқеи фазоии ашё ва қисмҳои онҳо (чап, рост, дар кунҷ, марказ ва ғайра) ва андозаҳо (зиёд, камтар) тасаввурот пайдо мекунанд. Ин мафҳумҳои мураккабро кӯдакон ҳангоми сохтани ашё ё ба қисмҳо тасвир кардани онҳо ба осонӣ аз худ мекунанд.

Дар раванди аппликатсионӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ҳисси ранг, мавқеъ ва ҷо ба ҷо гузории ашё инкишоф ёфта, завқи бадеӣ ташаккул мeёбад. Дар ин фаъолият ба кӯдакон лозим нест, ки онҳо рангҳои худро созанд ё шаклҳоро пур кунанд. Ба кӯдакон пешниҳод кардани коғазҳои гуногуни ранга ва ширешу дигар воситаҳои васлкунанда ба тарбияи завқи эстетикӣ мусоидат мекунанд. Фаъолияти аппликатсионӣ ба кӯдакон нақшаи ташкили корро меомӯзонад. Ва чӣ тавр қисматҳоро дар ҷои худ гузоштан ва васл карданро парвариш медиҳад.

Инчунин, иҷрои тасвирҳои амалӣ ба инкишофи мушакҳои даст ва ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо мусоидат мекунад. Дар ин раванд кӯдакон тарзи истифодбарии кайчӣ, дуруст буридани шаклҳоро тавассути гардиши варақ ва дуруст гузоштани онҳоро меомӯзанд.

Ихтироъкорӣ аз маводҳои гуногун назар ба дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ ба бозӣ алоқаманд аст. Бозӣ аксар вақт раванди ихтороъкориро ҳамроҳӣ мекунад. Ҳунарҳои аз ҷониби кӯдакон сохташуда одатан дар бозиҳо истифода мешаванд.

Ихтироъкории кӯдакони синни томактабӣ асосан аз коғаз, матоъҳо ва дигар ашёи дар даст буда сарчашма гирифта, ба воситаи онҳо ҳар гуна предметҳо месозанд. Дар раванди ихтироъкорӣ кӯдакон донишҳои махсус, малака ва маҳоратҳои гуногун пайдо мекунанд.

Ҳангоми ихтироъкорӣ аз масолеҳи сохтмонӣ онҳо ба шакл ва ҳаҷмии ченакҳои геометрӣ шинос мешаванд. Дар бораи моҳияти мувозинат ва таносуб тасаввурот пайдо мекунанд.

Барои кӯдакони синни томактабӣ чун қоида, шаклҳои тайёр барои фаъолияти ихтироъкорӣ истифода мешаванд, ки бо ёрии онҳо кӯдакон эҷоди тасвири дилхоҳро меофаранд. Ҳама намудҳои ихроъкорӣ ба рушди тафаккури созанда ва қобилияти эҷодии кӯдакон мусоидат мекунанд. Ба кӯдакон лозим аст, ки предмети офаридашавандаро хаёлан ё дар асоси намунаи мавҷуда шакли қисмҳои онро тасаввур кунад ва аз қисматҳои тайёр, ки дар дасти худ доранд, мувофиқ будани онҳоро муайян намуда, баъдан истифода намоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳама намудҳои фаъолияти эҷодӣ ба ҳам зич алоқаманд мебошанд. Ин алоқа пеш аз ҳама дар мазмуни фаъолият дида мешавад. Баъзе шаклҳои кор барои ҳама намудҳои фаъолияти эҷодӣ умумӣ мебошанд. Масалан: тасвири хонаҳо, табиат, нақлиёт, ҳайвонот ва ғайра.

Ҳамин тариқ, қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси фаъолияти тасвирӣ такмил ёфта, барои дарки олами атроф замина фароҳам меорад. Инчунин, дар ин раванд инкишофи тафаккури бадеии онҳо то андозае рушд мекунад.

Истифодаи воситаҳои гуногуни тасвирӣ ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дар раванди фаъолият худмустақил буда, ҷаҳони маънавии худро ғанӣ гардонанд. Истифодаи онҳо ба кӯдакон эҳсоси зиёди мусбат дода, барои дастрасӣ ба маводи аёнӣ имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад. Инчунин, доираи техникии қобилиятҳои кӯдаконро васеъ гардонида, сатҳи баланди эҳсос ва фаъолияти эҷодиро таъмин месозанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Бетеева Ю.Д. Художественное воспитание детей раннего возраста в дошкольной образовательной организации / Ю.Д. Бетеева. - Екатеринбург 2017. -73с.

2. Веселик М.М. Аппликация, как средство развития творческих способностей детей дошкольного возраста. -[Сайти электронӣ]: http://dsad86.ru/d/applikatsiya_ kak_sredstvo_razvitiya_ tvorcheskikh_sposobnostey_detey_doshkolnogo_vozrasta.pdf (Санаи муроҷиат 10.01.2023)

3. Григорьева Г.Г. Развитие дошкольника в изобразительной деятельности / Г.Г. Григорьева. – М., 1999. – 344с.

4. Дашкевич Л. В. Значение дошкольного возраста в становлении личности ребенка -[Сайти электронӣ]: https://moluch.ru/conf/ped/archive/208/11222/ (Санаи муроҷиат 15.01.2023)

5. Доронова Т.Н. Изобразительная деятельность и эстетическое развитие дошкольников / Т.Н. Доронова. – М.: Просвещение, 2006. – 186с.

6. Казакова Т.Г. Детское изобразительное творчество / Т.Г.Казакова. – М., 2006. – 255с.

7. Комарова Т.С. Изобразительное творчество в детском саду / Т.С.Комарова. – М., 1984. – 218с.

8. Купряшина Г.А. Использование нетрадиционных техник рисования в развитии творческого воображения детей старшего дошкольного возраста / Г.А. Купряшина. –Пенза, 2020. -63с.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ.-[Сайти электронӣ]: https://maorif.tj/storage/Dokument's/b32166b527e35523533c96b092e8aae2.pdf (Санаи муроҷиат 21.01.2023)

10. Носкова Д.И. Творческое развитие детей старшего дошкольного возраста в изобразительной деятельности / Д.И. Носкова. - Екатеринбург 2018. -75с.

11. Ранний и дошкольный возраст. -[Сайти электронӣ: https://studme.org/ 273634/psihologiya/ranniy_doshkolnyy_vozrast (Санаи муроҷиат 25.01.2023)

12. Силивон В. А. Когда ребенок рисует: Кн. для воспитателей дет. Садов / В. А.Силивон. — Мн.: Нар. асвета, 1990. — 71с.

13. Тухватуллина Н.Р. О развитии одарённости в Монтессори – системе // Сборник статей и методических материалов XXVI Международной научно-практической конференции (Казань, 30 марта 2020 г.) / под ред. д.п.н., проф. В.Ф. Габдулхакова. – Казань: Издательство Казанского университета, 2020. – 340 с.

14. Учебно-методический комплекс по учебной дисциплине «Теория и методика руководства изобразительной деятельностью детей дошкольного возраста» / Сост. Горбатова Е.В. – Минск:2019. -149с.

15. Художественное воспитание в жизни дошкольника / Е. Э. Михайлова, Т. В. Москвичева, Е. Г. Ефимова / Молодой ученый. — 2022. -[Сайти электронӣ]: https://moluch.ru/archive/433/94986/ (Санаи муроҷиат 28.01.2023)

16. Чуйченко Е.Ю. Развитие художественных способностей у детей старшего дошкольного возраста на занятиях по рисованию. - Екатеринбург 2020. -70с. –С.24

## ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ ДАР РУШДИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола рушди кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ арзёбӣ гардидааст.

Фаъолияти тасвирӣ дар синни томактабӣ бо инкишофи эмотсионалии кӯдак, дарк ва эҷоди ӯ зич алоқаманд буда, аз сатҳи инкишофи идрок, тафаккур ва нутқ вобаста аст.

Психологҳо ва педагогҳо якчанд намуди фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабиро ҷудо мекунанд, ки ба инкишофи эҷодиёти онҳо бештар мусоидат мекунанд. Ба мисли: тасвирӣ, лепка, апликатсия, ихтироъкорӣ ва ғайра. Барои самаранок гардонидани инкишофи эҷодии кӯдакон аз ин намудҳои фаъолият истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар синни томактабӣ бо кӯдаке вохӯрдан душвор аст, ки аз фаъолияти тасвирӣ хушҳол набошад. Аз ин рӯ, фаъолияти тасвирӣ ҳамчун як намуди санъати тасвирӣ асоси рушди маҳорати эҷодӣ мебошад. Дар ин раванд истифодаи тамоми асбобҳои тасвирӣ ба мисли: қалам, фламастер ва рангҳои гуногун муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти тасвирӣ яке аз воситаҳои аввалиндарача ва дастраси худшиносии кӯдак аст, ки дар он асолати бисёр ҷанбаҳои равонии ӯ зоҳир мегарданд.

Истифодаи воситаҳои гуногуни тасвирӣ ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дар раванди фаъолият мустақил буда, ҷаҳони маънавии худро ғанӣ гардонанд. Истифодаи онҳо ба кӯдакон эҳсос зиёди мусбат дода, барои дастрасӣ ба маводи аёнӣ имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад. Инчунин, доираи техникии қобилиятҳои кӯдаконро васеъ гардонида, сатҳи баланди эҳсос ва фаъолияти эҷодиро таъмин месозанд.

**Калидвожаҳо:** *тарбия, эҷод, фаъолияти тасвирӣ, кӯдакон, маҳорат, қобилият, тафаккур, дарк, фаҳмиш, дониш, эҳсосот, мавод, аёният, психология, педагогика, машғулият.*

## ИЗОБРАЗИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В РАЗВИТИИ ДОШКОЛЬНИКОВ

Статья посвящена развитию дошкольников в изобразительной деятельности.

Изобразительная деятельность в дошкольном возрасте тесно связана с эмоциональным развитием, восприятием и творчеством ребенка и зависит от уровня развития восприятия, мышления и речи.

Психологи и педагоги выделяют несколько видов творческой деятельности дошкольников, которые способствуют развитию их творческих способностей. Такие как: картина, лепка, аппликация, изобретение и т. д. Полезно будет использовать данные виды деятельности для более эффективного творческого развития детей.

Трудно встретить ребенка дошкольного возраста, который не увлекался бы рисованием. Поэтому изобразительная деятельность как вид изобразительного искусства является основой для развития творческих способностей. В этом процессе важным считается использование всех инструментов рисования, таких как карандаши, фломастеры, различные краски.

Изобразительная деятельность является одним из основных и доступных средств самопознания ребенка, в котором раскрывается своеобразие многих сторон его психики.

Использование различных изобразительных средств позволяет детям быть самостоятельными в процессе деятельности и обогащать свой духовный мир. Их использование доставляет детям массу положительных эмоций и создает новые возможности для доступа к наглядным материалам. Также они расширяют круг технических возможностей детей и обеспечивают высокий уровень эмоциональной и творческой активности.

**Ключевые слова:** *образование, творчество, изобразительная деятельность, дети, умение, способность, мышление, восприятие, понимание, знание, эмоции, материал, наглядность, психология, педагогика, занятие.*

## VISUAL ACTIVITY IN THE DEVELOPMENT OF PRESCHOOLERS

The article is devoted to the development of preschool children in visual activity.

Visual activity in preschool age is closely related to the emotional development, perception and creativity of the child and depends on the level of development of perception, thinking and speech.

Psychologists and teachers identify several types of creative activities of preschoolers that contribute to the development of their creative abilities. Such as: painting, modeling, appliqué, invention, etc. It will be useful to use these types of activities for more effective creative development of children.

It is difficult to meet a child of preschool age who would not be fond of drawing. Therefore, visual activity as a kind of fine art is the basis for the development of creative abilities. In this process, it is important to use all drawing tools, such as pencils, felt-tip pens, various paints.

Visual activity is one of the main and accessible means of self-knowledge of the child, which reveals the originality of many aspects of his psyche.

The use of various visual means allows children to be independent in the process of activity and enrich their spiritual world. Their use gives children a lot of positive emotions and creates new opportunities for access

to visual materials. They also expand the range of technical capabilities of children and provide a high level of emotional and creative activity.

**Key words:** *education, creativity, visual activity, children, skill, ability, thinking, perception, understanding, knowledge, emotions, material, visualization, psychology, pedagogy, occupation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Пачаева Муҳаё Пулатовна. Унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Возеҳ 15, ҳуҷраи 12. E-mail: pachaevamuhayo@gmail.com*

**Информация об авторе**: *Пачаева Мухаё Пулатовна. Соискатель Института развития образования имени А.Джоми Академии образования Таджикистана. Адрес: город Душанбе, район Фирдавси, улица Возех 15, кв. 12. E-mail: pachaevamuhayo@gmail.com*

**Information about author:** *Pachaeva Muhayo Pulatovna. Competitor of the Research Institute for the Development of Education named after A. Jomiya of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Dushanbe city, Firdavsi district, Vozekh street 15, ap.12. E-mail: pachaevamuhayo@gmail.com*

**УДК:159.922.6.681**

# ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ ТАЪСИРИ ИНТЕРНЕТ БА ҲОЛАТИ РАВОНИИ НАВРАСОН

***Саидзода Б. Х. Азиззода О. А.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асри XXI асри техника ва технологияҳои навин аст. Ҷомеа бо суръати кайҳонӣ ба пеш, ба сӯйи дастовардҳои навин қадам мегузорад. Мо ҳама, аз хурд то бузург, бо технологияҳои навин пайвастагӣ ва алоқамандӣ дорем, зеро замони имрӯзаро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар интернет, махсусан, дар шабакаҳои иҷтимоии он машғулиятҳои шавқовару саргармкунанда, монанди муносибат бо дӯстон ва пайдо кардани “дӯстон”-и нави интернетӣ, навору аксҳои хушҳолкунандаву хандаовар, хабару гузоришҳои нав ба нав аз тамоми гӯшаву канори дунё, бозиҳои гуногунжанр, забономӯзӣ, китобхонӣ ва ғайраро метавон дастрас кард, ки бештар диққати истифодабарандагонро ба худ ҷалб менамоянд. Махсусан, шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ба наврасону ҷавонон таъсиргузор мебошад. Албатта, ҳаёт бо маром тағйир ёфта истодааст. Аксарияти ҷавонону наврасон дар дастҳои худ телефонҳои мобилӣ, планшет ва ё дигар технологияи муосирро доранд, ки ба воситаи онҳо метавонанд ба саҳифаҳои «фейсбук», «инстаграм», «телеграм» «вотсап» «тик ток» ва даҳҳо намуди дигар шабакаҳои ичтимоӣ даромада, бо дӯстони маҷозии худ суҳбат намоянд, филм тамошо кунанд, ашёи заруриро харидорӣ намоянд ва ё дигар корҳоро анҷом диҳанд. Ин табиист, ки аз пешравии техника мо ҳеҷ куҷо гурехта наметавонем. Ҳаёт бо як суръати тез ба самти технологияи инноватсионӣ тағйир ёфта истодааст ва ҳамаи мо кӯшиш намудаистодаем, ки аз он қафо намонем. Бо вуҷуди он, ки ин падида низ дорои ҷиҳатҳои манфии зиёд аст, вале ҳаётро бе он тасаввур кардан душвор аст. Пеш аз ҳама мулоқот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сарҳад надорад, маҳдудият барои наврасоне, ки аз 12 то 16 - солаанду ақлашон он қадар мустаҳкам нест, пешбинӣ нашудааст [6].

Бояд қайд кард, ки таъсири интернет дорои ҷанбаҳои мусбат ва манфии иҷтимоӣ - психологӣ мебошад:

**Ҷанбаи мусбат истифодабарии интернет.** Шабакаҳои интернетӣ яке аз воситаҳои самараноктарини муосири алоқаи байни одамон мебошад. Акнун инсонҳо метавонанд аз саросари ҷаҳон бо ҳамдигар муоширaт намоянд. Наврасоне, ки дар дигар шаҳрҳо таҳсил мекунанд, метавонанд озодона бо волидон ва дӯстони худ ҳамсуҳбат шаванд. Инчунин интернет имкониятҳои васеъро барои гирифтани донишҳои нав фароҳам овардааст, ба монанди таълими фосилавӣ дар тамоми донишгоҳои ҷаҳонӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, дарёфти лексияҳо, дастрасии китобҳои электронӣ ва ғайраҳо. Бартарии асосии интернет ин сарфаи вақт мебошад. Мо метавонем аз хона набаромада, дар вақти кӯтоҳ харид намонем ва ё ба китобхона нарафта, аз китобхонаҳои электронӣ истифода барем [4].

**Ҷанбаи манфии истифодабарии интернет.** Таъсири манфии интернет дар он аст, ки кӯдакон ва наврасон метавонанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ “дӯстон”-и бад пайдо намоянд, аксу наворҳои эротикиву порнографӣ ва экстримистиву террористиро тамошо кунанд, хабарҳои фейкӣ ва бардурӯғро дарёфт намоянд, ба бозиҳои порнографию террористӣ машғул шуда, аз масири дурусти инсонгароӣ хориҷ гарданд. Ҳатто кӯдакону ҷавонон метавонанд қурбонии одамҷаллобону амрадбозон (педафилон) ва террористону ифротгароён бошанд; дучори

ҳамлаҳои кибербуллерҳо (таҳқир ва озордиҳандагони интернетӣ) ва навъҳои гуногуни он – ҳейтер, флеймер, тролл, сталкер ва ғайраҳо гарданд, онҳо метавонанд зарбаи равонӣ бинанд, худкушӣ кунанд, даст ба дуздиву қатлу куштор заананд, нашъаманду нашъаҷаллоб шаванд.

Истифодаи барзиёди интернет метавонад ба вобастагӣ оварда расонад, ки он боиси мушкилоти ҷиддии ҷисмонӣ ва равонӣ мегардад [5]. Дар тӯли даҳсолаи охир интернет ба як ҷузъи муҳимми ҷомеаи муосир табдил ёфтааст ва дар баробари ин, мушкилоти вобастагии интернетӣ ба миён омад. Психологҳо онро бо нашъамандӣ ва майзадагӣ дар як саф гузоштаанд.

Вобастагии интерентӣ - ин ҳолати патологиест, ки аз истифодаи барзиёди интернет пайдо мешавад. Онро бемории асри XXI низ мегӯянд.

Аз мутолиаи адабиёти гуногуни психологӣ ва мушоҳидаҳои худам ба хулосае омадам, ки сабабҳои асосии иҷтимоӣ - психологии пайдоиши вобастагии интернетӣ инҳоянд:

- худбаҳодиҳии паст;
- афсурдаҳолӣ;
- хислатҳои характер;
- набудани якдигарфаҳмӣ дар ҳаёти воқеӣ;
- мушкилии муошират бо дӯстон;
- душвории мутобиқшавӣ бо коллективи нав;
- имконияти офаридани образи идеалӣ дар шабака дар тафовут аз ҳаёти воқеӣ;
- дастрасӣ ва эътибори интернет;
- озодии сухан ва амал;
- мушкилот дар муносибат бо оила ва мактаб;
- сарбории зиёд дар мактаб ва ғайра;

Синни наврасӣ андар миёни синни кӯдакӣ ва ҷавонӣ қарор дошта, аз дигар давраҳои ҳаёти инсонӣ бо хусусиятҳои хосси психологӣ, суръати рушди организм ва хусусиятҳои алоҳидаи протсессҳои физиологӣ фарқ мекунад. Аз нигоҳи психологӣ давраи мазкур ҳамчун давраи нисбатан пурихтидор ва дараҷаи баланди номунтазамии суръати инкишоф тавсиф дода мешавад. Хусусияти асосии психологии ба наврасон хос - ҳисси калонсолист. Таваҷҷуҳи наврасро ҷамъияти калонсолон беист ба худ ҷалб мекунад [2, с.105].

Синни наврасӣ яке аз давраҳои мушкили гузариш аз як давра ба давраи дигари синнусолӣ аст, ки асоси онро ҳисси калонсолӣ ташкил медиҳад. Наврасон кӯшиш мекунанд, ки ҳамчун калонсол мавқеи худро пайдо намоянд. Дар ин давра онҳо бештар ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид мешаванд [3, с.18]. Бештари наврасоне, ки мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намекунанд, дӯстони худро дар ҳаёти воқеӣ низ пайдо наменамоянд, ҳисси танҳоӣ мекашанд, онҳо дӯстони худро дар интернет меҷӯянд ва рӯ меоранд ба бозиҳои компютерӣ, ки ин метавонад сабаби пайдошавии вобастагии интернетӣ дар онҳо шавад.

**Оқибатҳои ҷиддии психологӣ - иҷтимоии вобастагии интерентӣ инҳоянд:**

1.Пурра ба ҳаёти виртуалӣ ( ҷаҳони ба таври сунъӣ офаридашуда ё олами маҷозӣ ) ворид шудан, ки метавонад боиси аз даст додани малакаҳои воқеии муошират гардад. Дар оянда тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятиро ба вуҷуд меорад. Шиносоӣ бо одамони нав барои наврас метавонад ҳаяҷони воқеиро ба вуҷуд оварад.

2.Муддати дароз дар назди компютер нишастан метавонад дар кори майнаи сар тағйиротро ворид созад. Хусусан, агар шавқу ҳаваси наврас якхела бошад. Масалан, мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ. Дар ин ҳолат азхудкунӣ ва қобилияти фикркунии амиқ коҳиш меёбад.

3.Кӯдаконе, ки муддати тӯлонӣ дар назди компютер менишинад, аксар вақт ба паст шудани биниш ва бемориҳои сутунмӯҳра дучор мешаванд.

4.Вобастагии интернет метавонад боиси халалдор шудани иштиҳо ва хоб гардад. Наврас муддати тӯлонӣ дар назди компютер нишаста, дер мехезад, ки ин ба таҳсили ӯ таъсири манфӣ мерасонад.

**5.**Қобилиятҳои зеҳнӣ ба таври назаррас коҳиш меёбанд. Захираҳои луғавӣ кам мешаванд**.**

6.Вобастагӣ аз компютер аксар вақт ба нест шудани тафаккури мантиқӣ мерасонад.

Вақтгузаронии барзиёд ва дар канор мондан аз олами воқеӣ яке аз паёмадҳои манфии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин мушкилот бештар дар байни наврасону ҷавонон мушоҳида мегардад. Дар ин ҷо бемасъулиятии волидон ба назар мерасад, зеро маҳз онҳо ба

фарзандонашон компютер ва телефонҳои мобилӣ мехаранд, аммо назорат намекунанд, ки бо чӣ кор машғуланд, кадом маълумотро мутолиа мекунанд ва бо кӣ дар робитаанд. Ҳоло он, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дар мавриди истифодаи интернет аз ҷониби наврасону ҷавонон дар моддаи 8-ум (уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд) иҷрои як қатор ӯҳдадориҳоро ба падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда пешбинӣ намудааст. Масалан, дар банди 10-уми моддаи мазкур чунин гуфта шудааст: "аз соати 18.00 то соати 6.00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ ё хизматрасонии интернетӣ рафтани фарзанди ноболиғи худро иҷозат надиҳанд". Махсусан, дар банди 14-уми моддаи 8-и қонуни боло зикршуда падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда уҳдадоранд: "аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода шудани интернетро назорат намоянд" [1].

Будани наврас дар интернет амри воқеиест, ки ҳар як падару модар хоҳу нохоҳ ба он мувоҷеҳ мегардад. Дар аксар мавридҳо волидон ба падидаи мазкур ё бо асабоният бархӯрд мекунанд ё бетаваҷҷуҳӣ зоҳир менамоянд, ё умуман, худи онҳо чизе дар ин мавзуъ намедонанд. Пас, чӣ бояд кард? Бо асабоният телефони мобилиро аз дасти фарзанд гирифту ӯро зери зарбу шаллоқ кашид ва бо ӯ дуруштӣ намуд? Ё бетаваҷҷуҳона ӯро ба "чорроҳаи тақдир" ҳавола кард? Ҳар ду ҳолат ҳам агар дар фарзанд таҷриба шавад, фалокат ба бор меорад. Агар ба фарзанд сахтгирӣ намуду ӯро бо лаҳни шадид аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ манъ кард, пеши роҳи иштироки ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ гирифта мешавад? Албатта, НЕ!!! Чунки фарзанд метавонад пинҳонӣ аз волидон бо ҳар роҳу воситае аз телефон ё компютери рафиқаш, аз интернет кафеҳо ё дигар роҳҳои номашруъ, саҳифаи худро дар шабакаҳои иҷтимоии интернет боз намуда, фаъолият кунад. Албатта, ин на ба волидон обрӯ меораду на ба фарзанд фоида мебахшад. Бетаваҷҷуҳ ӯро танҳо ба "чорроҳаи тақдир" ҳавола кардан низ ба "аз даст додани фарзанд" баробар аст. Мо хоставу нохоста фарзандамон вориди ҷаҳони беканори интернет мегардад. Аз ин ҷониб, беҳтарин роҳ ин омӯзонидани фарҳанги корбурди интернет ба кӯдакону наврасон мебошад. Донистани фарҳанги мазкур онҳоро ҳангоми мувоҷеҳ гаштан бо ҳазорон роҳу сарбаставу маргбори дунёи маҷозии интернет роҳнамоӣ мекунаду аз роҳгумӣ наҷот медиҳад. Яъне, бехатарии саҳифаи иҷтимоии фарзандро танзим намуда, назорати онро ба роҳ бояд монд, то ҳадафи кибербуллинг (таҳқиру озори интерентӣ) ва фейк (саҳифаҳои дурӯғин)-ҳо нагарданд [4].

Пас ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарбияи насли наврас кори хело муҳим ва тақдирсози имрӯзуояндаи миллати мо ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоӣ - оила, мактаб, ҷомеа дар кори тарбия бояд фаъолона ширкат намоянд, зеро солимии ҷомеаиояндаи мамлакат аз сатҳи таълимва тарбияи насли наврас сахт вобастагӣ дорад [2, с.154].

Ба андешаи мо, барои пешгирӣ ва бартараф намудани зарари бозиҳои интернетӣ ва пешгириивобастагии интернетӣ наврасон, ин тавсияҳо ба волидони онҳо мувофиқи мақсад аст:

- метавон барномаҳои махсусеро дар телефонҳои мобилии наврасон насб намуд, то аз таъсири хатарноки интернетӣ муҳофизат кунанд.
- волидонро мебояд бо фарзандонашон ҳамсуҳбат шуда, аз шавқу ҳавас ва орзуҳои онҳо бохабар шаванд;
- барои истифода намудани шабакаҳои интернетӣ ба фарзандонашон вақти муайянро муқаррар намоянд;
- аз рӯйи шавқу ҳаваси наврас иваз намудани бозиҳои компютерӣ ба бозиҳои воқеӣ (масалан, футбол, теннис ва ғ).
- бо фарзандашон дар бораи оқибатҳои вобастагии интернетӣ суҳбат намоянд;
- фарзандатонашонро ба ҳаёти оилавӣ ва иҷтимоӣ ҷалб намоянд ва ба ӯ нишон диҳанд, ки дар зиндагии воқеӣ бисёр чизҳои ҷолибе ҳастанд;

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"
2. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (14-15 ноябри соли 2014 ). - Душанбе, 2014. - 320 с.
3. Психология./ Зери таҳрири М.Давлатов - Душанбе: Собириён, 2010

4. Гуреева А.Ю., Сизов С.В. «Интернет-зависимость: современное состояние проблемы»/ ГБОУ ВПО Саратовский государственный медицинский университет им. В.И. Разумовского Минздрава России URL: https://medconfer.com/node/5248 (санаи муроҷиат 05.02. 2023).
5. Репина, М. А. Проблема интернет-зависимости среди подростков / М. А. Репина, А. Ф. Федоров. — Текст : непосредственный// Молодой ученый. — 2014. — № 20 (79). — С. 662-664. — URL: https://moluch.ru/archive/79/13878/ (санаи муроҷиат 01.02.2023).
6. https:// farazh-tj.cdn.ampprojekt.org... ( санаи муроҷиат 06.03.23).

## ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ ТАЪСИРИ ИНТЕРНЕТ БА ҲОЛАТИ РАВОНИИ НАВРАСОН

Масъалаи таъсири иҷтимоӣ - психологии интернет ба ҳолати равонии наврасон дар даҳсолаи охир диққати бисёре аз равоншиносонро ба худ ҷалб намудааст ва то ҳол роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи таъсироти мусбату манфии иҷтимоӣ-психологии интернет ба наврасон меравад. Аз нигоҳи психологӣ давраи наврасӣ нисбатан пурихтилоф буда, хусусиятҳои асосии психологии ба наврасон хос - ҳисси калонсолист. Наврасон дар ин замина дучори мушкилоти зиёде мегарданд. Зеро аз як тараф, ӯ бояд ба шароити нав мутобиқ гардад ва аз тарафи дигар, бояд чунон рафтору амал намояд, ки ӯро дигарон ҳамчун калонсол ба доираи худ қабул ва ҳамчун шахс эътироф намоянд. Дар ин давра онҳо бештар ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид мешаванд ва аз ҳамин сабаб диққати бештари наврасонро шабакаҳои интернетӣ ба худ ҷалб мекунанд. Онҳо мехоҳанд ба ҷомеа ворид шаванд, мавқеи иҷтимоии худро пайдо намоянд, бештар муошират кунанд дӯстони нав пайдо намоянд, ки ин ба ташаккули шахсияти наврас таъсири мусбат ва ҳам манфии худро мерасонад. Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки волидон бояд худ аз тарзи дурусти истифодаи интернет огоҳ бошанд, то ки онро ба фарзандонашон омӯзонанд. Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарзи дуруст истифода намудани интернет аз ҷониби волидон ва мактабҳо метавонад як қатор мушкилоти равониро пешгирӣ намояд.

**Калидвожаҳо:** *интернет, вобастагии интернетӣ, бозиҳои компютерӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, техника, телефонҳои мобилӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, солими равонӣ, мусбат, манфӣ, волидон, наврас.*

## СОЦИАЛЬНО - ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ ИНТЕРНЕТА НА ПСИХИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ ПОДРОСТКОВ

Вопрос о социально-психологическом воздействии Интернета на психическое состояние подростков в последнее десятилетие привлекал внимание многих психологов и до сих пор не нашел полного решения.В данной статье говорится о положительном и отрицательном социально-психологическом воздействии Интернета на подростков.С психологической точки зрения подростковый возраст относительно разнообразен, и основными психологическими характеристиками подростков является ощущение взрослости.В связи с этим подростки сталкиваются со многими проблемами.Потому что, с одной стороны, он должен приспосабливаться к новым условиям, а с другой стороны, он должен вести себя так, чтобы окружающие приняли его как взрослого и признали личностью.В этот период они более вовлечены в социальную жизнь и по этой причине интернет-сети привлекают больше внимания подростков.Они хотят войти в общество, найти свое социальное положение, больше общаться и заводить новых друзей, что оказывает как положительное, так и отрицательное влияние на формирование личности подростка.Таким образом, можно сделать вывод, что родители должны знать, как правильно пользоваться Интернетом, чтобы научить этому своих детей.Обучение родителей и школ тому, как правильно пользоваться Интернетом, может предотвратить ряд психологических проблем.

**Ключевые слова:** *Интернет, подросток, интернетная привязанность, компьютерные игры, социальные сети, психологическое здоровье,положительные, отрицательный, родители, социально-психологии, техника, мобильный телефон.*

## SOCIAL-PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF THE INFLUENCE OF THE INTERNET ON THE MENTAL STATE OF ADOLESCENTS

The issue of the social-psychological impact of the Internet on the mental state of adolescents has attracted the attention of many psychologists in the last decade and has not yet found a complete solution.This article talks about the positive and negative socio-psychological effects of the Internet on teenagers.From a psychological point of view, adolescence is relatively diverse, and the main psychological characteristics of adolescents are the sense of adulthood.Adolescents face many problems in this context.Because on the one hand, he must adapt to new conditions, and on the other hand, he must behave in such a way that others accept him as an adult and recognize him as a person.During this period, they are more involved in social life, and for this reason, Internet networks attract more attention of teenagers.They want to enter the society, find their social position, communicate more and make new friends, which has both positive and negative effects on the formation of the adolescent's personality.So it can be concluded that parents should be aware of the correct way

to use the Internet in order to teach it to their children.Educating parents and schools on how to use the Internet properly can prevent a number of psychological problems.

**Keywords:** *Internet, teenager, internet addiction, computer games, social networks, psychological health, positive, negative, parents, social-psychological, technology, mobile phone.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**Об авторе:** *Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета Тел: 987957070, электронная почта: bahrullo_90@mail.ru*

**About the author:** *Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university.Тел:987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азиззода Олиҳа Азиз*** *магистранти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: 919666021, почтаи электронӣ: oazizzoda@gmail.com*

**Сведения об авторе:** ***Азиззода Олиха Азиз*** - *магистрант кафедры психологии философского факультета Национального университета Таджикистана. Тел: 919666021, электронная почта: oazizzoda@gmail.com*

**Information about the author:** ***Azizzoda Oliha Aziz***, *graduate student of the Department of Psychology of the Faculty of Philosophy of the National University of Tajikistan. Тел: 919666021, Email: oazizzoda@gmail.com*

**УДК 151.34.3**

## САБАБҲОИ БЕКОРӢ ВА ПАЙОМАДҲОИ НОГУВОРИ ОН АЗ ДИДГОҲИ РАВОНШИНОСӢ

***Сахиёр Раҳимуллоҳ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Неруи инсонӣ ва ҷамъияти фаъоли ҳар ҷомеа нақши босазое дар фароянди тавлид дорад ва ба унвони падидоварандаи аслии сарват ва муҳаррики мустақими иқтисод маҳсуб мешавад ва сатҳу мизони тавлиди (истеҳсоли) миллии ҳар кишвар низ ба дониш ва огоҳии фаннӣ ва зарфияти тавлиди ҷамъияти фаъоли он вобастагӣ дорад. Ба ибораи дигар, вусъатёбӣ ва рушду инкишофи иқтисодии ҳар кишвар дар канори омили сармоя ва технология ба манобеи инсонии коромад ва мутахассис ниёз дорад. Мизон ва тавоноии ҷомеаи фаъол дараҷаи рушд ва пешрафти иқтисодии ҷомеаро муайян мекунад.

Ҳама инсонҳо барои пешбурди зиндагии худ ниёз ба талош ва фаъолият доранд. Таъмини ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоии афрод дар гарави кору талош аст ва ҷомеа низ барои гардонидани чархи тавлид дар тамоми арсаҳо ба неруи корӣ ниёз дорад ва дарвоқеъ ҷомеа аз вуҷуди ҳар гуна нуқс дар ин манобеъ осеб мебинад.

Аз назари луғавӣ кор ба маънои феъл ва амалу кирдори инсон аст ва дар истилоҳ кор фаъолиятест нисбатан доимӣ, ки ба тавлиди мол ё хадамот меанҷомад ва ба он дастмузде таааллуқ мегирад [14, с. 9].

Ба ақидаи баъзе аз соҳибназарон, дар таърифи кор ба навъи хоссе аз кор таваҷҷуҳ нашудааст, балки корро дар мафҳуми ом сарчашма нигошта, сарват ва сармоя ва ниҳоятан рушду шукуфоии ҷомеа талаққӣ кардаанд.

Аз назари баъзе иқтисоддонон, кор равандест, ки инсон аз неруҳои моддӣ ва маънавии худ дар роҳи тавлиди сарват ё эҷоди хадамот аз он истифода мекунад. Бар асоси ин таъриф, кор ва фаъолият ба таври умда аз тариқи ҳадафҳо ва арзиши маҳсуле, ки тавлид шудааст, муайян мегардад. Ба ибораи дигар, кор заминаро барои тавлид ва афзоиши хадамот фароҳам мекунад.

Ба таври куллӣ, кор иборат аст аз маҷмуи амалиёте, ки инсон бо истифода аз зеҳн, дастҳо, абзор ва мошинҳо барои истифодаи амале аз рӯйи он анҷом медиҳад ва ин амалҳо низ мутақобилан бар инсон асар мегузоранд ва ӯро тағйир медиҳанд.

Бар асоси ин таъриф кор дорои се хусусият аст:

1. кор иборат аст аз фаъолияти фикрӣ ва баданӣ-ҷисмонӣ;
2. аз тариқи кор мол – маҳсулоте тавлид мешавад ё хадамоте арза мегардад;
3. дар анҷоми кор дастмузде пардохт мегардад [2, с. 25].

***Бекорӣ.*** Бекорӣ аз масоили умдаи иқтисоди калон аст, ки ба сурати комилан мустақим ва шадид бар якояки афроди ҷомеа асар мегузорад. Аз назари аксари мардум аз даст додани шуғл ба маънои паст шудани сатҳи зиндагӣ, аз даст додани эътимод ба нафс ва эҷоди фишорҳои равонӣ аст. Бекорӣ вазъиятест, ки дар он гурӯҳе ба кор машғул набошанд ё дар ҷараёни интиқол ба кори ҷадиде бошанд.

Бинобар таърифи Дафтари байналмилалии кор, тамоми афроде, ки дар як рӯзи муайян дар ҷустуҷӯйи коранд, аммо бо вуҷуди надоштани тавон барои анҷоми кор муваффақ ба касби кор намешаванд, бекор ҳисобида мешаванд.

Мувофиқи назари иқтисодӣ, бекор нисбати касе гуфта мешавад, ки дар синни 15 то 64-сола аст ва дар ҳафт рӯз ба коре машғул набошад. Барои он ки фарде бекор ба ҳисоб равад, бояд дорои се хусусият бошад:

1. аз даст додани кор: дорои шуғли муздгир ё худ машғул ба кору шуғле набошад;
2. омодаи кор: барои шуғли музддор ё худ шуғлу коре омодагӣ дошта бошад;
3. ҷӯёи кор: иқдомоти шахсиро ба манзури ҷустуҷӯйи шуғли музддор ва ё худ шуғле ба амал оварда бошад [13, с. 98].

Мисол дар Афғонистон қабл аз солҳои 1352 зимни муҳоҷирати шумораи ками коргарон ба манзури дарёфти кор ба кишварҳои ҳамсоя, афроди таҳсилёфта ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки бештарашон давраҳои аз фарогирии донишро дар он сипарӣ карда буданд, муҳоҷират намуда ва ба осонӣ шуғли мавриди назарашонро ба даст меоваранд. Баъд аз тағйири режими салтанатӣ дар соли 1352 гурӯҳе аз равшанфикрон, бахусус тарафдорон ва вобастагони низоми салтанатӣ ба Амрико ва Аврупо муҳоҷират карданд, ки ин муҳоҷирон аз қишрҳо ва табақаҳои гуногуни ҷомеа буданд. Аз охирҳои соли 1970 ба ин сӯ муҳоҷирати васеи афғонҳо умдатан ба кишварҳои ҳамсоя (Эрон, Покистон) ва ҳамчунон дигар кишварҳо вуҷуд доштааст, ки муҳоҷирати коргаронро низ дар бар дошт. Дар қисмати муҳоҷирати байналмилал рақамҳои мавҷуд нишон медиҳанд, ки ба тартиб 46 то 76 % муҳоҷироне, ки ба кишвар бармегарданд ва ё муҳоҷироне ки ба хориҷ аз кишвар мераванд, аз сарҳадот убур кардаанд. Дар ҳоле ки 87% ин муҳоҷиратҳо ба самти кишварҳои хориҷ будааст, бештарин муҳоҷиратҳо ба самти Эрон будаанд. Бар асоси маълумоти Вазорати авдати (баргардонии) муҳоҷирин, муҳоҷират комилан як падидаи мардона аст.

Дар ҳоле ки дар кишварҳои дигар ҳукуматҳо ва органҳои дахлдор талош менамоянд, ки шароитеро фароҳам намоянд, то аз як тараф бо саҳми неруҳо заминаҳои рушду инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам гардад ва аз ҷониби дигар, имконоти касби аёдат барои оилаҳо ва афродро фароҳам созад. Табиист, ки бо рушду пешрафти ҷомеа, ҷомеаи фаъол ҳам афзоиш меёбад. Биноан, ниёз эҳсос мегардад, то мутаносиб ба он заминаҳои корёбӣ ва масруфиятҳои солим барои неруи кории изофӣ фароҳам гарданд. Дар ғайри он, ҳар гоҳ иртиботи мантиқӣ миёни рушди неруи корӣ ва эҷоди шуғлҳо дар иқтисод таъмин шуда натавонад, ин амр боиси эҷод ва афзоиши бекорӣ шуда, имконоти рушди муътадили иқтисодро бо хатарва буҳрон мувоҷеҳ месозад. Аз ин лиҳоз, давлат бояд бо диққати тамом барномаҳо ва нақшаҳои коҳиши бекориро таҷдиди назар намояд. Набудани нақшаҳои мушаххас ва дурнамои давлат дар арсаи кору корёбӣ, метавонад дар самти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мушкилоти зиёдро ба бор орад. Давлат бо роҳандозии хусусисозӣ ва иҷорадиҳии мулкиятҳо ва уҳдадориҳову масъулиятҳои давлатӣ боиси бекории ҳазорон коргару корманди давлатӣ шудааст. Дар аксари нақшаву барномаҳои сохтмонӣ, амниятӣ ва истеҳсолии сектори хусусӣ ва онҳое, ки аз тарафи давлат ба сектори хусусӣ равона шуда буданд, коргарон ва мутахассисони хориҷӣ ба кор ҷалб карда шудаанд. Ҳамчунин, аз асари сиёсатҳо ва барномаҳои чандгонаӣ ва гуногуни давлатӣ дар заминаи пардохти музду маош, бекории махфӣ дар идораҳои давлатӣба сатҳи баланд расидааст. Набудани чораву тадбирҳои лозима, бахусус сиёсатҳои иқтисодии дарҳои бози давлат таҳти унвони «бозори озод» дар Афғонистон, бекориро ба як мушкилии шадид мубаддал сохт, зеро сиёсати дарҳои бози кишвар заминаҳои онро муҳайё намуд, то бозорҳои масрафи кишвар аз маҳсулоти тавлидшуда дар кишварҳои хориҷӣ пур гардад, он ҳам маҳсулоте, ки дар кишвар қаблан тавлид мешуд ва ё ҳам ҷадидан ба тавлиду истеҳсоли он оғоз карда буданд. Аз ин рӯ, саноати навпо ва заифи кишвар натавонист дар таҳти чунин шароит ва бо мавҷудияти сиёсати демпингии (демпинг калимаи англисӣ буда, маънои қиматшиканӣ ё маҳсулотро аз қимати нархи асосии он арзон фурӯхтан) кишварҳои ҳамсоя бо тавлидоти онҳо рақобат намояд, ки дар натиҷа теъдоди зиёде аз истеҳсолкунандагон ва ташаббускорони мо муфлис шуда ва коргарону кормандони онҳо бекор шуданд [7].

***Иллату омилҳои бекорӣ***. Ба сурати умумӣ бекорӣ аз афзоиши арзаи неруи кор ва ё коҳиши тақозо-талабот барои неруи кор ба вуҷуд меояд. Афзоиши арзаи неруи кор замоне ба бекорӣ анҷом меёбад, ки тақозо-талаботи неруи кор собит бошад ва замоне ҳам ки арзаи неруи кор собит бошад ва тақозо барои неруи кор коҳиш ёбад, бекорӣ падид меёбад. Бинобар ин, ҳар омиле, ки боиси афзоиши арзаи неруи кор ва ё коҳиши тақозои неруи кор гардад, метавонад бекориро эҷод кунад ё афзоиш диҳад. Коҳиши тақозои куллӣ метавонад пешбинии вазъи бади бозор, коҳиши эътимоди масрафкунанда ва ё коҳиши масорифи давлат бошад. Ин коҳиш батадриҷ истеҳсолкунандагонро ба коҳиши тақозо барои кор шавқ медиҳад ва аз асари он тавозун байни арза ва тақозо барҳам хӯрда, боиси харобу вайрон шудани ҷазби неруи кор мешавад, ки дар натиҷа бекориро афзоиш медиҳад, аммо агар арза ва тақозои кор ҳамзамон афзоиш ё коҳиш ёбад, дар нархи бекорӣ кадом тағйири қобили мулоҳизае пайдо намегардад. Омилҳое монанди афзоиши ҷомеа, кутоҳ шудани даврони таҳсил, афзоиши нархи мушорикати занон (бахусус дар кишварҳои рӯ ба инкишоф), вуруди зудҳангоми неруи кор ба бозори кор ва муҳоҷирати неруи кор ба дохили кишвар, боиси афзоиши арзаи неруи кор шуда метавонанд. Дар ҳоле ки коҳиши тавлид, истифода аз технологияҳои сармоябар, коҳиши сармоягузорӣ, бӯҳронҳо ва ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи он фаъолиятҳои иқтисодӣ маҳдуд ва коҳиш ёбанд, заминаҳои коҳиши тақозо барои неруи корро ба миён оварда, бекориро шиддат мебахшанд. Барои як фард аз даст додани шуғл ба маънои он аст, ки фард ба сурати иҷборӣ аз кор барканор ё ихроҷ шавад. Дар ин замина бояд тадбирҳои зарурӣ дар қисмати эҷоди фурсатҳо ва имконоти шуғлзоӣ андешида шаванд [5, с. 170].

***Омилҳои иқтисодии бекорӣ:***

- Иллати камии сармоя: чун сармоя яке аз омилҳои муҳимми истеҳсолот аст, аз ин рӯ маҳалли кор ба мавҷудияти сармоя иртибот дошта, маҳдуд будани сармоя боиси истихдоми ноқис ё бекорӣ мегардад.

Дар мамолики ақибмонда ва рӯ ба инкишоф аксаран бекорӣ дар асари норасоии сармоя ба вуҷуд меояд. Чун дар ин кишварҳо сармоягузорӣ низ маҳдуд мебошад. Ҳамчунин, дар кишварҳои ҷаҳони савум аз нигоҳи адами арсаи қувваи башарӣ дар баъзе аз риштаҳои техникӣ ва маслакӣ бекорӣ мавҷуд мебошад, албатта, дар риштаҳои ғайритахассусӣ арза зиёд аст, дар ҳоле ки барои он талабот вуҷуд надорад.

- Маҳдудияти масраф: яке аз иллатҳои дигари бекорӣ маҳдудияти масраф мебошад. Хоҳ ин маҳдуд шудан аз сабаби камии талаботи афрод ва хоҳ аз сабаби афзоиши фоизи пасандоз аз талаботи ҳосила бошад, ки аз асари он тақозо ба маҳсулоти тавлидшуда поён омада ва дар натиҷаи он тамоюл ба сармоягузорӣ кам мешавад, ки ин амр муҷиби истихдоми ноқис ё бекорӣ мегардад. Дар ин ҷо иқтисодчиёни сиёсӣ, бояд як мувозинати маъқул дар сиёсати молӣ ва пулӣ байни масрафи пасандоз ва сармоягузориро барқарор созанд, то истихдоми комил таъмин гардад. Илова бар ин, адами сохтани зербиноҳо, истифодаи номаъқул аз манбаъҳои пулӣ, сиёсатҳои иқтисодии нодурусти давлат ва ғайра аз омилҳои бавуҷудоварандаи бекорӣ ба шумор мераванд.

***Омилҳои сиёсӣ***. Набудани ҳокимият ва татбиқи қонунҳо ва ё назорати заифи онҳо барои ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои иқтисодии ғайриқонунӣ ва мафиёӣ, набудани қонунҳои муассисаҳое, ки ҳуқуқи корро барои афроди ҷомеа таъмин намоянд (кафолат диҳад) ва ҳам мавҷудияти фасод дар идороти давлатӣ ва ғайра аз омилҳои сиёсии бавуҷудоварандаи бекорӣ мебошанд.

***Омилҳои иҷтимоӣ***. Сатҳи пасти мавҷудияти таълиму тарбия ва тахассус, анбуҳи аҳолӣ, таъбиз аз лиҳози синну сол, ҷинс, нажод, қавм ва ғайра аз ҷумлаи омилҳои муҳимми иҷтимоӣ аст, ки боиси бекорӣ дар як ҷомеа мегарданд.

Омилҳои бекорӣ дар Афғонистонро метавон ба ду даста – сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ тақсим намуд.

Сабабҳои дохилии бекорӣ дар Афғонистон инҳо мебошанд:

- афзоиши рӯзафзуни аҳолии воҷиди шароити кор;
- паст будани (поён рафтани) сатҳи маҳоратҳои корӣ;
- набудани заминаҳои кор;
- тамаркузи бештари неруи кор дар пойтахт ва маркази шаҳрҳои бузурги Афғонистон;
- паст будани сатҳи музди меҳнат, бахусус дар сектори давлатӣ;
- набудан ё адами фаъол будани корубори иқтисодӣ дар аксари вилоёти кишвар, бахусус манотиқи ноамн ва дурафтодаи кишвар;

- набудани сиёсатҳои муносиби ниҳодҳои давлатӣ ва дар бештар маворид адами татбиқи дурусти сиёсатҳо;

- мавҷудияти фасоди идорӣ;

- истифодаи нодуруст аз тариқи моли кумакшудаи байналмилалӣ, бахусус дар барномаҳое, ки дар заминаи эҷоди кор дар он вуҷуд дорад;

- ноқис будан ва адами дастрасӣ ба маълумот дар мавриди фурсатҳои шуғлӣ барои толибони кор;

- коҳиши сармоягузориҳо дар бахшҳои тавлидӣ ва хадамотӣ бинобар иллатҳои мухталиф;

- ҳоким будани фарҳанги номуносиб дар ҷомеа ва эҷоди маҳдудиятҳо дар баробари шуғли занон;

- мадди назар нагирифтани тахассус дар истихдоми афрод, бахусус дар мақомоту мансабҳои баланди давлатӣ;

- кор кардани теъдоде аз афрод бо маоши баланд дар вазифаҳои қаблӣ ва қаноат накардан бо маоши пасттар дар вазифаҳои пешниҳодшуда.

Сабабҳои хориҷии бекорӣ дар Афғонистон инҳо мебошанд:

- вуруди неруи кори хориҷӣ (мутахассисон ё ронандагон);

- вуруди неруи кори хориҷӣ (мутахассисон ва ё ронандагон бо маҳорати бештар) аз кишварҳои хориҷӣ, бахусус кишварҳои ҳамсояи Афғонистон;

- коҳиши сармоягузориҳои хориҷӣ, бахусус дар солҳои охир бинобар далелҳои мухталиф;

- коҳиши фаъолиятҳои муассисаҳои байналмилалӣ дар асари наздик шудани соли 1393/2014;

- вуруди амволи хориҷӣ, ки боиси муфлис шудан ва ё рукуд ва таваққуфи фаъолиятҳои истеҳсолӣ дар кишвар шудааст [9, с. 29].

***Пайомадҳои бекорӣ:***

*Таъсири бекорӣ бар фақри иқтисодӣ*: Усулан, машғул шудан ба кор муҳимтарин манбаи касби даромад барои аксарияти мардуми як ҷомеа маҳсуб мешавад. Дарвоқеъ, аслитарин манбаи таъминкунандаи эҳтиёҷоти аввалия, аз қабили хӯрок, пӯшок, маскан, омӯзиш, беҳдошт ва дармон шуғл, яъне кор аст. Бинобар ин, афрод ва хонаводаҳои афроди бекор аз касби даромадҳои лозим барои таъмини ниёзҳои асосии худ дар зиндагӣ маҳрум мешаванд.

Барои касоне, ки ба доштани шуғли собит ва мутмаин одат кардаанд, таҷрибаи бекорӣ метавонад бисёр вайронгар бошад. Равшан аст, ки фавритарин пайомади бекорӣ аз даст рафтани даромад аст. Аз даст додани даромад дар кишварҳои гуногун оқибатҳои гуногуне дорад, чунки сатҳи моҳонаҳо ва нафақаҳои даврони бекорӣ фарқ мекунанд. Дар кишварҳое, ки дастрасӣ ба хадамоти беҳдоштӣ ва дармонӣ ва дигар имтиёзоти беҳбудӣ таъмин мешавад, афроди бекор шояд дучори мушкилоти молии шадиде шаванд, аммо таҳти ҳимояи давлат қарор мегиранд. Дар баъзе аз кишварҳои ғарбӣ, мисли Иёлоти Муттаҳида, имтиёзоти давраи бекорӣ кӯтоҳмуддаттар аст ва хадамоти беҳдоштӣ ва дармонӣ низ ҳамагонӣ нест ва ҳамин амр муҷиби сангинтар шудани фишорҳои иқтисодӣ бар бекорон мешавад [6, с. 590].

*Таъсири бекорӣ бар эътиёд*: Яке аз мушкилоти асосие, ки ҷомеаи эронӣ бо он рӯ ба рӯ аст, фоҷеаи густариши вобастагӣ дар миёни қишрҳои мухталифи иҷтимоӣ аст. Ҳаммарзӣ бо кишвари Афғонистон, ки имрӯзҳо яке аз бузургтарин марказҳои тавлиди маводи мухаддир дар ҷаҳон аст, аз як сӯ ва ҷавон будани аксарияти ҷомеаи Эрон аз сӯйи дигар, сабаб шудааст, ки вобастагӣ ба унвони фоҷеаи нигаронкунандаи амиқ мардум ва давлатмардонро дар Эрон барангезад. То кунун дар Эрон талошҳои зиёде барои муқобилият бо ин падидаи мудҳишу харобкунанда сурат гирифтааст, аммо омор ва рақамҳо ва шоҳидони мавҷуд гӯёи онанд, ки дар муқобили ин ҳуҷумҳои ҳамаҷониба дастовардҳо ва муваффақиятҳо андаку ночиз буда, натавонистаанд натиҷаҳои умедбахшеро ба дунбол дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар вазъияти кунунӣ ҷомеаи Эрон, ки ағлаби онро ҷавонон ташкил медиҳанд, дар доми эътиёд гирифтор аст ва бисёре аз онҳо дар марҳилаи номушаххасӣ аз маргу зиндагӣ дасту по мезананд [1, с. 194].

*Таъсири бекорӣ бар буҳрони ҳувият*: Гузаштан аз марҳилаи ҷавонӣ ба бузургсолӣ марҳилаи хатарнок ва мушкил аст. Бисёре аз ҷавонон барои ворид шудан ба ҷомеа талош ва ҷаҳду кӯшиши зиёде мекунанд, аммо аз ҷиҳатҳои гуногун аз он дур ва ё ихроҷ мешаванд. Дар рӯзгорони гузашта гузариш ба бузургсолӣ, маъмулан, дар оғози ба кор оғоз кардани фард рӯй

медод. Акнун бозори кор барои ҷавонон бесуботтар аз гузашта аст ва ин масъалаи гузариш ба зиндагии мустақил бузургсолиро душвортар месозад [6, с. 471].

Дарвоқеъ, яке аз муҳимтарин воситаи истиқлол ёфтан ва ё мустақилият ва ҳувиятёбӣ барои ҷавонон шуғл мебошад.

Норавшан будани ояндаи як ҷавон боиси эҷоди стрессҳои руҳию равонӣ барои ӯ хоҳад шуд. Ин шакку шубҳаҳо пояҳои боварию фикрии ҷавононро сусту заиф мекунад. Мусаламан, ҷавон ҳарчи бештар дар ибҳомот бимонад, ба ҳамон андоза хатари буҳрони ҳувият барои ӯ бештар хоҳад буд.

Роиҷ будан ва интишори бекорӣ дар байни афроди як ҷомеа тартибу низом ва суботи онро коҳиш медиҳад, ҳисси беэътимодӣ миёни афрод фаро мегирад ва азҳамгусехтагии иҷтимоии ҷомеаро ба вуҷуд меоварад. Дар ин ҳангом замина барои бегонашавии фард бо афрод ва сохторҳои ҷомеа фароҳам мешавад ва агар ин вазъият идома ёбад, ҳолати беназмӣ ба вуҷуд меояд ва дар ниҳоят боиси буҳрони ҳувият мешавад.

Дарвоқеъ буҳрони бекорӣ дар кишвар заминаҳои буҳрони ҳувиятро барои ҷавонон фароҳам мекунад. Дар ҳақиқат ҳам, вақте як ҷавон то синни 25-30-солагӣ ҳанӯз машғули коре нашудааст, чӣ гуна метавонем аз ӯ талаби эътимод ба нафсро дошта бошем ва аз ӯ бихоҳем, ки собитқадаму устувор бошад.

*Таъсири бекорӣ бар талоқ*: Натиҷаҳои таҳқиқ дар Эрон нишон медиҳанд, ки байни бесуботии шуғлӣ, бахусус бекорӣ ва ризоияти заношӯӣ ва зиндагии хонаводагӣ робитаи қавӣ вуҷуд дорад. Афроди бекор мизони камтаре аз тафоҳум (ҳамдигарфаҳмӣ), иртибот ва назм дар равобити хонаводагӣ доранд. Илова бар ин, шавҳарони бекор дар муқоиса бо мардони хонаводаҳое, ки шуғлу кори собите доранд, камтар тавассути ҳамсарони худ ҳимоят мешаванд, баҳсу мунокиша ва ҷангу ҷанҷоли хонаводагии камтаре доранд.

Бояд қайд кард, ки робитаи байни омили иқтисодӣ ва талоқ печида аст, зеро талоқ натиҷаи омилҳои иҷтимоии гуногуни бисёрест, аммо таҳқиқот нишон медиҳад, ки байни шароити иқтисодӣ, шуғлӣ ва талоқ робитаи баръакс вуҷуд дорад. Яъне, ҳар қадаре ки мавқеи иқтисодии хонавода поён равад, ҳамон андоза имкони ҷудоӣ ва талоқ афзоиш меёбад [11, с. 178].

*Таъсири бекорӣ бар муҳоҷират*: Бекорӣ ва муҳоҷират бар якдигар таъсири мутақобила доранд, чунки аз як сӯ, вазъи ноодилонаи имконот ва хадамот ба зуҳури бекорӣ ва набудани шуғл барои афроди ҷӯёи кор анҷом мешавад ва аз сӯйи дигар, адами шуғл ба бахши анбуҳе аз неруи кор фишор меоварад ва онҳоро ночор месозад ба манзури расидан ба ҳадди ақали имконоти зиндагӣ, ватани худро тарк ва ба дунболи кор ба дигар кишвару шаҳрҳо муҳоҷират кунанд [8, с. 147].

*Таъсири бекорӣ бар афсурдагӣ*: Инсон мавҷудест иҷтимоӣ ки кор карданро дӯст дорад ва ба воситаи он мехоҳад фарде созанда ва тавлидкунанда бошад ва бо машғул шудан ба кор эҳсоси арзиш ва иззати нафс ёбад. Зеро инсон ба ҷиҳати созанда буданаш аз ҳайвон фарқ мекунад ва дар натиҷаи созандагии ӯ, ки мутаассир аз кор аст, тамаддуни башариро ташаккул кардааст.

Табиист, ки мустақимтарин натиҷаи он аз даст додани даромад аст. Бекор будан ҳангоме ки шахс ба он ниёз дорад ва надоштани манбаи лозим барои гузаронидани як зиндагии ризоятбахш илова бар сахтии моддӣ, ранҷи руҳӣ-равонӣ ба ҳамроҳ дорад. Зеро барои афроде ки машғули кор ҳастанд, рӯз маъмулан пиромуни оҳанги кор созмон меёбад.

Агарчи ин амр мумкин аст гоҳе таҳмилӣ бошад, вале як ҳисси ҷиҳатёбӣ дар фаъолияти одии рӯзона фароҳам мекунад. Афроде, ки бекор ҳастанд, маъмулан, дорои зиндагии маломатовар ҳастанд ва навъе эҳсоси бетафовутӣ нисбат ба замон пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар, муҳити кор ғолибан дӯстиҳо ва фурсатҳои мушорикат дар фаъолиятҳои муштарак бо дигаронро фароҳам мекунад. Ҷудо аз муҳити кор доираи дӯстон ва ошноёни эҳтимолии шахс мумкин аст дар асари бекорӣ тангтар шавад ва фарди бекор ба канорагирӣ дучор шавад ва саранҷом мумкин аст дучори афсурдагӣ шавад.

Афсурдагӣ низ бемории бисёр роиҷ аст, ки бо вуҷуди таҳқиқоти доманадор дар мавриди иллатҳо, дардҳо ва роҳҳои дармони он, мутаассифона, дар бештари ҷомеаи имрӯза ва бахусус ҷомеаи Афғонистон таваҷҷуҳи зиёде ба он нашудааст. Дар гузашта нишонаҳои афсурдагиро то муддатҳо ба омилҳои дигаре чун заъфи асабҳо, асабоният ва ғайра нисбат медоданд. Ба ҳамин сабаб ташхиси саҳеҳ ва дармони он ба таъхир меафтад [3, с. 87].

Чун ин афрод маъмулан бардоште маҳдуд, ғалат, ноқис, гумроҳкунанда аз муҳити худ доранд, дар натиҷа рафтори онҳо бо воқеияти муҳит мутаносиб набуда ва дар натиҷа мавриди назар намегардад. Ба назари Чарлз Фрестер (Frester) – аввалин равоншиноси рафторгаро, шахсони афсурда дар муқобили муҳит ҳолати инфиолӣ ё вокунишӣ дошта ва фақат дар муқобили дастурот ё рӯйдодҳои нохушоянд аксуламал нишон медиҳанд [10, с. 115].

Хулоса, кор як бахши муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад ва он яке аз мафҳумҳои асосии илми ҷомеашиносӣ мебошад. Кор сармоя ва захираи миллӣ аст ва метавонад ба рушду пешрафти тамаддун кумак кунад. Агар афроди ҷомеа ба таври нисбӣ битавонанд кору шуғли муносиб ба даст оваранд ва шуғли онон мутаносиб бо истеъдодҳо, тавоноиҳо ва иртиботу вобастагиҳои онҳо бошад, замина барои навоварӣ, ибтикор, рушду пешрафт дар самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Вале, агар заминаҳои шуғлу кор дар ҷомеа маҳдуд ва талабот барои кор бисёр бошад, батадриҷ бекорӣ афзоиш меёбад.

Шуғлу кор ва бекорӣ бо дигар омилҳои иқтисодӣ робитаи зич доранд. Бекорӣ муҳимтарин маншаи пайдоиши фақру маҳрумият, номутаносибӣ ва танишҳои иҷтимоӣ ва азҳамгусехтагии эътидолу баробариҳо дар ҷомеа аст.

Бекорӣ ба маҳорат ва ҳунармандии фард осеб мерасонад ва саломатии руҳӣ ва равонии ӯро табоҳ, ошуфта ва халалдор месозад. Умеду орзуҳои вайро барбод медиҳад. Бекорӣ шавқу завқи зиндагиро барҳам зада, қудрати иродаи фардро заиф мекунад. Аз тарафе бекорӣ омили муҳимме дар эҷоди фақр аст ва фарде, ки бекор аст, аз як сӯ аз лиҳози равонӣ эҳсоси ҳақорат ва зиёндидаву зиёнкорӣ мекунад ва аз ҷомеа талаби кор мешавад ва аз сӯйи дигар, чун ҷомеаро масъули маҳрумияти худ мепиндорад, навъе эҳсоси интиқомгирӣ дар ӯ пайдо мешавад.

Бештари афроди бекор дучори бемориҳо, аз ҷумла афсурдагӣ, руҳафтодагӣ, эҳсоси беарзишӣ, ки ин масъала худ заминаи мусоидеро ҷиҳати рушду густариши фақри иқтисодӣ, эътиёд, буҳрони ҳувият, талоқ, муҳоҷират, афсурдагӣ, ҷиноёт алайҳи ашхосу амвол, ноороимиҳои иҷтимоӣ, қочоқи маводи мухаддир, қочоқи мол ва ғайраро ба вуҷуд хоҳад овард.

**АДАБИЁТ**


1. Аливарди Ниё Акбар. Мутолиаи ҷомеашиносии эътиёд ба маводи мухаддир дар Эрон // Фаслномаи илмӣ ва пажуҳишии «Рифоҳи иҷтимоӣ». -1384. Соли5. - №20.
2. Амик Роналд. Пажуҳише дар назарияи арзиши кор. Тарҷумаи М. Савдогар. - Теҳрон: Позанд, 1358.
3. Амонат Амир. Афсурдагӣ ва худкушӣ. - Теҳрон: Ибни Сино, 1368.
4. Бароҳинӣ Муҳаммад Тақӣ. Заминаи равоншиносӣ. - Теҳрон: Рушд, 1370. – 616с.
5. Гардон Обрайн. Равоншиносии кор ва бекорӣ. Тарҷумаи Аҳмад Ғазнафарӣ. – Теҳрон, 1382. – 320с.
6. Гуденс Антон. Ҷомеашиносӣ. Тарҷумаи Ҳасан Човушиён. – Ҷ.4. –Теҳрон, 1386. – 1096с.
7. Гузориши Бонки Ҷаҳонӣ. Вазъияти иштиғол дар Афғонистон. – Кобул: дафтари Маркази Бонки Ҷаҳонӣ дар Кобул, 2013.
8. Иброҳизода Исо. Муҳоҷиратҳои рустоӣ: илал ва пайомадҳои он (мутолиаи мавриди Систон ва Балуҷистон) // Фаслномаи таҳқиқоти ҷуғрофиёӣ. Афғонистон, 1380. - № 506.
9. Маркази миллии таҳқиқоти полисӣ. Илал ва пайомадҳои иқтисодии бекорӣ дар Афғонистон тайи солҳои охир. – Кобул: Донишгоҳи Кобул, 1393. – 82с.
10. Меҳриёр Амир Ҳушанг. Афсурдагӣ: бардоштҳо ва дармонҳои шинохтӣ. –Теҳрон, 1373.
11. Мусовотӣ Озар Маҷид. Осебшиносии иҷтимоии Эрон (ҷомеашиносии инҳирофот). – Табрез, 1374. – 501с.
12. Ҳусайнӣ Абрӣ, Сайид Ҳасан. Мадхале барои ҷуғрофиёи рустоии Исфаҳони Эрон. Интишороти Донишгоҳи Исфаҳон, 1383. – 430с.
13. Рӯзтуро Ғулом Ҳабиб. Бекорӣ ва роҳи ҳалли он. – Кобул, 1389.
14. Тавассулӣ Ғуломаббос. Ҷомеашиносии кор ва шуғл. – Теҳрон, 1375. – 300с.


## САБАБҲОИ БЕКОРӢ ВА ПАЙОМАДҲОИ НОГУВОРИ ОН АЗ ДИДГОҲИ РАВОНШИНОСӢ

Неруи инсонӣ ва ҷамъияти фаъоли ҳар ҷомеа нақши босазое дар фароянди тавлид дорад ва ба унвони падидоварандаи аслии сарват ва муҳаррики мустақими иқтисод маҳсуб мешавад ва сатҳу мизони тавлиди (истеҳсоли) миллии ҳар кишвар низ ба дониш ва огоҳии фаннӣ ва зарфияти тавлиди ҷамъияти фаъоли он вобастагӣ дорад. Ба ибораи дигар, вусъатёбӣ ва рушду инкишофи иқтисодии ҳар кишвар дар канори омили сармоя ва технология ба манобеи инсонии коромад ва мутахассис ниёз

дорад. Мизон ва тавоноии ҷомеаи фаъол дараҷаи рушд ва пешрафти иқтисодии ҷомеаро муайян мекунад. Бекорӣ аз масоили умдаи иқтисоди калон аст, ки ба сурати комилан мустақим ва шадид бар якояки афроди ҷомеа асар мегузорад. Аз назари аксари мардум аз даст додани шуғл ба маънои паст шудани сатҳи зиндагӣ, аз даст додани эътимод ба нафс ва эҷоди фишорҳои равонӣ аст. Бекорӣ вазъиятест, ки дар он гурӯҳе ба кор машғул набошанд ё дар ҷараёни интиқол ба кори ҷадиде бошанд. Набудани чораву тадбирҳои лозима, бахусус сиёсатҳои иқтисодии дарҳои бози давлат таҳти унвони «бозори озод» дар Афғонистон, бекориро ба як мушкилии шадид мубаддал сохт, зеро сиёсати дарҳои бози кишвар заминаҳои онро муҳайё намуд, то бозорҳои масрафи кишвар аз маҳсулоти тавлидшуда дар кишварҳои хориҷи пур гардад, он ҳам маҳсулоте, ки дар кишвар қаблан тавлид мешуд ва ё ҳам ҷадидан ба тавлиду истеҳсоли он оғоз карда буданд.

***Калидвожаҳо:*** *афсурдагӣ, бекорӣ, қашоқӣ, бӯҳрони ҳуввият, вайроншавии оилаҳо, музди меҳнат, ҳолати рӯҳӣ, пайдоиши стресс.*

## ПРИЧИНЫ БЕЗРАБОТИЦЫ И ЕЕ НЕПРИЯТНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ С ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ

Человеческая сила и активная деятельность любого общества играют значительную роль в развитии производства и рассматриваются как главный генератор богатства и непосредственный двигатель экономики, а также зависит уровень национального производства (производства) любой страны на знании и технической осведомленности и производственной мощности своего активного общества. Другими словами, для экономического роста и развития любой страны помимо капитала и технологий необходимы квалифицированные и профессиональные человеческие ресурсы. Масштабы и сила активного общества определяют уровень развития и экономического прогресса общества. Безработица является одной из основных проблем большой экономики, оказывающей прямое и серьезное воздействие на отдельных членов общества. С точки зрения большинства людей, потеря работы означает снижение уровня жизни, потерю уверенности в себе и создание психологического напряжения. Безработица – это ситуация, при которой группа не занята работой или находится в процессе перехода на новую работу. Отсутствие необходимых мер и мер, особенно открытой экономической политики правительства под названием «свободный рынок» в Афганистане, превратило безработицу в серьезную проблему, поскольку проводимая в стране политика открытых дверей создала основу для потребительские рынки должны быть заполнены продукцией, произведенной в зарубежных странах., той продукцией, которая ранее производилась в стране, или ее начали производить вновь.

***Ключевые слова:*** *выгорание, безработица, кризис идентичности, распад семьи, заработная плата, психическое состояние, стресс.*

## CAUSES OF UNEMPLOYMENT AND ITS UNPLEASANT CONSEQUENCES FROM A PSYCHOLOGICAL POINT OF VIEW

The human strength and vigorous activity of any society play a significant role in the development of production and are considered as the main generator of wealth and the direct engine of the economy, and the level of national production (production) of any country also depends. on the knowledge and technical awareness and production capacity of its active society. In other words, for the economic growth and development of any country, in addition to capital and technology, qualified and professional human resources are needed. The scale and strength of an active society determine the level of development and economic progress of the society. Unemployment is one of the main problems of a large economy, with a direct and serious impact on individual members of society. From the point of view of most people, the loss of a job means a decrease in the standard of living, a loss of self-confidence and the creation of psychological stress. Unemployment is a situation in which a group is not employed or is in the process of moving to a new job. The lack of necessary measures and measures, especially the government's open economic policy called "free market" in Afghanistan, has turned unemployment into a serious problem, since the country's open door policy has created a basis for consumer markets to be filled with products made in foreign countries, that products that were previously produced in the country, or they began to be produced again.

**Keywords:** *burnout, unemployment, identity crisis, family breakup, wages, mental state, stress.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Саҳиёр Раҳимуллоҳ, доктор PhD, докторанти кафедраи равоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17). Телефон. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@mail.com*

**Сведение об авторе:** *Сахиёр Рахимуллоҳ, доктор PhD, докторант, кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

**Information about the author:** *Sakhiyor Rahimulloh, PhD, doctoral student, Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17).Tel: 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

# ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННӢ ҲАМЧУН МУҲИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

*Ҳотамов Ф. М.*
**унвонҷуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 қайд намудаанд, ки “ҳадаф аз баргузории олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳоиояндасоз мебошад[1].

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба олимпиадаҳои фаннӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Олимпиадаҳои фаннӣ қисми таркибии раванди таълиму тарбия гардидаанд. Агар пештар, аслан 5-6 сол пеш дар олимпиадаҳои фаннӣ хонандагони синфхои 11 иштирок карда метавонистанд, айни ҳол бошад аз синфи 5-ум хонандагон ҳуқуқи иштирок карда доранд.

Байни шаклҳои самарабахши кор бо хонандагони болаёқат ҷойи махсусро олимпиадаҳои фаннӣ ишғол мекунанд, ки на танҳо шавқу рағбатро ба ин фан нигоҳ медоранд ва инкишоф медиҳанд, балки ба ташаккули ҷаҳони эҷодии хонандагон мусоидат мекунанд. Иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ яке аз шаклҳои эътирофшудаи кор бо хонандагони лаёқатманд мебошад. Дар ин ҷо хонандагон метавонандмаҳорати худро санҷанд ва дониши худро бо иштирокчиёни дигар муқоиса кунанд. Дар муқоиса бо озмунҳои гуногуни зеҳнӣ, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ, навиштани иншо, супоришҳои тестӣ ва санҷишҳои оддӣ, олимпиадаҳо доираи васеи донишҳоро аз фанҳои таълимӣ фаро гирифта, ба дониши васеътар мусоидат мекунанд.

Ба ақидаи А.В. Сиганкова, ҳаракати олимпӣ (ҳамчун шакли ташкили таълим) фаъолияти эҷодии фаъоли ҳама иштирокчиёни раванди таълим (муаллимон ва мактаббачагон) мебошад, ки дар асоси ҳамгироии фаъолияти коллективӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои омӯзиш равона карда шудааст [2].

Олимпиадаи фаннӣ – мусобиқа дар байни хонандагонимуассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз иштирокчиён дониш ва малакаро аз як ё якчанд фанҳои омӯхташуда талаб мекунад [3]. Ин мусобиқа ба иштирокчиён имкон медиҳанд, ки ба таври назаррас ҷаҳонбинии худро васеъ кунанд, дониш ва тафаккури мантиқии худро дар вазъияти ғайримуқаррарӣ татбиқ кунанд.

Ба андешаи доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Вербитский, хусусиятхои фарққунандаи олимпиада инҳо мебошанд [4]:

- набудани чорчӯбаи қатъии вақт, ки ба хонанда имкон диҳад, ки мувофиқи қобилияти худ пеш равад;
- омезиши омӯзиши равонашуда ва худомузӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар байни вазифаҳое, ки ҷомеаи муосир дар назди муассисаҳои таълимӣ мегузорад дарёфт ва ташаккули хонандаи болаёқат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Баргузории олимпиадаҳои фаннӣ яке аз воситаҳои асосии дарёфт ва ташаккули хонандагони болаёқат мебошад. Тайи солҳои охир ҳаракати олимпӣ ба падидаи муҳимтарин дар таълими муосир табдил ёфтааст. Олимпиада ин худфаъолияти тарбияи истеъдодҳои оянда мебошад. Вазифаи асосии иштирок дар олимпиада ин на танҳо ба даст оварданимедалу хол, балки ташаккули шахсияти эҷодкор, амалӣ гардонидани қобилияти онҳо, баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон, фаъол гардонидани ҳама шаклҳои таълими беруназсинфӣ мебошад.

Фароҳам овардани шароит барои муайян намудани қобилияти хонандагони лаёқатманд, ташаккул ва татбиқи моделҳои омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои фаннӣ ва ҷалби онҳо ба ҳаракати олимпӣ яке аз вазифаҳои асосӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Ҷузъи ҳатмии омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ин пеш аз ҳама, амиқ ва ғанӣ гардонидани маводҳои иловагии таълимии назариявӣ, аз худ кардани малакаҳои амалӣ, ташаккул додани омодагии равонӣ ба ҳалли масъалаҳои ғайриоддӣ, баланд бардоштани сатҳи мураккабии саволу супоришҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ғолибону ҷоизадорони олимпиадаҳои

ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор гирифта, ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар имтиёзҳои назаррас доранд. Аз тарафи дигар, иштироки хонандагон дар ҳаракати олимпиада, сарфи назар аз натиҷаи ба даст оварда метавонад бароиинтихоби бошууронаи интихоби касб дар оянда мусоидат намояд.

Ташкил ва баргузор намудани олимпиадаҳои фаннӣ бо мақсади дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод, инкишофи зеҳнии онҳо ба самти фаъолияти илмӣ – эҷодӣ ва тадқиқотӣ нигаронида шудааст. Олимпиадаҳои фаннӣ, пеш аз ҳама, ба хонандагони лаёқатманд имкон медиҳанд, ки сатҳи баланди омодагии фаннӣ, рушди малакаҳои зеҳнӣ, сифатҳои шахсӣ, маънавӣ ва иродавии худро нишон диҳанд. Аз дигар ҷониб, барои омӯзгорон олимпиада ба яке аз воситаҳои назорати сифати таълим ва такмили тахассуси омӯзгор табдил ёфтааст[5].

Мақсад ва вазифаҳои асосии олимпиада инҳоянд:

1) дарёфт ва ташаккул додани қобилияти эҷодӣ ва шавқу ҳаваси хонандагон ба фаъолияти илмӣ;

2) фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии хонандагони болаёқат;

3) тарғиби донишхои илмӣ;

4) ҷалб намудани олимон ва муҳаққиқон.

Низоми омодагии хонандагонро ба олимпиадаҳои фаннӣба ҷузъҳои зеринҷудо кардан мувофиқи мақсад хоҳад буд:

- донистани барномаи асосии таълимӣ дар доираи фанни таълимӣ;
- таълимоте, ки дар доираи низоми таҳсилоти иловагӣ гирифта мешаванд (маҳфилҳо, курсҳо, ҷамъиятҳои илмӣ);
- худтаълимӣ (мутолиаи адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, мустақилона ҳал намудани масъалаҳо, ҷустуҷӯйи маълумот дар интернет ва ғ.);
- омодагии мақсаднок барои иштирок дар даври муайян(аз рӯйи қоида, чунин тайёрӣ бо роҳбарии омӯзгоре, ки дар ҳаракати олимпӣ таҷриба дорад) гузаронида мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки омӯзгорони “Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо”аз соли 2007 инҷониб аз ин шакли кор бо кӯдакони болаёқат истифода мебаранд. Дар давоми солҳо мо боварӣ ҳосил кардем, ки барои ба даст овардани натиҷахои хуб олимпиадаро ҳамчун «ҳодисаи якдафъаина» фаҳмидан лозим нест. Омодагӣ ба олимпиада бояд дар давоми соли хониш мунтазам бошад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат боистифода аз шаклҳои гуногуни барномаҳои муосири махсуси таълимӣ ташкил карда шавад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи педагогӣ мо ба хулосае омадем, ки барномаҳоитаълимии кор бо хонандагони болаёқат на ба кор карда баромадани масъалаҳои назариявӣ, балки ба инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон нигаронида шаванд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки барои хар як фанни таълимӣ барномаҳо иинфиродии таълимӣ барои омодагӣ ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тартиб дода шаванд, ки аз ҳал карда натавонистани масъалаҳои мураккаб то маҳорати эҷодии интихоби тарзу воситаҳои роҳи ҳалли онҳоро инъикос намояд.

Олимпиадаи фаннӣ ҳамчун як навъ мусобиқаи зеҳнӣ аз замонҳои қадим маълум аст.Тибқи баъзе сарчашмаҳои таърихӣ аввалин олимпиадаи фаннӣ расман дар Венгрия соли 1894 аз фанни математика баргузор гардида буд.Дар ИҶШС аввалин олимпиада соли 1934 аз фанни математикагузаронида шуда буд, ки он аз ҷониби Донишгоҳи Ленинград ташкил карда шудааст.Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 намуди олимпиадаҳои фаннӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣгузаронида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Низомномаҳои дахлдор намудҳои зерини олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони болаёқат гузаронида мешавад [6].

1. Олимпиадаи фаннӣ барои наврасон аз фанҳои табиӣ – риёзӣ (синфҳои 5 – 6);
2. Олимпиадаи фаннӣ барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ – гуманитарӣ(синфҳои 56);
3. Олимпиадаи фаннӣ барои наврасон аз фанҳои табиӣ – риёзӣ (синфҳои 7 – 8);
4. Олимпиадаи фаннӣ барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ – гуманитарӣ (синфҳои 7 – 8);
5. Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (синфҳои 9 – 10);
6. Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ – гуманитарӣ (синфҳои 9 – 10);

7. Олимпиада аз фанни забон ва адабиёти тоҷик барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣба номи А.Рӯдакӣ (синфҳои - 11);

8. Олимпиада аз фанни забони давлатӣбарои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ(синфҳои - 11);

9. Олимпиада аз фанни забони русӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи А.Пушкин (синфҳои - 11);

10. Олимпиада аз фанни забон ва адабиёти рус барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ(синфҳои - 11);

11. Олимпиада аз фанни забони англисӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи У.Шекспир (синфҳои - 11);

12. Олимпиада аз фанни таърих барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Бобоҷон Ғафуров (синфҳои - 11);

13. Олимпиада аз фанни ҳуқуқ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Куруши Кабир (синфҳои - 11);

14. Олимпиада аз фанни география барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Носири Хусрав (синфҳои - 11);

15. Олимпиада аз фанни математика барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Умари Хайём (синфҳои - 11);

16. Олимпиада аз фанни физика барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Абурайҳони Берунӣ (синфҳои - 11);

17. Олимпиада аз фанни биология барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Абӯалӣ Сино (синфҳои - 11);

18. Олимпиада аз фанни химия барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Закариёи Розӣ (синфҳои - 11);

19. Олимпиада аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба номи Ал – Хоразмӣ(синфҳои - 11);

20. Олимпиада оид ба шоҳмот (то синни 16 сола);

21. Олимпиадаи “Spelling BEE” (синфҳои 5-7);

22. Олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат.

Олимпиадаҳои мазкур пеш аз ҳама, бо мақсади рушди ҳаракати олимпӣ, дарёфти хонандагони болаёқат, ҳавасмандгардонии кӯдакон ба илму дониш ва амсоли он ташкил карда шуда, бо ин васила сатҳи дониши хонандагон, шавқу ҳаваси онҳо ба илмомӯзӣ ва маҳорату истеъдоди омӯзгоронро ҷиҳати омода намудани хонандагони болаёқат муайян менамояд.

Ҳадаф аз ин тадбирҳо ҷалби хонандагони болаёқат, ихтироъкор ва боистеъдод ҷиҳати аз худ кардани дастовардҳои навтарини илмию техникӣ, мукаммал ва васеъ омӯхтани фанҳои алоҳида, пурра ошноӣ пайдо кардан ба технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ихтироъкорӣ, инчунин омодагӣ ба озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва вусъат бахшидан ба ҳаракати олимпӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони болаёқат василаест, ки ташаккули босамари дониш, малака ва қобилияти онҳоро барои ташаккул додани шахсият ва касбинтихобкунӣ таъмин менамояд. Олимпиадаи фаннӣ рушди инфиродӣ ва зеҳнии хонандагони мактабро ҳавасманд ва ангезиш дода, кӯдакони лаёқатмандро дастгирӣ менамояд, барои муайян кардани худбинӣ ва таълими давомдор мусоидат намуда, алоқаи соҳаҳои донишро, ки мундариҷаи фанҳои олимпиро бо дигар соҳаҳои дониш ташкил медиҳанд, муайян мекунад ва шавқи хонандагонро ба фаъолияти маърифатӣ бештар мекунад[7].

Тайи чанд соли охир бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати олимпӣ вусъати тоза пайдо кардааст.

Иштироки хонандагон дар озмунҳои зеҳнӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҳам барои баланд бардоштани обрӯйи кишвар ва ҳам ба рушди тарбияи ватандӯстии хонандагон дар байни хонандагони лаёқатманд мусоидат мекунад. Бо хонандагони кишварҳои дигар рақобат карда, на танҳо қобилият ва дастовардҳои шахсӣ, балки имкониятҳои низоми маорифи ватаниро низ намоиш медиҳанд.

Барои мардуми Тоҷикистон ифтихор аст, ки имрӯз фарзандони онҳо дар дилхоҳ озмуну олимпиадаҳои рақобатпазири байналмилалӣ байни чандин кишварҳои дунё ширкат кардаву

парчами давлати худро баланд мебардоранд. Хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ширкати фаъолона варзида, сазовори шоҳҷоиза (Гран-при), медали тило, нуқра ва биринҷӣ мегарданд. Боиси сарфарозист, ки хонандагони болаёқати тоҷик бо сатҳи дониши ҷавобгӯй ба талаботи илми муосир тавонистанд Тоҷикистони соҳибистиқлолро муаррифӣ намуда, шараф ва парчами ватани азизи худро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар миқёси давлатҳои пешқадами ҷаҳон баланд бардоранд [8].

Пас саволе ба вуҷуд омаданаш мумкин, ки иштирок ё пирӯзӣ дар Олимпиада ба хонандаи болаёқатчӣ медиҳад ?

1. Инкишофи қобилиятхои зеҳнии хонандагон. Ғайр аз ин, иштирок дар олимпиадаҳо на танҳо ҷаҳонбинии хонандаро васеъ ва тафаккури абстрактӣ ва мантиқии ӯро такмил медихад, балки қобилияти эҷодии хонандаро низ такмил медихад.Ба ҳамагон маълум, ки саволу супоришҳои олимпиада оддӣ нестанд, бинобар ин, дар оянда ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки вазифаҳои гуногун, аз ҷумла вазифаҳои аз ин ҳам мушкилро хеле хубтар ҳал карда тавонанд, зеро онҳо аз овони хурдсолӣ ба проблемаҳо аз нуқтаҳои гуногун нигоҳ карданро ёд мегиранд.

2. Нуқтаи дигари муҳим ин маҳорати дуруст истифода бурдани дониш мебошад. Чунки омӯхтани дониш ва онро чӣ гуна истифода бурдан аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҳалли вазифаҳои олимпиада тафаккури ғайриоддии хонанда, қобилияти татбиқи донишҳои гирифта ва аз худ кардашударо дар соҳаҳои гуногун ба таври комил тарбия мекунад.

3. Иштирок дар олимпиадаҳо эътимоди хонандаро ба худ зиёдмегардонад. Чунки иштирок дар олимпиадаи фаннӣ ин на танҳо санҷиши дониши хонанда, балки омодагии аъло ва худтакмилдиҳӣ низ мебошад.

4. Ғолибият дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳу донишкадаҳо ба хонандагон имтиёзҳои иловагӣ медиҳад. Бузургтарин "имтиёз" ин дохил шудан ба ҳама донишгоҳу донишкадаҳои кишвар бидуни имтиҳон аст. Ба ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, ҷойи якум-100 бал, ҷойи дуюм-75 бал ва ҷойи сеюм-50 бал ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳу донишкадаҳо дода мешавад [9].

Ҳамзамон, омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми олимпиада ҷойҳои 1-ум ва 2-юмро ишғол намудаанд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва ҷойи 3-юмро ишғол намуда бошанд, бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди раёсат (сарраёсат) ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва ноҳия (шаҳр) сарфароз гардонида мешаванд [10].

Бояд гуфт, ки на танҳо иштирокчиёни олимпиадаҳо, балки роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ низ солҳои охир ба ғолибияти хонандагони худ даролимпиадаҳои фаннӣмароқ зоҳир менамоянд. Чунки рейтинги муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ғолибият дар олимпиадаҳо ҳамасола муайян карда мешавад ва яке аз муҳимтарин нуқтаҳои мониторинги самаранокии сифати таҳсилот мебошад, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илмиҶумҳурии Тоҷикистон ҳамасола гузаронида мешавад. Ин аст, ки барои иштирок дар давримуассисавии Олимпиада омӯзгорони фаннӣ хонандагони умедбахшеро интихоб мекунанд, ки на танҳо барои иштирок дар даври дигар, балки дар даври ниҳоӣ ғолиб омадан имконияти калон доранд.

Ҳамин тариқ, баргузории озмуну олимпиадаҳои фаннӣ дар маҷмуъ яке аз муҳимтарин механизми ташаккул ва рушди дарёфту дастгирии кӯдакони болаёқат ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, ҳаракати олимпӣ дар ташаккули арзиш ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи хонандагони болаёқат кумаки назаррас мерасонад.

**АДАБИЁТ:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021.[Захираи электронӣ]. Манбаидастрасӣ: URL: http:// president. tj/ node/ 13739
2. Сиганкова, А. В. Олимпиада как форма активизации учебно-познавательной деятельности студентов [Электронный ресурс] / А. В. Цыганкова / Информационный портал Всероссийской олимпиады школьников. - Режим доступа http:/ /www. rosolymp. ru/ attachments/ 10374_s03_033.pdf
3. Шустова О. А. Формирование окружной системы конкурсов и мероприятий с целью выявления и развития высокомотивированных и одаренных учащихся//Эксперимент и инновации в школе. - 2010. - № 5.
4. Вербицкий, А. А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход [Текст] / А. А. Вербицкий // Методическое пособие. - М. :Высш. шк., 1991. - 207 с.\

5. Каримзода Ш.К. Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.hgu.tj/upload/files/6022030d9644d.pdf
6. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳаракати олимпӣ. Душанбе. 2022.
7. Алёшина А. А. Школьный тур олимпиады как одна из форм организации работы с одаренными детьми в классах с углубленным изучением химии.//Эксперимент и инновации в школе. 2011. - № 1.
8. Норматов Ш. Нақш ва аҳамияти олимпиадаҳои фаннӣ дар рушди қобилияти хонандагон. /Ш. Норматов // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3 (36), 2020. с.101-1
9. Дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб" [Захираи электронӣ]. Манбаидастрасӣ: https://www.ntc.tj/tj/rohnamoi-dovtalab.html?view=article&id=701
10. Низомномаи олимпиадаҳои фаннӣ. Қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2022, №17/2.


## ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННӢ ҲАМЧУН МУҲИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

Дар мақола ба омӯзиши хусусиятҳои иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ ҳамчун шакли ташаккул ва рушди хонандагони болаёқат гуфта мешавад. Муаллиф дар он аҳамиятнокии масъалаи баррасишаванда, инчунин аҳамияти ҳаракати олимпиадаро дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инчунин, хусусиятҳои иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳо ҳамчун як навъ инкишоф, ташаккул ва татбиқи истеъдоди зеҳнӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** *олимпиадаҳои фаннӣ, хонандагони болаёқат, ҳаракати олимпӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, истеъдод, ташаккул, рушд.*

## НАУЧНЫЕ ОЛИМПИАДЫ КАК СРЕДА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ОДАРЕННЫХ УЧАЩИХСЯ

Данная статья посвящена изучению особенностей участия школьников в научных олимпиадах как форме формирования и развития одаренных учащихся. В статье автор рассматривает актуальность рассматриваемого вопроса, а также значение олимпиадного движения в образовательном процессе. Также рассмотрены особенности участия учащихся в конкурсах и олимпиадах как вид развития, формирования и применения интеллектуальной одаренности.

**Ключевые слова:***научные олимпиады,одаренные дети, олимпийское движение, интеллектуальные способности,талант, формирование, развитие.*

## SCIENTIFIC OLYMPIADS AS ENVIRONMENTS FOR FORMATION AND DEVELOPMENT GIFTED STUDENTS

This article is devoted to the study of the peculiarities of the participation of schoolchildren in scientific Olympiads as a form of formation and development of gifted students. In the article, the author considers the relevance of the issue under consideration, as well as the importance of the Olympiad movement in the educational process. The features of students' participation in competitions and olympiads as a type of development, formation and application of intellectual talent are also considered.

**Keywords:** *scientific olympiads, gifted children, Olympic movement, intellectual abilities, talent, formation, development.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҳотамов Фаридун Мирзораҳимович - мудири шуъбаи таълимию методии Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилию иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе», довталаби Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи Точикистон ш. Душанбе, кучаи ба номи М.Турсунзода, 8/1а. E-mail: faridun.khotamov@mail.ru, телефон: + (992) 989.01.17.17.*

**Сведения об авторе: Хотамов Фаридун Мирзорахимович –** *начальник учебно-методического отдела государственного учреждения «Аналитико-информационный центра при главном Управлении образования города Душанбе», соискатель Института развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования, Душанбе, ул.М.Турсунзаде 8/1а. Электронная почта: faridun.khotamov@mail.ru, телефон: + (992) 989.011.717.*

**Information about author: Khotamov Faridun Mirzorakhimovich -** *head of the educational and methodological department of the "Analytical and Information Center under the Main Department of Education of the city of Dushanbe", degree seeker of the Institute of Education named after Abdurrahman Jamii of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, K.M. Tursunzoda 8/1a. E-mail: faridun.khotamov @mail.ru, phone: + (992) 989.011.717.*

# БАЪЗЕ ШАРТҲОИ ҲАМРОҲИИ ПЕДАГОГӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ПЕДАГОГ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Хоҷибобоева М.Х.***
**МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров».**

Дар шароити имрӯзаи навсозии низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилот фаъолияти созмондиҳандае густариш меёбад, ки яке аз вазифаҳои асосии он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин намудани фаъолияти инноватсионии хомеаи педагогӣ мебошад. Фаъолияти инноватсионӣ дар ҳудуди муаммоҳои ҳалталаб амалӣ шуда, мавҷудияти вазифаҳои усулан наверо пешбинӣ менамояд, ки иҷрои онҳо боиси таҷдиди муттасили раванди таҳсилот мегардад. Сифати зарурии фаъолияти воқеан инноватсионӣ аҳамияти иҷтимоӣ ва мувофиқати он ба ҳадафи педагогист. Бинобар ин, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон раванди инноватсионӣ - ягонагии мутаҳаррики навовариҳои педагогӣ, азхудкунии он аз ҷониби ҷомеаи педагогӣ ва истифодаи самаранок дар амалия дар асоси илмӣ мебошад [5].

Дидгоҳҳои гуногун ба масъалаи фаъолияти инноватсионӣ дар охири солҳои 80-уми асри гузашта шакл гирифтанд, вақте ки таълифот оид ба эҷод кории педагогӣ ба вуҷуд омаданд. Пеш аз ҳама, моҳияту меъёрҳои таҷрибаи пешқадам (В.И.Бондар, В.А.Кан-Калик, Т.В. Кудрявтсев, Ю.Н.Кулюткин, В.П.Пархоменко, Н.В.Кухарев, Я.С.Турбовской, Ф.Ш.Терегулов, Л.М.Фридман) ошкор гардид. Навъҳои он муайян шуданд: такмилдиҳанда (якҷоякунӣ ва пурра намудани шаклу методҳои маълуми кор бо бачагон); навоварона (бунёди шаклу методҳои нави кор, ки сатҳи самаранокии меҳнати педагогро баланд мекунанд); инноватсионӣ - ҳамчун амалисозии робитаи ғояҳои нави илм, мундариҷаи нав, шаклу методҳои нави кор дар асоси илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯҳои якҷояи омӯзгорон ва олимон (А.А. Арламов, Г.Л. Лукпанов, В.Е. Гмурман, Л.И. Гусев. В.И. Журавлев, И.А. Зязюн, П.И. Карташов, Н.Д. Никандров, Я.А. Пономарев, В.С. Шубинский, Н.Р. Юсуфбекова и др.).

В.П.Кваша баррасии се матлаби назариявиро дар бораи муносибатҳои байни «инноватсияи педагогӣ - эҷоди педагогӣ» пешниҳод кардааст. Инноватсияҳои педагогӣ навъи олитарини эҷоди педагогӣ мебошанд (В.А.Кан-Калик, Ю.Н. Кулюткин, Г.С.Сухобская, Н.Р. Юсуфбекова).

Дар маҷмуъ, дар педагогикаи муосири ҷаҳонӣ дар инкишофи дидгоҳҳо ба таълим се самти асосиро фарқ кардан мумкин аст:

1. Навсозии таълими анъанавӣ дар руҳияи ташкили самараноки азхудкунии роҳу воситаҳои ноилшавӣ ба намунаҳои муқарраршуда. Дар доираи ин самт таҷдиди раванди таълим барои ҳалли вазифаҳои анъанавии дидактикии таълими пурмаҳсул, тасаввурот дар бораи таълим ҳамчун раванди «технологии» пайдарпай бо натиҷаҳои дақиқ сабтшуда, батафсил тавсифёфта, ба натиҷаҳои интизорӣ нигаронида шудааст.

2. Дидгоҳи инноватсионӣ ба раванди таълим, ки дар он ҳадафи таълим дар хонандагон рушд додани имконияти андӯхтани таҷрибаи нав дар асоси ташаккули ҳадафмандонаи тафаккури эҷодию танқидӣ, таҷриба ва маҷмуи воситаҳои фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ, амсиласозии нақшдор ва тақлидӣ мебошад. Бо ин самт коркарди амсилаҳои таълим ҳамчун ташкили фаъолияти таълимӣ-ҷустуҷӯйӣ, таҳқиқотӣ; таълим ҳамчун ташкили фаъолияти таълимӣ-бозӣ, амсиласозанда; таълим ҳамчун ташкили мубодилаи фаъолонаи афкор, мубоҳисаи эҷодӣ алоқаманд аст.

Новобаста ба самту ҳадафҳое, ки имрӯз сиёсатмадорон дар соҳаи таҳсилот таъйин мекунанд, новобаста ба нияту мақсадҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо дар барномаҳояшон таъкид менамоянд, ба андешаи мо, шояд тамоми педагогҳо - назариядонҳо ва амалкунанда, омӯзгорони фаннӣ ва методистонро майлу кӯшиши баромадан аз доираи таълими анъанавӣ, дарёфти дидгоҳҳои нав ба яке аз воситаҳои асосии педагогика - раванди таълим муттаҳид менамояд.

Яке аз хусусиятҳои ҳамроҳии методии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар марҳалаи ҳозира дуршавӣ аз шаклҳои анъанавии тарҳрезии ташкили кор, таҷдиди сохторҳо дар мувофиқат бо талаботи фаврияти баланди ҳалли масъалаҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия ҳамчун навсозии бунёдӣ дар низоми ягонаи таҳсилоти муттасил ба шумор меравад.

Объекти асосии ҳамроҳии методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кори таълимӣ-тарбиявӣ аст, ки тамоми ҳалқаҳои раванди педагогиро дарбар гирифта, вазифаҳои асосиро амалӣ менамояд, ки назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷониби ҳар як давлат гузошта мешаванд.

Кори таълимӣ-тарбиявӣ маҷмуи фаъолияти муштараки тамоми иштирокчиёни таълиму тарбияи мактаббачагон аст, ки барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои онҳо ташкил карда мешавад. Баланд бардоштани самаранокии кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ такмилу муназзам намудани амалкарди тамоми сатҳҳои идоракунии инноватсиониро дар асоси вазифаҳои асосии идоракунӣ ва бо назардошти махсусияти ҳар як мактаб пешбинӣ менамояд [6].

Самаранокӣ ва нақши фаъолияти идоракунии директор дар асоси дидгоҳи инноватсионӣ барои ҳалли масъалаҳои кори таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ дар мактаб равона шудааст.Ин кор чунин масъалаҳоро дарбар мегирад: интихоб ва дуруст ҷобаҷо гузоштани кадрҳои омӯзгорӣ дар мактабҳо, тақсими супоришҳои таълимӣ ва ҷамъиятӣ байни омӯзгорон, фароҳам овардани шароити педагогӣ барои фаъолияти бомуваффақияти инноватсионии омӯзгорон ва хонандагон, таъмини тартиби дақиқи кори коллективи мактаб.

Сатҳи методологии идоракунии инноватсионӣ дар амалияи кори мактабҳо ҷорӣ намудани навъҳои нави фаъолиятро пешбинӣ менамояд. Масалан, ташкили фаъолият аз рӯйи барнома ва фаъолияти лоиҳавӣ, ки дар рафти тарҳрезии амалияи нави таҳсилот густариш ёфта, барои ҳалли самараноки вазифаҳои мураккаб ва муҳимтарини педагогӣ мусоидат мекунанд. Навъҳои зикршудаи фаъолият воситаҳои ташкили фаъолияти оянда, муштараки педагогҳо, воситаи ташаккули биниши умумии ғояҳо, муаммоҳо, коркарди воситаҳое мебошанд, ки барои расидан ба ҳадафи умумӣ заруранд [8].

Фаъолияти мактаб оид ба ташкили кори таълиму тарбия раванди мураккаби мутаҳаррикест, ки гузориши ҳадафу вазифаҳо, омӯзиш, таҳлил ва ҷустуҷӯйи роҳҳои истифодаи самараноки воситаҳои таълим, тарбия, ҳамоҳангсозии кӯшишҳои тамоми хомеаи педагогиро фаро мегирад.

Барои нигоҳ доштани раванди таълимӣ-методӣ дар маҷрои зарурӣ, сарварони мактабҳо бояд ба дараҷаи кофӣ салоҳиятнок бошанд, то ки ҳама гуна камбудии назаррасро қайд карда, барои фавран бартараф намудани он омода бошанд.

Дар роҳбарии раванди таълиму тарбия ба директор, муовинҳои ӯ оид ба корҳои таълим ва тарбия, ҳамчунин роҳбарони иттиҳодияҳои методии мактаб кӯмак мерасонанд.

Тасаввуроти дақиқ оид ба мундариҷа ва меъёрҳои инноватсияҳои педагогӣ, фарогирии методика ва татбиқи он ҳам ба омӯзгорони алоҳида, ҳам ба роҳбарони мактаб ва иттиҳодияҳои методӣ имкон медиҳанд, ки ҷорикунии марҳила ба марҳилаи инноватсияҳоро пешгӯйӣ намоянд. Якум, таъмини омӯзгорон бо иттилоот дар бораи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадам. Дувум, бунёди низоми муассири таълими омӯзгорон, ки барои фарогирии методҳои муосири таълим мусоидат менамояд. Севум, дар амалия ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадам [10].

Барои баланд бардоштани сатҳи кори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар баробари таъмини онҳо бо педагогҳои хуб, эҷодкор, муҷаҳҳаз намудани раванди таълим бо воситаҳои техникии таълим (ВТТ) ва аёният, ташкили низоми компютерии таълим, татбиқи дастовардҳои навтарини дидактикЬ ҳамчунин фаъолияти инноватсионии омӯзгорон дар раванди ташкили кори методӣ дар мактаб хеле муҳим аст [9].

Меъёри асосии ҳамроҳии методӣ дар раванди таълиму тарбия натиҷаҳои меҳнати педагогӣ, сифати донишҳои хонандагон, сатҳи рушд ва тарбиятдидагии онҳо, маҳорати онҳо барои татбиқи донишҳо дар ҳаёт ва амалия мебошад. Дар таълим фанҳо омӯзгорон бояд ба назар гиранд, ки барои таъмини донишҳои амиқи хонандагон ва баланд бардоштани сатҳи тарбиятдидагии онҳо кӯшишу ғайрат, воситаву методҳои гуногуни таълим зарур мебошанд.

Аввалин тавсифи нисбатан пурраи низоми методҳои таълимро Е.Я.Голант анҷом додааст, дертар таснифоти методҳои таълим дар сохтори корҳои умумӣ оид ба дидактика аз ҷониби Б.П. Есипов, М.А. Данилов, М.Н. Скаткин, И.Я.Лернер пешниҳод гардид, баррасии муфассали тамоми методҳои пешниҳодшудаи таснифотро Ю.К. Бабанский амалӣ намудааст [1]. Таҳқиқоти олимон - дидактҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки интихоби ҳадафмандонаи роҳу методҳои беҳтарини таълим амалӣ намудани раванди маърифатро тавассути воситаҳои

ангезиши хонандагон ба омӯзиш зери таъсири фаъолияти инноватсионии омӯзгор имкон медиҳад.

Зимнан муҳим аст, ки роҳбари иттиҳодияи методӣ фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро дар ягонагӣ, бо назардошти таъсири мутақобили онҳо дарк намояд. Яке аз норасоиҳое, ки дар фарҳанги дастурӣ-методии омӯзгорон зиёд ба назар мерасад, бе тартиби муайян берун кашидани унсурҳои алоҳида аз вазъияти педагогӣ мебошад. Ин дар баҳодиҳии фаъолияти омӯзгор субъективизми ифротиро ба миён меорад. Ба таъсироти барзиёди «мӯдҳои педагогӣ» гирифтор шудан мумкин нест. Баъзан роҳбарон ба кори омӯзгорон танҳо аз дидгоҳи «тамоюлҳо»-и навтарини афкори педагогӣ баҳо медиҳанд. Масалан, барои онҳо танҳо истифодаи воситаҳои компютерӣ дар дарс ё методи ҷустуҷӯйӣ муҳиму ғолиб аст ва ғ. Ин боиси яктарафа ва хато баҳогузорӣ намудани фаъолияти омӯзгор мешавад. Меъёри муҳимтарини фаъолияти омӯзгор комёбиҳое мебошанд, ки ӯ дар таълиму тарбия ноил гардидааст. Ин комёбӣ на танҳо дар натиҷаи истифодаи тамоми маҷмуи шаклу методҳо, воситаҳои дар илми педагогика маълум ба даст меоянд, балки ҳосили шаклу воситаҳое мебошад, ки асоси сабки инфиродии фаъолияти ин шахсиятро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои мушоҳидаҳои худро бо фаъолияти омӯзгор пайваста муқоиса бояд кард, на танҳо талаботи умумиро ба кори таълиму тарбия, балки хусусиятҳои инфиродии сабки ӯро ба назар бояд гирифт [6].

Баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия бо муаммои пешгирию бартараф намудани зоҳирпарастӣ дар фаъолияти омӯзгору хонандагонзич алоқаманд буда, ба шарти ҳамроҳии дурусти методӣ дар мактаб амалӣ хоҳад шуд.

Ҳамроҳии методӣ метавонад ба андозаи назаррас дархостҳои омӯзгоронро ба такмили омодагии илмӣ-методӣ қонеъ гардонад, ба шарте, ки инфиродигардонӣ ва инноватсияҳои он амалӣ шаванд. Ташкили кори методӣ дар асоси инноватсионӣ ба як қатор заминаҳои объективӣ ва субъективӣ, пеш аз ҳама, зарурати назардошти мавқеи ҳаётиву касбӣ, самтгириҳои арзишӣ, таҷрибаву сатҳи кордонии омӯзгорон дар кори такмили омодагии илмӣ-методӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин ҳифзу рушди таҷрибаи мусбати мактаб, анъанаҳо ва фаъолияти инноватсионии хадамоти методӣ муҳим аст. Ҳамаи ин объекти идоракунӣ ва роҳбарӣ барои муовини директор оид ба кори таълиму тарбия мебошад.

Ташкили ҳамроҳии методӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дар марҳалаи муосир самаранок сурат мегирад, агар ҷой ва нақши онро дар раванди таълиму тарбия на танҳо директори мактаб ва муовини ӯ, балки омӯзгорон дақиқу возеҳ тасаввуру дарк намоянд.

Низоми ҳамроҳии методӣ дар асоси дидгоҳи инноватсионӣ торафт шаклҳои фаъолтар пайдо менамояд: бозиҳои корӣ ва нақшдор, бозиҳо-практикумҳо, бозиҳои ташкилӣ-фаъолиятӣ, тренингҳои гуногун. Ҷиҳати хуби чунин шаклҳо тағйирпазирии (вариантнокӣ) вазъияти пешниҳодшаванда, амсиласозии вазъияте, ки ба амалияи воқеӣ ҳаддалимкон наздиканд, имконияти баррасии коллективӣ ва ғайра мебошад. Аммо ташкилкунандагони чунин практикумҳо бо як қатор мушкилот рӯбарӯ мешаванд: интихоби роҳбарон барои гузаронидани шаклҳои кор дар асоси бозӣ, хоҳиш надоштани як қисми омӯзгорон ба иштирок дар чунин машғулият, таъминоти нокифояи методии онҳо. Ҳамаи ин зарурати роҳбарии тахассусмандонаро ба ташкили семинарҳо ва практикумҳои муаммовӣ таъкид менамояд.

Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти инноватсионии чунин дидгоҳҳо мувофиқати беҳтарини кӯшиш, воситаву вақти барои ноилшавӣ ба вазифаҳои таълиму тарбия сарфшуда, оқилона будани воситаву роҳҳои фаъолияти омӯзгор ва хонандагон дар ягонагиву ҳамбастагии онҳо, мушаххасии амалҳо, мувофиқати онҳо ба пурғайратии фаъолияти хонандагон, ояндадорӣ, истиснои натиҷаи камаҳамият, натиҷаи фаъолият, мубрамӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон мебошанд.

Баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳамчунин ба омилҳои зиёди дигар, аз ҷумла, сатҳи омодагии илмӣ-методӣ, ҷаҳонбинии фарҳангӣ ва ақидаҳои ахлоқӣ, иқлими ахлоқӣ-психологӣ дар коллектив, вазъи пойгоҳи таълимӣ-моддӣ ва самаранокии таъсироти мутақобили мактаб, оила ва аҳли ҷамъият вобаста аст.

Бинобар ин, иштироки омӯзгорон дар фаъолияти методӣ, инноватсионӣ дар ниҳояти кор ба ташаккули низоми шахсии педагогӣ, ташаккули сабки инфиродии фаъолияти педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар ҳар як муассисаи таҳсилоти умумӣ маъмурият бояд барои рушди афкори эҷодӣ ва фаъолияти инноватсионии омӯзгор бо тамоми мураккабиву пурихтилофии он, таҷдиди

муттасил ва такмили таълим шароити мусоид фароҳам орад. Кори ҳамроҳии методӣ барои ҷорикунии минбаъдаи ғояҳои такмили раванди таълиму тарбияи мактаб бояд маҳз дар асоси дидгоҳи инноватсионӣ амалӣ гардад.

Дар шароити демократикунонӣ муассисаи таҳсилоти умумӣ дар кори такмили раванди таълиму тарбия ва баланд намудани самаранокии он соҳиби имконияти беинтиҳои эҷодии омӯзгорону хонандагон мебошад [2].

Баланд бардоштани сатҳи раванди таълиму тарбия бо бартараф намудани қатъии сарбории барзиёди таълимӣ зич алоқаманд аст. Ошкор намудани сабабҳои он ва муҳимтар аз ҳама, ҷустуҷӯйи роҳҳое, ки барои пешгирии барзиёдии сарборӣ равона шудаанд, бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи маъмурият ва роҳбарони хадамоти методӣ, тамоми коллективи педагогӣ қарор гирад. Шакли самараноки густариши бозёфтҳои бомуваффақият иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Бабанский Ю.К. Методическая работа в школе: организация иуправление. Рекомендации для руководителей школ./ Ю.К.Бабанский [Текст]. - М.: Б.И., 1988. -184 с.
2. Брагина Г.В. Мастерство учителя на уроке // Метод. рекомендации дляучителей. - М., 1992. - 39 с.
3. Гончарова Т.И. Когда учитель властитель душ /Т.И. Гончарова [Текст]. - М.: Просвещение, 1991. – 174 с.
4. Давыдов В.В. Виды обобщений в обучении. / В.В.Давыдов [Текст]. - М.: Педагогика, 1982. - С. 423.
5. Загвязинский В.И. Педагогическое творчество учителя. /В.И. Загвязинский [Текст].– М.: Педагогика, 1987. – 159 с.
6. Каримова И.Х., Ф.Шарифзода. Учитель-творец добра и прогресса / И.Х. Каримова [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 179 с.
7. Кларин М.В. Инновационные модели обучения в зарубежных и педагогических поисках. – М.: Арена, 1994. - 223 с.
8. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. -Душанбе: Ирфон, 2003.
9. Краевский В.В. Преподавание как творческая деятельность учителя //Дидактика средней школы. – М., 1982. – 240с.
10. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения. - М.: Педагогика, 1981.-С. 5-120.
11. Лутфуллозода М.- Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев [Матн]. - Душанбе: 2001.-336 с.


## БАЪЗЕ ШАРТҲОИ ҲАМРОҲИИ ПЕДАГОГӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ПЕДАГОГ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Дар мақола масъалаҳои баъзе шартҳои ҳамроҳии педагогӣ ба фаъолияти инноватсионии педагог дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки фаъолияти инноватсионӣ дар ҳудуди муаммоҳои ҳалталаб амалӣ шуда, мавҷудияти вазифаҳои усулан наверо пешбинӣ менамояд, ки иҷрои онҳо боиси таҷдиди муттасили раванди таҳсилот мегардад. Сифати зарурии фаъолияти воқеан инноватсионӣ аҳамияти иҷтимоӣ ва мувофиқати он ба ҳадафи педагогист. Хулоса карда шудааст, ки объекти асосии ҳамроҳии методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кори таълимӣ-тарбиявӣ аст, ки тамоми ҳалқаҳои раванди педагогиро дарбар гирифта, вазифаҳои асосиро амалӣ менамояд, ки назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби ҳар як давлат гузошта мешаванд.



**Калидвожаҳо**: *фаъолияти инноватсионӣ, раванди таълим, таҳсилот, методҳои таълим, ҳамроҳии методӣ, шартҳо, хонандагон, омӯзгорон, дидактика, фаъолияти педагогӣ*


## НЕКОТОРЫЕ УСЛОВИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО СОПРОВОЖДЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПЕДАГОГА В УЧРЕЖДЕНИЯХ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ


В статье рассматриваются вопросы некоторых условий педагогического сопровождения инновационной деятельности педагога в учреждениях общего среднего образования. Отмечено, что инновационная деятельность реализуется в области проблем, требующих решения, и предусматривает наличие принципиально новых задач, реализация которых приведет к постоянному обновлению образовательного процесса. Неотъемлемым качеством подлинно инновационной деятельности является ее социальная значимость и соответствие педагогической цели. Сделан вывод о том, что основным объектом методического сопровождения в общеобразовательных учреждениях является учебно-воспитательная работа, включающая в себя все звенья педагогического процесса и реализующая основные задачи, возлагаемые на учреждениях общего среднего образования каждым государством

**Ключевые слова:** *инновационная деятельность, образовательный процесс, образование, методы обучения, методическое сопровождение, условия, студенты, учителя, дидактика, педагогическая деятельность*

**SOME CONDITIONS FOR PEDAGOGICAL SUPPORT OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF A TEACHER IN INSTITUTIONS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION**

The article deals with the issues of some conditions of pedagogical support for the innovative activity of a teacher in institutions of general secondary education. It is noted that innovation activity is carried out in the field of problems that need to be solved, and provides for the presence of fundamentally new tasks, the implementation of which will lead to a constant renewal of the educational process. An integral quality of truly innovative activity is its social significance and compliance with the pedagogical goal. It is concluded that the main object of methodological support in general education institutions is educational work, which includes all parts of the pedagogical process and implements the main tasks assigned to institutions of general secondary education by each state

**Keywords:** *innovation activity, educational process, education, teaching methods, methodological support, conditions, students, teachers, didactics, pedagogical activity*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҳоҷибобоева Маҳлиё Холматовна-унвонҷӯи кафедраи педагогикаи ихтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хучанд, гуз.Мавлонбеков 1). Тел.92-91112373. E-mail. maxlie84@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Ходжибобоева Махлие Холматовна- соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ«ХГХ им. ак.Б.Гафурова».(735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). Телефон 92-91112373. Электронная почта. maxlie84@mail.ru*

**Information about the author:** *Makhliya Kholmatovna Khodzhiboboeva - Applicant of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution "KhGKh them. ak. B. Gafurov "(735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1). Phone 92-91112373. Email. maxlie84@mail.ru*

**ТДУ – 37.035 (5753)**

# ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ҶАВОНОН

***Шуҳрати Боғибек***

**унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Бояд гуфт, ки танзими ахлоқии рафтори одами ибтидоӣ тавассути урфу одат, расму оин, мамнуъ, расму оинҳои истеҳсолӣ ва идона ва ғайра амалӣ мешуд. Аз ин рӯ, воҷибӣ, содагӣ ва тавоноии ниҳодҳои ахлоқии сохти қабилавӣ натиҷаи интихоби ахлоқӣ ба маънои муосири он набуд. Инкишофи сусти шахс ҳамчун шахсият ба усулҳои оддии танзими рафтори ӯ мувофиқат мекард. Худшиносии маънавии одами ибтидоӣ характери нисбатан зиддиятнок дошт: талабот ва рафтор, баҳо ва кирдор ҳануз дар ин ҷо таксим нашуда, дар як шакли ягонагии ибтидоӣ, «табиӣ» амал мекарданд. Шуури ахлокӣ дар марҳалаҳои минбаъдаи таърихӣ ин хусусият аз даст дод.

Пас аз таназзули сохти қабилаҳо ва пайдо шудани моликияти шахсӣ хусусияти маҳдуди маҳаллии дастурҳои ахлоқии ибтидоӣ, ки танҳо ба ҳамқавмон дахл дошт, бартараф карда шуд. Ин раванд ҳамчун падида дар бораи арзиши ахлоқии ҳар як инсон, новобаста аз пайдоиши хешутаборӣ, аз фарқиятҳои нажодӣ ва миллӣ тасаввуротро оғоз бахшид[ 1, С.17-22].

Албатта, бояд гуфт, ки болоравии худшиносии ахлоқии шахс бо зуҳури чунин ифлосиҳо сурат мегирад, ки ҷомеаи қабилавӣ онро намедонист. Аммо дар баробари ин иллатҳо хислатҳои нав пайдо шуданд, ки бо инкишофи худи шахсият алокаманданд. Дар бораи гузаштан ба ахлоқи ҷамъиятҳои синфӣ назар афканем бо як ҷараёни шадид сурат гирифта, аҳамияти аз даст додани он хислатҳои ахлоқи умумиро, ки муносибати мусбатро нисбат ба худ бедор мекунанд, яъне пайгирӣ, аҳамияти умумиҷаҳонии онро дарк кардан лозим аст. Вале бояд иброз дошт, ки фазилатҳо ҳам дараҷаи камолоти хосси худро доранд: як чиз покии ахлоқии кудак бошад, чизи дигар наҷиби ахлокии калонсолон, ки мактаби сахти зиндагиро тай кардааст.

Ба андешаи олимони ватанӣ А. Нуров ва Х. Раҳимов ахлоқ таърихан баробари тараққиёти ҷамъият тағйир меёбад. Дар ҳар давру замон, махсусан дар сохти ғуломдорӣ, феодалистӣ ва капиталистӣ, ахлоқи ягонаи халқҳо вуҷуд надошт: табақаи болонишин ахлоқи

ҳукмравоӣ ва табақаи поён ахлоқи фармонбардорӣ доштанд, бахусус ахлоқ хусусияти синфӣ гирифта буд. Аз ин лиҳоз, ахлоқ категорияи доимии тағйирёбанда буда, он бо мурури замон таҷдид ва бо эътибори афкори ҷомеа дастгирӣ меёбад. Дар ҳамин қатор талабот ба ахлоқ, нормаҳо, феълу одат, ғояҳои муайян афзоиш ёфта, ба тарзи пешниҳод нисбат ба одам чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад, дар ҷомеа чӣ тавр рафтор намояд низ қабул карда мешавад [8, С.217].

Сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ахлоқи ғуломон ба мо маълумоти нисбатан кам овардаанд. Ин ҳам бошад, тасодуфӣ нест, чунки ғуломдорӣ оромӣ ва тартиботи иҷтимоиро таъмин мекард, ки барои рушди одобу ахлоқ ва фарҳанги маънавӣ танҳо барои ғуломдорон имконият фароҳам овард. Дар фазои ахлоқӣ ва маънавии давлатҳо ғуломдори тараққи карда ҳамеша ташаннуҷи ташвишоваре вуҷуд дошт, ки аз онтогенези ғуломдорон ва ғуломон ба амал омадааст. Афзоиши табъи эътироз дар низоми ғуломӣ боиси андешаҳои нав дар бораи арзиш ва шаъну шарафи шахсият мегардад [1,С.17-22].

Носозгории воқеии шуури ахлоқии табақаи ғуломдор дар адабиёти ахлоқӣ, санъати он замон инъикос ёфтааст, ки дар он мушкилоти некиву бадӣ, адолату ноадолатӣ, тақдиру озодӣ, фазилат ва зишт бо тамоми мавқеъи худ ба миён гузошта шудааст.

Ҳамин тавр, дар замони қадим ақидаҳои гуманистӣ дар бораи мақсади одам, мазмуни ҳаёти ӯ ташаккул меёбанд. Ва гарчанде ки дар он вақт аллакай дар байни принсипҳои эълоншуда ва амалияи рафтор фосила мавҷуд буд, аммо худи пешравии талаби худшиносӣ, баробарии ҳамаи одамон дар назди меъёрҳои ахлоқӣ, таъкид намудани шаъну эътибори ҳар як фард дар инкишофи таърихии ахлоқ қадаме ба пеш буд.

Дар иртибот ба ин масоил албатта бояд қайд намуд, ки мансубият ба синф моликияти ҷудонашавандаи фардӣ аст, яъне обрӯйи маънавии шахс ба мақоми шахс вобаста буда, ба доштани сифатҳои табиии ахлоқие, ки аз таваллуд ба ӯ дода шудааст, ба назар мерасад. Тамоили арзишмандии шуури ахлоқии сохти феодалӣ ба мақомҳои иерархикии тобеи синфию бонуфузи аз тамоили арзишмандии шуури ахлоқии марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ фарқ мекунад.

Ахлоқи сохти феодали аз як қатор меъёрҳои асосии муассисаҳо иборат аст, ки шаъну шарафи синфӣ, вафодории синфӣ, мардонагӣ, саховатмандӣ, меҳмоннавозӣ, парҳезгорӣ ва уҳдадории сарпарастии аъзоёни корпоратсияро дар бар мегирад.

Урфу одатҳои феодалӣ умуман аз ҷиҳати дохилӣ ба андозаи муайян мухолиф буданд. Ахлоқи сохти феодалӣ нисбат ба урфу одатҳои сохти ғуломдорӣ қадаме ба пеш аст. Дар баробари ин ташаббус ва инкишофи шахсиятро бо занҷири вобастагии синфӣ ва таассуби динӣ баста буданд.

Фаҳмиши нави тақдири одам, шаъну шарафи ахлоқӣ ва маънавии вай ба кашфи умумии одам, ки бо вобастагии синфӣ маҳдуд шуда буд, ба назар мерасид. Чунин бозёфт бо эътиқод ҳамроҳ буд, ки бемаҳдуд рушди худшиносии инсон ӯро мустақиман ба камолоти ахлоқӣ ва нохушбахтӣ мебарад. Маҳз ҳамин идеяи илҳомбахш, гарчанде соддалавҳона буд, ки боварӣ ба рушди озоди инсон, ки то андозае дар заминаи муносибатҳои моликияти хусусӣ ба даст овардан мумкин аст ва рақобат ягона роҳи имконпазири ин эълон шудааст[9, С. 17-36].

Бо ёрии мафҳумҳои «инсоф» ва «вазифа» ахлоқ дар гузашта бо воситаҳои худ ба фаъолияти соҳибкорӣ моҳиятан дастгирӣ мекунад, ба нигоҳ доштани обрӯйи кории онҳое, ки аллакай сармоя доранд, кумак мекунад. Лаҳзаҳои умумибашарии инсонӣ, ки воқеан дар талаби вазифа ва ростқавлӣ мавҷуданд, дар ин ҷо худи ҳаёт ба амалияи маҳдуд мутобиқ карда шудааст. Бояд гуфт, ки нишондиҳандаи муҳими пешрафти ахлоқӣ афзоиши қобилияти он барои таъсири судманд расонидан ба раванди озодшавии иҷтимоӣ ва такмили маънавии шахсият мебошад.

Дар таърихи инкишофи шуури ахлоқӣ худи усулҳи назорат ва танзими ахлоқии рафтори одамон такмил меёбад. Урфу одат, маросим ва расму оинҳое, ки пештар барои одам як вақтҳо шаклҳои муқарраршудаи рафтору кирдорро роҳандозӣ мекарданд, акнун он чиро, ки дар ин марҳилаи инкишофи ахлоқ ба даст оварда шудаанд, мустаҳкам менамоянд. Ҳамаи ин дар муносибатҳои иҷтимоӣ устуворона муқаррар карда шудааст ва аз ин рӯ, интихоб ва таваккалро талаб намекунад, ба одат табдил меёбад.

Бешубҳа, прогресси ахлоқӣ яке аз ҷиҳатҳои асосии прогресси ҷамъиятию таърихии инсоният мебошад. Қонунҳои асосии охирин, ки дар арзишҳои зиндагӣ ва фарҳанг, ниёзҳо ва ҳадафҳои рушди шахсият ба таври хос инъикос ёфтаанд, раванди ахлоқиро низ муайян мекунанд[3, С.-24].

Бояд гуфт, ки ҳар яке аз роҳҳои азхудкунии маърифати олам аз тарафи одам, аз ҷумла ахлоқ хусусиятҳои ба худ хос, механизми психологии худ, вазифаҳои махсуси худро дорад ва аз ин рӯ, вазифаи муайян кардани меъёри пешравии ҳар кадоми онҳо хело муҳим мебошад. Ин меъёрҳои алоҳида нишондиҳандаҳои умумии иҷтимоии инкишофи болоравии ҷамъиятро дар таърих пурра карда, барои дидани диалектикаи ҷараёнҳои гуногуни маданият ва ҳаёти инсон дар ҳаракати умуми кумак мекунанд.

Ҳамин тариқ, меъёри инкишофи ахлоқӣ чунин дурнамои мушаххаси шахсро дар таърих, аз қабили дурнамои такмили меъёрӣ-арзишии ӯро ошкор месозад, имкон медиҳад, ки идеали инсонпарварии ҷомеа ва шахсият аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Пешравии инсоният инкишофи ахлоқ ҳаракати прогрессивии он аз як зина ба зинаи дигар пеш меравад. Саъю кушиши пай дар паи наслҳое, ки дар давраи таърихӣ ҳамдигарро иваз мекарданд, мубориза̄и қувваҳои пешқадами ҷамъият барои муносибатҳои ахлоқии одамон шароити нави мусоидро ба вуҷуд овард, ки ин раванд даршуури нави ахлоқӣ, чунин тарзи тафаккури меъёрию арзишнокро ташаккул дод ва ба такмили маънавии шахс торафт бештар мувофиқ гардид. Ҳар як марҳилаи минбаъдаи инкишофи шуури ахлоқии шахс аз ҷихати таърихӣ баланд мегардад, зеро дар он масъалаҳои мураккаби инсонӣ пухта ҳал карда мешаванд, олами маънавии инсоният бой мегардад. Инкишофи ахлоқӣ ҳамчун раванди мураккаби диалектикии нашъунамои принсипҳои гуманистӣ дар шуур ва фаъолияти одами эҷодкор амал мекунад. Ташаккули ахлоқӣ дар зери аломати гуманизми умумибашарӣ аз ташаккули шахсияти типи нав, яъне одами баркамол инкишофёфта, аз такмили шуури ахлокии ӯ, ба мақсад мувофиқ будани ҷустуҷӯйҳо, накшаҳо ва амалиёти вай ҷудонашаванда аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки шуури ахлоқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятист, ки вазифаи танзими одамонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бидуни истисно иҷро мекунад.

Сохтори шуури ахлоқӣ мазмуни тарбияи ахлоқиро муайян мекунад, ки он хеле серҷабҳа ва васеъ мебошад.

Рушди мазмуни тарбияи ахлоқӣ яке аз масоили мураккаб ва ба кадри кифоя омухтанашудаи педагогӣ мебошад, ки дар асарҳои назариявӣ ва методӣ аксар вақт ба таври умум, бе мушаххасоти зарурӣ ошкор карда мешавад.

Системаи муносибатҳои ахлоқие, ки дар ҷомеаи мушаххас ташаккул ёфтаанд, ин ё он хусусияти шуури ахлоқиро муайян намуда, дар хусусияти фаъолияти он, дар хусусиятҳои сохтори он зоҳир мегардад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ сохторҳои гуногуни шуури ахлоқӣ вуҷуд доранд. Тарзи махсуси зиндагӣ боиси он гардид, ки одам анбори махсуси шуури ахлоқӣ дошта бошад, ки дар он муносибати ӯ ба муҳити ҷамъиятӣ, ба худ, ба тамоми олам ифода ёфтааст. Намудҳои гуногуни шахсият, ки муносибатҳои хосси иҷтимоии замони худро ифода намуда, меъёрҳо, мамнуъиятҳо, идеалҳои мазмуни хоси ахлоқию маънавии худро доштанд. Тафовути мазмуни шуури ахлоқӣ низ боиси тафовути сохти он, тарзу усулҳи танзими рафтори одамон гардид.

Бо вуҷуди ин, дар бораи баъзе хусусиятҳои умумии сохтори шуури ахлоқӣ, ки онро аз дигар намудҳои шуур (илмӣ, бадеӣ ва ғайра) фарқ мекунанд, сухан рондан мумкин аст. Инҳо хусусиятҳои васеътарини абстрактии ахлок, аз кабили механизмҳои иҷтимоию психологии он мебошанд, ки аз ҷихати шакл дар одамони давраҳои гуногун ба ҳам монанданд, аксар вақт мазмуни дигари меъёриро тасдиқ мекунанд.

Фаъолияти инсон соҳаҳаи гуногуни истеҳсолот ва ҳаёти иқтисодиро фаро мегирад ва шуури фард дар ҳар яке аз ин соҳаҳо хусусиятҳои хосси худро пайдо мекунад, ғайр аз ин, хусусиятҳои вобаста ба синну соли инкишофи инсон таъсир мерасонад. Бинобар ин, дар бораи шуури бачагон, дар бораи шуури ҷавону калонсол, инчунин дар бораи шуури одамони табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, дар бораи шуури ҷамъиятию сиёсӣ ва бадеӣ сухан рондан комилан қонунист. Барои фаҳмидани моҳият ва хусусиятҳои шуури ахлоқӣ ба ифшои муфассалтари моҳият ва сохтори шуур ҳамчун падидаи умумии инсонӣ муроҷиат мекунем. Зеро дар педагогика ин гуна масъалаҳо воқеан баррасӣ намешаванд. Зимнан, дарки илмии ин мафҳум дар робита ба педагогика аҳамияти калон дошта, барои амиқтар ошкор намудани равишҳои назариявӣ ва методологии инкишофи он дар байни хонандагон кумак мерасонад.

Ҷудо кардани сохтори шуури ахлоқӣ, ки барои давраҳо ва ҷомеаҳои гуногун маъмул аст, мушкили методологиро пеш оварда, яке аз масъалаҳои баҳсбарангези этикаи муосир

мебошад, ки дар ҳоли таҳия қарор дорад. Аммо бе абстраксияи сохти умумии шуури ахлоқӣ кор кардан мумкин нест. Вагарна ахлоқ ба марҳилаҳои ба ҳам вобаста набуда ҷудо мешуд, инкишофи ахлоқро ҳамчун падидаи як навъ, ки дар тағйирёбии шаклҳои сифатӣ ва хосси худ идомаи хос дорад, дарк кардан номумкин мебуд. Аммо ин сохти умумиро танҳо дар асоси системаи аз ҷиҳати таърихӣ пурмазмуни ахлоқ ҷудо кардан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки унсурҳои таркибии сохтори шуури ахлоқӣ меъёрҳо мебошанд. Меъёри ахлоқӣ ҳамчун як шакли талаботи ахлоқӣ муайян карда мешавад, ки рафтори одамонро тавассути мамнӯъиятҳо ва дастурҳои умумӣ, ки ба як намуди амалҳо дахл доранд, танзим мекунад. Бар хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ахлоқӣ на бо қудрати давлат, балки бо қудрати урфу одат ва афкори ҷамъиятӣ тасдиқ карда мешаванд. Онҳо ҳам дар шуури ҷамъият ба таври стихиявӣ ташаккул мeёбанд, на дар натиҷаи конуни махсус баровардаи касе. Меъёрҳои ахлоқӣ ҳанӯз худ ба худ дастури кофии рафтори инсон шуда наметавонанд ва аз рӯйи универсалии абстрактии худ истисноҳои эҳтимолии марбут ба ҳолатҳои махсусро пешбинӣ намекунанд. Аз ин ру, масъалаи дар вазъиятҳои конкретӣ татбиқ карда шудани ченакҳои муайяни ахлоқ бояд дар асоси мазмуни умумии бештар ва дар айни замон бештар конкретии принсипҳои ахлоқӣ хал карда шавад. Меъёрҳои ахлоқӣ унсурҳои шуури ҷамъиятии ахлоқӣ мебошанд, ки дар он ба системаи муайяни вобастагӣ ва тобеияти байниҳамдигарӣ ташаккул мeёбанд. Ин як сохтори устувори дар шуури ҷамъиятӣ муқарраргардидаи арзишҳои ахлоқии гиреҳ мебошад, ки бо баъзе тафовутҳо дар шуури фард таҷассум ёфтааст. Одамон одатан майл доранд, ки муносибатҳои ҷамъиятии гирду атроф, амалҳои мушоҳидашударо тавассути призмаи меъёрҳои ахлоқии ҳукмрон, ки рафтори онҳоро танзим мекунанд, арзёбӣ кунанд.

Дар меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун танзимкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ моликияти хосси онҳо, намоён мешавад. Манфиати ҷамъиятҳои иҷтимоӣ (коллективҳо, гурӯҳҳо, синфҳо, ҷамъият), эҳтиёҷоти иҷтимоии рафтори мутобиқшуда ва мураттабонаи одамон дар меъёрҳои талаботи ахлоқӣ пушонда шудаанд: «ин корро кун, зеро ин хуб аст», «ин корро накун». , зеро ин бад аст». Як ва ё як чанд меъёр, гӯем, талаботи ростқавлӣ, метавонад ҳам дар шакли мамнуъ ва ҳам ҳамчун дастури мусбат ифода шавад: «дурӯғ нагӯ» ва «танҳо рост бигӯ». Дар меъёрҳои ахлоқӣ, гуё таҷрибаи муфиди ҷамъиятию таърихии бисёр наслҳо дар шакли фармон чамъ карда шудааст. Тамоми гуногунии нормаҳо, коидаҳо, принсипҳои ахлоқӣ, ки дар шуури ҷамъиятии одамони ин ё он давра, ин ё он ҷамъият ҷойгир шудаанд, ба таври муайян тартиб дода мешавад. Ҳама унсурҳои сохтории шуури ахлоқӣ дар робитаи мутақобилан тобеъ ба якдигаранд. Ба ин ё он намуд мансуб будани шуури ахлоқӣ принсипи махсусеро муайян мекунад, ки сохтори шуури ахлоқиро ҳамчун яклухтии сифатӣ тавсиф мекунад. Масалан, шуури ахлоқӣ ба принсипҳои асосӣ: адолат, коллективизм, меҳнатдустӣ илҳом мебахшад.

Бояд гуфт, ки дар шароити муосир дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳамаи ҷанбаҳои ташаккули ахлоқии шахсиятро тавассути шарҳи илмии асосноки ин масъала ба эътибор гирифтан зарур аст. Сохторҳои аз ҷиҳати таърихӣ хосси шуури ахлоқӣ, чун қоида, дар таркиб ва тобеияти гуногуни унсурҳои онҳо - меъёрҳо ба он принсипҳои махсус, ки якпорчагии шуури ахлоқиро таъмин мекунанд, фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, аввалин бор дар шуури ахлоқӣ чунин принсипхо ба монанди коллективизм, гуманизми ҳақиқӣ ва гайра ниҳоят тасдиқ мешаванд. Баъзе ченакҳои куҳна бо мазмуни нав (инсоф, шараф, вазифа, сарфакорӣ, виҷдон ва ғайра) пур шудаанд. Баъзе асосҳои ахлоқӣ тамоми мазмуни куҳнаро (масалан, ақидаҳо дар бораи адолат, ватандӯстӣ, шаъну шарафи шахсӣ, мазмуни ҳаёт, бахту саодат, идеали ҷамъият ва инсон) ба таври куллӣ, якбора тағйир медиҳанд. Як қатор қоидаю меъёрҳое, ки мазмуни умумибашарӣ доранд (хамдилӣ, миннатдорӣ, ростгуӣ, хоксорӣ, хушмуомилагӣ, дӯстӣ, самимият, саховатмандӣ, нозукӣ) бой ва мустаҳкам мешаванд. Ҳамин тавр, дар таркиб ва тобеияти унсурҳои он тадриҷан тагйир мeёбад.

Тасдиқи меъёру арзишҳои коллективӣ, принсипҳо ва идеалҳои ҷомеаи демократӣ ҳадафи асосии стратегии тарбияи ахлоқӣ мебошад. Вазифаи воқеии тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар марҳалаи кунунӣ ташаккули мавқеъи фаъолу ҳаётбахш, масъулияти баланди шаҳрвандии шахс, яъне ташаккули шахсияти ботинӣ омода ва дорои малакаҳои зарурӣ мебошад ваба кори чамъиятии давлати демократӣ, эътимоднок ҳиссаи шахсӣ гузорад. Бояд гуфт, ки тарбияи ахлоқӣ на танҳо соҳаи касбӣ, балки фаъолияти васеи ғайрикасбӣ ҳам мебошад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки раванди ҷамъиятии тарбияи ахлоқӣ ягон шакли ташкилиро ҷиддӣ дар назар надорад ва иштирок дар он донишу малакаи махсусро талаб

намекунад. Баръакс, азбаски ҳар як одам ба ин ё он роҳ (ҳамчун падару модар, муаллим, мураббӣ, роҳбар ва ё ҳамчун аъзои коллективи меҳнатӣ, тарбиявӣ, варзишӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ) вазифадор аст, ки нақши тарбиятгари ахлоқ» бояд ба чунин нақш ба таври муайян тайёр шавад.

Албатта, дар марҳилаи имрӯза ба ҳар як шахс минимуми муайяни донишҳои махсуси ахлоқӣ, педагогӣ, сотсиологӣ, психологӣ ва ҳатто тиббӣ, малака ва маҳорати дахлдори ташкилотчигӣ эҳтиёҷ дорад. Вазифаҳои мураккаби тарбияи ахлоқӣ дар шароити ҳозира ҳануз пурра ҳал нашуда, пеш аз ҳама такмили усулҳои фаъолияти тарбиявиро талаб мекунанд, ки ба ташаккули ягонагии рафтору шуури мактаббачагон ва синну соли хурду калон нигаронида шудаанд.

Имрӯз дар назди мо мушкитлоти дар омили инсонӣ пурзур намудани мотиви маънавӣ барои ба вуҷуд овардани муҳити иштироки манфиатноки на танҳо ҳамаи муаллимон, балки ҳар як шахс дар тезондан ва такмил додани тараккиёти иҷтимоию иқтисодии ҷамъияти нави демократӣ истодааст.

Тарбияи ахлокӣ дар худи амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳаматарафа ба амал бароварда, ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётии шахс, ҳисси баланди шаҳрвандиро вазифаи худ мегузорад.

Системаи меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқие, ки дар ҷомеаи муосир ташаккул ёфтаанд, ба шарофати мавқеи фаъоли ботинии ӯ, дар ҷараёни амалҳои воқеии ӯ, ки интихоби ахлоқӣ ва масъулиятро барои он талаб мекунанд, танзимгари ҳақиқии ҳаёт ва фаъолияти шахс мегардад. Дар асоси ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки хислати ахлоқии инсон, пояҳои ахлоқии ӯ дар раванди ҳаёти воқеӣ ба вуҷуд омада ва инкишоф меёбанд[2, С. 54-56].

Бояд гуфт, ки тарбияи ахлоқӣ дар шароити анъанаҳои қаблан муқарраршуда сурат мегирад, ки дар он талаботҳои ахлоқие, ки ба гузашта бармегарданд, бо он чизҳое, ки дар муносибати одамони имрӯза вуҷуд доранд ва бо онҳое, ки ба наздикӣ таваллуд шудаанд, равона карда мешаванд.

Мақсади асосии тарбияи ахлоқӣ расидан ба идеали шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, мутаносиб дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии муосир мебошад.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди тарбияи ахлоқӣ ҳамчун як масъалаи мубрами педагогӣ бояд бо назардошти омезиши ахлоқи дар ҷомеа мавҷудбуда бо дигаргуниҳои прогрессивии он, ки боиси таҷдиди ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад, бунёд карда шавад.

Раванди ахлоқӣ, ба вуҷуд омадани шахсияти типи нав муҳимтарин марҳалаи инкишофи ахлоқии инсоният мебошад. Имрӯз мо бояд барои рушди пешрафти ахлоқӣ, ки дар зери аломати инсондӯстии умумибашарӣ сурат мегирад, аз ташаккули шахсияти типи нав – одами барҷаста-инкишофёфта, аз такмили шуури ахлоқии ӯ ба мақсаднок будани наҷиб ҷудонашаванда саъй кунем ва саҳм гузорем.

Дар иртибот ба ин масоил олими рус Ю.П. Петров иброз медорад, ки «Марҳилаи нави таърихии тараққиёти ҷамъият ҳам чуқуртар ҷамъ кардани ҷамъиятии меъёрҳои ахлокӣ ва идеали ахлоқиро талаб мекунад, зеро муҳарики асосии прогресс, рӯҳи он шахс буд, мебошад ва хохад монд»[ 7, С.130].

Тарбияи ахлокӣ аз овони бачагӣ сар шуда, дар тамоми умр — дар мактабҳо, донишкадаҳои олӣ, корхонаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва муассисаҳои илмӣ давом мекунад. Аммо имрӯз ва фардо ниҳоят муҳим аст, ки насли наврас дар муассисаҳои таълимӣ чи гуна тарбия мегирад. Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем масъалаи моҳият ва мазмуни тарбияи ахлоқиро ба миён гузорем. Ҳангоми дарки моҳияти ахлоқ, бояд дар назар дошт, ки калимаи «ахлоқ» аксар вақт ҳамчун синоними ин мафҳум баромад мекунад. Аммо, дар доираи ахлоқ мафҳумҳои гуногун фарқ мекунанд. Дар ин маврид ахлоқ ҳамчун низоми меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботи рафтори фард дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият, ахлоқ бошад ҳамҷун маҷмӯи малакаву одатҳои шахс, ки бо риояи ин меъёрҳо алоқаманд буда, зери мафҳуми меъёрҳо, қоидаҳо,талабот ва ғайра маънидод карда мешавад. Ин тафсирҳо барои педагогика хеле мувофиқанд. Вай ташаккули ахлоқ ё шахсияти аз ҷиҳати ахлоқӣ тарбияёфтаро на танҳо бо донистани меъёру коидаю принсипҳои ахлоқӣ, балки бо риояи катъӣ низ алокаманд мекунад[10, С.380–382].

Ҳамчунин,меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳо ва талабот оид ба рафтори фард чизе ҷуз ифодаи муносибатҳои муайяне мебошанд, ки ҷомеаи ахлоқӣ ба хислат ва рафтори шахс дар соҳаҳои

гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, инчунин дар муошират бо одамони дигар муқаррар кардааст. Тарбияи ахлоқӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ пеш аз ҳама ба таъсири мақсадноки чунин муассисаҳо, монанди коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мактабҳо, воситаҳои ахбори омма, оила, адабиёт, санъат ва ғайра асос меёбад. Тарбияи ахлоқӣ дар бунёд ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешрафти маънавиёти мардум, рушди адабиёт, санъат ва дигар соҳаҳои ҳаёти фарҳангии ҷомеа нақши махсусан муҳим дорад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки маҳз дар зери таъсири тарбияи ахлоқӣ дар ҷавонону наврасон чунин эътиқоду эҳсосоти ахлоқӣ ташаккул меёбанд, ки эътимоднокии рафторро дар ҳолатҳои гуногун муайян намуда, ба худтаълимдиҳӣ, худдорӣ ва такмили он ҳавасманд мегарданд. Демократиконии ҳаёти чамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар проблемаҳои педагогӣ бисёр ҷанбаҳои тарбияи ахлоқиро ба таври нав ба миён мегузорад: роли предмети интихоби ахлоқии шахс якбора баланд мешавад — нисбат ба сифатҳои ахлоқӣ ва ихтиёрии одам дар вазъиятҳои гуногун — аз оддӣ яъне ҳаррӯза то олӣ зиёд ва талабҳои баланд гузошта мешавад. Баҳои ҷӯстуҷӯйи ахлоқии шахс ва масъулият барои мазмуни онҳо меафзояд. Дар такмили ҷамъияти демократии мо дар шароити ҳозира арзишҳои инсондустӣ ва адолат баланд мешаванд ва бояд гуфт, ки ҳамаи инро системаи босамари тарбияи ахлоқӣ пурра таъмин карда метавонад.

## АДАБИЁТ:


1. Ғафуров Б. Тоҷикон,ҷилди 2; Душанбе, 1983. С.17-22
2. Лутфуллоев М. Пандномаи Аҷам. – Душанбе, 2004, С. 54-56
3. Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат. – Душанбе: Маориф, 1994. С.-24
4. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат / Душанбе, - 2003.
5. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам/ / М.Л. Лутфуллоев. – Душанбе: Дониш, 1997. –148 с.
6. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик: (Аз давраи қадим то асри XIII). Кит. 1 (2). – Душанбе: Маориф, 1989. - 424 с.
7. Петров Ю.П. Социально-нравственный потенциал образования. – Свердловск, 1987, С.130;132
8. Раҳимов Х., Нуров А., Педагогика – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2007. С. 217
9. Соколов В.М. Нравственный мир советского человека.- М., 1980. С.17-36
10. Харламов И.Ф. Педагогика - М., 1990. С.380–382.


## ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ҶАВОНОН


Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки таърихи инкишофи шуури ахлоқӣ худи усулҳои назорат ва танзими ахлоқии рафтори одамон такмил меёбад. Инчунин, қайд карда шудааст, ки тарбияи ахлоқӣ ҳамчун омили асосии фаъолияти педагогию психологӣ дар илми педагогика асосҳои илмии худро дорад. Муаллиф баён намудааст, ки омӯзиши ҷанбаҳои назариявии тарбияи ахлоқӣ заминаи ташаккули сифатҳои ахлоқии ҷавонону наврасон гардида метавонад. Инчунин қайд менамояд, ки ташаккул додани сифатҳои ахлоқии ҷавонон меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳо ва талабот оид ба рафтори фард чизе ҷуз ифодаи муносибатҳои муайяне мебошанд, ки ҷомеаи ахлоқӣ ба хислат ва рафтори шахс дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, инчунин дар муоширатбо одамони дигар муқаррар гардидааст.

Ҳамчунин, баён гардидааст, ки дар асоси демократикунонӣ ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар проблемаҳои педагогӣ бисёр ҷанбаҳои тарбияи ахлоқиро ба таври нав ба миён мегузорад: нақши предмети интихоби ахлоқии шахс якбора баланд мешавад, нисбат ба сифатҳои ахлоқӣ ва ихтиёрии одам дар вазъиятҳои гуногун аз оддӣ яъне ҳар руз олӣ зиёд ва талабҳои баланд гузошта мешавад.



**Калидвожа:** *омӯзиш. ҷанба, назария, тарбия, ахлоқ, мавқеъ, ташаккул, шахсият, ҷавонон, арзишҳои миллӣ, анъана, маърифат, принсип, прогресс, проблема, эътиқод, эътимод.*


## ОБУЧЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ И ЕГО РОЛИ В ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТИ МОЛОДЁЖИ


В данной статье представлено, что история нравственного сознания совершенствует методы нравственного контроля и регуляции поведения людей. Также отмечается, что нравственное воспитание как главный фактор педагогической и психологической деятельности в педагогической науке имеет свои научные основания.

Автор констатировал, что обучениетеоретических аспектов нравственного воспитания может стать основой формирования нравственных качеств молодёжи. Также отмечается, что формирование нравственных качеств молодёжи, нравственные нормы, правила требования к индивидуальному поведению являются не чем иным, как выражением определенных установок, которые маральное

общество установило в отношении характера и поведения человека в различных сферах общественной и личной жизни, а также в общении с другими людьми.

Также констатируется, что на основе демократизации общественной жизни Республики Таджикистан, наряду с другими педагогическими проблемами, по- новому поднимаются многие аспекты нравственного воспитания: роль субъекта нравственного выбора человека внезапно повышаются по сравнению с моральным и качествами волей человека в различных ситуациях от обычных, т.е. бытовых до самого высокого уровня и предъявляются высокие требования.

**Ключевые слова:** *обучение, аспект, теория, образование, этика, молодёжь, медицина, образования, культура, психология, потенциал.*

**THE STUDY OF THE THEORETICAL ASPECTS OF MORAL EDUCATION AND ITS ROLE IN SHAPING THE PERSONALITY OF YOUNG PEOPLE**

In this article it is presented that the history of the development ofmoral consciousness improves the methods of peoples behavior. Also, it was noted that moral education as the main factor of pedagogical and psychological activity in the science of pedagogy has its own scientific foundations. The author stated that the study of theoretical aspects of moral education is the basisfor the formation of moral gualities Communication foundations.The autor stated that thestudy of theoretical aspects of moral education is the basis for the formationof moral gualities. to the behavior of the individual, they are nothing but the expression ofcertain attitudes that the moral society has established to the character and behavior of a personal life, as well as in communication with other people. It is also stated that, on the basis of democratization, the public life of the Republic of Tajikistan,along with otherpedagogical problems, raises many aspects of moral education in a new way: the role of the subject of a persons moral choice is suddenly increased,compared to moral gualities. and the will of a person in different situations is simple, that is, every day, it increases to the highest, and high demands are made.

**Key words:** *study, aspect, theory, education, ethics, youth, medical, education, formation, culture, psychology.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шуҳрати Боғибек -мудири кафедраи тиббӣ ҳолатҳои фавқулодда мудофиаи шаҳрвандӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбии МДТ Коллеҷи тибби ҷумҳуриявӣ, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Айни 126. E mail; Shuhrat-@mail.ru тел: +(992) 900216464*

**Сведения об авторе:** *Шуҳрат Боғибек -заведующий кафедрой медицины катастроф, гражданской обороны и начальной военной подготовки ГМУ, республиканский медицинский колледж, соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126, Shuhrat-@mail.ru тел: +(992) 900216464*

**Information about the author:** *Shuhrat Bogibek- head of the Department of Civil Defense Disaster and Basic Military Training, State Medical University, Republican Medical College, is a candidate for the Departament of General Padagogy of the Tajik State Pedagogikal University named after Sadriddin Aini, Addres; Rudaki Avenue 121, Dushanbe, Phone; Shuhrat-@mail.ru tel: + (992) 900216464*

# ПЕШГИРИИ ЗАРАРИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ БА НАВРАСОН

***Бобокалонов Суҳроб Нозимович***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Проблемаи дилбастагии кӯдакон ва ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ ба яке аз мушкилоти асосии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷамъият дар шароити муосир табдил ёфтааст. Вобастагии ҷавонон аз инкишофи компютер ва интернет раванди ҷудои нопазир аст. Табиатан, агар решаи ин бадбахтиро кобем, маълум мешавад, ки сабаби асосии он волидон мебошанд. Онҳо шароит муҳайё намуданд, ки фарзанди хешро дар паси мизи компютер шинониданд, ки ба касе халал нарасонад. Дар баробари ин, ба ҷойи бо ӯ гап задан, изҳори муҳаббати хеш, ӯро яккаю танҳо дар муошират бокомпютер гузоштанд [1, с.74].

Барои инсони ба вобастагии бозиҳои компютерӣ мубтало, аз ҳама кори муҳимтарин дар ҳаёти ӯ бозиҳои компютерӣ мебошад. Ба ҳолати бозӣ ворид гардида, инсон ба воқеияти дигар дохил мешаванд, аз он рангҳои гуногуни ҳаётро дарк намуда ҳаловат мебарад. Дар ҳаёти ҳаррӯза ин омил чун одат инсонро ба инсони ба худаш хос табдил медиҳад.Воқеияти тахайюлӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки хешро муҳимму даркорӣ ва меҳвари дарк намуда, аз ин нақши тахайюлии хеш баланд ва хурсандӣ намоянд.

Ба таърихи мубталошавӣ ва инкишофи бозиҳои мафтункунанда мурoҷиат карда, бо бисёр гуфтаҳои мардуми Ҳиндустон, Филиппин, Хитой, Япония ошно гардидан мумкин аст.

Дар онҳо нақл карда мешавад, ки мардҳо ба сифати гарав дар чунин бозиҳо зан, духтар, хоҳар, модар ё ягон узви баданашонро бохтаанд.

Олими соҳаи психология К.В. Зорин дар он хусус андешаронӣ менамояд, ки дар мамлакати мо бозиҳои зиёди диққатҷалбкунандаи «зӯроварӣ ва таърихии фоҷиавӣ» мавҷуданд. «Дар Россияи православӣ диндорон ва ҳокимият, хатари бозиҳои дилхуширо дарк намуда, ба сарлашкарон (воеводҳо) супориш доданд, ки аз болои одамони дар бозиҳои сархушкунанда ширкат варзанда ҷиддӣ назорат баранд». [2, с. 86].

Дар замони ҳукмронии Петри I дар Россия райият ҳуқуқ надошт, ки бо пул қартабозӣ кунад, агар ин ҳолат ошкор карда мешуд, ба он шахс ҷазои сахт медоданд. Пас аз инқилоби Октябри соли 1917 тамоми марказҳои дилхушӣ (казино) ва хонаҳои бозӣ нест карда шуданд, нисбат ба онҳо ҷазои ҷиноӣ дида мешуд. Сабаби асосии он, аз хатар ҳифз намудани оила, ҷамъият ва давлат маҳсуб меёфт.

Имрӯз дар мамлакати мо муҳимияти ин масъаларо дарк намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» - ро қабул намуд, ки яке аз мақсадҳои асосии он ба танзим даровардани масъулияту рисолати волидон дар тарбияи фарзанд ва беназорат нагузоштани фарзандон дар бозиҳои дилхушӣ мебошад.

Ҳатто волидон барои ба хона баргаштани фарзандон дар вақт ва соати муайян масъуланд ва дар назди қонун ҷавобгаранд. Ин як омилест, ки робитаҳои байниоилавиро устувор мегардонад ва ҳар аъзои оиларо масъулиятшинос менамояд.

Дар романи Ф.М., Достоевский «Бозигар» оварда шудааст, ки ҷавони дар зери таъсири бозиҳои дилхушӣ монда, худашро дигар идора карда наметавонад ва то он даме дар бозӣ ширкат меварзад, ки охирин тангаашро бой надодааст. Дар ин таҳқиқот мебинем, ки ҳатто шахси боақл ва дорои таҷрибаи калони ҳаётӣ наметавонад бо дилхушӣ муқобил истад, аз ин рӯ, ба худ тассавур кунед, ки бо ҷисму ҷони кӯдаку ҷавон дар ҳолати майл пайдо намудан бо бозиҳои компютерӣ чӣ хатар ё фоҷиа таҳдид менамояд.

Илман исбот карда шудааст, ки бозиҳои дилхушӣ дар ҷисми инсон реаксияҳои химиявиро ба вуҷуд меоранд. Бозигар ҳамеша таваккал намуда, дар зери таъсири эҳсос ва эҳтиёткорӣ қарор мегирад. Дар ҳолати бурд ё бохти начандон хурд ё калон дар хуни онҳо адреналин ҳамроҳ карда мешавад, ки ҷисм ба он одат пайдо менамояд.

Майлу хоҳиши баланд ба бозиҳои компютерӣ вобастагиро ба вуҷуд оварда, таркиби кортизолро баланд бардошта (гормони зери гурдаҳо), ба табаддулоти моддаҳо таъсир ворид менамояд. Пошидани картизол дар зери таъсири дофамин – ашёи тавлидкунандаи фараҳмандӣ рӯй медиҳад.Дофамин, инчунин, дар ташаккул ёфтани вобастагӣ аз нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир ширкат меварзад ва аз ин рӯ бозиҳои компютерӣ бо маводи мухаддир ва нӯшокиҳои мадҳушкунандаи спиртӣ дар як қатор меистад.

Вобастагии шадид аз бозиҳои компютериро шартан ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст: а) вобастагии интернетӣ, б) вобастагии бозиҳои компютерӣ. Лекин дар синну соли ҷавонӣ бачаҳо бештар ба вобастагии бозиҳои компютерӣ гирифтор мегарданд, лекин дар давраи камолот бештар онҳоро вобастагии интернетӣ таҳдид менамояд. Бачагон ва ҷавонон ба ин ҳолат аз беназоратӣ ва бетафовутии падарону модарон мубтало мешаванд.

Барои волидон аломатҳои асосии вобастагии компютерии бачагон ва ҷавононро номбар менамоем:

- бача майлу хоҳишро ба дигар машғулиятҳо гум мекунад;
- ҳамеша интизори ворид гардидан ба шабака мебошад;
- аз пагоҳи барвақ мехоҳад ба интернет дастраст пайдо намояд;
- аз хӯрок, гигиенаи шахсӣ даст кашида, кӯшиш менамояд, ки тамоми вақти дар ихтиёраш доштаро дар компютер сарф намояд;
- назорати вақти бо манфиат сарфшавандаро аз даст медиҳад;
- бемақсад роҳ гум задан дар шабака ва ҷустуҷӯи ҳатто иттилоотӣ тамоман нодаркор;
- оҳиста- оҳиста робита бо волидон суст гашта (инро «бегонашавии эҳсосотӣ» меноманд), муошират бо онҳо дар дараҷаи паст мефарояд;
- реаксияи ғазабноки дар бача баландгардида (зӯроварӣ, хашмгинӣ, дағалӣ, гиря, воҳима) дар тамоми шакли манъкардани кор бо планшет, компютер, телефон дарк карда мешавад;

- дар ҳолати дар компютер банд будани онҳо баръакс, таъби болида дарк карда мешавад.

Падару модар бояд мушоҳидакор бошанд ва ба худ савол гузоранд, ки чаро писарашонро аз телевизор ба осонӣ ҷудо кардан мумкину аз компютер не? Сабаб дар чист, ки писарашон ба осонӣ аз тамошои кино даст кашида, барои иҷрои супориши онҳо рафт, аммо ӯро аз назди монитор ҷудо кардан мумкин нест? Ба ҳамагон маълумаст, ки тамоми филмҳои беҳтарин ибтидо ва интиҳо доранд, аммо бозиҳои компютерӣ хотима надоранд, онҳо тамом нашаванда, мафтун кунанда ва ба худ ғуломкунанда мебошанд, ки дар ҳолати дилбохтагӣ инсон иродаашро аз даст медиҳад.

Падарону модарон, роҳбарони синфу кураторон бояд дуруст дарк намоянд, ки чаро пешвоёни инқилоби ТИ (технологияи иттилоотӣ) фарзандони худро намегузоранд, ки вақти зиёди хешро дар бозиҳои компютерӣ гузаронанд. Масалан, Стив Ҷобс – ихтироъкори айфон мебошад, аммо ба фарзандонаш танҳо машғул шудан бо компютерро танҳо дар рӯзҳои истироҳат ва бегоҳӣ, пас аз ҷамъ шудани аъзои оила ҳангоми хӯроки шом иҷозат медиҳад.

Фарзандони асосгузори Твиттер - Эвана Уилямс аз он норозӣ буданд, ки падарашон барои онҳо дар як шабонарӯз як соатро барои бозӣ дар компютер муқаррар намуда буд. Вақте фарзандон норозигӣ баён намуданд, Эван Уилямс ба онҳо гуфт: «Дар хона садҳо китоби коғазӣ мавҷуданд, агар машғул шудан хоҳед, хонед, чӣ қадаре имкон доред!». [3, с. 135].

Падару модар бояд фаҳманд, ки аз хондани китоб ягон беморию одати номатлуб, вобастагӣ ба рафтори амали ба ду зишт ба вуҷуд намеояд. Китоб маърифати инсонро баланд бардошта, ҷаҳонбиниашро ташаккул дода, андешаро солим ва фонди луғавиро бой мегардонад, муҳаббат, худшиносӣ, ҳувийяти миллиро бедор намуда, ҷойгоҳи волидонро барои фарзандон муайян месозад.

Психологон бо овози баланд дар бораи таъсири манфӣ ва вайронкунандаи бозиҳои компютерӣ ба равони кӯдакону ҷавонон чунин мегӯянд: «бачагоне, ки бо бозиҳои шадиду бераҳмонаи компютерӣ сару кор доранд, бештар зӯровар, моҷароҷӯ, баҳсчӣ, иғвоандоз мегарданд, дар ҳақиқат, душманро дар экран зери тирборон қарор дода, худро фараҳманд ва бехатар ҳис намуда, раҳму шафқатро фаромӯш мекунанд».

Мутобиқи андешаи К. В. Зорин, ин рафтору амал дар донишҷӯ андӯҳ ва дарки дарди дигаронро ба вуҷуд оварда наметавонад, баръакс, онҳо моҳияти ҳастии хешро дарк намуда, худро одами олӣ меҳисобанд, ки рафта - рафта ин пиндор ба одат табдил ёфта, ҳаёти осудаи оила ва ҷамъиятро зери хатар мегузорад» [4, с 94].

Қайд кардан бомаврид аст, ки вобастагии компютерӣ ё интернетӣ ба одамони калонсол низ мансуб мебошад. Волидон набояд хотирҷамъ бошанд, ки фарзанди онҳо дар синфи ибтидоӣ мехонад, ё онро хатм карда, ҳоло дар синфҳои болоӣ таҳсил менамояд. Ё фарзанди онҳо донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ё олии касбӣ мебошад ва аз ин хатар эмин аст.

Майлу хоҳиш пайдо намудани ҷавонон ба интернет сирри муайяни психологӣ дорад: чун қоида, одамоне ба он майл пайдо менамоянд, ки психикаи ноустувор доранд ва аз худ қаноатманд нестанд. Чунин одамон худбаҳодиҳии паст дошта, бо онҳо муносибати муътадил барқарор намудан номумкин аст. Аз ин рӯ, бо бозиҳои интернет ва компютер зуд дилбохтагӣ пайдо намуда, тобеи он мегарданд. Тавассути бозиҳои компютерӣ кӯшиш менамоянд, ки моҳияти ҳастии хеш, худ баҳодиҳии арзишҳои хешро дар чашми одамон бинанд, худро дар чашми одамон машҳур гардонанд, ки он рафта – рафта ӯро ба «асири» бозӣ табдил медиҳад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки тамоми раванди вобастагии компютерӣ ва бозӣ, ин натиҷаи робитаи байни одамон, дохилӣ (дар худи инсон) ва мушкилоти маънавӣ мебошад.

Ҳамин мушкилот ба муносибати байни ҳамдигарии аъзои оила таъсир расонида, муносибати волидон ва фарзандонро нисбат ба ҳамдигар тезутунд мегардонад. Ин омил ба анъанаҳои ташаккулёфтаи оила таъсири манфӣ расонида, муносибатҳои дохили оилавиро ба боди фано медиҳад. Ворид гардидани фарзанд ба олами тахайюлӣ ё вобастагии бозиҳои компютерӣ ба муносибатҳои оилавӣ зарбаи ҳалокатовар расонида, барои одамони мубталои ин бозиҳо шиносони нави онлайнро таъмин менамояд. Дар зери таъсири шиносони нави онлайн фарзандон иқтидори идора намудани рафтору ахлоқи хешро дар оила аз даст медиҳанд. Онҳо ҳар чӣ бештар кӯшиш мекунанд, ки бо шиносони нав дар робитаву муошират

бошанд, ҳамин тавр, онҳо дигар бе “дӯстони нав” – и худ вуҷуд дошта наметавонанд ва аз ҳаёти оилавӣ дур мегарданд.

Ба тамоми гуфтаҳои боло илова карданием, ки вобастагии компютерӣ ва интернетӣ ба инкишофи муътадили шахсият халал расонида, вайро аз эҷод берун намуда, муошрати воқеии ӯро бо одамон халалдор намуда, аз фаҳмидани асрори олам дар маҷмуъ, маҳрум мегардонад. Аз раванди таҳқиқот бармеояд, ки ягон тадбири пешгирикунанда пеши роҳи фарзандони моро аз бозиҳои шавқовар гирифта наметавонад, агар оила, мактаб ва аҳли ҷамоатчигӣ дар якҷоягӣ кор набаранд. Вазифаи волидон ва омӯзгорон ғамхорӣ дар ҳаққи тарбияи маънавӣ - ахлоқии насли наврас мебошад.

Ин дар ҳақиқат, чунин аст: сабаби ба олами тахайюлӣ ворид шудани ҷавонон дар он мебошад, ки байни ҷавон ва одамони наздик дар оила мухолифат ба вуҷуд омадааст. Дар оила мавҷуд набудани фазои солим, надоштани дӯсту рафиқони хубу боваринок, муносибати мураккаби байниҳамдигарии аъзои оила, худро муаррифӣ карда натавонистани ҷавонон дар ҷамъият ӯро ба бозиҳои компютерӣ ҷалб мегардонад [5, с 183].

**АДАБИЁТ:**


1. Абульханова-Славская, К.А. Особенности типологического подхода и метода исследования личности / К.А. Абульханова-Славская // Принцип системности в психологических исследованиях: Сб. тр. М.: Наука, - 1990. - [1, с.74].
2. Анастази, А. Психологическое тестирование / А. Анастази, С. Урбина. -СПб.,-2001.- [2, с. 86]..
3. Андреева, Г.М. Психология социального познания. / Г.М. Андреева, -М.: Аспект Пресс, 1997. - [3, с.135].
4. Андреева, Г.М. Социальная психология. / Г.М. Андреева, — М.: Аспект Пресс, 1998.,
5. Акопов, Г.В. Психология сознания: Вопросы методологии, теории и прикладных исследований / Г.В. Акопов. М.: Институт психологии РАН, -2010.- [4, с 94].
6. Аксенова, Ю.А. Символы мироустройства в сознании детей / Ю.А. Аксенова, — Екатеринбург: Деловая книга, — 2000.
7. Аронсон, Э. Общественное животное. Введение в социальную психологию / Э. Аронсон / Пер. с англ. М.А. Ковальчука под ред. В.С. Магуна. М., - 1998. - [5, с 183].
8. Артемьева, Е.Ю. Основы психологии субъективной семантики / Е.Ю. Артемьева / Под ред. И.Б. Ханиной. М.: Смысл, - 1999.
9. Бабаева, Ю.Д. Взаимодействие человека с компьютером. / Ю.Д.Бабаева, А.Е. Войскунский // Психологический журнал, — 1998, № 1. —


**ПЕШГИРИИ ЗАРАРИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ БА НАВРАСОН**


Бозиҳои компютерӣ ба яке аз мушкилоти асосии оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамъият дар шароити муосир табдил ёфтааст. Пас аз инқилоби Октябри соли 1917 тамоми марказҳои дилхушӣ (казино) ва хонаҳои бозӣ нест карда шуданд, нисбат ба онҳо ҷазои ҷиноӣ дида мешуд. Сабаби асосии он, аз хатар ҳифз намудани оила, ҷамъият ва давлат маҳсуб меёфт. Китоб маърифати инсонро баланд бардошта, ҷаҳонбиниашро ташаккул дода, андешаро солим ва фонди луғавиро бой мегардонад, муҳаббат, худшиносӣ, ҳуввияти миллиро бедор намуда, ҷойгоҳи волидонро барои фарзандон муайян месозад. Дар зери таъсири шиносони нави онлайн фарзандон иқтидори идора намудани рафтору ахлоқи хешро дар оила аз даст медиҳанд.Вазифаи волидон ва омӯзгорон ғамхорӣ дар ҳаққи тарбияи маънавӣ - ахлоқии насли наврас мебошад.



***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон,бозиҳои компютерӣ, интернет, падару модар, тахайюлӣ, кино, хатарнокӣ, зӯроварӣ.*


**ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ ВРЕДА ОТ КОМПЮТЕРНЫХ ИГР ДЛЯ МОЛОДЕЖИ**


Компьютерные игры стали одной из главных проблем семьи, учебных заведений и общества в современных условиях. После Октябрьской революции 1917 года все развлекательные центры (казино) и игровые дома были уничтожены, за них было наложено уголовное наказание. Основной причиной этого является защита семьи, общества и государства от опасности. Книга повышает познание человека, формирует его мировоззрение, обогащает мысли и словарный запас, пробуждает любовь, самопознание, национальную идентичность, определяет место родителей для детей. Под влиянием новых онлайн-знакомств дети теряют способность управлять своим поведением и нравами в семье. Обязанность родителей и педагогов - заботиться о морально-нравственном воспитании подрастающего поколения.



**Ключевые слова:** *молодежь, компьютерные игры, интернет, родители, фэнтези, кино, опасность, насилие.*

**PREVENTION OF DAMAGE FROM COMPUTER GAMES FOR YOUNG PEOPIE**

Computer games have become one of the main problems for families, educational institutions, and society in modern times. After the October Revolution of 1917, all entertainment centers (casinos) and gaming houses were destroyed, and criminal punishment was imposed on them.The main reason for this is to protect the family, society and the state from danger. Books increase human knowledge, shape their worldview, enrichthoughts and vocabulary, awaken love, self-awareness, national identity, and determine the place of parentsfor children.Under the influence of new online acquaintances, children lose the ability to control their behavior and manners in the family. It is the responsibility of parents and educators to care for the moral and ethicaleducatioh of the younger generation.

**Keywords:** *youth, computer games, Internet, parents, fantasy, movies,danger, violence.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** **Бобокалонов Сӯҳроб–** *муаллими калони кафедраи информатика ва фанҳои табиӣ - риёзии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/1 Тел.: (+992) 005050260 E-mail: ddzt_tarikh@mail.ru*

**Сведение об авторе: Бобокалонов Сухроб –** *старший преподаватель кафедры информатики и естественных математических наук Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, улица Мухаммадиева 17/1 тел.: (+992) 005050260 E-mail:ddzt_tarikh@mail.ru*

**Information about the author: Bobokalonov Suhrob** – *senior teacher of the department of informatics and natural-mathematical sciences of the International University of foreign languages of Tajikistan named Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/1 Muhammadiev Street Tel.: (+992) 005050260 Email:ddzt_tarikh@mail .ru*

# ПИРЯХҲО ВА ҲИФЗИ ОНҲО ИҚДОМИ ТОҶИКИСТОН

***Баҳром Зулфонов***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Адураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Нақш ва аҳамияти об барои табиат аксиома аст ва он дар гардиши глобалии моддаҳо ва энергия, пайдоиш ва бақои ҳаёт, сохтори химиявию биологии организмҳо, дар ташаккулёбии боду ҳаво ва иқлим зоҳир мегардад. Аҳамияти он гуногунҷабҳа мебошад, аз ҷумла, аҳамияти экологӣ, гигиению санитарӣ, кишоварзию энергетикӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, рекреатсионию табобатӣ ва эстетикию сайёҳии онро фарқ менамоянд. Дар ҳақиқат обро манбаъ ва ё сарчашмаи ҳаёт шуморидан дуруст аст, аммо аз нуқтаи назари амиқи экологӣ мафҳумҳои «об» ва «ҳаёт» бо ҳамдигар ба таври рамзӣ муродиф мебошанд. Зеро дар он ҷое, ки об ҳаст, ҳаёт низ ҳаст ва баръакс. Дар манотиқи яхбандиҳои доимӣ ва биёбонҳои тасфон низ ҳаёт ва об ва ё маҳсули фаъолияти онҳо мавҷуданд.

Бинобар ин, об шарти ягонаи ҳастии табиат, омили асосии сиҳатӣ, заминаи ивазнашавандаи некӯаҳволии инсоният ва меҳвари асосии рушди устувор мебошад. Аз ин ҷост, ки инсон ба об эҳтиёҷоти рӯзафзун дорад ва онро муъҷиза ва муқаддас мешуморад. Об ба туфайли доштани пайвасти гидрогенӣ (Н-О-Н) дар ҳудуди зиёди ҳарорат дар ҳолати агрегатии моеъ қарор мегирад ва ин сабаби ба таври васеъ паҳн шудани он дар табиат мебошад . Ҳамагӣ дар гидросфера (аз юн. hydro – об ва sphaira – қабат) 1,39 млн км$^3$обмавҷуд аст. Гидросфераро ба Уқёнуси ҷаҳонӣ, обҳои континенталӣ –сатҳизаминиӣ ва зеризаминӣ ҷудо менамоянд. Қабате, ки дар дохили гидросфера ҳамаи обҳои дар ҳолати сахтбударо (пиряхҳо, барфҳо ва яхҳои доимии рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ) дарбар мегирад, криосфера (аз юн. kryos - хунук, ях ва sphaira – қабат) меноманд. Уқёнуси ҷаҳонӣ 71%-и масоҳати сатҳи Заминро инғол менамояд. Ба таври дигар, аз 510 млнкм$^2$масоҳати Замин манбаъҳои асосии обӣ (уқёнусҳо, баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва яхҳо) масоҳати 361,13 млн км$^2$-ро ишғол менамоянд.

Қисми аъзами онҳоро Уқёнуси ҷаҳонӣ (96,4%) ташкил медиҳад, ки оби он аз сабаби муддати дароз ором будан ва дар он тадриҷан ҷамъшавии намакҳо шӯр аст ва барои истеъмоли инсон ва кишоварзӣ ношоям аст. Ба ҳисоби миёна дар 1 литр оби уқёнус 35 грам намак мавҷуд аст, ки 3,5%-ро ташкил медиҳад. Обҳои аз лиҳози экологӣ тоза ба пиряхҳо (1,86%), обҳои зеризаминӣ (қариб 1,68%) ва қисми ками он (0,02%) ба обҳои сатҳизаминӣ рост меоянд. Обҳои сатҳизаминӣ кам бошанд ҳам, аммо дар биосфера нақши аввалиндараҷа доранд ва сарчашмаи асосии обтаъминкунӣ ва обёрӣ мебошанд. Ҳарчанд миқдори об ин қадар зиёд бошад ҳам, вале аз сабаби нобаробар тақсимшавии манбаъҳои он дар минтақаҳо ва барои истеъмол ношоям (шӯр, ифлос, ғализ) будан, норасоии он ҳамоно чун масъалаи муҳимтарини ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Аз тамоми сарватҳои обии ҷаҳон тақрибан ҳудуди 2,5%-и (35 млн км ) он оби аз лиҳози экологӣ тоза ва қобили истеъмол мебошад.

Хушбахтона, давлати соҳибистиқлоли мо - Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузург ва беназири сарватҳои обӣ мебошад. Вале бо вуҷуди ин, дар баъзе манотиқи кишвар масъалаҳои экологии вобаста ба об, истифодаи оқилона ва ҳифзи манобеи он, бахусус обшавии пиряххо ташвишовар ва нигаронкунанда мебошанд. Масъалаи мавриди зикрро ба назар гирифта, бояд тазаккур дод, ки дар кишвари офтобрӯяи мо ба ғайр аз 947 дарёи дарозиашон аз 10 км зиёд, 1300 кӯлва 11 обанбори калон, инчунин, мувофиқи арзёбии олимон, зиёда аз 14 ҳазор пиряхҳои хурду бузург мавҷуданд, ки солҳои охир 1000-тои онҳо аз байн рафтаанд. Машҳуртарин дарёҳои Тоҷикистон–Панҷ, Вахш, Ому, Қофарниҳон, Сирдарё, Зарафшон. асосан аз пиряххо сарчашма мегиранд. Ба туфайли хусусиятҳои орографӣ ва иқлимӣ Тоҷикистон маркази калони яхбандии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи хулосаҳои коршиносон пиряххо нозуктарин ва ҳассостарин объекти табиӣ буда, ҳамчун нишондиҳандаи табиӣ (индикитор) барои арзёбии паёмадҳои таъсири тағйир ёбии иқлим хизмат мекунанд.

Пиряхҳои ҳудуди Тоҷикистон боигарии бебаҳои миллати мо мебошанд, зеро онҳо на фақат манбаи калонтарини оби тоза, балки танзимкунандаи оби дарёҳо, обу ҳаво ва иқлими минтақа ба шумор меравaнд. Пиряхҳо ва барфҳои доимии Тоҷикистон барои ташаккулёбии оби тозаи калонтарин дарёи Осиёи Марказӣ–Амударё, ҳавзаи баҳри Арал, ва ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё сарчашмаи асосӣ мебошанд (ниг. расм). Ҳамасола дар натиҷаи обшавии захираҳои пиряххо ва барфҳои доимии ҳудуди Тоҷикистон дар минтақа якчанд километри мукааб оби тоза ташаккул меёбад. Масоҳати умумии пиряхҳои Тоҷикистон 8,4 ҳ. Км буда, қариб 6%-и масоҳати кишварро ташкил медиҳанд ва асосан дар минтақаи Помир ҷойгиранд. Зиёдаaз 60%-и захираҳои оби кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳз аз ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд, ки танҳо қариб 10%-и онҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ истифода мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки аз қаламрави Тоҷикистон дар як сол 72 км оби равон ҷорӣ мешавад. Инчунин, 60%-и бузургтарин захираҳои обии минтақаи мазкур – пиряххо низ дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир мебошанд.

Миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ –Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки кишварҳои баландкуҳ ҳастанд, аз ҷиҳати боигарии захираҳои об, мутаносибан, дар ҷойҳои аввал ва дуюм мавқеъ гирифта, давлатҳои «болооб» ва боқимонда давлатҳои «поёноб» баҳисоб меравaнд (ниг. расм). Ин гунна таснифот барои он аст, ки захираҳои оби минтақа дар кишварҳои болооб ташаккул меёбанд ва истеъмолкунандаи асосӣ кишварҳои поёноб мебошанд. Зимнан, бояд қайд намуд, ки кишвари мо аз рӯйи ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон мақоми ҳаштум ва аз рӯйи ҳаҷми қиёсии захираҳои об нисба ба ҳар сари аҳолӣ ва ба ҳар 1 км ҳудуд, мутаносибан, ҷойҳои аввалу дуюмро инғол менамояд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати боигариҳои об дар байни давлатҳои ИДМ ҷойи дуюм (баъди Федератсияи Россия) ва дар Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд.

Оби Тоҷикистон барои соҳаи кишоварзӣ, гидроэнергетика ва соҳаҳои саноатии ба онҳо алоқаманди ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши аввалиндараҷа доранд. Захираҳои оби Тоҷикистон, ки пиряххо асоси онҳо мебошанд, сарчашмаи неруи барқароршаванда ё худ нерӯи сабз ба шумор меравaнд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки кишвари мо аз лиҳози истеҳсоли неруи сабз, ки ба муҳити зист таъсири манфии назаррас намерасонад, дар қатори 6 давлати дар ин самт пешсафи дунё қарор дорад. Дар ин замина 98%-и неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза аз нерӯгоҳҳои обии барқӣ истеҳсол мегарданд ва кишвари мо яке аз татбиқкунандаи пешсафи неруӯи сабз мебошад.

Дар умум, истифодаи оқилонаи манбаъҳои об барои ҳифзи хок, мазраъ, рустаниҳои мазруъ, флора ва фаунаи нодир, рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи мувозинат ва таъмини амнияти экологӣ мусоидат намуда, барои иҷрои вазифаҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди устувор нақши калидӣ доранд. Рушди устувор рушди иқтисодии бо назардошти манфиатҳои наслҳои имрӯза ва оянда, бо табиат, хусусан бо масоили экологӣ ва дурнамои онҳо, низоми муносибатҳои оқилонаи ҷамъият-табиат ҳамоҳангшуда мебошад, ки таъминкунандаи амнияти экологӣ ва зиндагии шоистаи насли минбаъда ба шумор меравад. Мутаассифона, солҳои охир пайомадҳои тағйирёбии глобалии иқлим ба пиряххо, ки осебпазиртарин объектҳои обӣ маҳсуб меёбанд, таъсири манфӣ расонида истодаанд.

Тамоили гармшавии иқлим аз ҳисоби таъсири гармхонагӣ (ба русӣ парниковый эффект), ки аз сабаби афзудани газҳои гулхонагӣ дар ҳаво дар натиҷаи фаъолияти нодурусти хоҷагидории инсон (омили антропогенӣ) ва дигар сабабҳо ба амал меояд, ба вуҷуд омада истодааст. Мувофиқи арзёбиҳо ҳарорати миёнаи Замин тақрибан ба 15 дараҷа расидааст, ки

баландтарин нишондод дар таърих аст. Мувофиқи пешгӯйии марказҳои обуҳавосанҷӣ то солҳои 2030-2050, эҳтимол, ҳарорати миёнаи Замин аз 1 то 3 дараҷа баланд гардад. Коршиносон ҳадс мезананд, ки агар дар саросари ҷаҳон партоби газҳои гулхонагӣ кам карда нашавад, чунин нишондод шояд то охири асри XXI то 6 дараҷа баланд гардад.

Баландшавии ҳарорат боиси тезу тунд шудани равандҳои обшавии пиряхҳо, обхезӣ, хушксолӣ, биёбоншавӣ, шӯразоршавӣ гашта, дастрасӣ ба обро мушкил мегардонад. Аз васоити ахбори оммавӣ маълум аст, мо имрӯзҳо шоҳиди босуръат об шудани пиряхҳо дар Арктика, Антарктида, Гренландия ва ғайра ҳастем. Ҳамчунин, чунин тағйироти ҷиддӣ дар пиряхҳои воқеъ дар хушкӣ, бухусус қуллаҳои баланд низ ба амал омада истодааст. Тоҷикистон аз рӯйи шумораи пиряхҳо дар Осиёи Марказӣ пешсаф аст. Аз ин рӯ кишвари мо, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври яқин аз пайомадҳои равандҳои умумиҷаҳонӣ истисно нест. Гармшавии иқлим, ки бахусус дар фасли гармо бештар ҳис карда мешавад, дар манотиқи баландкӯҳи Тоҷикистон–Помир, Зарафшон, Ҳисору Олой ва ғайра сабаби обшавии босуръати захираҳои пиряхҳо гашта истодааст. Мувофиқи маълумоти илмию расмӣ арзёбии умумии таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз соли 1930 то ҳол масоҳати умумии яхбандии кишвар аз 1/3 ҳисса кам шудааст.

Тағйирёбии иқлим нақши пиряхҳоро ҷиҳати ба танзим дарории оби ҳавзаҳои дарёҳои минтақа халалдор менамояд, ки дар натиҷа дастрасии аҳолии баъзе минтақа ба манбаъҳои об мушкилтар мегардад. Имрӯзҳо обшавии пиряхҳо маънои пас аз чанд муддат зери обмонии минтақаҳои наздисоҳилӣ, хусусан давлат ҷазираҳо ва ё шаҳрҳои сераҳолии соҳилиро дорад. Чунки дар натиҷаи обшавии пиряхҳо сатҳи оби Укёнуси ҷаҳонӣ баланд мегардад. Тавре ки қабалн гуфтем, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки об доимо аз як ҳолат ба дигар ҳолат гузашта, дорои низоми ягонаи гардиши глобалӣ мебошад. Бояд таъкид намуд, ки пеши роҳи обшавии босуръати пиряхҳоро гирифтан мушкилоти хеле доманадор ва ҳатто инконнопазир аст ва фурсати зиёдро талаб менамояд. Дар солҳои сербориш аз ҳисоби боришоти зимистона захирашавии пиряхҳо ба амал меояд, аммо дар солҳои охир вобаста ба тағйирёбии иқлим таносуби обшавии онҳо нисбат ба захирашавӣ хеле зиёд гардидааст. Ин раванди глобалӣ натиҷаи бархӯрди шадиди табиату ҷамъият (дастовардҳои илмию техникии инсоният) буда, дорои кувваи бузурги табиии барнагарданда мебошад.

Маънои ҳифзи пиряхҳо он аст, ки мо танҳо метавонем бо андешидани маҷмуи чорабиниҳои амалии мушаххас суръати обшавии пиряхҳоро суст намоем, пешомадҳои онро донем ва ҳаёти худро ба он мутобиқ намоем. Обро дар дигар шаклҳо (обанборҳо, мисли Роғун, Қайроққум, Норак, Бойғозӣ, Каттасой, Сарбанд, Сангтӯда – 1 ва – 2, Муъминобод, Селбур, Фарҳод ва ғайра, ҳавзҳои махсус) захира намуда, эҳтиёҷоти худро сарфакорона қонеъ намоем. Гузаштан ба истеҳсолоти бепартов ё кампартов, кам намудани партоби газҳои гулхонагӣ (пеш аз ҳама CO2, CH2, O3, N2O) бо роҳи кам кардани сарчашмаҳои онҳо дар сатҳи ҷаҳон (бахусус мамолики пешрафта), гузаштан ба истифодаи неруи барқароршаванда (сарчашмаҳои алтернативӣ – нерӯи Офтоб, шамол, об), бунёди бештари обанборҳо, ҷангарзорҳо (кабудизоркунӣ), ки ба намнокии ҳаво, шаклгирии абрҳо ва боришот, ки минбаъд метавонанд ба захирашавии барфу яххо мусоидат намояд, чораҳои асосӣ ва муассири пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряхҳо ва ҳифзи онҳо мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати нишондиҳандаи партоби газҳои гули хонагӣ дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд, ки ин мақоми хеле баланд ва саҳми назарраси кишвари мо дар ҳалли мушкилоти гармшавии глобалии иқлим мебошад. Аммо таъсири оқибатҳои ногувори гармшавии иқлим ба табиати бой ва гуногунранги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба истилоҳи табиатшиносон ҳамчун «лабораторияи табиӣ» мебошад, зуд мушоҳида мешавад. Обшавии босуръати пиряхҳо дар Тоҷикистон намунаи возеҳи мавзуи мавриди назар мебошад. Яке аз машҳуртарин ва калонтарин пиряхи хушкӣ дар ҷаҳон дар ҳудуди Тоҷикистон - пиряхи Федченко мебошад. Он аз баландиҳои 2910 то 6200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Дарозии он зиёда аз 70 км, паҳноии миёнаи он 2 км ва ғафсии максималии он 1 км ва ҳаҷми он тақрибан 140 км мебошад. Маълумот нишон медиҳанд, ки дар давоми 70-80 соли охир забонаи пиряхи Федченко зиёда аз як километр ақибрафта, майдони он то 44 км кам шудааст.

Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 км ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии забонаи он дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти Агентии обу ҳаво шиносии Тоҷикистон ҳаҷми он дар даҳсолаҳои охир 6% коҳиш ёфтааст. Чунин тамоюли ҳолат ба дигар пиряхҳои Тоҷикистон, аз қабили Грум-Гржимайло, Гармо, Гандо, Бивачӣ, Батруд, Ҷамъияти

географҳо, Дарвоз, Мазор, Фортамбек, Таминаси шимолӣ, Хирсон, Баралмос, Кашкул, Зарафшон, Дукдон, Сарихаданг, Қазноқ ва садҳои дигар ба амал омада истодааст. Хусусан дар натиҷаи обшавии босуръати пиряхҳо кӯлҳои пиряхӣ пайдо шуда истодаанд, масалан дар пиряхи Баралмос, ки дар қисмати шимолии қаторкӯҳи Пётри I, ноҳияи Лахш ҷойгир аст, 9 то чунин кӯлҳо ба вуҷуд омадаанд. Хатари калон дар пиряхи Хирсон, дар ҳудуди ноҳияи Ванҷ дида мешавад. Ин пирях босуръат обшуда, зуд-зуд ба пеш ҳаракат карда истодааст ва хавфи бастани пеши роҳи оби дарёи Абдуқаҳҳорро дорад, ки метавонад сабаби пайдоиши кӯли хатарнок гардад. Чунин кӯлҳои дар натиҷаи обшавию ҳаракати пиряхҳо пайдошуда метавонанд сабаби обхезию селхезӣ гашта, ба хоҷагии халқ (роҳу кӯпрукҳо, деҳот, заминҳои кишоварзӣ) зарари ҳангуфт расонанд. Мо барои мутобиқшавӣ бояд дарк намоем, ки чӣ рӯй дода истодааст ва аз оқибатҳои эҳтимолии он моро чӣ интизор аст.

Бо назардошти зарурияти масъалаи мазкур ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан бо дарки амиқ, таваҷҷуҳи хоса ва сиёсати созандаю дурандешона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд ташаббуси башардӯстонаро пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳон намудаанд. Ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон дар самти истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи пиряхҳо назаррас буда, маҳз бо пешниҳоди Сарвари давлати мо дар сатҳи СММ як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ баргузор ва пешниҳодҳои созандаро пеша шуданд. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои обу экология Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дар сатҳи Созмони Миллами Муттаҳид соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»ва солҳои 2018 - 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор эълон карда шуд. Мавриди зикри хос аст, ки дар идомаи иқдомоти болозикр дар таърихи 3 - юми марти соли 2021 Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар мулоқоти нахустини Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим пешниҳод намуданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардад ва санаи мушаххаси «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад.

Сарвари давлат, ҳамчунин, пештар таъкид карда буданд, ки барои вусъат бахшидани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин масъала «Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» таъсис дода шавад. Зимнан, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкили «Шабакаи муттаҳидаи гдобалии иттилоотии криосфера» барои татбиқи ин иқдомот ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Мақсади ягона ва ниҳоии ҳамаи ин чорабиниҳо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои дарки қазияи мазкур, ташаккул додани маърифати экологии саросарӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои амалии мутобиқ шудан ба оқибатҳои нохуши эҳтимолии тағйирёбии иқлим мебошад.

## АДАБИЁТҲО:

1. Муҳаббатов. Х. М., Ниёзов А. С. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон. Душанбе: Контраст, 2017.
2. Инсон ва сарватҳои табиат. Холназар Муҳаббатов. Душанбе 2012.
3. М. Дарвозиев И. Сафаров. Экология. Душанбе 18.02. 2016.
4. Муҳаббатов Х. Раҳимов М. Географияи Тоҷикистон-Душанбе, “Собириён», 2009, 192 саҳифа.
5. Давлатов А.С. Экологияи популятсионӣ Душанбе соли 2010.
6. Исмоилов М.И. Экологияи омафаҳм Душанбе 2010.
7. Аброров. Акмалов М "Муъчизаҳои табиати Точикистон" Душанбе "Ирфон" 2011

## ПИРЯХҲО ВА ҲИФЗИ ОНҲО ИҚДОМИ ТОҶИКИСТОН

Пиряхҳои ҳудуди Тоҷикистон боигарии бебаҳои миллати мо мебошанд, зеро онҳо на фақат манбаи калонтарини оби тоза, балки танзимкунандаи оби дарёҳо, обу ҳаво ва иқлими минтақа ба шумор мераванд. Пиряхҳо ва барфҳои доимии Тоҷикистон барои ташаккулёбии оби тозаи калонтарин дарёи Осиёи Марказӣ–Амударё, ҳавзаи баҳри Арал, ва ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё сарчашмаи асосӣ мебошанд (ниг. расм). Ҳамасола дар натиҷаи обшавии захираҳои пиряхҳо ва барфҳои доимии ҳудуди Тоҷикистон дарминтақа якчанд километри мукааб оби тоза ташаккул меёбад. Бояд таъкид намуд, ки пеши роҳи обшавии босуръати пиряхҳоро гирифтан мушкилоти хеле доманадор ва ҳатто инконнопазир аст ва фурсати зиёдро талаб менамояд. Дар солҳои сербориш аз ҳисоби боришоти зимистона

захирашавии пиряхҳо ба амал меояд, аммо дар солҳои охир вобаста ба тағйирёбии иқлим таносуби обшавии онҳо нисбат ба захирашавӣ хеле зиёд гардидааст.

**Калидвожаҳо:** *экологӣ, пиряххо, оби тоза, уқёнуси ҷаҳонӣ, дарё, ҳаво, захираҳои обӣ.*

**ЛЕДНИКИ И ИХ ЗАЩИТА, ИНИЦИАТИВА ТАДЖИКИСТАНА**

Ледники территории Таджикистана являются бесценным богатством нашего народа, ведь они являются не только крупнейшим источником пресной воды, но и регулятором речной воды, погоды и климата региона. Ледники и вечные снега Таджикистана являются основным источником формирования пресной воды крупнейшей реки Средней Азии - Амударьи, бассейна Аральского моря, бассейнов Амударьи и Сырдарьи (см. рисунок). Ежегодно в регионе образуется несколько кубических километров пресной воды в результате таяния ледников и вечного снега на территории Таджикистана. Следует подчеркнуть, что предотвращение быстрого таяния ледников является очень серьезной и даже невыполнимой задачей и требует много времени. В дождливые годы из-за зимних дождей накапливаются ледники, но в последние годы из-за изменения климата отношение их таяния к накоплению значительно увеличилось.

**Ключевые слова**: *экология, ледники, пресная вода, мировой океан, река, воздух, водные ресурсы.*

**GLACIERS AND THEIR PROTECTION – INITIATIVE OF TAJIKISTAN**

Glaciers of the territory of Tajikistan are the priceless wealth of our people, because they are not only the largest source of fresh water, but also the regulator of river water, weather and climate of the region. Glaciers and eternal snows of Tajikistan are the main source of the formation of fresh water of the largest river in Central Asia - the Amu Darya, the Aral Sea basin, the Amu Darya and Syr Darya basins (see figure). Every year, several cubic kilometers of fresh water are formed in the region as a result of melting glaciers and eternal snow on the territory of Tajikistan. It should be emphasized that preventing the rapid melting of glaciers is a very serious and even impossible task and requires a lot of time. In rainy years, glaciers accumulate due to winter rains, but in recent years, due to climate change, the ratio of their melting to accumulation has increased significantly.

**Keywords:** ecology, glaciers, fresh water, world ocean, river, air, water resources.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Зулфонов Бахрон ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ 126 Тел: 93-601-75-25*

**Сведения об авторе:** *Зулфонов Бахрон – ведущий специалист Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 126. Тел: 93-601-75-25*

**Information about the author:** *Zulfonov Bahron - Leading Researcher, Institute of develop of the Education named after Abdurrahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini Street. Тел: 93-601-75-25*

**ТДУ-159.9**
**ТКБ-88.4**
**С 64**

## ТАЪСИРИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ РАФТОРИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна***
***Собирова Назира Солиҷоновна***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

Дар шароити муосири инкишофи ҷомеа муҳим аст, ки сатҳи миллию тарбиявии ахлоқӣ, худогоҳӣ ва худшиносии насли нав баланд бардошта шавад, зеро он самти асосии ташаккули инсони ватандӯстро муайян мекунад.

Педагогикаи халқӣ яке аз ҷанбаҳои беназири соҳаи педагогикаи муосир буда, дар ташаккули сифатҳои маънавии инсон, аз ҷумла наврасон нақши ниҳоят бориз мебозад. Сабаби ин қадар ба дилу дидаи мардум ҷой гирифтани педагогикаи халқӣ (аз ҷумла педагогикаи халқи тоҷик) аз он иборат аст, ки он бевосита аз ҳаёти ин ва ё он халқ сарчашма гирифта, рӯҳи ҳамон халқро ифода мекунад. Аз тарафи дигар, педагогикаи халқӣ рӯҳи (психологияи) халқ, мароми мақсад, орзую омоли онро ба таври мушаххас инъикос намуда, падару модарон, тарбиядиҳандагонро ба кори эҷодӣ ва аз ҷиҳати илмиву амалӣ асосноккардашуда, масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии насли наврас сафарбар менамояд.

Педагогикаи халқӣ раванди кори тарбиявиро такон дода, ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, худогоҳию худшиносии миллӣ ёрӣ мерасонад, ки ин хеле муҳим аст. Ба чунин таъкидҳои Президенти муҳтарами кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба мероси гузаштаи миллӣ таваҷҷуҳ намоем: «беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагони мо аз насл ба

насл интиқол ёфта, ба як мактаби бузурги тарбияи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маънавии шахсият мубаддал мегарданд» [11].

Ин андешаҳои сарвари давлат ба дурдонаҳои беназири педагогикаи халқи тоҷик зич марбут аст. Чунки педагогикаи халқӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқии инсон, мақоми хос дошта, дар тамоми ҳаёти ӯ ҳамчун сарчашмаи хушкнашаванда ғизои маънавӣ медиҳад. Барои ҳамин ҳам шахс кӯшиш менамояд, ки тавсияҳои педагогикаи халқӣ ва роҳу равишҳои тавсиякардаи онҳоро дастури амалии кори тарбиявии худ намояд, зиндагӣ, рафтору кирдор, хулқу одоби худ ва фарзандонро мутобиқи тавсияҳои онҳо ба роҳ монанд.

Дар расму оинҳо ва анъанаву маросимҳои халқи тоҷик муҳимтарин категорияҳои фалсафию ахлоқӣ инъикос ёфтаанд, ки ин арзишҳо ба ахлоқи умумиинсонӣ ва пешрафти иҷтимоию ахлоқии халқи тоҷик мусоидат менамояд. Дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муаммоҳои мубрами оила, мактаб, ҳамчунин тамоми ҷомеа ва давлатро масъалаи тарбияи ахлоқии насли нави мамлакат ҳисобидан ҷоиз аст. Вайрон шудани низоми пештараи тарбия боиси пайдоиши муаммоҳои гуногуни ташаккули ахлоқии ҷавонон гардид. Зарурати ҷиддии бунёди низоми нави тарбиявии мувофиқ ба марҳалаи нав ба миён омад. Ин ҳадаф дар “Консепсияи миллии тарбия” [5] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» [6] инъикос ёфтааст.

Дар муқаддимаи китоби хеш “Этнопедагогика” Волков Г. Н. қайд мекунад: “Принсипи халқият, ки аз ҷониби К.Д.Ушинский ҳамчун принсипи муқаддаси тарбияи миллӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок шуд, дар шароити демократӣ намудани ҷомеа аҳамияти беназире касб мекунад” Ҳақ ба ҷониби Волков Г.Н. аст, ки мегӯяд: “Ташаккули омӯзгори комили мактаби ибтидоӣ бидуни омодагии махсуси этнопедагогии ӯ номумкин аст” [3].

Классикон, асосгузорони педагогикаи илмӣ А.Каменский, К.Д. Ушинский ба омӯзиши таҷрибаи тарбияи халқӣ аҳамияти махсус медоданд. К.Д.Ушинский нуктаи барои илми педагогӣ асосиву муҳимтаринро баён кардааст: “Халқ низоми махсуси тарбияро дорад... Танҳо тарбияи халқӣ узви зиндаест дар раванди инкишофи халқ”.

Вазифаи таҳқиқи анъанаву маросимҳои халқӣ аз он иборат аст, ки чӣ гуна пайдо шудани онҳо, сабаби пойдор мондан ва шарти ҳифзи онҳо пайгирӣ шавад, эҳтиёҷ барои на танҳо нигоҳдошти онҳо, балки пайваста коркард шудани он муайян гардад ва ниҳоят, роҳ ва омилҳои самаранок истифода бурдани онҳо дар таълиму тарбияи хонандагони хурдсол дар марҳалаи ҷадиди инкишофи ҷамъият муайян карда шаванд.

Дар “Консепсияи миллии тарбия” таъкид мегардад, ки вазифаи асосии мактаб дар марҳалаи ҳозира ташаккул додани худшиносии миллии насли наврас, аз худ кардани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ ва умумибашарӣ мебошад. То ин ки хонандагони синни хурди мактабӣ, нигоҳдорандаи хусусияти миллӣ, анъанаҳо, мероси ахлоқӣ ва фарҳангӣ бошанд, дар ҳаёт мавқеи фаъолонаро ишғол намоянд, дар илм, техника, фарҳанг ва дигар соҳаҳо дорои малакаҳои таҳқиқотӣ бошанд.

Махсусияти миллии тарбия бо он муайян мегардад, ки ҳар як халқ дорои тарзи хоси ҳаёт мебошад, ки шахсиятро мутобиқ бо вижагиҳои анъанаҳои миллӣ ва менталитети миллӣ ташаккул медиҳад. Вижагиҳои тарзи зиндагии халқҳои гуногун зери таъсири омилҳои махсус шакл мегиранд: шароити табиӣ ва иқлим, забон, мазҳаб (эътиқоди динӣ), шароити фаъолият ва меҳнат (заминдорӣ, шикор, моҳигирӣ, чорводорӣ ва ғайра).

Ушинский К.Д. таъкид мекард, ки ғояҳои тарбиявии ҳар халқ то дараҷае бо рӯҳияи миллӣ фаро гирифта шудаанд, ки онҳоро ба заминаи бегона кӯчонидан ғайриимкон аст. Ҳар халқ шароити таърихии инкишофи худро дорост, ки дар хислати халқҳои ҷудогона таҷассум ёфтааст.

Ин ақида бо хулосаҳои яке аз мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик – Абӯбакри Розӣ, ки дар асри IX зиндагӣ кардааст, ҳамоҳанг мебошад. Розӣ навишта буд, ки “вобаста ба ин сухан гуфтан дар бораи он, ки байни халқҳо дар ин амр афзалияти яке бар дигар ва тафовути бузурге мавҷуд аст, зарурат надорад” [10].

Ҳақ бар ҷониби В.А.Сухомлинский аст, вақте ӯ мегуфт, ки оянда бидуни гузашта вуҷуд надорад. Ба инсон ҳофиза дода шудааст, ки зиндагии наслҳои зиёдеро таҷассум кардааст, - ҳофизае, ки асрҳо инҷониб вусъат дорад. Танҳо ба ҳамин сабаб ӯ инсон аст, ки то куҷо рафтани решаҳои дарахтеро, ки аз он рӯйидааст, мефаҳмад ва дар ёд дорад [9].

Масъалаҳои тарбияи малакаву одатҳои рафтори баодобонаи хонандагони хурдсол дар оилаи тоҷик ба воситаи эҷодиёти шифоҳии халқ ва асарҳои классикони адабиёти тоҷик дар асарҳои Б.Раҳимов ва мақолаҳои ҷудогонаи ӯ нисбатан муфассал таҳқиқ гардидаанд.

Асарҳои бунёдии академикон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода ва рисолаҳои илмии А.Паҳлавонов, М.Сайфуллоева, Б.Раҳимов, Т.Атохонов, А.Нуров, Б.Маҷидова, Ҷ.Файзалиев ва дигарон масъалаҳои назариявӣ-педагогии анъанаву маросимҳои халқӣ, омӯзиши масъалаи аҳамият ва нақши анъанаҳои халқӣ дар тарбияи хонандагон, дар омӯзгор ташаккул додани донишу малакаҳои этнопедагогӣ, инчунин баррасии масъалаҳои педагогикаи мардумиро фаро мегиранд.

Анъанаҳои миллӣ, расму таомул, урфу одат ва эҷодиёти даҳанакии халқ, барои падару модар (калонсолони оила) ва фарзандон як воситаи муҳими тарбия дар оила мебошад. Ба ҳамагон возеҳ аст, ки асоси педагогикаи халқиро таҷриба ва анъанаҳои хоси миллӣ, аз ҷумла, урфу одат, расму таомул, оину маросимҳои онҳо ва эҷодиёти даҳонакии онҳо ташкил мекунад. Умуман онҳо ҳар як сифат, хислати нек, рафтору кирдор ва гуфтори нек, ҳар як амали дар зиндагӣ барои инсон муфидро дар рафти фаъолияти амалии худ ба хонандагон ёд медиҳанд.

Падару модарон бояд ба фарзандон дар оила муҳимтарин сифатҳои инсониро фаъол гардонанд, арзишҳои бузурги инсонӣ ба вуҷуд оваранд, нерӯҳои инсонии насли наврасро ба бунёдкорӣ, ба ҳаёти осишта, ба некукорӣ ва саховатмандӣ, бофазилативу бомаърифатӣ сафарбар намоянд, онҳоро ба пояҳои баланди инсонӣ расонанд, бо ҳам муттаҳид созанд, то ин ки дар оянда фарзандони сазовори Модар-Ватан ба воя расанд. Ин қарз ва фарзи падару модар дар назди ҷомеаи муосир аст.

Педагогикаи халқӣ тамоми паҳлуҳои тарбияи ахлоқиро дар ҳампайвастагии якдигар мебинад, ки дар ташаккули арзишҳои ахлоқии наврасон мақоми хос дорад. Аз ҷумла, тарбияи ватанпарастӣ ва инсонпарварӣ, муносибати софдилона ба меҳнат ва эҳтиром намудани одамони меҳнатӣ (ба қадри меҳнати падару модар расидан) тарбияи ростӣ ва ростқавлӣ, 4 хоксорию хушмуомилагӣ, бо риояи одоб ҳангоми муомила бо ҳамсолон ва калонсолон, муносибати дӯстона, нисбат ба якдигар меҳрубон будан, ба якдигар дасти мадад дароз кардан, интихоби дӯсти арзанда, ҳимоя намудани дӯстӣ ва ғайра.

Нақши педагогикаи халқӣ дар рушди арзишҳои ахлоқии наврасон дар оила боз дар он аст, ки пеш аз ҳама дар анъанаҳои миллии халқ, расму таомул, урфу одат ва эҷодиёти даҳанакии халқӣ, ки дар давоми ҳазорсолаҳо ташаккул ва инкишоф ёфтааст, ёрии амалӣ мерасонад. Мақоми педагогикаи халқӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқии наврасон дар оила хеле калон аст. Он ба ҳар як хонандагон имконият медиҳад, ки рафтори худро (умуман тамоми фаъолияти худро) ба як низом дарорад.

Педагогикаи халқӣ як шакли махсуси дастрас намудани арзишҳои ахлоқии инсон мебошад, ки вазифаи он аз нигоҳ доштан ва афзун намудани дигар арзишҳо иборат аст.

Дар хонандагони хурдсол доираи муайяни шавқу ҳавас, муносибат нисбати ҳодисаву воқеаҳо устувор мешаванд. Ин доираи ҳавасҳо заминаи равонии мутобиқшавии ахлоқии наврас мебошад. Дар ин синну сол шавқу ҳавасҳои ноустувор ба мустаҳкам мегузарад. Онҳо мехоҳанд ба бисёр масъалаҳо ҷиддӣ муносибат кунанд, ҷаҳонбинии онҳо васеъ мегардад, дар онҳо ахлоқи ҳамида ва дарки зебоипарастӣ ба вуҷуд меояд. Як масъалаи мубрами рӯзро бояд қайд намоем, ин ҳам бошад, душвории ҷомеаро дуруст дарк карда натавонистани наврасон мебошад. Аз ин ҷиҳат падару модарон бояд фаромӯш накунанд, ки наврасӣ синни душвор ва тағйирёбанда аст, бинобар ин сабру таҳаммул ва талаботи дуруст ва иҷрошавандаро пешниҳод кардан лозим аст, то ин ки наврасон дар роҳи дуруст тарбия карда шавад. Чунки оила ҳамчун институти асосии иҷтимоикунонӣ мебошад, чунки дигар ягон гурӯҳи иҷтимоӣ ӯро иваз карда наметавонад.

Маросиму анъанаҳои халқи тоҷик сарчашмаи бебаҳои ғояҳо дар раванди тарбияи ахлоқии насли наврас мебошад; пеши ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вазифаи истифодаи пайваста ва самарабахши ганҷинаи педагогикаи халқӣ дар тарбияи ахлоқии насли наврас меистад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки маҳз тавассути педагогикаи халқӣ арзишҳои ахлоқӣ аз як насл ба насли дигар мегузарад. Ба воситаи дурдонаҳои беназири педагогикаи халқӣ насли наврас аз арзишҳои гузаштагони худ огоҳӣ ёфта, барои эҳёи онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ба манфиати кор аст.

Ҳамин тавр дар педагогикаи халқӣ ифодаёфта, бо нишондодҳои педагогикаи умумибашарӣ пурра мувофиқат менамояд. Ин паҳлуҳои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, барои оварда шудааст, ки аз онҳо дар тарбияи наврасон дар оила ва мактаб эҷодкорона истифода бурда шуда бо ҳамин ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахс ёрӣ расонда тавонад.

## АДАБИЁТ:


1. Ар - Рози Абубакр. Духовная медицина. Абубакр Ар - Рози // Душанбе: Ирфон, 1990. - 87 с. (на тадж.яз.)
2. Афсонаҳои халқи тоҷик. Душанбе, 1990.
3. Волков Г. Н. Этнопедагогика. М, 2000.
4. Волков Г.Н. Этнопедагогика. Учебник для студентов средних и высших педагогических учебных заведений. Г.Н Волков // М.: Академия, 1999. - 310 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006. – 26 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе, 2011.
7. Нуров А. Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол. Душанбе: Матбуот, 2002.
8. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. Душанбе: Шарқи озод, 2008.
9. Сухомлинский В.А. Родина в сердце. В. А Сухомлинский. // М.: Молодая гвардия, 1980. - 175 с.
10. Ушинский К. Д. О принципе народности в общественном воспитании. Избр.пед.сочинение. К. Д. Ушинский // М.: Наркомпросс, РСФСР, 1945.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед. Душанбе, 2005.


## ТАЪСИРИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ РАФТОРИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар шароити муосири рушди ҷомеа баланд бардоштани сатҳи тарбияи миллию ахлоқӣ, худогоҳӣ ва худогоҳии насли наврас муҳим аст, зеро ин самти асосии ташаккули шахсияти ватандӯстро муайян мекунад.

Ташаккули маънавии шахсияти кӯдак тавассути азхудкунии таҷрибаи ҷамъиятию таърихии инсоният дар раванди фаъолияти амалии моддӣ сурат мегирад. Анъанаҳои халқӣ ҳамчун намунае баромад мекунанд, ки дар онҳо беҳтарин хислатҳо, хислатҳои шахсӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ мутамарказ шудаанд. Анъанаҳо нормаю принципҳои таърихан муқарраршуда, муносибатҳо ва идеалҳоро муқаррар мекунанд. Анъанаҳо ҳамчун хотираи коллективӣ амал карда, унсури таркибии шуури этникӣ мебошанд.

Педагогикаи халқӣ яке аз соҳаҳои аслии педагогикаи муосир буда, дар ташаккули сифатҳои ахлоқии одамон, аз ҷумла наврасон нақши хеле равшан мебозад.



**Калидвожаҳо**: *педагогика, педагогикаи халқӣ, психология, рафтор, тарбия, маҳорати иҷтимоӣ, педагогӣ, салоҳият, шахсият, раванди педагогӣ, анъана, урфу одат.*


## ВЛИЯНИЕ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ НА ФОРМИРОВАНИЕ ПОВЕДЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В современных условиях развития общества важно повышать уровень национально-нравственного воспитания, благочестия и самосознания подрастающего поколения, так как это определяет основное направление формирования патриотической личности.

Духовное формирование личности ребенка происходит путем присвоения им общественно исторического опыта человечества в процессе предметно практической деятельности. Народные традиции выступают как образцы, в которых сосредоточены лучшие черты, качества личности, нравственные эталоны. В традициях фиксируются исторически сложившиеся нормы и принципы, отношения, взаимоотношения, идеалы. Выступая как коллективная память, традиции являются неотъемлемым элементом этнического сознания.

Народная педагогика является одним из своеобразных направлений современной педагогики, она играет очень четкую роль в формировании нравственных качеств людей, в том числе и подростков.



**Ключевые слова:** *педагогика, народная педагогика, психология, поведение, воспитание, социальное, педагогическое мастерство, компетентность, личность, педагогический процесс, традиция, обычай.*


## THE INFLUENCE OF FOLK PEDAGOGY ON THE FORMATION OF THE BEHAVIOR OF YOUNGER STUDENTS


In modern conditions of the development of society, it is important to raise the level of national and moral education, piety and self-awareness of the younger generation, as this determines the main direction in the formation of a patriotic personality.

The spiritual formation of a child's personality occurs through the appropriation of the socio-historical experience of mankind in the process of substantive practical activity. Folk traditions act as examples in which the best traits, personality traits, and moral standards are concentrated. Traditions fix historically established norms and principles, relationships, relationships, ideals. Acting as a collective memory, traditions are an integral element of ethnic consciousness.

Folk pedagogy is one of the original areas of modern pedagogy, it plays a very clear role in the formation of the moral qualities of people, including adolescents.

**Key words**: *pedagogy, folk pedagogy, psychology, behavior, upbringing, social, pedagogical skills, competence, personality, pedagogical process, tradition, custom.*

**Дар бораи муаллиф**: *Котибова Шарифа Пирмаҳмадовна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти аққалиятҳои миллии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тел: +992 559993120 Почтаи электронӣ: sharifa.kotibova@mail.ru*

**Об авторе:** *Котибова Шарифамох Пирмахмадовна – кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отделом малокомплектных школ ипересмотрения и совершенствование стандартов, учебных программ и учебников для образования национальных меньшинств Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Телефон: +992559993120 Эл. почта: sharifa.kotibova@mail.ru*

**About the author:** *Kotibova Sharifa Pirmahmadovna - candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the department of ungraded schools and revision and improvement of standards, curricula and textbooks for the education of national minorities of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Tel: +992 559993120 E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru*

**Собирова Назира Солиҷоновна** - *унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"*

**Собирова Назира Солижоновна** - *соискатель кафедры социально-профессионально-педагогического факультета МДТ «ДДХ им. акад. Б. Гафуров (Таджикистан, Худжанд);*

**Sobirova Nazira Solijonovna** - *researcher of the department of social-professional-pedagogical faculty named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand);*

## ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ- АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ ҲАМА ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

***Д. Маҳкамов***

**Пажуҳигоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар педагогикаи миллӣ, фалсафа ва ахлоқ мавқеи устодон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Кайковус ва Ҳомид Ғазолӣ ниҳоят бузург мебошад. Махсусан асарҳои Ғазолӣ «Фарзандномa», «Кимиёи саодат» аҳамияти бузурги фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва дидактикӣ мебошанд.

Ғазолӣ аз нуқтаи назари дину мубин ишора ба он менамояд, ки Ҳазрати Муҳаммад олимону донишмандонро ворису пайравони пайғамбарон номида буд. Ин андеша донишҷӯёнро ба баланд бардоштани маънавиёт ва ахлоқ равона менамояд. Аз гуфтаҳои Ғазолӣ насли наврас ба баланд бардоштани илму дониши хеш майл пайдо менамоянд, то ворисону пайравони арзандаи пайғамбарон бошанд.

Асари «Фарзандномa»- и Ғазолӣ асари тарбиявӣ- ахлоқиест, ки тамоми нозукиҳои муносибатҳои оилавӣ, рисолати падару модарӣ ва фарзандиро дар худ фаро гирифта, характери тарбиявӣ- ахлоқӣ дошта, педагогикаи миллиро бою ғанӣ мегардонад. Ғазолӣ дар асараш «Кимёи саодат», ки яке аз асарҳои фалсафӣ, педагогӣ, пандию ахлоқӣ ба шумор меравад роҳҳои асосии саодатманд шудани фарзандонро пешниҳод менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ шароитеро муҳайё намудан зарур аст, ки донишҷӯён барои хониши мустақилона ва корҳои беруназаудиторӣ тамоми адабиёти тавсиявиро пайдо карда, мутолиа намуда тавонанд. Лекин мутаассифона ҳоло ҳам ин шароит дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷавобгӯи талабот буда наметавонад. Мушоҳидаҳои мо собит менамоянд, ки дар Коллеҷи техникии ДТТ ба номи Академик М. Осимӣ фонди китобхона хело бою ғанӣ мебошад, аммо аксари китобу сарчашмаҳо ба забони

русӣ ва бо идеологияи куҳнаи Шуравӣ мансубият доранд. Ин аҳвол дар аксари муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ минтақаҳои дур аз марказ мушоҳида мегардад.

Дар ташаккули арзишҳои маънавӣ- ахлоқии насли наврас дар муассисаҳои таҳсилот ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, дар баргузории корҳои беруназаудиторӣ, дарсҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои оммавӣ, семинару конференсияҳо бояд мавқеи педагогикаи миллӣ баланд бардошта шавад, зеро бе баинобат гирифтани педагогикаи миллӣ инсони комилро ба воя расонидан мумкин нест.

Абдураҳмони Ҷомӣ, ки шахси фозилтарин, муаллими мӯътабари замони хеш ба ҳисоб мерафт, намехост фарзандон ба аслу насаб ва бо фарзанди Ҷомӣ буданашон фахр кунанд. Худи ҳамин андешаи Ҷомӣ рамзи тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас мебошад, ки имрӯз бо фарзанди ки буданашон аксар фахрида, худашонро аз дигарон боло мегузоранд. Дар вақти бо ин масъала сару кор гирифтан, ба донишҷӯён ду чизро аз андешаҳои Ҷомӣ овардан зарур аст:

1. Ӯ хареро мисол меорад, ки хешро фарзанди аспи Рустам- Рахш меномаду аз он мефахрад.

2. Вазире шаҷараномаи авлодӣ тартиб дода, дар он хешро писарамаки Пайғамбар меномад. Ин даъвои нодурустро тамоми донишмандону диндорони замона, ба хотири вазир будани он шахс тасдиқ карда имзо гузоштанд.

Вазир барои тасдиқи дурустии ин андеша шаҷараи авлодиро бо дасти лабайгӯҳояш назди Ҷомӣ низ барои имзои хешро гузоштан фиристод. Ҷомӣ рӯйбанӣ накарда, мансаби вазирро ба эътибор нагирифта, ба он имзо нагузошт. Вазир маҷбур шуд, шаҷараи авлодиашро бардошта, худаш наздӣ Ҷомӣ барад, аммо Ҷомӣ ба ҷойи он, ки имзо гузошта, дурустии ин даъворо тасдиқ намояд, аз рӯи зарофат дар як гӯшаи он мисраҳои зеринро навишт, ки саршори маънавиёт ва ахлоқанд:

*Онро, ки бувад нури набӣ дар башара,*
*Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара.*
*В-онро, ки зи рух натобад ин нури сара,*
*Шаҷара надиҳад ба ғайри лаънат самара.*

Бинед, дар ин гуфтаҳо то кадом андоза маънавиёту ахлоқи баланд ниҳон аст, ки дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва дигар бузургони сухан баёни хешро ёфтаанд ва саропо андешаи педагогӣ мебошанд.

Ҷомӣ дар осори безаволи хеш: «Тӯҳфат-ул- Аҳрор», «Сабҳат- ул- аброр», «Юсуфу Зулайхо», «Лайливу Маҷнун», «Хирадномаи Искандарӣ» фаслҳои алоҳидаро ба тарбияи маънавӣ- ахлоқии фарзандаш бахшидааст, ки омили муҳимтарини педагогикаи миллӣ дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас мебошад. Танҳо дар ин ҷо хондан, ворид гардидан, мустақилона дар гирди ин андешаҳо фикр кардан ва хулосабарорӣ намудан зарур аст.

Яке аз андешаҳои пешқадами педагогии А.Ҷомӣ, ки дар назди ҷигарбандаш мегузорад, ин ба қадри вақт расидан ва онро оқилона истифода бурдан мебошад. Ҷомӣ барои устувор гардонидани хотираи фарзандаш бештар хондани ҳикоя ва аз ёд кардани шеърро тавсия медод, ки ҷавобгӯ ба талаботи педагогикаи миллӣ мебошад. Бояд таъкид намуд, ки аз ҳама чизи манфиатовар барои инсон, самаранок гузаронидани вақт ва аз он оқилона истифода бурдани насли наврас мебошад.

Бояд қайд кард, ки асари А. Ҷомӣ «Баҳористон» энсиклопедияест, ки тамоми унсурҳои Консепсияи миллии тарбияро дар худ фаро гирифта, педагогикаи миллиро бо педагогикаи умумибашарӣ мутобиқ сохтааст.

Дар осори маънавӣ- ахлоқии А. Ҷомӣ ва наздикони ӯ- Навоӣ, Ҳотифӣ, Суҳайлӣ, Кошифӣ зарари маънавӣ, иқтисодӣ, ҷисмонии шаробу шаробхорагӣ маззамат карда шуда, одамонро аз ҷиҳати маънавӣ- ахлоқӣ ба парҳез аз чунин сифатҳо даъват менамуданд. Дар ҳикоя ва қитъаҳои хеш Ҷомӣ андешаҳои педагогии хешро тарзе баён менамояд, ки дар ҳолати мустақилона омӯхтани он ҷавонон аз ҷиҳати маънавӣ- ахлоқӣ тарбия ёфта, назарашон ба зиндагӣ ботамом ислоҳ гардида, ба амалҳои зишт даст намезадагӣ мегарданд.

Дар педагогикаи миллии халқи тоҷик ва дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас мавқеи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ниҳоят назаррасу бузург мебошад. Ӯро падараш аз олимони Балх буда, дар ибтидои ҳуҷуми муғулҳо бо волидайни худ аз Вахш ба Балху Самарқанд ва Нишопур сафар карда, баъдан оилаи онҳо аз Нишопур ба Ҳиҷоз меқӯчанд. **[13, с. 57].**

Пас дар Куния, дар назди Сайид Бурҳонуддин Муҳаққиқи Тирмизӣ илми тасаввуф омӯхтааст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз нобеғаҳои назми классиикии форс-тоҷик буда, дар арсаи суханварӣ ҳамчун Худованди беҳамтои мамлакати ишқу зебой, дину фалсафа баромад намуда, ҳамчун педагоги бузург шинохта шудааст.

Дар андешаҳои педагогии хеш ӯ инсонро бузургтарин муъҷизаи офариниш мешуморид ва ягонагию иттифоқ ва иттиҳоду ҳамбастагии онҳоро талқин ва тарғиб менамуд. Сулҳу оштӣ, ишқу ошиқӣ, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ ба ақидаи Мавлоно қодир аст, заминро ба осмон хешу табор гардонад.

Мероси адабӣ, педагогӣ, фалсафии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ хеле пурсарват ва рангоранг буда, аз ҷиҳати навъи сухан назму насрро ташкил медиҳад. Девони Шамси Табрезӣ, ин дафтари ишқ ва суруди озодии ботинии инсон аст, салтанати инсонро бар ҳастӣ, заминро бар коинот, ишқро бар имон, ҳаётро ба марг ва оштиро ба ҷанг таҳким бахшида, нишонаи баландтарини ваҳдати одамон мебошад.

Аҳамияти «Маснавии Маънавӣ»-ро дар тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ дарк намуда, бори аввал онро олими англис Р. А. Николсон аз забони форсӣ ба забони англисӣ тарҷима намуда, дастраси ҳаводоронаш гардонида буд, ки ин маънои мутобиқсозии педагогикаи миллӣ ба педагогикаи умумибашарӣ мебошад. .

Мавлоно кушиш ба харҷ додаст, ки мақому мартабаи инсонро баланд бардошта, бештар маънавиёту ахлоқи вайро васф намояд. Ба қавли Мавлоно холиқи феълу атвори хеш худи инсон мебошад, ва чӣ амале аз ӯ содир шавад, марбут ба худи ӯст, ки фармудааст:

**То ту торику малулу тирай,**
**Дон, ки бо деви лаъин ҳамширай.**
**Чун зи луқма ту ҳасад бинӣ давом,**
**Чахлу ғафлат зояд онро дон ҳаром .**
**Ҳеч гандум кориву чав бар диҳад,**
**Дидаи аспе, ки куррай хар диҳад? [13, с. 57].**

Яъне дар мисраи аввали ин ғазал Мавлоно мефармояд: то даме, ки ту дилсиёҳ, тираақл, ҳасудхӯр ва бадкирдор ҳастӣ, ҳамнишин бо деви лаъин-иблис ҳамнишин мебошӣ. Дар мисраи дигар бошад ӯ мегӯяд: Оё ҳеҷ дидай, ки гандуми ба замин пошида ҳосили ҷав дода бошад? Оё ҳеҷ дидай, ки асп курраи хар зодааст? То кадом андоза андешаҳои ҷолиби педагогӣ баён гардидаанд, ки сарчашмаи тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ мебошанд.

Дар васфи Мавлоно дар китоби Абдулҳусайни Зарринкӯб «Бо корвони ҳулла» дар бораи обрую эътибор ва оромтабиатии Мавлоно суханони зиёде гуфта шудааст, ки яке аз талаботҳои педагогикаи муосир нисбати омӯзгор мебошад. Бисёр муҳаққиқон ба шеъру шоирӣ рӯ овардани Ҷалолиддини Балхиро аз вохӯри бо Шамси Табрезӣ меҳисобанд. Дар ҳақиқат вохурӣ бо ин дарвеши шӯридаи бесомон дар қалби Мавлоно чунон инқилоберо ба вуҷуд овард, ки дарсу ваъзро канор ниҳод ва аз дунболи ӯ шуд.

Дар дигар ҷойи китоби «Бо корвони ҳулла» омадааст: Толибилме, ки бо ҷараёни сӯфия душманӣ дошт, дар сари ҷамъомад бо вай гуфт: ***«Аз Мавлоно нақл кунанд, ки ҷое гуфтааст: «ман бо ҳафтоду се мазҳаб якам», оё ин сухан Мавлоно гуфтааст?», гуфт: «Оре, гуфтаам». Он мард забони таън бигшод ва Мавлоноро дашном дод. Мавлоно бихандид ва гуфт: «Бо ин низ, ки ту мегӯӣ, якам»***, якрангиву сулҳҷӯии ӯ то ба он ҳадде буд, ки бо ринду зоҳид, габру тарсо чунин мезист, ки ин далели бузургии Мавлоно мебошад. **[13, с. 59].**

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тавассути корҳои тарбиявӣ, беруназудиторӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва шабнишинию вохуриҳо ба насли наврас ин сифатҳои баланди одамиро васф намуда, онҳоро дар рӯҳияи маънавиёти баланд ва ахлоқи ҳамида тарбия намудан дар пайравии Мавлоно ва дигар бузургони сухан ба манфиати кор мебошад.

Ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳар чӣ бештар бо диққат хондан ва нақл кардани ҳикояҳои халқии ***«Маснавии Маънавӣ»-ро*** супориш додан зарур аст. Аз ин амал ба се ҳадаф ноил гардидан мумкин аст:

- аввалан донишҷӯён хикояҳоро хонда, ба он фурӯ рафта, ба хондани китоб майл пайдо менамоянд;
- хотираашон қавӣ гардида, ба фаҳмидани мақсад, амалҳои неку бад, шинос гардида, хулосабарорӣ ва натиҷагирӣ дар онҳо рущд меёбад ва салоҳиятнок мегарданд;

дар чорабиниҳо, озмунҳо фаъолона ширкат намуда, салоҳияти касбии хешро сайқал мебахшанд. **[13, с. 57].**

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ шароитеро муҳайё намудан зарур аст, ки донишҷӯён дар давраи фориғ будан аз машғулияти таълимӣ, дар ҷое ҷамъ гардида, аз ҳикояҳои "Маснавӣ" баҳсу мунозираҳои маънавӣ барпо намоянд. Дигарон дар шакли шунаванда ширкат варзида, ба баҳси онҳо зинат бахшанд.

Дар ин раванд муовини директор оид ба корҳои маданӣ- равшаннамоӣ ё оид ба корҳои тарбиявӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ руихати ҳикояҳоро аз "Қобуснома", "Гулистон", "Бӯстон", "Баҳористон" ва "Маснавии Маънавӣ" пешниҳод намуда, супориш диҳанд, ки дар муддати як ҳафта омодагӣ бинанд ва дар рӯзи муайян чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор гардида, онҳо мустақилона андешаронӣ намоянд.

Инчунин, барои самаранок баргузор намудани корҳои беруназсинфӣ номгӯи ҳакояҳоро аз "Маснавии маънавӣ " тахминан дар чунин шакл пешниҳоди донишҷӯён гардонидан зарур аст, то оянда дар фаъолияти омӯзгорӣ истифода бурда тавонанд:

1. Ишқи шоҳ бо канизак- ки вазифаи асосӣ муайян намудани оқибати он мебошад.
2. Бақол ва тутӣ- муайян намудани сабабҳои кам гардидани мизоҷон ва аз фойда маҳрум гардидани бақол.
3. Устод ва шогирди дубин- бо иловаҳо муайян намудани рисолати устод бар шогирд ва шогирд нисбат ба устод.
4. Подшоҳи яҳуд ва масеҳони бегуноҳ- мақсад ошкор сохтани сабабҳои ноадолатӣ нисбати инсон.
5. Оташ ва саҷда бар бут.

Ҷунин, ҳикояҳо дар китоби "Маснавии маънавӣ" ниҳоят зиёданд, ки онҳоро дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии духтарон ва писарон тавассути корҳои беруназсинфӣ ниҳоят устокорона истифода бурдан мумкин аст, то ба натиҷаҳои хуб мушарраф гардем ва пеши роҳи косташавии маънавиёт ва ахлоқи насли наврас гирифта шавад.

Яке аз олимони бузурги соҳаи фалсафа, илоҳиёт, адиби ширинсухани форсу тоҷик ва Ҳинду Покистон, педагоги варзида дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии наслҳо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравад. Ӯ дар замони хеш алакай ба моҳият ва муҳимияти назарияи маърифат сарфаҳм рафта, онро пайваста талқин менамуд. Мувофиқи андешаҳои педагогии хеш ӯ салтанат ва боломақомии инсонро дар омӯзиш, таҳсил, маърифат ва дарки асрори ҳастӣ мефаҳмид. Ӯ пайваста одамонро ҳамчун устод баҳри талош варзидан барои ба даст овардани ин сифати олӣ даъват менамуд.

Мувофиқи ақидаи ӯ инсон ҳар қадар майл ба донистани сирру асрори ҳастӣ дошта бошад, ҳамон қадар салтанати ӯ бар табиату ҷамъият ва атрофиён бештару қавитар мегардад, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳо мебошанд:

**Ҳаст доим салтанат дар маърифат,**
**Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат,**
**Ҳар кӣ масти олами ирфон бувад,**
**Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад. [9, с. 57].**

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷаҳд намудан зарур аст, ки донишҷӯён ин мисраъҳоро аз ёд намоянд ва сармашқи фаъолияти доимии хеш қарор диҳанд. Ақидаҳои ӯ оид ба инсон дар доираи таносуби нафсу рӯҳ ниҳоят ҷолиб мебошанд. Дар таълимоти фалсафӣ ва педагогии хеш Мис Сайд Алии Ҳамадонӣ ба инсон ҷои хоса дода, аз рӯйи чандин нишонаҳо:- ақл, дониш, нутқ, ишқ ва муҳаббат инсонро бар ҳайвон бартарӣ додааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бештари умри азизи хешро дар ғарибӣ ва ғурбати сафарҳои пай дар пай гузаронидааст. Ӯ равшан дарк менамуд, ки барои ноил гаштан ба зинаи баланди маърифати ҳастӣ яке аз омилҳои асосӣ сафар, шиносои бо ҳаёт ва маданияту тамаддуни халқҳои ҷаҳон мебошад. Аз ин рӯ ба ҳар сарзамине, ки пои муборакашон мерасид, он манзилу макон аз файзи қудуми бобаракаташ ободу зебо ва муҳташам мегашт.

Ӯ ба Макка, Мадина, Миср, Покистон, Ҳиндустон, Осиёи Миёна, Туркия ва дигар мамолики дунё бо мақсади шинос гардидан бо русум ва одату анъанаи он халқҳо сафар намуда, мехост ба онҳо ба қадри ҳол кӯмаки маънавӣ ва ахлоқӣ расонад. Ӯ дар ин сафарҳо аз нишаст ва суҳбати авлиё ва донишмандони замон файзёб гардида, дар натиҷа асари ҷовидонаи хеш «Авроди фатҳия»-ро эҷод намуд.

Воқеан, дар таърихи тасаввуф ва аҳли адаби Шарқ ба монанди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кам шахсияте дучор меояд, ки ин қадар сафарҳо карда, ба хизмати авлиёву анбиё

камар баста, аз онҳо бархурдор гардида бошад. Он ҳазрат худашон борҳо таъкид намудаанд, ки дар касби камолот ва ба мартабае расидан, кас бе назари устод ба ҷое намерасад, ки яке аз талаботҳои педагогикаи муосир мебошад.

Мувофиқи назари педагогӣ ва фалсафии ӯ шогирд бояд серзавқу талош бошад, бе шакку шубҳа дархосту супоришҳои устодро ба ҷо биёрад, ки мисоли равшани он мисраъҳои зерин мебошанд:

**Эй Алӣ! рав назар кун, зи сари сидқу сафо,**
**Ки ба ҷое нарасад бе назари пир мурид.**

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти хеш талаботи педагогиро дар муносибати шогирду устод то як андоза дуруст ҳал намудааст **[5, с. 57].**

Дар таълимоти хеш ӯ ҷои хосаро ба таълиму тарбия бахшида, мавқеи устодро дар таълиму тарбияи шогирдон нишонрас ишора намудааст. Шайх Муҳаммадхони Азконӣ яке аз олимону орифони шуҳратманди замон ба шумор мерафт ва на ҳар кас дар назди ӯ хизмати муридӣ ба ҷо оварда метавонист. Аммо Алии Ҳамадонӣ ба туфайли заковати баланд, сабру тоқати беинтиҳо тавонист, ки ба муридии ӯ сазовор гардад ва ҳатто Шайх либоси ифтихории худ - хирқаашро ба шогирди хеш тӯҳфа намуд, ки ин садақаи олӣ ва боварии комили устод ба шогирд мебошад.

Уламо ва донишмандони Кашмир, ки дар заковат машҳури дунё буданд, бо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соатҳои тӯлонӣ баҳсу мунозира намуданд. Охирон, саволу ҷавоб дар атрофи гове, ки дар назди маъбадхона буд, сурат гирифт ва то дарёфти ҳақиқат идома ёфт. Муаммо дар ҳалли масъала он буд, ки вазъи гов бояд муайян карда шавад. Олими кашмирӣ аввалан ба ин савол посух доданӣ шуда мегӯяд, ки гов дар батнаш гусола дорад, ки пешонаи он мисли пешонаи модараш сафед аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳарифи худро тавзеҳ дода, илова намуд, ки аслан пешонаи гӯсола сафед нест, балки нӯги думаш сафед аст, ки омода дар пешонааш қарор гирифтааст. **[5, с. 57].**

Барои аниқ кардани фикрҳои мухталиф ва исботи дурустии даъво бошандагони он ҷо говро сар бурида, гӯсоларо берун оварданд, ки воқеан пешонааш не, балки нӯги думаш сафед будааст, ки дар пешонааш ҷой гирифтааст. Мувофиқи ишораи олими маъруфи Эрон Азизуллоҳи Аторудӣ шумораи асарҳои Сайид Алии Ҳамадонӣ зиёдтар аз 90 номгӯро ташкил медиҳад, ки аз он «Макорим-ул-ахлоқ», «Захират-ул-мулук», «Анвор-ул-азҳор», «Вуҷудия», «Кашф-ул-ҳақоиқ» асарҳои насрӣ буда, дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас мавқеи хосаро ишғол менамоянд.

Дар мутобиқсозии педагогикаи миллӣ дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии ҷавондухтарон тавассути корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи маорифпарварони тоҷик калон мебошад. Ин ҷараён, ки асосгузораш Аҳмади Дониш мебошад ва ба асри Х1Х мансуб аст, ба фикри мо ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст. Ин ҷавҳар дар болои се арзиш асос ёфтааст:

1. Ин ҷараён дар заминаи хушку холӣ бунёд нагардида буд, онҳо дар такя ба педагогикаи ниёгон, афкори гузаштагони пурифтихори худ андешаҳои маорифпарваронаи хешро пешниҳод намуданд.
2. Дар Бухоро ба илму маорифи мамоликҳои дигар то андозае ошно буданд ва мехостанд ҳамин тухумро дар сарзамини хеш бикоранд.
3. Аҳмади Дониш ва шогирдони он андешаҳоро дар бораи дар ин сарзамин ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас ва ташкили низоми маориф андешаҳои пешқадам пешниҳод намуданд. **[19, с. 64].**

Аҳмади Дониш дар афкори педагогии хеш ба тарбияи оилавӣ диқати бештар медод. Дар андешаҳои педагогии Аҳмади Дониш нақши волидон дар андухтани дониш, касбу ҳунари фарзандон ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Дар андешаҳои педагогии Аҳмади Дониш падару модар уҳдадор карда мешаванд, ки рисолати хешро дар таълиму тарбияи фарзанд содиқона иҷро намоянд. Дар андешаҳои педагогии хеш Аҳмади Дониш писаронро низ масъул менамуд, ки рисолати фарзандии хешро дар ҳақи падару модар содиқона иҷро намоянд.

Ин андешаҳои дар боло баён гардида, хусусияти тарбияи маънавӣ- ахлоқиро ноил буда, дорои арзиши ниҳоят баланд мебошанд. Афкори педагогӣ ва маорифпарваронаи Аҳмади Донишро шогирдон ва пайравонаш Шамсиддини Шоҳин, Савдо, Тошхоҷаи Асирӣ бою ғанӣ

гардониданд. Эшон Мирзиёуддин соли 1867 асарашро зери унвони «Одобул- мубин» пешниҳод намуд, ки бо номи «Дидактикаи Ғиёсиддин» машҳур гардид. **[22, с. 39].**

Ғиёсиддин дар андешаҳои педагогии хеш диққати асосиро ба дарки маъно, меъёри такрор, саволу ҷавоб, баҳс, дар хотир нигоҳ доштани маводи хонда, ҳамгиро гардонидани хондану навиштан, оид ба фойда ва зарари рӯйнависӣ, муколама, пайдарҳамии андеша, давомот дар таълим андешаҳои ҷолиб пешниҳод намуданд. Дар таълимоти педагогии хеш маорифпарварон тарафдори сахтгир будан нисбат ба шогирдон буданд, аммо ҷазои ҷисмониро ба шогирдон тарафдорӣ наменамуданд.

Яке аз бузургтарин саромади педагогикаи муосири тоҷик, сардафтари адабиёти муосири тоҷик ва маорифпарвари барҷаста Садриддин Айнӣ мебошад. Ҷунин ҷойи бошарафро агар ба Айнӣ диҳем хато намекунем, зеро ки ҳаёту ашъораш рамзи тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ мебошад. Устод Садриддин Айнӣ ба дидактика бо мактаби омӯзгорӣ ворид гардидааст. **[76.].**

Асарҳои ӯ «Ёддоштҳо», «Таҳзиб- ус- сибён», «Духтарбача ё Холида», «Ғуломон» асарҳои педагогӣ мебошанд, ки дар тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас мавқеи босазоро ишғол менамоянд. Тавсияи онҳо барои хониши мустақилона, аз рӯйи онҳо ташкил додани дарсҳои тарбиявӣ, корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба манфиати корҳои табияи маънавӣ- ахлоқӣ мебошад. Фақат аз ёд донистани гуфтаҳои Садриддин Айнӣ оид ба биёед, эй рафиқон дарс хонем! ба бекорию нодонӣ намонем, рамзи тарбияи маънавӣ-ахлоқии тамоми инсонҳо мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Ачам. -Душанбе: Дониш, 1997. -147 с.
2. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Монография / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -432с.
3. Маҳкамов Дастам Тарбия- асоси ҷомеа- Душанбе 2021
4. Маҳкамов Дастам. Дарсҳои тарбиявӣ –Душанбе, «Сифат» 2014
5. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2000.
6. Шляхтенко И.М. К вопросу изучения гендерных проблем в Республике Таджикистан. //Известия АН РТ. Серия философия и правоведение. – Душанбе, 1997. - №1.
7. Абуалӣ ибни Сино Рисолаи «Тадбири Манзил»// Осори мунтахаб.- Душанбе: Ирфон, 1980.
8. Абуалӣ ибни Сино. Ал-шифо. Ал-Илёт (1) рукопис-Ал-Калифа, 1952.
9. Девони Носири Хусрав. - Гелон, 1339.
10. Девони Носири Хусрав. - Теҳрон, 1375.
11. Диноршоева З. Религия о статусе женщин // Журнал «Фонус», №2, август 2001. – Душанбе, 2001.
12. Иҷлосияи Тақдирсоз дар истиқрори сулҳи тоҷикон // «Маърифати омӯзгор», № 8, 2012.
13. Имом Ғазолӣ. Эҳёи улум-уд-дин, ҷилди 1.
14. Имом Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари саҳеҳи Бухороӣ. -Душанбе, 2005.ҳадисҳои 743, 887,993, 1071,
15. Имом Шамсуддини Сарахсӣ. «Ал-мабсут». Ҷилди 30. - Теҳрон, 1999.


## ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ- АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ ҲАМА ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ


Дар педагогикаи миллӣ, фалсафа ва ахлоқ мавқеи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Кайковус ва Ҳомид Ғазолӣ ниҳоят бузург мебошад. Махсусан асарҳои Ғазолӣ «Фарзанднома», «Кимиёи саодат» аҳамияти бузурги фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва дидактикӣ мебошанд.

Ғазолӣ аз нуқтаи назари дину мубин ишора ба он менамояд, ки Ҳазрати Муҳаммад олимону донишмандонро ворису пайравони пайғамбарон номида буд. Ин андеша донишҷӯёнро ба баланд бардоштани маънавиёт ва ахлоқ равона менамояд. Аз гуфтаҳои Ғазолӣ насли наврас ба баланд бардоштани илму дониши хеш майл пайдо менамоянд, то ворисону пайравони арзандаи пайғамбарон бошанд.



**Калидвожаҳо**: *тарбия, таълим, маънавӣ- ахлоқӣ, ишқ, вафо, замин, кайҳон, ҳурмат, эҳтиром, илм, дониш, маърифат, нодону ҷоҳил.*


## НАЦИОНАЛЬНАЯ ПЕДАГОГИКА В ВОСПИТАНИИ СТУДЕНТОВ ВСЕХ СТУПЕНЕЙ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ


В национальной педагогике, философии и этики особую место занимают Рудаки, Фирдауси, Саади, Джоми, Кайкавус, Хомид Газоли и другие. Именно произведение Газоли «Фарзанднома», «Кимиёи саодат» имеет огромный, философический, дидактический и морально- поведенческий характер.

Газоли специально с точки зрения религии призывает к тому, что пророк Магамед ученых и знатоков называет последователей пророков. Эта идея призывает студентов к усовершенствованию своих знаний, умений и навыков.

**Ключевые слова**: *воспитание, учеба, духовно- нравственный, любовь, преданность, земля, космос, увожение, почитание, наука, знание, познание.*

## NATIONAL PEDAGOGY IN THE EDUCATION OF STUDENTS ALL LEVELS OF PROFESSIONAL TRAINING

Rudaki, Firdousi, Saadi, Jami, Keykavus, Hamid Gazoli and others occupy a special place in the national pedagogy, philosophy and ethics. It is Gazoli's work "Farzandnoma", "Kimiei saodat" that has a huge, philosophical, didactic and moral-behavioral character.

Ghazali specifically from the point of view of religion calls for the fact that the prophet Mahomed scientists and experts calls the followers of the prophets. This idea encourages students to improve their knowledge, skills and abilities.

**Keywords:** education, study, spiritual and moral, love, devotion, earth, space, respect, reverence, science, knowledge, cognition.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Маҳкамов Дастам, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Нишонӣ: Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126, тел: 93.502.15.64.*

***Сведение об авторе:*** *Махкамов Дастам, кандидат педагогических наук, заведуюший отделом начального, среднего и высшего образования Института развития образования имени А.Джоми Академии образования Таджикистана. Адрес: г. Душанбе, ул. Айни, 126, тел: 93.502.15.64.*

**Information about the author:** *Mahkamov Dastam, Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Primary, Secondary and Higher Education of the Institute for the Development of Education named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Dushanbe, st. Aini, 126, tel: 93.502.15.64.*

# ТАДЖИКСКАЯ НАРОДНАЯ ПЕДАГОГИКА КАК СРЕДСТВО НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ

***Курбанов С. Х.***

**Соискатель Дангаринского государственного университета**

Мы анализируем таджикскую народную педагогику, как систему научных концепций, несущих для таджикского народа спасательную функцию, потому что историческое, педагогическое наследие сегодня приобретает воспитательное звучание. Идея таджикской народной педагогики во многом демократизирует и гуманизирует политический климат нашего общества.

В Конституции Республики Таджикистан получили отражение важнейших воспитательных идей, например о защите национального достоинства, семейном воспитании, трудовом и нравственном воспитании, содействии национальных традиции и много других. [8]

Таджикская народная педагогика по существу идейная близкая народу, предназначается духовно - нравственному возрождению, который представляет собой совокупность накопленных и актуально проверенных практикой знаний, умений и навыков, сведений передаваемых из поколения в поколение в основном устной форме.

Охватывая все возрасты и почти все стороны жизни таджикского народа, она намного изучает по объему анализируемых вопросов научную педагогику, а самое главное близка к природе, человеку и воспринимается как природная, естественная природными педагогами называли деда, бабушку, старших сестер и братьев. [6]

Этнопедагогическая система образования выдвигается, как суверенизация воспитания гражданина, связанного с национальной государственностью.

В условиях глобализации общества, таджикская народная педагогика предназначается гарантом национального подъема и межэтнической стабильности. Основным педагогическим условием средствами воспитания таджикской народной педагогики является формула в отсутствие памяти (исторической) нет традиций, в отсутствие традиций нет культуры, в отсутствие культуры нет воспитания, в отсутствие воспитания нет духовности, в отсутствие

духовности нет личности, в отсутствие личности нет народа (исторической личности).

Сегодня мы много говорим о возрождении национальных, народных традиций, но эти разговоры не будут иметь под собой основы, если не обратимся к педагогическим традициям, потому что в наше время они являются ядром, стержнем всей и всякой культуры. Развитие, подъем культуры начинается с создания благоприятных условий для возрождения традиционной культуры воспитания. [7]

В условиях глобализации общества использование элементов нравственного воспитания таджикской народной педагогики во всех общеобразовательных, средне специальных учебных заведениях, вузах Таджикистана основывается на дисциплинах социально-гуманитарного и естественнонаучных циклов. Именно знания, умения и навыков полученные в процессе изучения предоставленных дисциплин, соответствуют величину профессиональной культуры, позволяют на этапе проектирования минимизировать негативные социальные и нравственные последствия деятельности будущего поколения. [7]

Историография научных исследований проблем народной педагогики свидетельствует, что изучение народного опыта воспитания как социально-исторического феномена на всех этапах исторического развития входило в круг научных интересов педагогов прошлого и настоящего.

Принцип народности воспитания осуществляется в раннем детстве, в процессе овладения родной речью. Родители большое значение придавала развитию речи детей в семье, особенно в процессе общения матери с ребенком, она обращала внимание на то, что «материнский язык служит ему орудием выражения себя, своих мыслей, своих настроений».

Таджикская народная педагогика является центром духовной жизни народа. В таджикской народной педагогике раскрываются особенности национального характера, лицо народа». Характер народа, лицо народа, его думы и чаяния, нравственные идеалы особенно ярко проявляются в созданных им сказках, былинах, легендах, эпосах, поговорках и пословицах.

**Пословицы.** Пословицы являются продуктом накопленной с годами мудрости народа, они затрагивают практически все сферы жизнедеятельности людей и различные явления жизни. Пословиц всегда имели воспитательный характер и содержали в себе некую педагогическую идею, обладая практическим характером, пословицы содержат в себе полезные наставления для будущего поколений и выполняют образовательную, воспитательную функцию. [1]

Одним из преимущества средства воспитания таджикской народной педагогики является его форма, которая, несмотря на игре слов, созвучиям, ритмике и рифмам, становится благоприятной для запоминания и откладывается в памяти ребёнка, формируя его представления об общепринятых моральных принципах и законах, его моральные качества, отношение к труду и многим жизненным ценностям.

**Загадки**. Загадки как средство воспитания хороши тем, что заключают в себе нравственную идею, воздействуют на умственные способности ребёнка, его эстетическое воспитание, а также обогащают его багаж знаний об окружающей его действительности и обществе, в котором он живёт. **Народные песни**. Народные песни пестрят понятиями о добре, красоте, счастье человека. Они отражают ценности народа, в них поётся о сокровенных мечтах народа, его вековых ожиданиях, надеждах. Народные песни призваны прививать любовь к прекрасному, вырабатывать эстетические взгляды. Песней сопровождались все события народной жизни.

Колыбельные песни демонстрируют огромную силу материнской любви, дети чувствую нежность и теплоту, вложенные в эти песни, меняется мироощущение, что создаёт благоприятные условия для дальнейших воспитательных воздействий. [2]

В колыбельных песнях отражаются вековые ожидания, чаяния и сокровенные мечты народа. Их роль в воспитании огромна, пожалуй, ни с чем несравнима «Человек, если помнит главные песни своего народа, никогда не перестанет быть его настоящим сыном. Пусть даже возникнут трудности с материнским языком... Благодаря поэтическим словам и красивым мелодиям, они оказывают на чувства и сознание детей сильное влияние и надолго сохраняются в их памяти». [ 2.].

Колыбельные песни таджиков (Алла) уникальны музыкально-поэтическим оформлением идеи - этической, эстетической, педагогической. Красота и добро в песне

выступают в единстве. Добрые молодцы, воспетые народом, не только добры, но и красивы, впитали в себя высшие национальные ценности, ориентированные только на добро, на счастье человека.Ценность колыбельной нежной песни не только усыпляют младенца, но и ласкают его, успокаивают, доставляют радость, чтобы младенец проснулся в хорошем настроении и встретил наступающий день в радости.

Колыбельная песня предназначена младенцу, поет ее преимущественно мать, но зафиксированы случаи исполнения ее четырех, пятилетними детьми, укачивающими своих младших братьев и сестер. Колыбельная педагогика - самая природ сообразная педагогика за всю историю человечества (первой колыбелью были руки и колени стоящей и сидящей дикарки-матери).Назначение колыбельных песен убаюкать, усыпить ребенка. Творцами колыбельных песен преимущественно являются матери и бабушки, а пользуются ими все, кто нянчит детей. О колыбельных песнях встречаются воспоминания в пословицах, сказках, песнях. В одной из песен таджиков, например, старший брат представлен нянькой. Он поет колыбельную песнь, которая могла быть в сущности создана и им самим:

А брат сестрицу
В люлечке качает:
«Сестрица родная,
Расти поскорее».[1]

Подобные таджикские народные поэтические произведения интересны тем, что демонстрируют всеобщую любовь к детям. Большинство колыбельных песен раскрывает огромную силу, прежде всего материнской любви. Но одновременно они внушают любовь к детям всем, кто исполняет их в процессе заботливого ухода за ребенком, т.е. так или иначе стимулируют самовоспитание; особенно это важно в тех случаях, когда за маленькими детьми присматривают дети постарше. Детям, лежащим в колыбели, слова песни еще непонятны, но нежность, вложенная в мелодию и слова, пробуждает их душу и сердце, как бы готовит почву, создает благоприятные условия для последующих воспитательных воздействий. Колыбельная песня складывалась веками, в ней - самое оптимальное соотношение мысли, движения и настроения. Лучшие из них до сих пор используются в пестовании, их поют сами дети, укладывая кукол спать. Колыбельная песнь - величайшее завоевание народной педагогики, она нераздельно соединена с практикой воспитания детей именно в том самом нежном возрасте, когда ребенок - еще беспомощное существо, требующее постоянного заботливого внимания, любви и нежности, без которых он просто не выживет.[4]

Основное содержание колыбельных песен - любовь матери к своему ребенку, ее мечты о его счастливом будущем. Они изобилуют поэтическими образами птиц, диких зверей, домашних животных, смешных и страшных, ласковых и сердитых, приходящих к колыбели, окружающих ребенка.

Лисицы спят
Все по кусточкам,
Куницы спят
Все по норочкам,
Соколы спят
Все по гнездышкам,
Соболи спят,
Где им вздумалось,
Маленькие детки
В колыбелях спят.[1]

В таджикской колыбельной песне нежность матери представлена необыкновенно концентрированно: девочку называют «моей милой», «моей хорошей», «моей пригожей», «детей маленькой», «детей крошечной», употребляются разные варианты ласкательных имен, повторяются ласковые слова «люли», - «баю».

В песнях нежность переносится и на окружение ребенка, в них - и «котинька-коток», «кудреватенький лобок», «серенький хвостик», и «пояски все шелковенькие», и «платочек беленький», и «колыбель-люлечка». Очаровательно нарушение порядка, рядоположенности, утверждающее свободу, создающее проблемную ситуацию: у всех есть определенные места для сна, а соболи спят, где им вздумалось.

В колыбельных песнях любят не только своего ребенка, любят детей вообще, с радостью рассказывают о других детях, которые уже уснули. Умиление вызывает мирная картина жизни таджикской многодетной семьи:

Полна горница ребят,
Все по лавочкам сидят,
Кашу масляную едят.[1]

Детям, засыпающим в колыбели, ласково и серьезно рассказывают о делах отца («пошел за рыбою»), матери («пошла пеленки, стирать»), бабушки («пошла дрова рубить»), да и самому несмышленому уже обещано трудовое будущее: Зипун сошьем, боронить пошлем в чистые поля, В зелены луга.

Вот в такой простой форме преподносится мало что понимающему ребенку колыбельного возраста своеобразный курс «Родиноведения», построенный на предметах и явлениях самой близкой действительности: «чистые поля», «зеленые луга». Патриотизм - одно из самых глубоких чувств, оно неотторжимо от любви к детям и во всей полноте проявляется в колыбельных песнях.

В простенькой колыбельной песне мать рассказывала о труде, о Родине, о важности труда в повседневной жизни, рассказывала непринужденно, в удивительно поэтической форме, без всякой назидательности и нравоучения. Например, в одной из песен поется о том, что рано утром нужно отправиться на зайца; если поймать зайца, то можно испечь пирог из заячьего мяса. В этой же песне утешают плачущего ребенка, укачивая колыбель и приговаривая, что мать ушла по ягоды, и принесет ягод, отец ушел на базар - принесет калач.

В колыбельных песнях матери рассказывают об окружающей действительности, вслух думают о цели и смысле жизни, выговаривают свои заботы, радости и печали. В колыбельной песне мать находит выход своим чувствам, возможность до конца выговориться, высказаться и получить психическую разрядку.

Поэтизация окружающей природы делает укачиваемого ребенка неразрывной ее частью. В марийской колыбельной песне все время повторяются строки: «Ой, дитя мое, дитятко, ой, дитя мое, дитятко»... Однотонное, нежное их повторение действует на ребенка успокаивающе, усыпляюще.

В эту нежность вплетаются строки, так или иначе воспевающие марийскую природу: «Пусть рубашкой твоей будет вязовый лист», «постелью твоей будет липовый лист», «пусть отцом твоим будет заяц-русак». В этой древней песне ребенок - часть природы, ее дитя. Мать, любя своего ребенка, попутно выражает свою любовь к родной природе. Таджикская мать распевала песню ребенку:

Баю-бай, баю-бай,
Баю-бай, родной мой, засыпай,
Глазки, маленький мой, закрывай.
Спит кукушка средь темных ветвей,
До утра задремал воробей, -
Так ложись ты в постельку свою,
Баю-бай я тебе пропою...[1]

У всех народов были свои поэты, создававшие колыбельные песни получили особенно богатую художественную обработку. Талантливые создатели и исполнители колыбельных песен одновременно были и талантливыми педагогами, любили детей. И дело отнюдь не в том, что без любви к детям не создать прекрасных колыбельных песен, а еще и в их непосредственном воздействии на ребенка. Редкая из песен проверяется в реальном действии, а колыбельная песня была именно такой: она не исполнялась просто так, ею усыпляли детей в колыбели.

Такое соединение таланта поэта с талантом педагога было характерным явлением в народе. Если лучшими создателями колыбельных песен могли быть и воспитатели чужих детей, то лучшими в мире их исполнителями могли быть все-таки только матери. В этом смысле материнское чувство совершенствовало не только поэзию и музыку народа, но и сокровенные движения души человека, его духовное богатство, самые нежные и самые человечные стороны народной нравственности.[4]

Трудно сказать, когда пробуждаются в человеке добрые начала и не является ли решающим фактором этого пробуждения доброта матери.

Песню матери народный поэт Таджикистана М. Турсунзаде называет источником поэзии, зароненным в душу человека. Это - семя поэзии, посеянное матерью в чувствах и мыслях ребенка. «Песня матери - главная песня в мире, начало всех человеческих песен. Если бы не было ее, колыбельной, не было бы на свете и других песен. И, может быть, меньше в мире стало бы радости, меньше счастья, меньше поэзии».

Таджики про никчемного человека говорят: «Наверно, мать не пела над его колыбелью». А таджики про злого человека говорят: «Он слушал, лежа в колыбели, не пение, а ругань».[3]

Сказки. Сказки несут воспитательную функцию, так как в них всегда содержаться определённая мораль, истина, они заставляют задуматься, наводят читателя на размышления. Благодаря некоторым приёмам воздействия на личность, сказки воспитывают у ребёнка чувство прекрасного, формируют моральные черты, учат отличать добро от зла, хорошее от плохого. Выполняя образовательную функцию, сказки знакомят читателя с народными обычаями, ритуалами, традициями, верованиями, бытовыми мелочами. В сказках отражена жизнь народа, его национальные черты. Увлекательность сюжета и образность делают сказки интересными для детей, облегчают их восприятие и, тем самым, увеличивают их педагогическое воздействие.

Сказки, как известно, идеализируют силу и возможности героев, но в их основе - народная вера в человека, в его разум, готовность преодолевать любые трудности для достижения намеченной цели.[3]

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Антонова Р.Я. Воспитание будущего поколения: идеи и опыт народной педагогики. - Якутск, 1995. - 218 с.
2. М.Арипов. (М.Орифи) Из истории педагогической мысли таджикского народа. Душанбе.1965.ч.1.246 с.
3. М.Арипов. (М.Орифи) Из истории педагогической мысли таджикского народа. Душанбе.1965.ч.2.276 с.
4. Афзалов Х.С. Рахимов Б.Р. История таджикской народной педагогики. Душанбе. 1999. 177 с.
5. Волков, Г.Н. Этнопедагогика. - М.: Академия, 2001. - 168 с.
6. Волков, Г. Н. Педагогика любви : Избр. этнопед. соч. : [В 2 т.] / Сост. М. Н. Егоров. - М.: Магистр-Пресс, 2002. — Т. 1. — 456 с. — ISBN 5-89317-181-0
7. Волков Г.Н. Педагогика любви : Избр. этнопед. соч. : [В 2 т.] / Сост. М. Н. Егоров. — М.: Магистр-Пресс, 2002. - Т. 2. - 460 с. — ISBN 5-89317-182-9.
7. Измайлов А.Э. Народная педагогика. М: «Педагогика» 1991г. - 96с.
8. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе.1995.


## ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚИИ ТОҶИК ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИ ТАЛАБА


Дар мақола асосҳои тарбияи ахлоқӣ тавассути педагогикаи халқии тоҷик оварда шудааст. Масъалаи тарбияи ахлоқии ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Имрӯз педагогикаи халқии тоҷик ҳамчун таҷрибаи инсонӣ ва ҳаётӣ бояд воситаи таркибии тарбияи хонандагон гардад.



**Калидвожаҳо:** *Педагогикаи халқӣ, низоми этнопедагогӣ, муаммоҳо, аллаҳо, зарбулмасалҳо.*


## ТАДЖИКСКАЯ НАРОДНАЯ ПЕДАГОГИКА КАК СРЕДСТВО НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ


*В статье даётся обоснование нравственного воспитания средствами таджикской народной педагогики. Проблема нравственного воспитания в условиях глобализации общество приобрела особое значение. Сегодня таджикская народная педагогика, как человеческий и жизненный опытобязан стать неотъемлемом средством воспитания учащихся.*



**Ключевые слова:** *Народная педагогика, этнопедагогическая система, загадки, колыбельные песни, пословицы.*


## TAJIK FOLK PEDAGOGY AS A TOOL OF STUDENT MORAL EDUCATION


*The article provides a rationale for moral education by means of Tajik folk pedagogy. The problem of moral education in the context of globalization society has acquired particular importance. Today, Tajik folk pedagogy, as a human and life experience, must become an integral means of educating students.*



**Key words:** *Folk pedagogy, ethnopedagogical system, riddles, lullabies, proverbs.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Қурбонов Сайқал Садиллаевич – унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,* ***тел.****: + (998) 91 513 01 78*

**Сведения об авторе:** *Курбонов Сайкал Садиллаевич – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.****: + (998) 91 513 01 78*

**Information about the author:** *KurbonovSaikal Sadillaevich– applicantof the Tajik state pedagogicalUniversity S. Aini, Ave. 121, Rudaki, Phone: + (998) 91 513 01 78.*

**ББК:37.01+373**

# «ТОҶИКОН» - АСАРИ БУНЁДӢ, ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ

*Суриева Шакармо*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

1.Сухане чанд дар бораи таърихи китоб.

Донистан ва омӯхтани таърихи гузаштаи халқи худ яке аз роҳҳои худсозию худшиносист. Надонистани таърихи Ватану мардуми хеш ин маънои бетарафӣ ба гузаштаро дорад. Агар ҳастиимардумро ба мисли дарахт ҳисобем, бешак гузаштаи ӯ, ки дар қаъри замонҳо фурӯ рафтааст, решаи ӯст. Дарахт бо ҳама баргу шох аслан аз реша ғизо мегирад. Миллате, кигузаштаву таърихи худро намедонад ва ба он эҳтиром нагузошта баҳри ҳифзаш намекӯшад, миллати бебақо аст.

Осори фарҳангиву таърихии Бобоҷон Ғафуровназдики 400 буда, дар ин миён шоҳасарҳои безавол аз қабили «Тоҷикон», «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»,«Давраи кушониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Тадқиқи тамаддуни Осиёи Марказӣ», «Равобити таърихии Осиёи Марказӣ бо мамоликиШарқи араб», «Ал-Форобӣ дар таърихи тамаддун», «Искандари Македонӣ ва Шарқ» ва даҳҳои дигарро бо камоли ифтихор метавон ном бурд.

Соли 1944 нашриёти давлатии назди Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон китоби Бобоҷон Ғафуров ва Прохоров Н.- ро бо номи «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан» (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон ) бо забони русӣ чоп намуд. Соли 2012 Нашриёти «Адиб» ба ифтихори ҷашни 21-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти аҳамияти таърихӣ ҷиҳати рушансозии талошу муборизаҳои халқи тоҷик баҳри озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ, гузаштаи пурғановати халқи тоҷик китоби мазкурро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума намуда, пешкаши хонанда кард.

Аввалин асари устод «Таърихи мухтасари халқи тоҷик».-Сталинобод: Нашр. Давл.Тоҷикистон соли 1944 ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Ин асар қадами нахустин дар роҳи таълифи таърихи мукаммали халқи тоҷик ба шумор рафта, раҳнамои илми таърихшиносӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он гардид. Баъдан китоби мазкур солҳои 1949, 1952, 1955 дар шаҳри Москва бо забони русӣ нашр шуда, ҳар ҳафта ба он иловаҳо ва тағйирот дохил карда мешуданд. Ба ин асар олимони машҳури шуравӣ ва пеш аз ҳама устод С. Айнӣ, сипас А. Ю. Якубовский, М. М. Дьяконов, Н. А. Кисляков, С. П. Толстов ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Бобоҷон Ғафуров соли 1952 бомуваффақият рисолаи доктириро дифоъ карда, дар ин солҳо чанде маҷмуаҳо таҳти назари ӯ чоп шуд ва як гурӯҳ аспирантҳо таҳти роҳбарии мавсуф диссертатсияҳои худро ҳимоя намуданд.

Бобоҷон Ғафуров бо ҳамроҳии академик Б.А. Литвинский ҷилди якум ва ҳамроҳии А.М. Беленитский ҷилди дуюми китоби мазкурро таҳрир намуда, дар омода кардани ҷилдҳои минбаъда саҳм гирифт ва билохира соли 1963-1965 китоби «Таърихи халқи тоҷик» -ро дар се ҷилд ва панҷ китоб ба нашр расонд.

Бобоҷон Ғафуров бо ин қонеънагардида,таҳқиқро идома дод ва соли 1972 асари ҷомеи«Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история» - ро ба забони русӣ дар нашрияи Москва: Наука бо теъдоди 10 ҳазор нусха аз чоп баровард. Зикр мегардад, ки асари мазкур соли 1972 ба забони русӣ аз чоп баромада, солҳои 1983,1985 ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудааст. Соли 1985 ҳайати сарредаксияи адабиёти Шарқи нашриёти «Наука»-и Москва асарҳои мунтахаби академик Бобоҷон Ғафуровро дар як ҷилд нашр кард. Муҳарририкитоби «Тоҷикон» академик Б. А. Литвинский нақл мекунад, ки пеш аз нашр ӯ дар хусуси теъдоди китоб ва номи асар ақидаи худро ба муаллиф Бобоҷон Ғафуров изҳор намудааст: «Зери мафҳуми тоҷик ман этнографияро мефаҳмидам ва хостам номи китобро

тағйир диҳем. Аммо Бобоҷон Ғафуров исбот карданд, ки ин тавр нест ва бо далелҳои худ маро қонеъ гардонданд. Дар масъалаи дуюм ҳақ бар ҷониби ман буд. Ман теъдоди китобро 50 ҳазор муқаррар кардам ва Бобоҷон Ғафуров исрор мекарданд, ки аз 10 ҳазор зиёд нашавад. Зеро мегуфтанд: аз он ки китоб дар дӯконҳои китоб зери ғубор хобад, даст ба даст гардад беҳтар аст. Ҳақ будани ман нахустрӯзи ба фурӯш расидани китоб исбот шуд. «Тоҷикон» - ро дар ягон маркази китобфурӯшӣ пайдо кардан маҳол гардид. Ҳазорон муштоқони ин китоб ҳам аз мардуми шӯравию ҳам хориҷӣ, бо ташриф, занги телефон ва мактубҳои худ Бобоҷон Ғафуровро ва ҳам маро ором намегузоштанд»**(5.88)**

Соли 2020 ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо ташаббуси Президенти мамлакат китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар асоси тарҷумаи тоҷикии солҳои 1983 ва 1985 бо номи «Тоҷикон» (таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав) Китоби якум аз нав чоп шуда, ҳамчун туҳфа аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи халқи тоҷик ройгон тақдим гардид.

Дар асари мазкуркӯҳанбунёдии халқи тоҷик аз замони қадим то имрӯз бо далеҳои раднашавандаи таърихиву фарҳангӣ ва забонӣ таҳқиқу таҳлил ва таркиб шуда, як қаҳрамонӣ ва падидаест, кидарилми таърихшиносӣ ба шумор меравад. Муаллиф дар асар на танҳо манзараи таърихиротасвир намудааст, балки тарҳи таърих, пайкараи зиндаи онро бо тамоми мураккабию зиддиятҳояшинъикоскардааст.

Бобоҷон Ғафуров аснои навиштани нашри тоҷикииасари бунёдии «Тоҷикон» аз 1904 номгӯйи асару монографияҳо, ки аз он 367 - тоаш ба қалами олимони хориҷӣ тааллуқ дорад, истифода карда,ба 85 - сарчашмаҳои мӯътабари Байҳақӣ, Балъамӣ, Наршахӣ, Мирхонд, Хондамир, Ҷувайнӣ, Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, Низомулмулк, Бобур, Восифӣ ва дигар муаллифону асарҳо такя кардааст.

Мавриди зикр аст, ки равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, қонунҳои умумии инкишоф ва зуҳуроти мушаххаси онҳо, масоили таърихи этникӣ, таърихи тамаддун ва ғайра то ин вақт ҳаргиз ба ин амиқӣ таҳлил ва таълиф нашуда буданд. Бо асари «Тоҷикон» номи Бобоҷон Ғафуров дар таърихнигории ватанию ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои заррин сабт шуда, мақоми алломаро гирифт.

Боиси ифтихор аст, ки то ибтидои солҳои 70-ум дар илми ховаршиносии ҷаҳон чунин асари пурмазмун, пурмуҳтаво ва бо далелҳои боэътимод рӯйи кор наомада буд. Зикр бояд кард, ки пайдо шудани асари ҷомеи Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ба ҳама гуна таҳрифоти мавҷудаи таърихӣ, этникии халқҳои Осиёи Миёна хотима гузошта, ҳуқуқи тоҷиконро ба мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии худ барқарор намуд. Ва аз ҳамин рӯ, ин асари муқаррарӣ набуда, асарест, ки таърихи чандҳазорсолаи халқеро, баён месозад, ки роҳи дуру дарозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавияшро барқарор намудан пайваста мубориза бурдааст.

Мазмуну муҳтавои китоби «Тоҷикон»-ро ғояҳои дӯстии бародаронаи халқҳои ин минтақа фаро гирифта, дар он умумияти сарнавишти таърихии онҳо инъикос ёфтааст. Ин асар дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии насли наврас омӯзиши асл ва решаҳои таърихӣ хизмати шоиста менамояд. Тавре Бобоҷон Ғафуров дар саҳифаҳои нахустини китоби худ махсус таъкид менамояд, ки «омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хоси онҳо ба ганҷинаи умумии тамаддуни башарӣ бо омӯзиш ва таҳқиқитаърихи ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо ошкор намудани он чӣ, ки онҳоро муттаҳид сохтааст, алоқаи ҷудонашаванда дорад. Дар асоси чуни омӯзиш решаҳои амиқи таърихии ҳамкории бародаронаихалқҳои Осиёи Миёнаро муайян кардан имконпазир хоҳад шуд» **(2,19).**

«Тоҷикон» бешубҳа зиндагӣ, ҳастӣ ва бурду боши мо дар замони гузашта ва имрӯза мебошад. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Агар кас гузаштаи аҷдоди худро надонад инсони комил нест». Ба андешаи Сарвари давлат барои он ки насли ояндаи кишвар ба фишори ҷаҳонишавӣ муқовимат карда, асолати миллӣ ва худогоҳиву хештаншиносиашро ҳифз карда тавонад, он бояд мақому манзалати инсониашро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ пайванд созад ва ба Ватану муқаддасоти он, арзишҳои милливу башарӣ арҷ гузорад, манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва хонавода пайваста тавонад ва донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст, он гоҳ ба худшиносию худогоҳии миллӣ расида метавонад.

Бобоҷон Ғафуров ба таври боварибахш исбот намуд, ки «тадқиқи таърихи халқи тоҷик барои фаҳмидани манбаъҳои робитаҳои анъанавии халқҳои Осиёи Миёна мадад мерасонад» **(6,72).**

Мо, мардуми тоҷик, аз он ифтихор дорем, ки номи устод Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муаррихи барҷаста дар саҳифаи илми таърихнигории ватанию ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, чун муаррихи дақиқназар ва ховаршиноси воқеӣ шинохта шудааст.

2. Асари фундаменталии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар ҳаёти илмии мамлакати мопадидаи нодир, як такони бузурге гардид. Ба ин асар олимони номии мамлакат - академикҳо Б. Б. Пиотровский, А. П. Окладников, А. П. Нарочницкий, И. И. Минц, М. П. Ким, Е. М. Жуков ва дигарон дар матбуоти марказӣ баҳои баланд доданд. Аз ҷумла академик, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, дорандаи Ҷоизаи Давлатии СССР А. П. Окладников 22 феврали соли 1973 дар саҳифаи рӯзномаи «Известия» андешаашро чунин баён намуд; «Рисолаи фундаменталии Бобоҷон Ғафуров дониши моро доир ба омӯхтани таърих ва анъанаҳои яке аз халқҳои қадимтарини мамлакати мо-тоҷикон боз ҳам бой ва ғанӣ мегардонад ва ин ҳиссаи арзандаи олим дар омӯзиши таърихи Ватан аст» **(5.82).**

Дар ин китоб таҳаввули мактабу мадраса, низоми омӯзиш дар асрҳои миёна ва таърихи пурғановати халқи тоҷик бо фарҳанги оламшумулаш бозтоб шудааст.

Воқеан ҳам шоҳасари Бобоҷон Ғафуров на танҳо дар Тоҷикистон, балкиберун аз он шӯҳрат ёфта, муаррихи америкоӣ Р. Фрай дар маҷаллаи «Америкэн христорикэл ревю» мақолаеро таҳти унвони «Академик Бобоҷон Ғафуров ва «Тоҷикон» навишта ба китоб ва муаллифи он чунин баҳо додааст; «Беназирии академик Б. Ғафуров дар таҳқиқи масъалаҳои илмии марбут ба Осиё на танҳо аз он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст. Ӯ директори Институти ховаршиносии АИ СССР - бузургтарин маркази ховаршиносие мебошад, ки таҳти раёсаташ дар кӯтоҳтарин муддат муваффақиятҳои гӯшношунидаро ноил гашт. Агар зарурати тарҷимаи англисии ягон асари русии оид ба мавзуи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак он «Тоҷикон» аст» **( 4.120).**

Дар замони истиқлолияти миллӣ китоби «Тоҷикон» - и Б. Ғафуров ба халқи тоҷик ба вижа ба насли ҷавон рӯҳи тоза бахшида, худогоҳиву хештаншиносиро тақвият ва ҳисси ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ифтихори ватандории онҳоро баланд мебардорад. Вобаста ба ин омӯзгоронро мебояд насли наврасро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми хеш, инсондӯстӣ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд. То ки онҳо ба саволҳои: Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом хонавода сабзидаем?. Нахустаҷдодамон киҳоянд аз куҷо омаданд ва дар кадом сарзамин ошён доштанд?- ҷавоб гуфта тавонанд.

Асари мазкур васиятномаи рӯҳии як насл ба насли дигар ба шумор рафта, замони бостонии тоҷикон, таърихи гузашта ва раванди ташаккулёбиихалқи тоҷикро ба мо ва оламиён меомӯзонад, Миллати тоҷик хоссатан насли наврас аз ин бояд ифтихор кунад. Ва ҳамин буд, ки ин шоҳасар дар муддати кӯтоҳ дар Полша бо теъдоди 50000 нусха, дар Афғонистону Ҳиндустон ва ду маротиба дар Тоҷикистон мавриди чоп қарор гирифт. Профессор, муҳаққиқ ва таърихшиноси Афғонистон Ҷалолиддини Сиддиқӣ оид ба мазмуну муҳтаво ва ҷойгоҳи асари мазкур чунинменависад: «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров китобест, ки академик, донишманд, пажуҳишгар ва муҳаққиқи ростин, журналист ва сиёсатмадори барҷастаи Тоҷикистони Шуравӣ онро дар тайи муддати мадид ва бо таҳаммули заҳомати зиёде пажуҳишӣ ва бар пояи таърихнигории мутараққӣ овардааст. Аз ин асар таърихшиносон, бостоншиносон, диншиносон, нажодшиносон, башаршиносон, ҷуғрофидонон, забоншиносон, адабиётшиносон, рассомон, фолклоршиносон ва дигар муҳаққиқони риштаҳои улуми гуногун метавонанд бахра бигиранд ва истифода намоянд». **(6.78)** Ин ҷо зикри ҳадисипайғамбар Муҳаммад (с.а.в) басо мувофиқ аст, ки мегӯяд: «Хушбахт он аст, ки аз саргузашти дигарон панд гирад». Мутолиа ва шиносоии ин асари шуҳратёр инсонро дар рӯҳияе тарбия менамояд, ки таърихамонро омӯзем, санъатамонро дарк намуда, забонамонро поку беолоиш нигоҳ дорем, миллатамонро дӯст дошта, башардӯст бошем, бадхоҳи касон набошем, бадро бад гӯему хубро хуб гӯем, ба қадри некии дигарон расем, некӣ карданро вазифаи аввалиндараҷаи хеш донем. Боиси ифтихор аст, ки бо ҳамин бартариву хусусиятҳо асари мазкур эътирофи ҷаҳониён гардидааст **(7,94).**

Иржи Бечка -шарқшиноси барҷастаи чех, дӯстиБобоҷон Ғафуров - асари устодро чунин баҳо додааст: « Тоҷикон» - и Б. Ғафуров на танҳо ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, балки таърихи тамоми тоҷикони Осиёи Миёна, ҳамчунин қисмати бузурги Афғонистони имрӯзаро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, асар на танҳо барои халқи тоҷик, инчунин барои донистани таърих ва инкишофи тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти калон дорад». Ҳақ бар ҷониби Иржи Бечка мебошад, ки асари мазкур воқеан ҳам фақат шарҳу тавзеҳ ва тарғиби мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик набуда, балки дар бораи таърихи халқҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон низ маълумот медиҳад.

Хулоса, Китоби «Тоҷикон» - и Б. Ғафуров асари бунёдии ҷомеъ буда, дар сатҳи баланди илми таърихнигорӣ ва ҷомеашиносии ҷаҳони муосир таълиф шуда, бо далелҳои қотею муҳокимаҳои қавитаркибии мантиқиву ҷамъбастҳои мунсифонааш як таърихнома, меҳрнома ва васфномаи таърихи пурғановати халқитоҷик маҳсуб мeёбад ва мутолиаи он моро ба ҳақиқати таърих мерасонад. Бо омӯзиши он мо метавонем дар бораи иттифоқи қабилаҳои сакҳо, юриши Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна, давлатҳои Хахоманишинҳо, Суғд, Бохтария, Хоразм, Ҳайтолиён, истилои арабҳо, давлати Сомониён, Қарохониён, Темуриён маълумот пайдо намоем ва ба ин васила худогоҳии миллӣ ва тафаккури таърихии худамонро рушд бахшем**.**

### АДАБИЁТ:

1. Акбари Турсон Доди таърихӣ ва бедодии таърихнигорӣ.-Душанбе, 2012.-63 саҳ.

2.Бобоҷон Ғафуров Тоҷикон. -Душанбе «Нашриёти муосир»-2020 964 саҳ.

3. Сайфуллоҳи Муллоҷон Таърихи мактабу маорифи тоҷикон дар пажуҳиши академик Бобоҷон Ғафуров.-Душанбе: «Промэкспо», 2021.-156

4. Садои Шарқ» №5, 1976, с. 120.

5.Усмонҷон Ғаффоров Марди накуном.-Хуҷанд-1998. 88 саҳ.

6.Усмонҷон Ғаффоров Бобоҷон Ғафуров фарзанди фарзонаи миллат - Ғафуров - 1996,55- саҳ.

7. Усмонҷон Ғаффоров Равшангари таърих. -Душанбе, Ирфон, 1990 100саҳ.

### «ТОҶИКОН» - АСАРИ БУНЁДӢ, ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ

Дар мақола маълумот дар бораи таърихи чопи китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва нақшу мавқеи он дар рушди илми таърихшиносӣ, тарғиби таъриху фарҳанги пурғановати халқи тоҷиква тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** *асари бунёдӣ, асари ҷомеъ, таърихнигорӣ, тарбия, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, тарғиби мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик, қабила, юриш ва таҳқиқи таърих.*

### "ТАДЖИКИ" - ФУНДАМЕНТАЛЬНОЕ, АНТРОЛОГИЧЕСКОЕ И ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ПРОИЗВЕДЕНИЕ

В статье представлены сведения об истории издания книги «Таджики» академика Б. Гафурова и её роли в развитии исторической науки, пропаганде богатой истории и культуры таджикского народа, просвещении граждан, патриотизм.

**Ключевые слова***:* *Фундаментальная работа, социальная работа, историография, образование, самопознание, патриотизм, популяризация историко - культурного наследия таджикского народа, племя, поход и изучение истории.*

### «TAJIKON» - A FUNDAMENTAL, ANTHROLOGAL AND PATRIOTIC WORK

The article provides information about the history of the publication of the book «Tajikon» by academician Bobojon Ghafurov and its role in the development of the science of history the promotion of the rich history and culture of the Tajik people, and the education of citizens patriotism.

**Keywords:** *foundational work social work historiograph/ education self - knowledge patriotism promotion of the historical and cultural heritage of the Tajik people tribe march and study of history*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Суриева Шакармо, мудири шуъбаи технологияи (таълими меҳнат), тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2, тел. 930010353.*

**Сведения об авторе:** *Суриева Шакармо. Заведующая отдела технология (трудовое обучения, физической культуры и военной подготовки Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, улица А. Адхамов.11/2 тел. 930010353.*

**Information about author**: *Surieva Shakarmo - Head of the Department of Labor Technology Physical Culture and Military Training of the Institute of development of education named after Abdurahman Jami of Academy of education of Tajikistan Vahdat 32 Salimzoda street telephone number 930010353*

**ТДУ: 371 (575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Ҷонмаҳмадова Г.Ш., Сафарзода Г. С.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва такомули малакаю маҳорати касбии омӯзгор аз фаъолияти пурсамари муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ вобаста аст.

Таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллиамон дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, ба омӯзгорони баландихтисоси соҳиби донишу истеъдодҳои замонавӣ вобаста аст. Зеро омӯзгорон меъмори рӯҳу ҷисми инсон буда, бо рушди инсон ва ба ин васила бо рушди ҷомеа бевосита сару кор дошта, бобатитатбиқи стратегия ва барномаҳои рушди маориф масъулияти бузург ва вазифаи калидиро дар таъмини таҳсилоти босифат ба ухда доранд[8, с. 3]. Аз ин ҷиҳат, омӯзгорро талаботи ҷаҳони муосир водор мекунад,ки бояд васоити нави техникӣ, технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба мисли тахтаи электронӣ, проекторҳо, шабакаи интернет, корҳои озмоишииавтоматикунандаро дар дарсҳояш васеъ бурда тавонад. Бар замми ин,омӯзгор бояд навовару эҷодкор бошад. Аз ин рӯ, ҳоло омӯзгор аз ҳарвақта дида бештар ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ниёз дорад.Чунки таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти имрӯзабе ягон шак созандагон ва офарандагони ҷомеаи оянда мебошанд ва минбаъд рушди устувори кишварро ҷавононе, ки имрӯз дар паси курсиҳои мактабӣ таълиму тарбия мегиранд, таъмин месозанд. Маҳз бо ин далел, замона ба дӯши омӯзгорон масъулияти бузургеро вогузор кардааст [8, с. 5]. Ва сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Чунон ки маълум аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳояш доир ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дастуру ҳидоятҳо медиҳад ва аксар ба чунин мазмун таъкид мекунад: «Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсонеро, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ доранд ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳар чӣ бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад» [72, с.14].

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2018 №357 «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» қабул гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи масъалаҳои дар барномаи мазкур омада ва ташаккул ёфтану ҷавобгӯи замони муосир шудани сифати такмили ихтисос пайваста чораҷӯйӣ мекунад.

Бояд донист, ки фаъолияти Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва филиалҳои он дар асоси нақшаҳои фаъолияти донишкадаву филиалҳо, нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос, курсу семинарҳои махсус ва дигар нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, бо мақсади роҳандозӣ намудани иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло дар Донишкада дар қатори дигар барномаҳои давлатӣ бо мақсади такмил додани системаи амалкунандаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф, ташкили низоми ягонаи такмили ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи таҳсилоти ҷаҳонӣ «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №357 тасдиқгардидааст, амалӣ кардамешавад. Бинобар ин, бо

қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2018, № 26/7 ва фармоиши вазири маориф ва илм аз 12.11.2018, №7145 дар донишкада роҳбарият ба хулосае омадааст, ки шуъбаи бозомӯзӣ ташкил карда шавад. Бо фармоиши вазири маориф, ҳамчунин,намунаи ягонаи шаҳодатнома дар бораи курсҳои бозомӯзӣ тасдиқ карда шудааст.

Нақшаҳои таълимии курсҳои бозомӯзии фанҳои таърих ва ҳуқуқ, суруд ва мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, технологияи меҳнат, синфҳои ибтидоӣ, забони русӣ, забон ва адабиёти тоҷик, химия, биология, география, технологияи информатсионӣ, забони англисӣ, физика, математика ва педагогикаю психология аз ҷониби мутахассисони донишкада таҳия карда шуда, аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ- методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикисон низ пас аз ташхис тасдиқ карда шудааст. Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои бозомӯзӣ доир ба ихтисосҳои дар фавқ зикршуда аз соли 2019 ба фаъолият шуруъ кардаанд. Чунончи, фаъолияти бахши корҳои таълимию методӣ дар донишкада дар чунин сатҳ қарор дошт:

- дар пояи донишкада аз курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ гузаронидани 12 нафар омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимашон ба забони тоҷикии Ҷумҳурии Қазоқистон бо мактуби дархостии сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қазоқистон;
- таъсис додани Шурои муҳаққиқони ҷавон дар донишкада бо мақсади ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ҷалб намудани омӯзгорону кормандони ҷавони донишкада ва филиалҳои он. Айни ҳол дар донишкада 16 нафар омӯзгорону кормандони ҷавон ба корҳои илмӣ- тадқиқотӣ машғул буда, дар самти методикаи таълими фанҳо ва педагогика тадқиқот бурда истодаанд;
- танҳо дар давоми моҳи январи соли 2020 тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус (танҳо дар курсҳои нақшави) дар ҷумҳурӣ доир намудани 179 курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 4767 нафар омӯзгоронукормандони соҳаи маориф таъсис дода шудааст; тибқи накшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус (танҳо дар курсҳои нақшавӣ) давоми моҳи январи соли равон дар ҷумҳурӣ 179 курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 4767 нафар омӯзгорону кормандони соҳаи маориф гузаронида шуд;
- дар донишкада барои хоҳишмандон 30 курси омӯзишӣ, 20 курси забони англисӣ бо фарогирии 298 нафар, 1 курси технологияи иттилоотӣ 13 бо ишитирокинафар, 2 курси дузандагӣбо ишитироки 20 нафар ва 5 курси пазандагӣ бо ишитироки 41 нафар ва 2 курси химия бо иштироки-20 нафар ташкил ва ҷамъбаст карда шуд;
- тибқи нақшаҳои тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсуси донишкада ва филиалҳо барои соли 2018 аз тарафи омӯзгорону мутахассисон вобаста ба масъалаҳои мубрами рушди соҳа ва методикаи таълими фан мунтазам семинарҳои мақсаднок дар мавзӯъҳои гуногун гузаронида шудааст;
- дар доираи ҳамкорӣ бо Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат барои ҳайати омӯзгорону кормандони донишкада ва филиали он дар шаҳри Душанбе семинари машваратӣ оид ба "Амалисозии муносибати босалоҳият дар таълим" ташкил ва гузаронида шуд;
- бо мақсади татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар доираи ҳамкориҳо бо Донишкадаи такмили ихтисоси Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия давоми моҳҳои январ-феврали соли ҷорӣ курси бозомӯзӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти руси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ машғулиятҳо аз рӯи барномаи таълимии 500 –соата гузаронида шуд;
- барои кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва донишкада курсҳои омӯзишии забонҳои русӣ ва англисӣ доир карда шуд;

Тазаккур мебояд дод, ки ба ҷузъ аз чорабиниҳои дар иртибот ба сифати таълим баррасишуда, ҳамчунин, бо мақсади иҷрои фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15/01-2018, №96 аз тарафи ДҶТИБКСМ оид ба ташкилу баргузории курсҳои омӯзишии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим:

-барои омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионии ҷумҳурӣ дар доираи ҳамкориҳо бо "Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат"-и Иттиҳоди Аврупо дар 3 марҳила (аз 16-31.01.2018) 592 курси омӯзишӣ бо фарогирии 22547 нафар шунаванда ташкил ва

баргузор карда шуда, шунавандагон-омӯзгорон бо шаҳодатномаҳои хатми курс таъмин карда шудаанд;

- дар доираи гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ 138 курси омӯзишии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои хориҷӣ ташкил карда шуд, ки дар ин курсҳо 4176 нафар фаро гирифта шудаанд;

- тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 973 курси баландбардории маҳорати касбии нақшавӣ бо фарогирии 23238 нафар, 592 курси омӯзишии муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ бо фарогирии 22547 нафар, 138 курси омӯзишии муносибати босалоҳият дар таълим барои омӯзгорони фанҳои хориҷӣ бо фарогирии 4177 нафар ва 217 курси омӯзишии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо фарогирии 4503 нафар дар доираи лоиҳаи "Ҳамроҳ бихонем"-и ЮСАИД ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар маҷмуъ 1920 курсро бо фарогирии 54543 нафар ташкил медиҳад.

**Бахши корҳои илмӣ-инноватсионӣ**.

Дар донишкада раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тавсеа ва тақвият ёфта, таҳқиқи 2 мавзӯи илмӣ (фармоишӣ) мавриди амалишавӣ қарор гирифтааст:

1. «Коркард ва татбиқи моделҳои илмии такмили маҳорати касбии омӯзгорон барои солҳои 2018-2022" ( Роҳбари мавзуъ, доктори илмҳои таърихХоналӣ Қурбонзода).

1. «Таҳқиқи омилҳои пастшавии маънавиёти наврасон ва роҳҳои педагогии пешгирии онбарои солҳои 2018-2022" ( Роҳбари мавзӯъ номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психология, педагогика ва методикаи таълим Ғиёсиев М) [81, с. 85].

Мебояд таҳкид сохт, ки рафти иҷрои мавзуъҳои номбурдамувофиқи нақша идома ёфта, аз натиҷаи онҳо мунтазам ба Вазоратимаориф ва илм ва шӯрои ҳамоҳангсозиикорҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот дода мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар **ДҶТИБКСМ 6 адад** маҷмуаи мақолаҳо доир ба татбиқи стандарти фанҳои нав ва гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим таҳти унвони "Таълими босалоҳият ва моҳияти он" (Душанбе: "Бухоро", 2018.-158 саҳ.), маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-методӣ дар мавзӯи "Роҳҳои коркард ва истифодаи усули дидактикии таълим дар такмили ихтисос" (Душанбе: "Графика-Принт", 2018.-163 саҳ.), маҷмӯаи мақолаҳои конференсия дар мавзӯи "Президент ва вахдатимиллӣ" (Душанбе: "Графика-Принт", 2018.-131 саҳ.), "Татбиқи нуқтаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" (Душанбе: "Графика-Принт", 2018.-80 саҳ.), "Эъҷози эҷод" (Душанбе-Принт, 2018.-207 саҳ.), "Афкори рангин" (Душанбе-Кайҳон, 2018.-127 саҳ.) монографияҳо дар мавзӯи "Роҳҳои таъмини бехатарии озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули стратегияи он" (Душанбе: Ирфон, 2018. -189 саҳ.) ва "Историческое значение первых мероприятий и правовых актов правительства Таджикской АССР" (Душанбе, 2018.-182 стр.), инчунин 22 дастури методӣ доир ба масъалаҳои такмили ихтисос ва методикаи таълим таҳия ва ба нашр расонида шудаанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Абдулазизова З.О. компетентности обучения высшей школы/З. Абдулазизова // Маърифати омӯзгор. 2018, -№3. С. 14-15.

2. Абдураҳим Ш. Тарбия ва инкишофи кӯдакони то 2-3 сола// Маърифати омӯзгор. 2018. -№7. С. 24-25.

3. Абдусамадова М.А. Компетентностный подход в профессиональной подготовке учителей начальных классов в эстетическом воспитании учащихся (на примере уроков изобразительного искусства)// Авт. дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 2014. -22 с.

4. Азизи С.Т. Социально – педагогические аспекты воспитания и обучения трудновоспитуемых детей// Авт. дисс.. канд. пед. наук. -Душанбе. 2013. - 22 с.

5. Аткинсон Р.Л. и др. Введение в психологию (Учебник для студентов унверситетов). Москва.: 2002. - 672 с.

6. Бадалов М. Ҳамгироии ҳадафҳои маориф дар бораи рушди устувор бо барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон. –Душанбе: «Бухоро». 2017. - 72 с.

7. Байденко В.А. Компетенции в профессиональном образовании// Высшее образование в России, 2014, №11.- с. 3-13

8. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Душанбе: «Донишварон», 2018.- 48 с.

9. Болтов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образавательной программе// «Педагогика». -2003, №10. с.8-14

10. Булбулов Д.Ж. Педагогические основы совершенствования деятельности школьного технического кружка как важнейшего средства подготовки учащихсия к труду// Авт. дис канд. пед. наук. -Душанбе, 2000. -23 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур, масъалаи такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бар он ақида аст, ки сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст. Дар ин раванд, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллиамон дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, ба омӯзгорони баландихтисоси мусаллаҳ бо донишу истеъдодҳои замонавӣ вобаста аст.

Инчунин, фаъолияти Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва филиалҳои онҳо дар ҷумҳурӣ мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** *такмили ихтисос, сифати таҳсилот, низоми маориф, малакаи касбӣ, бозомӯзии кормандон, бозори меҳнат, рақобатпазир.*

## ВАЖНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОВЫШЕНИЕ КВАЛИФИКАЦИИ УЧИТЕЛЕЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье исследуется вопрос повышения квалификации учителей. Автор считает, что текущая политика Правительства Республики Таджикистан в области образования в первую очередь направлена на решение наиболее важных вопросов, таких как повышение качества образования, подготовка специалистов для конкурентоспособности на рынке труда и выход в мировое образовательное пространство. При этом обеспечение конкурентоспособности нашей национальной системы образования на мировом рынке образования и труда зависит, прежде всего, от высококвалифицированных учителей, вооруженных современными знаниями и талантами.

Также автор обращает внимание на деятельность Государственного учреждения «Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования» и его филиалов в стране.

**Ключевые слова**: *повышение квалификации, качество образования, система образования, профессиональные навыки, переподготовка кадров, рынок труда, конкурентный.*

## PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF TEACHERS IS A KEY FACTOR IN IMPROVING THEIR PROFESSIONAL SKILLS

In this article, the issue of professional development of teachers is studied. The author believes that the current policy of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of education is primarily aimed at addressing the most important issues, such as improving the quality of education, training specialists to compete in the labor market and entry into the global educational space. In this process, ensuring the competitiveness of our national education system in the global market of education and labor depends, first of all, on highly qualified teachers armed with modern knowledge and talents.

Also, the author pays attention to the activities of the State Institution "Republican Institute for Advanced Training and Retraining of Education" and its branches in the country.

**Keywords:** *professional development, quality of education, education system, professional skills, staff retraining, labor market, competitiveness.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна – номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2, тел.: (+992) 88888 62 76*

**Сафарзода Г. С.** - *унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, тел.: (+992) 004440464.*

**Сведения об авторах:** *Джонмахмадова Гулрафтор Шералиевна – кандидат педагогических наук, ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: ш. Душанбе, ул. А.Адхамова 11/2, тел.: (+992) 88888 62 76*

**Сафарзода Г. С.** – *соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, тел.: (+992) 004440464.*

**Information about the authors:** *Dzhonmakhmadova Gulraftor Sheralievna - Candidate of Pedagogical Sciences, Leading Researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: sh. Dushanbe, st. A.Adkhamova 11/2, tel.: (+992) 88 888 62 76*

**Safarzoda G. S.** - *Applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, tel.: (+992) 004440464.*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**УДК: 681.3 + 004**
**ТКБ: 73+74.00**

# ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ РОҲБАР ҲАМЧУН ЗАМИНАИ МУАССИР ДАР ТАТБИҚИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНӢ

***Боймуродова М.Н.*** **ДДОТ ба номи Садридин Айнӣ**
***Абдураҳмон Гулзода,*** **МҶТИК-и назди вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вобаста ба босуръат вусъат ёфтани раванди илму техника дар арсаи ҷаҳонӣ системаи маорифи ҷуҳурӣ азнавсозии муассисаҳои таълимиро тақозо мекунад. Дар шароити навсозии муассисаҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ нақши фаъолияти инноватсионӣ меафзояд, зеро зарурати навсозии мундариҷа ва ноил шудан ба сифати нави таълим ба миён меояд. Яке аз шартҳои муҳимми навсозии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолияти эҷодии роҳбари муассиса мебошад. Роҳбарони оянда дар ҷустуҷӯйи эҷодӣ, пешгӯйӣ кардани талаботи таълимии ҷомеаи муосир, аз худ намудани технологияҳои нави педагогӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳамаи ин шароит барои инкишофи минбаъдаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба навоварӣ асос ёфтаанд, аҳамияти хосса доранд. Инчунин, барои рушди фаъолияти инноватсионии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам овардани шароит, муайян кардани намунаҳо, муқоиса намудани раванди мазкур бо назардошти захираи дохилии ҳайати омӯзгорон ва ба нақша гирифтани ҳавасмандии омӯзгоронро ба фаъолияти навоварона ташкил кардан зарур аст. Дар марҳилаи кунунии рушди илму маориф таҷрибаи таҳқиқот дар соҳаи психология, фалсафа, педагогика оид ба проблемаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷамъоварӣ ва пешниҳод карда шудааст.

Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва низоми таълими замонавӣ аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ фаъолияти эҷодиро талаб менамоянд. Роҳбари ҳақиқии муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд нисбат ба омӯзгорон, хонандагон ва дигар кормандони муассиса муносибати ҷиддӣ дошта бошад. Вай бояд қобилияти хавасмандгардонӣ дошта, коллективро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ намуда, на танҳо маҳорати маъмурӣ, балки ба онҳо хислатҳои роҳбариро низ нишон диҳад.

Таҳлили амалияи таҳқиқот нишон медиҳад, ки на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриамон роҳбарон сифатҳои зарурии роҳбариро доранд. Дар ин бобат ҳангоми кор дар муассисаҳои таълимӣ танҳо баъзе роҳбарон муваффақияти фаъолияти муаллимонро таъмин мекунанд.

Аз ин рӯ, ҳайати кормандон дар тартиботи ҷустуҷӯйӣ эҷодии нопурра фаъолият мекунанд.

Самаранокии раванди таълими инноватсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳбари дорои сифатҳои баланди роҳбарӣ муайян карда метавонад.

Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ рушди қобилиятҳои идоракунии роҳбарият бояд фаъолияти мунтазамеро дошта бошад. Неруи сусти идоракунии роҳбар дар муассисаҳои таълимӣ монеаи ҷиддие барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мегардад.

Имрӯз роҳбарони МТМУ бояд аҳамияти рушди густурдаи роҳбариро дарк намоянд. Вазъияти корро таҳлил намуда, барои тайёр кардани кадрҳои соҳибистеъдод, ташаббускор ва инчунин, дар муассисаҳои таълимӣ ислоҳоти назаррас ба амал оваранд, яъне муассисаҳои таълимӣ тавассути навоварӣ навсозӣ карда шаванд.

Муваффақият ва самаранокии фаъолияти роҳбар, чун тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз он вобаста аст, ки нерӯи роҳбарии ӯ то чӣ андоза қавӣ аст.

Албатта, дар иртибот ба ин масоил бояд саволе гузошт, ки фаъолияти роҳбари МТМУ чӣ гуна аст ва чаро он барои татбиқи самаранокии таълими инноватсионӣаҳамияти калон дорад?

Барои пайдо кардани ҷавоб ба ин саволҳо мо бояд дар бораи истилоҳи роҳбар маълумоти мушаххус дошта бошем.

Табиист, ки андешаҳои зиёде дар адабиёти педагогию психологӣ ва дигар илмҳои гуманитарӣ оид ба ин масъала хеле гуногун оварда шудааст. Аммо дар таҳқиқоти хеш мо мехоҳем бархӯрдҳои назариявӣ ба мафҳуми «Роҳбарӣ»-ро баррасӣ намуда, ба масъалаҳои амалии рушди роҳбарият дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти интихоб ва таъини роҳбар дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ намоем.

Роҳбарӣ маҷмуи сифатҳо ва хусусиятҳои шахсест, ки ҳамчун қобилияти таъсир расонидан ба одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ арзёбӣ карда мешаванд. Ин ҷиҳати муҳими роҳбарии самарабахш ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ё роҳбарӣ ин қобилияти таъсир расонидан ба одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда (яъне хоҳиши ихтиёрӣ барои ноил шудан ба онҳо) мебошад. [9, С.76-].

Дар ҷамъият ё дар коллектив роҳбар шахсе мебошад, ки дар баъзе фаъолият ва соҳа нисбат ба дигар аъзоёни коллектив муваффақиятноктар аст. Ё роҳбар шахсест, ки метавонад мардумро роҳбарӣ кунад. Дар тарҷума калимаи "лидер" аз лидери инглисӣ омадааст, ки маънояш - аввалин, пешво [9, С. 77].

Роҳбар шахсест, ки ба як гурӯҳи одамон роҳбарӣ мекунад, бинобар қобилияти идора кардани он дар ин гурӯҳ аз нуфуз ва манзалат бархурдор аст. Ӯ яке аз аъзоёни гурӯҳ аст ва ӯ шахсест, ки ҳуқуқи роҳбарии ӯро эътироф мекунанд.[9, С.78].

Оид ба ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои роҳбарӣ ҳаҷми зиёди таҳқиқотҳо мавҷуданд. Бисёре аз олимон дар таҳқиқотҳои хеш оид ба мафҳуми роҳбарӣ таъриф медиҳанд.

Масалан, мушовири маъруфи амрикоии менеҷмент Уоррен Беннис дар пажуҳиш ва кори худ ба фарқияти сифатии байни менеҷмент ва роҳбарӣ аҳамияти калон дод. Ӯ фарқи байни менеҷмент ва роҳбариро чунин муайян мекунад: «Менеҷерон ҳама чизро дуруст мекунанд ва роҳбарон корҳои дуруст мекунанд»[3].

Э.Боргатта мафҳуми роҳбариро ҳамчун «шахси бузург»-и дорои зеҳни баланд маънидод намудааст, ки аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ баҳои баландтар мегирад[3].

Роҳбар шахсест, ки кормандонро рӯҳбаланд мекунад, дар байни кормандон шавқу рағбат мепарварад, ба онҳо нуқтаи назари худро дар бораи оянда нишон медиҳад ва онҳоро ба замони нав ва тағйирёбанда мувофиқат мекунонад.

Таъини роҳбар бештар аз берун, масалан, аз зинаи болоии роҳбарият сурат мегирад ва роҳбари нав шояд умуман ба ин гурӯҳи одамон мансуб набошад.

Одатан, одамон роҳбарро "Роҳбалад" мешуморанд, гарчанде истилоҳоти менеҷер ва роҳбар мафҳумҳои гуногун доранд. Мо муносибати байни мафҳумҳои "Роҳбалад" ва менеҷерро баррасӣ мекунем . Фаҳмидани фарқи байни "Роҳбалад" ва роҳбарӣ муҳим аст. Умуман, Сардор (Менеҷер) мудирест, ки кори дигаронро роҳнамоӣ мекунад ва барои натиҷаҳои он шахсан масъул аст. На созандаи нав. Роҳбарон, баръакс, муҳтаво (контекст) ва вазифаҳоро худашон ташкил мекунанд, чизи нав меофаранд. Метавон гуфт, ки роҳбарон муассис ё созмондиҳанда мебошанд. [12, С.125]

Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии МТМУ тадбирҳое андешидан лозим аст, ки сифатҳои шахсии роҳбариро ташаккул диҳанд ва ба ӯ имкони пайдо намудани нуфузи баландро дар байни колектив ба миён гузоранд, то сарвариро мустақилона соҳиб гардад.

Шахсияти роҳбар пеш аз ҳама, шахсияти идоракунӣ аст, зеро дар ҳолатҳои муайян нишон дода натавонистани қобилияти идоракунӣ бешубҳа боиси паст шудани нуфуз ва самаранокии фаъолияти касбӣ мегардад [8 С. 64].

Албатта, бояд қайд намуд, ки яке аз шартҳои зарурии рушди муассисаҳои таълимии муосир нигоҳи стратегии роҳбар оид ба роҳҳои рушди раванди таълим мебошад.

Вазифаҳо ва талаботи тахассусӣ ба роҳбари муосири МТМУ имрӯз васеъ мебошанд.

Дар иртибот ба ин масоил, мутахассиси соҳаи педагогика Авдеев В. уҳдадориҳои роҳбари муассисаи таълимиро ба таври зайл ҷудо намудааст:

– тибқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаи муассиса ба муассисаи таълимӣ роҳбарӣ намояд;

– кори мунтазами таълимию истеҳсолии муассисаи таълимиро таъмин намояд;

– иҷрои стандарт ва талаботи давлатии таълимиро таъмин намояд;

– контингенти хонандагонро ташкил намуда, ҳифзи ҳаёт ва саломатии онҳоро ҳангоми раванди таълим таъмин намояд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва кормандони муассисаи таълимиро, ки қонун мукаррар кардааст, эҳтиром намояд;

– стратегия, мақсад ва вазифаҳои рушди муассисаи таълимиро муайян намуда, банақшагирии кори он, риояи талаботро нисбат ба шароити раванди таълим, барномаҳои таълимӣ, натиҷаҳои муассисаи таълимӣ ва сифати таълимро таъмин намояд;

– якҷоя бо дигар ташкилотҳои давлатӣ барномаи таълим, оиннома ва қоидаҳои дохилии меҳнатии муассисаро таҳия, тасдик ва татбиқ намоянд;

– барои ҷорӣ намудани навоварӣ шароит фароҳам оварад, ташаккул ва татбиқи ташаббуси коркунонро, ки ба беҳбудии кори муассиса ва баланд бардоштани сифати таълим нигаронида шудаанд, таъмин намоянд, дар коллектив муҳити мусоиди маънавию психологиро нигоҳ дорад.

– низомномаи маҳаллии муассисаи таълимиро, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар бар мегирад, аз ҷумла оид ба масъалаҳои мукаррар намудани низоми музди меҳнат бо назардошти фикри мақомоти намояндагии кормандон қабул намояд;

– ҳамкории самарабахш ва ҳамкориро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, аҳли ҷамъият, падару модарон таъмин намояд;

– ба фаъолияти ташкилоти педагогӣ, психологӣ ва иттиҳодияи методӣ, ташкилоти чамъиятӣ мусоидат кунад;

– баҳисобгирӣ, бехатарӣ ва пур кардани базаи моддию техникӣ, риояи қоидаҳои тартиботи санитарию гигиенӣ ва ҳифзи меҳнат, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, ҷалби манбаъҳои иловагии маблағҳои молиявӣ ва моддиро барои амалӣ намудани чорабиниҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ таъмин намояд ва ғайра [1]

Имрӯз нисбат ба роҳбарони муассисаи таълимӣ талаботи тахассусӣ тағйир ёфтааст. Вай бояд дорои ихтисосҳои «Идораи давлатӣ ва мунисипалӣ», «Менеҷмент», «Идоракунии кадрҳо» ва соҳиби таҳсилоти олии касбӣ, таҷрибаи корӣ, тайёрии иловагии касбӣ бошад. Кордонии роҳбар табиатан худ аз худ ба миён намеояд. Доштани таҳсилоти касбӣ, ё маҳорати баланди касбӣ, яъне дар соҳаи худ салоҳиятдор будан маънои онро надорад, ки Шумо ҳам роҳбари хуб шудаед. Маҳорати касбии роҳбар ин кори амиқ ва пайваста дар самти рушди худ, такмили худ, яъне ташаккули сифати роҳбарӣ мебошад.

Яке аз раҳбарони низомии ИМА гуфтааст, ки "Роҳбарӣ ин санъати водор кардани дигарон аст, ки он чизеро, ки шумо мехоҳед, иҷро кунед, то онҳо фикр кунанд, ки худашон ин корро кардан мехоҳанд"[9].

Рушди сарварӣ ин ташаккул ва амиқсозии мақсадноки сифатҳо ва малакаҳои мувофиқ мебошад.Ин ҷанбаи масъала имкониятҳои ташаккул ва инкишоф додани қобилияти роҳбарӣ ба андозаи зиёд ё камтар тавассути омӯзиш ва худомӯзӣ, ҳавасмандкунӣ, омӯзиш ва таҷрибаи амалӣ ба назар гирифта мешавад. Барои ташаккули сифати идоракунии роҳбар муассисаҳои таълимӣ метавон як қатор расмиётро истифода бурд, ки асоснокии назариявии онҳо назарияҳои пештар баррасишудаи идоракунӣ мебошанд. Истифодаи онҳо барои пешсаф шудан ва эътирофи коллективи муассисаҳои таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Албатта, бо мақсади ташаккули сифатҳои идоракунии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ки заминаи муассир дар татбиқи самаранокии таълими инноватсионӣ мебошад, метавон як қатор расмият ё худ тартибот баён сохт:

1. Дар асоси ҳавасмандии шахсӣ, хоҳиши устувори роҳбар будан кор кунед. Ба худ боварӣ дошта бошед, омода бошед, ки қарор қабул кунед ва масъулиятро барои оқибатҳои қарорҳои қабулшуда ба дӯш гиред, дар татбиқ ва ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ устувор бошед, аз қувваи худ огоҳ будан ва барои расидан ба максад боварӣ доштан, бо шавқу завқ ба кор сар кардан ва ғайра заминаҳои инкишофёбист.

2. Ташаккул додани сифатҳои роҳбаладии фардӣ ва ахлоқӣ. Ба ин сифатҳо - салоҳияти касбӣ, одобӣ (инсофкорӣ), ки бидуни он дар байни коллектив обрӯ пайдо кардан ғайриимкон аст, дорои зеҳни (интеллекти) мутараққӣ, яъне зуд дарк кардани моҳияти масъала, чандирии ақл, дурандешӣ, қобилияти эҷодкорӣ, нақшаҳои конкретӣ ва максадҳои амиқ ба миён гузоштан.

3. Ташаккул додани салоҳияти иҷтимоии роҳбар. Дӯстона будан дар муносибат бо аъзои даста, риояи фарҳанги муошират, возеҳ баён кардани фикр, дуруст гӯш кардани кормандон, шарҳ додан, маслиҳат додан, бодиққат будан, эҳтиром кардани шаъну шарафи одамони дигар, бо ташвишу мушкилоти онҳо фаро гирифтан ва ғайра.

4. Кӯшиш кунед, ки вазъиятро дуруст баҳо диҳед, ҳангоми қабули карор адолатро риоя кунед, хусусиятҳо, манфиатҳо, дархост ва интизории ҳамаи аъзои коллективро ба назар гиред.

Бе дуруст баҳо додан ба вазъият ва зоҳир намудани ноадолатӣ боиси нобоварии коллектив мегардад. Дар сурати нокомӣ, хатои худро эътироф кунед ва хулоса бароред, то нокомӣ такрор нашавад. Муваффақиятҳои такрорӣ одатан боиси гум шудани эътиқод ба роҳбар мешаванд. [5, С. 44-46]

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир дар кишвари мо, мисли дигар кишварҳои ҷаҳон, ҳарчи бештар тағйирпазирӣ ва қобилияти навоварӣ талаб мекунанд.

Аз ин рӯ, дар системаҳои роҳбарии муассисаҳои таълимӣ роҳбаронро ҳавасманд кардан ва тарбия кардан лозим аст. Муассисаҳое, ки ҳамзамон сифатҳои идоракунӣ ва роҳбариро инкишоф медиҳанд, ба муҳити тағйирёбанда ба осонӣ мутобиқ мешаванд. Ин, дар навбати худ, муносибати нав, каме расмӣ ва иерархиро нисбат ба сохти ташкилӣ талаб мекунад. Дар шароити босуръат инкишоф ёфтани ҷараёни илмию техникии арсаи ҷаҳон системаҳои иерархӣ ба талаботи ҳозираи идоракунии муассисаҳои таълимӣ ҷавоб дода наметавонанд.

Имрӯз дар ҷумҳурии мо на ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ хислатҳои роҳбарӣ доранд. Ҳол он ки дар коллективи педагогӣ роҳбарон бисёранд. Бисёре аз олимон бар ин назаранд, ки асри 21 асри пешвоён хоҳад буд, ки ҷаҳонро ба пеш мебаранд. [1]

Ҳамаи гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳад, ки роҳбарии муассир ба муассисаҳои таълимӣ дар ҳамбастагии роҳбар ва роҳбалад дар як шахс аст. Роҳбари муассир бояд ҳамеша бо колектив ҳамроҳ бошад. Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки роҳбарӣ тоҷи фаъолияти идоракунӣ мебошад.

Дар солҳои охир МТМУ-и ҷумҳуриамон ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ бештар диққат медиҳанд. Баъзе аз дигаргуниҳои аёнтарин дар системаи маориф аллакай дода шудаанд. Аз рушди маориф дар кишварҳои дигари ҷаҳон ба назар гирифта мешавад, ки дарояндаи наздик яке аз вазифаҳои асосии низоми маорифи кишвари мо рушди неруи роҳбарикунанда дар муассисаҳои таълимӣ хоҳад буд. Имрӯз бисёр муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ мутахассисонро аз хориҷ ҷалб намудаанд, то онҳо на танҳо донишу малакаҳои нокифояро бо худ биёранд, балки дар ташаккули фарҳанги муносиби корпоративӣ, таҷдиди сохтори ташкилот ва ташаккули кадрҳои роҳбарӣ мусоидат намоянд.

Ҳангоми ба нақша гирифтан дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули неруи васеи роҳбарикунанда бояд баъзе хусусиятҳои байни муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро қайд намуд. Ин вижагиҳо худро илмӣ вонамуд намекунанд, балки дар асоси мушоҳидаҳои гузаштаи фаъолияти МТМУ-и ҷумҳурӣ асос ёфтаанд.

Нигоҳе ба таърихи навини рушди маориф дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар барои фароҳам овардани шароит барои рушди минбаъдаи маориф ва доштани нерӯи қавии роҳбарӣ барои пешбарандагони афзояндаи системаи маориф имкониятҳои калон дорад. Пошхурии Иттиҳоди шуравӣ ва задухӯрдҳои сиёсӣ, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқуъ пайвастанд, рӯҳияи мардуми Тоҷикистонро барои рушди маориф дар кишвар шикаст.

Аз рӯйи тафаккури мардуми мо ба назар мерасид, ки масъалаи ташаккули хислатҳои роҳбарикунанда хеле душвор менамояд. Ба назари онҳо, сарварӣ атои табиат аст, касе онро дорад, аммо касе надорад ва ҳеҷ гоҳ нахоҳад буд. Аммо имрӯз ба касе пӯшида нест, ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон даҳсолаҳост, ки на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, балки дар дигар ширкатҳо низ бомуваффақият кадрҳои роҳбарикунандаро ба камол расонида, тарбия мекунанд. [13]

Пас, барои рушди неруи идоракунии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ чӣ бояд кард? Барои ин мо бояд барои рушди нерӯи роҳбарӣ дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварем.

Яке аз шартҳои муҳимтарин – ғайримутамарказ ва додани ваколатҳо, рад кардани усули анъанавии баланд бардоштани масъулияти коркунон, монанди назорати иерархӣ мебошад. Иерархияи бюрократӣ бо инкишофи потенсиали роҳбарӣ мувофиқ нест. Рушди сифати роҳбарӣ дар муассисаҳои таълимӣ самаранокии таълимро дар кишвар афзоиш дода, ба кормандони системаи маориф кӯмак мекунад, ки сифатҳо ва қобилиятҳои роҳбарикунандаи коллективро беҳтар дарк кунанд ва кӯшиш кунанд, ки онҳоро дар худ инкишоф диҳанд.

Дар асоси ҳамаи ин таъкид бояд кард, ки роҳбарони МТМУ бояд кӯшиш кунанд то малакаҳои худро тақвият бахшанд, маҳорати роҳбарии худро инкишоф диҳанд, усули гуногуни идоракуниро вобаста ба вазъият татбиқ намоянд. Зеро услуби идоракунӣ ва рафтори роҳбар, чун қоида, дар коллектив такрор мешавад - аз тарафи тобеон нусхабардорӣ карда мешавад ва баъд дар ҳамаи ҷузҳои муассиса такрор карда мешавад. Муассисаҳои

таълимиро дар мамлакат ғайримарказӣ гардондан, ваколатҳои роҳбареро, ки дар коллектив ба камол расидаанд, додан лозим аст.

Ҳангоми таъини роҳбари муассисаҳои таълимӣ ба неруи роҳбарикунандаи номзад бештар таваҷҷуҳ кардан лозим аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки роҳбарро аз ҳисоби роҳбарони як колектив таъин намуд, ё беҳтараш худи аъзоёни колектив роҳбарро интихоб кунанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Авдеев В.В. Инновационный педагогический менеджмент в процессе модернизации управления общеобразовательными учреждениями.// В.В.Авдеев.- М.: Феликс,1992. -128 с.
2. Андреева Г.М. Социальная психология. - М., 2003. - 236 с.
3. Бусыгин А.В. Эффективный менеджмент: Учебник. - М.: Финпресс, 2006. - 485 с.
4. Виханский О.С., Наумов А.И. Менеджмент. М. // Экономистъ, 2006. - С. 44-46
5. Карнеги Д. Как выработать уверенность в себе.- М. 2006.86 с.
6. Карташова Л.В., Наумов А.И., Зайцев Г.Г. Управление персоналом: Учеб. Пособие // Санкт-Петербург, гос. Ун-т. экономики и финансов. - СПб., 2007.-384 с.
7. Тонки Т.И. Психология управления. - М.: 2007.- С. 64.
8. Кричевский Р.Л. Если Вы - руководитель... Элементы психологии в повседневной работе. - М., 2003. - 125 с.
9. Лёнайзен Эберхард фон. Развитие лидерства: российский контекст // «Вестник McKinsey», 2004. №2. - С.76-79.
10. Организационная психология // Сост. И общ. Редакция Л.В. Винокуров, И.И. Скрипка. СПбГУ., 2001. - 226 см.
11. Основы менеджмента. Учебное пособие для вузов. Научный редактор А.А. Радуги. М., 1997. - 447 с.
12. Таранов П.С. Золотая книга руководителя. М., 2002. – С.125.
13. Федосеев В.Н., Капустник С.Н. Управление персоналом организации. М., 2003. - 136 с.


## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ РОҲБАР ҲАМЧУН ЗАМИНАИ МУАССИР ДАР ТАТБИҚИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНӢ


Муалиф дар мақолаи хеш оид ба фаъолияти эҷодии роҳбари МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, барои инкишофи самарабахши раванди таълими инноватсионӣ ибрози андеша намуда, инчунин, зарурати инкишофи сифати роҳбарии сардор дар ҳайати омӯзгорон дида шудааст. Аз ҷиҳати назариявӣ муайян карда шудааст, ки муассисаҳое, ки роҳбари дорои хислатҳои роҳбарикунанда доранд, муваффақ мешаванд.

Шахсияти роҳбар шарҳ дода мешавад, ки он пеш аз ҳама бояд шахсияти субективӣ мебошад, зеро дар ҳолатҳои муайян нишон дода натавонистани қобилияти роҳбарӣ боиси паст шудани нуфуз ва самаранокии фаъолияти касбӣ мегардад.

Вазифаҳо ва талаботи тахассусӣ ба роҳбарони муосири муассисаҳои таълимии муосир тавсиф шудаанд.

Тавзеҳ дода мешавад, ки роҳбари МТМУ дар баробари доштани тамоми талаботи тахассусӣ, сифати роҳбарии худро бояд инкишоф диҳад. Ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ маслиҳат дода мешавад, ки барои инкишофи сифати роҳбарии худ аз силсилаи расми истифода баранд.

Дар мақола инчунин дар бораи аҳамияти ғайримутамарказикунонии муассисаҳои таълимӣ, даст кашидан аз усули анъанавии зиёд намудани масъулиятнокии кормандон, ба монанди назорати иерархӣ, ки ба инкишофи неруи роҳбарӣ-эҷодӣ мувофиқ нест, нишон дода шудааст.

Ба роҳбари МТМУ, дар бораи зарурати инкишоф додани қобилияти роҳбарии худ, вобаста ба вазъият хулоса бароварда, аз услубҳои гуногуни идоракунӣ истифода бурдан тавсия карда шудааст. Инчунин тавсия карда шудааст, ки ҳангоми таъини роҳбарони МТМУ ба неруи роҳбарикунандаи номзад таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.



**Калидвожаҳо:** *роҳбар, сардор, навсозӣ, навоварӣ, таълим, идоракунӣ, тахассус, самаранокӣ, ташкилот, менеҷер, колектив, фаъолияти касбӣ, ғайримутамарказкунонӣ, назорати иерархӣ.*


## ТВОРЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ РУКОВОДИТЕЛЯ КАК ОСНОВА ВЛИЯНИЯ ЭФФЕКТИВНОЙ РЕАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕПОДАВАНИЯ


В своей статье автор высказал свое мнение о творческой деятельности руководителя общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан и роли руководителей общеобразовательных учреждений, для эффективного развития инновационного образовательного процесса, а также необходимо развивать качество лидерства руководителя в педагогическом коллективе. Теоретически определено, что успешными будут заведения с лидером, обладающим управленческими качествами.

Объясняется, что личность руководителя - это прежде всего личность субъективная, поскольку в определенных ситуациях неспособность проявить лидерские способности приводит к снижению влияния и эффективности профессиональной деятельности.

Описаны обязанности и квалификационные требования к современным руководителям современных образовательных учреждений.

Объяснено, что руководитель общеобразовательного учреждения наряду с наличием всех квалификационных требований должен развивать свои лидерские качества. Руководителям учебных заведений рекомендуется использовать ряд процедур для развития своих лидерских качеств.

Также в статье показана важность децентрализации образовательных учреждений, отказа от традиционных методов повышения ответственности сотрудников, таких как иерархическое управление, что не подходит для развития лидерско-творческой силы.

Руководителю общеобразовательного учреждения рекомендовано сделать вывод о необходимости развития у него лидерских способностей в зависимости от ситуации использовать разные стили управления. Также рекомендуется обращать внимание на лидерский потенциал кандидата при назначении руководителей общеобразовательного учреждения общего образования.

**Ключевые слова**: *лидер, начальник, обновление, инновации, обучение, управление, квалификация, эффективность, организация, менеджер, команда, профессиональная деятельность, децентрализация, иерархическое управление.*

## REATIVE ACTIVITY OF THE LEADER AS THE BASIS OF THE INFLUENCE OF THE EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF INNOVATIVE TEACHING

In his article, the author expressed his opinion on the creative activity of the head of general educational institutions of the Republic of Tajikistan and the role of heads of general educational institutions, for the effective development of the innovative educational process, and it is also necessary to develop the quality of leadership of the head in the teaching staff. It is theoretically determined that establishments with a leader with managerial qualities will be successful.

It is explained that the personality of a leader is, first of all, a subjective personality, since in certain situations the inability to show leadership abilities leads to a decrease in the influence and effectiveness of professional activity.

The duties and qualification requirements for modern heads of modern educational institutions are described.

It is explained that the head of a general education institution, along with the presence of all qualification requirements, must develop his leadership qualities. Leaders of educational institutions are encouraged to use a number of procedures to develop their leadership qualities.

The article also shows the importance of the decentralization of educational institutions, the rejection of traditional methods of increasing the responsibility of employees, such as hierarchical management, which is not suitable for the development of leadership and creative power.

The head of the educational institution is recommended to draw a conclusion about the need to develop his leadership abilities, depending on the situation, to use different management styles. It is also recommended to pay attention to the candidate's leadership potential when appointing the heads of general educational institutions of general education.

**Key words:** *leader, boss, renewal, innovation, training, management, qualification, efficiency, organization, manager, team, professional activity, decentralization, hierarchical management.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Гулзода Абдураҳмон – н.и.п. директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технологияи иноватсионӣ ва комуникатсия» сурога: Душанбе, кучаи Айни 126 тел: (+992) 918 66 27 03 Email: gulov-hoji@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Гулзода Абдуррахман - н.и.п. директор государственного учреждения «Республиканский центр инновационных технологий и коммуникаций» адрес: г. Душанбе, ул. Айни, 126 тел: (+992) 918 66 27 03 Email: gulov-hoji@mail.ru*

**Information about author:** Gulzoda Abdurrahman director of the state institution "Republic center of innovative technologies and communications" address: Dushanbe, ul. Aini, 126, phone: (+992)918 66 27 03 Email: gulov-hoji@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Боймуродова Мунира Назриқуловна унвонҷуи кафедраи педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, сурога:ш.Душанбе кучаи Рӯдакӣ, 121 тел: (+992) 909 19 16 70Email:munira0479@inbox.ru*

**Сведения об авторе:** *Боймуродова Мунира Назрикуловна, заведующая кафедрой педагогики ДДОТ им. Айни, адрес: г. Душанбе, кучви Рудаки, 121, телефон: (+992) 909 19 16 70 Email: munira0479@inbox.ru*

**Information about the author:** *Boimurodova Munira Nazrkulovna, head of the department of pedagogy of the DDOT named after S. Aini, address: 121, Dushanbe kuchvi Rudaki, phone: (+992) 909 19 16 70 Email: munira0479@inbox.ru*

ТДУ:372,8:62

# РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) - ЗИМНИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ

***Риоев А. М., Ғиёсиев М. И.***

**унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар шароити кунунии таҳсилот технологияи муосири таълим ҷанбаи меҳварӣ дорад, аз ин дидгоҳ, олимони соҳаи илмҳои педагогикаю психология роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар шарҳу тафсири он андешаҳои аниқу баҳсбарангез изҳор кардаанд.

Маҳорати педагогӣ гуфта, санъати дараҷаи баланди амалан ба роҳ монда тавонистани таълиму тарбияро меноманд, ки бо истифодаи якҷояи донишҳои касбӣ, қобилиятҳои касбӣ, одобу кори педагогӣ амалӣ мегардад.

Омӯзгори соҳиби маҳорати педагогӣ бояд масъалаҳои бисёрро донад ва корҳои зиёдеро сомон бахшида тавонад.

Маҳорати педагогӣ пеш аз ҳама натиҷаи меҳнати пурсамари эҷодии омӯзгор, саъю кӯшиш, такмили мунтазами кори таълиму тарбия ва усули корбарии шахс мебошад.

Омӯзгоре, ки маҳорати педагогии суст дорад, усули аз худ кардани донишро ба хонанда фаҳмонда наметавонад, андеша ронданро талаб намекунад.

Агар хонанда фикр кунад, ҳавасаш бедор мегардад ва зарурияти донишро фаҳмида, бо завқ мехонад. Барои ин усули таълимро иваз кардану мисолҳои шавқовар овардан кифоя аст. [8.34-56]

*Дарси муаллим гар бувад зам-замаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро*

## МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

Ду фарзияи муносибат нисбат ба фаҳмиши маҳорати педагогӣ.

- маҳорат аз дидгоҳи Ю.П.Азаров;
- андешаи А.С. Макаренко.

Маҳорати педагогии омӯзгор

Маҳорат аз дидгоҳи Ю.П.Азаров.

Маҳорати педагогии омӯзгор, пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонад раванди омӯзишро дар такя ба таҷрибаи касбӣ, дар шароити гуногун, ҳатто ниҳоят душвор дар сатҳи хеле баланд ташкил намояд.

Андешаи А.С. Макаренко.

- маҳорати мавҷударо метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:
- маҳорати расонидани маълумот аз ҷониби омӯзгор;
- маҳорати пайдо намудани роҳҳои нави таълим; маҳорати кор кардани усули нави азхудкунии донишҳо. [11.122-135]

*Шунидаамро фаромӯш мекунам.*
*Дидаамро ба хотир меорам.*
*Чизеро, ки худам иҷро кардаам, меомӯзам.*
**Конфуций.**

**Яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор**

мутолиаи китоб, рӯзнома ва дагар маводи ёрирасон;
табодули таҷриба;
худомӯзӣ;
- истифода аз шабакаҳои интернет:
- гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос;
- омӯхтани техника ва технологияҳои муосири педагогӣ;
- омӯхтани таҷрибаи пешқадами омӯзгори собиқадор;
- иштирок ва баромад намудан дар семинарҳо, мизҳои мудавар, кофренсияҳо, чорабиниҳои илмӣ – амалӣ, зоҳир мегардад.

**Роҳҳое,ки барои ташаккули маҳорати касбии омӯзгор кумак мерасонанд:**

Саволу ҷавоб;

Робитаи мутақобила;

Ангезиши зеҳн;

Кори инфиродӣ ва ё дунафара, гурӯҳӣ

Хаттӣпешниҳод намудани савол;

Имову ишора;

Истифодаи ҷадвали ММД;

Истифодаи бозиҳои нақшофарӣ

Истифодаи энерҷайзерҳо;

Методи тадқиқотӣ дар таълим;

Технологияи таълимӣ проблемавӣ; [2.64-87]

Роҳҳои зикршуда ҷиҳади сайқал додани маҳорати касбии омӯзгор хеле муҳим мебошанд. Маҳз бо роҳҳои зерин донишу маҳорати педагогии омӯзгор устувор мегардад. Ҳар яке аз ин тарзҳо хусусиятҳои хосси худро доранд.

Мисол: Саволдиҳӣ муҳимтарин воситаи санҷиш ва муайян кардани дониши хонандагон (чиро дар кадом сатҳ медонанд), мустаҳкам ва амиқ кардани сатҳи он (такрор кардани нуқтаҳои асосӣ), восита ва ангезаи инкишофификрронӣ (андеша ва омода кардани ҷавоб ба савол) ва роҳи пурсамари ба вуҷуд овардани робитаи мутақобила (маводро то чӣ андоза фаҳмиданд) ба ҳисоб меравад.

**Маҳорати саволдиҳӣ се малакаро талаб мекунад**

Савол додан;

Ҳамаи ҷавобҳои пайдошударо гирифта тавонистан;

Ба саволҳои хонандагон/шунавандагон ҷавобдодан;

Маъмулан, саволҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд;

**Саволҳои мустақим:** мустақиман ба як нафар (касе, ки бояд ҷавоб диҳад) равона карда мешаванд: “Шабнам, Шумо дар бораи истифодаи методҳо чӣ гуфта метавонед?”

**Мақсад:**

- кушодани баҳс;
- пурсидани шахсе, ки ҷавоброб медонад;
- берун рафтан аз ҳолате, ки ба ҳамаи саволҳо як нафар ҷавоб медиҳад;
- эътироф кардани фаъолии сарвар (лидер);
- ба баҳс ҷалб кардани шахсе, ки аз фаъолият канораҷӯӣ мекунад.

**Савол бояд:**

- кӯтоҳ бошад, шарҳ талаб накунад;
- танҳо як фикрро дар бар гирад;
- ба мавзуъ вобаста бошад;
- ҷолиби диққат бошад;
- бо забони фаҳмо дода шавад;
- ба таъкиди нуқтаҳои муҳим ва ба хотир гирифтани онҳо равона шавад;
- бо маводи пешина алоқаманд бошад;
- фаҳмишу дониши хонанда ва фикри онҳоро инъикос карда тавонад;
- ба хонанда барои фикрронӣ ва расидан ба мақсадимавзуи дарс ёрӣ диҳад;
- омӯзгор дар баробари савол додан, ҷавоби онро низ дошта бошад;
- омӯзгор шарму беҷуръатии хонандаро ҳангоми ҷавоб додан бартараф кунад;
- ба хонанда барои пурра кардани ҷавобаш имконият диҳад;
- агар саволи хонанда аз мавзуъ (мавод) берун бошад, ҷавоброб бояд ба таъхир гузошт;
- қоидаҳои робита ва муоширот риоя шаванд.

**Робитаи мутақобила**

- аз калимаи англисии “Feedback”гирифта шуда, маънояшробитаи ду ҷониб аст.

Муайян намудани сатҳи донишазхудкунии хонандагон /шунавандагон оид ба маълумоти пешниҳодгардида.

Ба ақидаи мутахассисон барои ба даст овардани самараи хуб аз робитаи мутақобила қоидаҳои зеринро, ки аз таҷриба ба даст омадааст, риоя намудан лозим аст:

- ба мақсад равона карда шавад;
- бамаврид бошад;
- бояд дар рафти таълим мунтазам ва аз рӯйи нақша гузаронида шавад.

- барои ҷамъоварии фикру ақидаҳо, маълумотдар бораиҳолати ҷараёни таълим(машғулият, хизматрасонӣ);
- барои муайян намудани камбудиҳои машғулиятхело муфид аст;
- лаҳзаи зарурии дарс мебошад, ки талаботва хоҳиши хонандагонро муайян месозад. [1.34-56]

***Муносибати (робитаи) ғайринутқ***

Бояд қайд кард, ки шавқу ҳавасмандии хонандагон чанде зиёд бошад, самаранокии омӯзиш ҳамон қадар афзунтар мегардад. Аз тарафи дигар, онҳо бояд дилпур бошанд, ки аз омӯзгор дониш ва малакаҳои навро меомӯзанд. Мушкилоти омӯзгор дар он аст, ки ҳамкории ӯ бо гурӯҳи иштирокчиён на танҳо ба воситаи нутқ (сухан), инчунин бо истифодаи воситаҳои ғайринутқӣ амалӣ мегардад.

Воситаҳои ғайринутқӣ аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд:

*Қиёфа ва намуди зоҳирӣ*

*Тарзи рафтор*

*Тарзи нигоҳ*

*Имову ишора*

*Қомат, тарзи истодан*

*Ҳаракати дастҳо ва пойҳо*

*Масофаи байни мусоҳибон*

Аз ин бармеояд, ки мо бояд мавриди гузаронидани дарс ба дуруст истифода намудани воситаҳои ғайринутқӣ аҳамияти махсус диҳем. Сигналҳои ғайринутқие, ки омӯзгор ба хонандагон мефиристад таъсири калон, вале ноаён доранд. Агар мо ҳамчун омӯзгор маънои ҳар як имову ишора, таъсири тарҳи рӯй, тарзи нигоҳ, қиёфаамон ва ҳаракати дасту пойро хуб донему моҳирона истифода барем, метавонем ба хонандагон таъсири мусбат расонида, самаранокии ҳамкориамонро бо онҳо афзун гардонем.

Аз тарафи дигар, хуб донистани маънои воситаҳои ғайринутқӣ ба мо имкон медиҳад, ки хонандагонро хубтар фаҳмем.

Тарзи рафтори Шумо бояд чунин бошад:

*Хайрхоҳона;*

*Самимӣ, кушодадил;*

*Обрӯмандона, боэътимод;*

*Дилпурона.*

Яке аз усули оддитарин ва самараноки намоиши муносибатҳои хайрхоҳона ва самимӣ ин табассуми Шумо мебошад. Табассуматон бояд табиӣ ва ором бошад. Хонандагон табассуми ғайритабиӣ ва асабонаи омӯзгорро мефаҳманд ва ин сабабгори рафтори ноороми онҳо мегардад. Дар навбати худ, мувофиқи қонуниятҳои робитаи муттақобила, рафтори ноороми хонандагон метавонад ба Шумо таъсири манфии худро расонад. [13.88-91]

Бозии нақшофарӣ- ин яке аз усулҳое мебошад, ки барои инкишофи малакаҳои муоширaт ва робитаҳои байнифардӣёрӣ мерасонад, дарсро ба воқеият наздик сохта, шавқовар ва хотирмон будани онро таъмин месозад. Хонандагон ҳолати «воқеӣ»-ро тибқи нақшҳои қаблан муайяншуда "иҷро" мекунанд.

Бозии нақшофарӣ -имкони иҷро кардани амалҳои наверо медиҳад, ки дар фаъолияти минбаъда истифода шуданашон мумкин аст.

Хусусиятҳои зерин ба бозии нақшофарӣ хос аст

1. Бозии нақшофарӣ ҳангоми таҳияи нақшаи дарс бо зикри микдори иштирокчиён, нақшҳо ва вақти ҷудошуда сабт мегардад;

-барои ҳар як кас дастури фаъолият омода карда мешавад.

2. Пеш аз гузаронидани бозии нақшофарӣ муҳим аст, ба мушоҳидон таъкид кард, ки ба кадом нуктаҳо диққат диҳанд ва ҳангоми муҳокима фикрҳои худро тибқи он баён кунанд. Барои мушоҳидон(экспертҳо) омода кардани саволнома самараи дарсро афзун месозад.

3. "Саҳна" ё муҳити иҷрои нақш бояд тарҳи умумии ҳолати воқеиро дошта бошад.

4. Бозии нақшофарӣ бо мақсади таҳлили минбаъда метавонад дар видео сабт шавад.

5. Агар иҷрои нақш бо эҷодкорӣ вобаста бошад, омӯзгор метавонад ба охир расонидани нақшро ба ихтиёри «бозингарон» гузорад (то расидан ба мақсад).

6. Омӯзгорбояд боварӣ ҳосил кунад, ки ҳар як хонанда вазифаи худро ҳангоми иҷрои нақш дуруст фаҳмидааст.

барои бозии нақшӣ маъмулан аз 3 то 10 дақиқа (вобаста ба мураккабии нақш) вақт ҷудо карда мешавад;

дар бозии нақшофарӣ одатан аз 2 то 6 нафар иштирок мекунанд;

дар бозии нақшофарӣ фақат як супориш иҷро ва як малакаю маҳорат бояд инкишоф дода шавад;

-хонандагон бояд дорои маълумоти зарурӣ бошанд;

-беҳтар аст, ки супориш аз рӯйи нақшҳо дар коғаз навишта шавад;

-бозии нақшофарӣ бояд баррасӣ ва ҷамъбаст шавад. [1.88-91]

Гармоиш (машқ, машқҳои равонӣ-психо - гимнастикӣ) бахши ҷолибу фаъоли усули интерактивӣ буда, аз машқҳои кӯтоҳмуддате иборат аст, ки ба ҳар як хонанда имкони нишон додани фаъолияти зеҳниву ҷисмонӣ ва қобилияти ҳамбастагӣ бо гурӯҳро фароҳам меорад.

Маъмулан энерҷайзер барои дигар кардани ҳолати рӯҳиву ҷисмонии хонандагон истифода мегардад.

- «Мо на ба сабаби пирӣ бозиро тарк мекунем, балки барои он пир мешавем, ки бозиро тарк мекунем», гуфтааст Бернард Шоу.

1. Машқҳо метавонанд, вербалӣ ва ғайривербалӣ (бесухан), хаттӣ ва шифоҳӣ бошанд, дар гурӯҳҳои 2-3 нафара ва ё бо тамоми гурӯҳ баргузор шаванд.

Хонандагон метавонанд барои машқи хотирё диққат, ҳушёрию зиракӣ, мушоҳидакорӣ ваҷолокӣ равона гарданд ё хусусияти умумӣ дошта бошанд.

2. Ҳадафҳои машқ: ҳолати гурӯҳро тағйир медиҳад ва қобилияти кориро афзун мекунад (бедор ва фаъол кардани гуруҳ);

▪ҳолати ҳар як хонандаро тағйир медиҳад, ки худро озод ҳис кунад ва фаъол бошад;

▪ ҳолати 2-3 нафар шахсони аниқро дигар мекунад ва пеши муноқишаву зиддиятро мегирад;

▪ ба шиносоии гурӯҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди кори гурӯҳӣ кумак менамояд.

3. Омӯзгор тартиби иҷрои энерҷайзерромухтасар шарҳ медиҳад, назорат ва идора мекунад. Ӯ метавонад дар энерҷайзер иштирок намояд, ташаббус нишон диҳад ва дигаронро ҷалб кунад.

▪барои энерҷайзер маъмулан 5-10 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад;

▪бо иштироки 3-10 нафар хонандагон баргузор кардани энерҷайзер хубтар аст;

энерҷайзер новобаста аз мавзуъ доир мешавадва саволи “Ин ба мо чӣ лозим?” аз ҷониби хона▪ндагонба миён намеояд;

ҳайати гурӯҳро (ҷинс, синну сол, шартҳои бозӣ, ҳолати ҷисмонӣ) ба назар гирифтан лозим аст;

▪дастури энерҷайзер бояд равшан, фаҳмо ва маълумоти кофӣ дошта бошад;

▪вақти муайяни кофӣ барои иҷрои энерҷайзер ҷудо шавад;

▪тартиби иҷрои энерҷайзер бояд назорат ва раҳнамоӣ шавад;

▪интихоби энерҷайзер ҳангоми банақшагирии дарс;

▪муайян кардани мақсади энерҷайзер;

▪ба гурӯҳ пешниҳод кардани қоида ё дастури машқ/энерҷайзер;

▪тартиби пешниҳоди дастур аз тарафи омӯзгор бояд риоя шавад;

▪дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода бурдан мумкин аст;

▪робитаи хеле фаъол байни хонандагон;

▪имконияти мушоҳида ва омӯзиши гуруҳ мавҷуд аст;

▪дар хонандагони шармгин ҷасорат ва боварӣ пайдо мешавад;

▪ҳама ба фаъолият фаро гирифта мешаванд;

▪рӯҳияи солими мусобиқа вуҷуд дорад;

▪вақти зиёд сарф намешавад;

▪муттаҳидӣ ва муҳити боварибахш ба миён меорад;

▪самаранокии дарсро таъмин месозад;

▪якрангӣ ва ҳолати хобоварандаро аз байн мебарад. [10.11-14]

**Методи тадқиқотӣ дар таълим**

Дар мафҳуми этимологии калимаи «тадқиқот» мазмуни тадқиқ намудани баъзе тартиби ҷисмҳо оварда шудааст. Аз ин сабаб дар он мафҳуми қобилияти шахс барои муқоиса намудан ва таҳлил намудани далелу вазъиятҳо, ки барои тадқиқотчӣ муҳим мебошанд, фаҳмида мешавад. Ҳангоми фаъолияти тадқиқотгар қисми асосӣ ин муносибат буда, на таркибияти манбаҳо, ки дар асоси онҳо кор иҷро карда шудааст. Мақсади асосии тадқиқот дар муқоисаи

нишондодҳои сарчашмаҳо, таҳлили эҷодии онҳо ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои нав мебошад. {4.130-136}

Дар зери мафҳуми фаъолияти тадқиқотӣ чунин шакли ташкили кор фаҳмида мешавад, ки он бо ҳалли вазифаи тадқиқотӣ аз ҷониби хонанда алоқаманд буда, ҳалли пешакии он дода нашудааст. Дар доираи корҳои тадқиқотӣ таълим ба таҷрибаи бевоситаи хонанда такя намуда, дар раванди иҷрои кор таҷрибаи пешинаи он такмил меёбад. Кори тадқиқотӣ марҳилаи аввали тадқиқоти ҳақиқӣ буда, объекти он раванди таълим мебошад. Чуноне ки омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе Худойқулова Дилафруз мегӯяд, дар синфи панҷум чунин кор барои фаҳмидани маънои калимаҳои «мӯд» ва «модел» равона карда шуда буд. Хонандагон аз ухдаи он баромаданд, Онҳо калимаҳои якрешагии онро ёфта, оид ба пайдоиши ин калимаҳо маълумот пешниҳод намуданд, ки барои хонандагони дигар мазмуни ин калимаҳо пурра фаҳмо буд.

**Технологияи таълими проблемавӣ**

Дар шароити муосир ин вазифаро тавассути фаъолияти эҷодии дониш ва усули фаъолият, ки тафаккури эҷодии хонандаро ташаккул медиҳад, ҳал кардан мумкин аст. Хусусияти дониши интихобшуда ва дар таълим истифодашуда ба тафаккур бевосита таъсир мерасонад.

Яке аз намудҳои тафаккури эҷодӣ - тафаккури илмӣ дар раванди таълим дар асоси дониши илмӣ ташаккул меёбад. Усули самарабахши ташаккули донишҳои илмӣ системаи интизоми омӯзишии таълимӣ мебошад. Барои сохтани системаи ҷудонашавандаи таълими технология муайян ва ташаккул додани принсипҳои методҳои таълими технология, пайдо кардани заминаи назариявӣ барои муайян кардани мундариҷаи омӯзиш, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, таҳияи методикаи гузаронидани дарсҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи хонандагон, таҳияи усулҳои ташхиси сифати дониш, инчунин ташкили фаъолияти маърифатӣ зарур мебошад.

Ҳамаи намудҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, фаъолияти педагогӣ бо риояи ҳатмии қонунҳои аз ҷониби умум қабулшуда дар фаъолияти амалияи умумӣ ва фаъолияти амалияи омӯзгорӣ иҷро карда мешаванд. Дар педагогика ин қонуниятро принсипҳои таълим меноманд. Принсипҳои таълими проблемавӣ бо илм, идеология, ҷаҳонбинӣ, фаъолият, хусусияти дастаҷамъии омӯзиш, ҳамасмандкунӣ, заминаи мусбии эмотсионалӣ ва принсипҳои дигар зич алоқаманд мебошанд.

Усули таълими проблемавиро танҳо дар сурате пурра амалӣ кардан мумкин аст, ки омӯзгор қонунҳои асосии дидактикаи раванди таълим, қобилияти татбиқшавии ин принсипҳо дар ҷараёни таълим ва истифода бурдани ин донишҳоро дар амал иҷро карда тавонад. Пас «Таълими проблемавӣ» чист? Ба ақидаи мактабшинос И.Я.Лернер, «Ин чунин омӯзишест, ки дар он хонандагон ба раванди ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои проблемавӣ дар асоси маводи барномавӣ мунтазам ҷалб карда мешаванд».

Аз гуфтаҳои боло ду хулоса бармеояд;

1) таълими проблемавӣ ҳалли мустақили пурра ё қисман масъалаҳои барои хонандагон пешниҳодшударо пешбинӣ мекунад;

2) барои ҳалли ин мушкилот хонандагон бояд вазъиятеро ба вуҷуд оранд, ки онҳоро барои ҳалли мушкилот ҳавасманд кунад.

Аз ин рӯ, илова бар муайян кардани мафҳуми «мушкилот»мафҳуми «вазъияти мушкилот» низ зарур аст. Далел ин аст, ки ҳамон як савол ё супориш вобаста аз вазъият барои хонанда мушкилот дошта метавонад ё не. Аз тарафи дигар, барои як хонанда як саволи мушаххас мушкилӣ эҷод мекунад, аммо барои дигарон не. Ин вобаста ба маҷмуи донишу малака ва омодагии ӯ ба ҳалли масъалаи додашуда, дараҷаи ошкорбаёнии ҷавоб ва ғайра муайян карда мешавад. «Вазъи проблемавӣ бо муносибати хонанда ба монеаи дар соҳаи амалӣ ё зеҳнии фаъолият бавуҷудомада тавсиф карда мешавад». Дар воқеъ, вазъияти мушкилот ҳамеша дар пасманзари мушкилоти эҳсосшаванда ва ҳавасмандии ҳалли мушкилот ба вуҷуд меояд. Бидуни ин шароит вазъияти мушкиле вуҷуд надорад ва хонанда бояд вуҷуди зиддиятро дарк карда тавонад ва онро бартараф кунад. Усули ҳалли мушкилот дар ҳолатҳои болозикршуда ва таълим додани он се усулро дар бар мегирад: баёни мушкилот, эвристика ва таҳқиқӣ. Истифодаи онҳо дар таҷрибаи таълимӣ, пеш аз ҳама, ҳангоме ки омӯзгор вазифа мегузорад, самарабахш аст. Дар асоси дониш ва малакаҳои аллакай мавҷуда, ташаккули роҳҳои сифатан нави фаъолият - қобилияти хонандагон барои мустақилона ташаккул додан

ва ҳалли масъалаҳои кашфшуда ё ба миёномада, қобилияти пешниҳод кардани фарзияҳо, роҳҳои санҷиши онҳо ва банақшагирии таҷрибаҳо лозим мебошад. [6.71-79]

**Хулоса**, ҳангоми таълим, омӯзгоронро зарур аст, ки аз пешравиҳои технологияи муосири педагогӣ бохабар бошанд ва онҳоро ба хонандагон фаҳмонида тавонанд, ин барои баланд бардоштани самараи кори омӯзгорон ва сифати таълим таъсири амиқ мерасонад ва сифати таълим дар муассисаҳо хуб ба роҳ монда мешавад.

Рушди фикррونии хонандагон раванди бошууронаи такмили дониш, малакаю маҳорат буда, имконият медиҳад, ки хонандагон объекти омӯзишшавандаро чун тадқиқот тасаввур карда тавонанд.

Ин усули кашфиётӣ-тадқиқотӣ ва ташаккули тасаввуроти эҷодӣ буда, дар беҳтар кардани таъмини сифати таҳсилот ва дар назар доштани ақидаҳои нав мувофиқи мақсад мебошанд.

## АДАБИЁТ


1.Абдуллоев И.Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ нвшриёт соли 2008 с.

2.Асосҳои назариявии усулҳои фаъоли таълим ва омӯзиш (ITLM)

3.Афанасьева И.В. Особенности педагогической технологии управления самостоятельной работой учащихся в техническом лицее: Автореф. дисс. канд. пед. наук. М., 1999. - 43 с.

4.Атутов П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. 1996.-№ 2. С. 11-14.

5.Брушлинский А.В. Психология мышления и проблемное обучение.- М.: «Знание», 1983.-96с.

6.Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. - М., 1995.

7.Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. -М., 1995.

8.Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2010. 432 саҳ.

9.Лутфуллоев М.Дарс Душанбе 1995

10.Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилал (USAID) Академияи рушди таҳсилот (AED) Лоиҳа оид ба такмили маълумот, дониш ва иштироки ҷомеа (PEAKS)

11.Педагогикаи умумӣ ва касбӣ Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ.зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон, 2012,-562с

12.Педагогикаи касбӣ (дастури таълимӣ). Томас Люкс ш. Душанбе 2008с

13. Эҳёи педагогикаи Аҷам. ш.Душанбе, «Маориф», 1997, -4 ҷ.ч.

14.Таълими ҳамгиро: проблема, ҷустуҷӯ ва мулоҳизаронӣ. Қ.2. Душанбе, 2000,- 12ҷ.ч.

15.Атутов П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. 1996.-№ 2. С. 11-14.

16.Добряков В.М. Дидактические условия подготовки учащихся средних учебных заведений к применению информационных технологий: Диссерт. канд. пед. наук. Волгоград, 1991. - 160 с.


## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) - ЗИМНИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ.


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба роҳҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгор – зимни истифодаи технологияи педагогӣ як қатор тавсияҳо намудааст. Дар рафти таҳқиқоти худ муаллиф оид ба мафҳуми маҳорати касбии омӯзгор бо таҳлили гуфтаҳои бузургон, таҳқиқот дар самти илми педагогӣ дар ин маврид мисолҳо манзур намудааст. Дар мақола намудҳои ташаккули касбии омӯзгор ва тарзи истифодаи онҳо хеле хуб арзёбӣ гардидааст. Муаллиф хеле моҳирона оид ба робитаи мутақобила маълумот зоҳир намудааст. Яке аз усули навин дар илми педагогикаи муосир «Энерҷайзер» мебошад, ки дар хориҷи кишвар ҳамчун бахши ҷолиби усули интерактивӣ маъруф аст, инчунин технологияи таълими проблемавиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллифи мақола тавонистааст, ҷиҳати самаранок будани истифодаи усулҳои мазкур барои ташаккули маҳорати касбии омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ва умуман кор бо шогирдон муаррифӣ намояд.



**Калидвожаҳо:** *ташаккул, маҳорати касбӣ, омӯзгор, робитаи мутақобила, энерҷайзер, таҳқиқот, технологияи таълим, таълими проблемавӣ, малака ва маҳорати педагогӣ, технологияи педагогӣ.*


## ПУТИ РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ УЧИТЕЛЕЙ ТЕХНОЛОГИИ ТРУДА, ПРИ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ.


В данной статье автор излагает ряд рекомендаций по способам развития профессиональных навыков педагога, при использовании педагогических технологий. В ходе своего исследования автор анализирует работы и высказывания великих учёных,а также учитывая исследования в области педагогических наук, приведены примеры в данном случае. В статье очень хорошо оцениваются виды профессионального развития учителя и их использования в педагогической деятельности. В данной статье очень умело представлена информация о сотрудничестве ученика и учителя. Также констатировано, что одним из новых методов в науке - современной педагогики является «энерджайзер», известным за рубежом как интересная часть интерактивных методов, а также технологии проблемного обучения. Автор статьи смог представить эффективность использования этих

методов для развития профессиональных навыков педагогов в простеце обучения и работы с учениками.

В целом данная научная статья действительно важна и своевременно в простеце педагогической деятельности для начинающих и творческих педагогов.

**Ключевые слова:** *формирования, профессиональные умения, педагог, взаимодействие, энерджайзер, исследование, образовательная технология, проблемное обучение, педагогические умения и навыки, педагогические технологии.*

## WAYS OF DEVELOPING PROFESSIONAL SKILLS OF LABOR TECHNOLOGY TEACHERS WITH THE USE OF PEDAGOGICAL TECHNOLOGIES

In this article, the author sets out a number of recommendations on how to develop the professional skills of a teacher, using pedagogical technologies.

In the course of his research, the author analyzes the works and statements of great scientists, and also taking into account research in the field of pedagogical sciences, examples are given in this case.

The article evaluates very well the types of teacher's professional development and their use in pedagogical activity.

This article very skillfully presents information about thecooperation of the student and the teacher.

It is also stated that one of the new methods in science - modern pedagogy is the "Energizer", known abroad as an interesting part of interactive methods, as well as problem-based learning technologies.

The author of the article was able to present the effectiveness of using these methods to develop the professional skills of teachers in the simplest of teaching and working with students.

In general, this scientific article is really important and timely in the context of pedagogical activity for beginners and creative teachers.

**Key words:** *formations, professional skills, teacher, interaction, energizer, research, educational technology, problem-based learning, pedagogical skills, pedagogical technologies.*

**Риоев Акобир Мирзоевич -** *омӯзгори калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълимии муассисаи давлатии донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф akobirjon.rioev88@gmail.com тел: 918-27-42-43. 917-02-06-34.*

**Риоев Акобир Мирзоевич:***соискатель Института развития образавания имени А. Джами, Академии образавания Таджикистана akobirjon.rioev88@gmail.com тел: 918-27-42-43. 917-02-06-34.*

**Rioev Akobir Mirzoevich:** *researcher of the Institute of Development of Education named after A. Jami, Academy of education of Tajikistan E-mail: akobirjon.rioev88@gmail.com Tel: 918-27-42-43; 917-02-06-34.*

**Ғиёсиев Меҳриддин Илёсидинович -** *мудири шуъбаи иттилоот, робитаҳои илмӣ ва омӯзиши тамаддуни Шарқи Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ*

**УДК 372.8:808.2**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНЫХ НАВЫКОВ ВО ВНЕУРОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Содикова М. С.***

**Технический колледж Технического университета Таджикистана имени академика М. Осими**

Автором данной статьи сделана попытка совершенствование коммуникативных навыков во внеурочной деятельности в изучении русского языка в национальной школе.

Изучая общеизвестные работы педагогов, следует констатировать, что анализ основ науки о языке в общеобразовательных учреждениях тесно связано с речевым развитием учащихся и обусловлено, в первую очередь, взаимосвязью языка и речи, специальными задачами обучения родному языку - формирование языковой, коммуникативной и лингвистической компетенции. Одна из важнейших задач обучения русскому языку в национальной школе, заключается в развитии всех видов речевой деятельности (аудирование, чтение и письмо), совершенствовании навыков коммуникативно-речевой компетентности, уместное использование языка в различных ситуациях, используя при этом как языковые, так и неязыковые средства выражения речи (движения, жесты, мимика, интонация и др.).

***Ключевые слова***: *коммуникация , развитие, возможности, информация, навыки, образовательная методика, письмо , воспитанник, опыт, совокупность, наблюдение, сфера деятельности.*

Исследование в педагогическом направлении является актуальным, так как связанна с совершенствованием коммуникативно-речевых навыков учащихся старших классов на уроках русского языка в современном общеобразовательном учреждении .

Коммуникация – процесс передачи информации от одного человека к другому по разным каналам связи посредством общей системы знаков. обмен информацией между двумя и более речевыми субъектами, наличие общей системы знаков, т.д

Для чего нужны навыки коммуникации?

Умение эффективно общаться помогает избегать непониманий и конфликтов, быстрее находить решения сложных вопросов и работать продуктивнее. А это, в свою очередь, экономит ресурсы компаний. Поэтому коммуникативные навыки необходимы всем, без привязки к сфере деятельности, должности и сноровки.(1.23)

Мы постоянно слышим о том, что без хороших коммуникативных навыков не обойтись ни в профессиональной жизни, ни в личной. Они позволяют нам легче находить общий язык с разными людьми, эффективнее работать в команде и быстрее продвигаться по карьерной лестнице. Но что именно означает термин «коммуникативные навыки»? Почему они так важны для успеха? И, наконец, что делать, чтобы их улучшить? Особую значимость для исследования имели теоретические аспекты развития языковой компетенции учащихся и студентов, представленные в работах отечественных ученых Т.В.Гусейновой, С.Э.Негматова, У.Р.Юлдошева, Х.Д.Шанбезаде, М.Б.Нагзибековой, Г.Б.Мухаметова, Г.М. Ходжиматовой и др.

По мнению отечественных исследователей Р.Бабаевой, О.В.Джураева, И.У.Одинаева «знание русского языка – это не только атрибут культурного развития человека, но и условие его успешной деятельности в самых разных сферах производства. В связи с этим пересматриваются цели и задачи преподавания русского языка, появляются новые концепции и подходы к обучению русскому языку, внедряются новые формы и методы обучения. Казалось бы, цивилизация влечет за собой развитие общительности людей, но, как показывают наблюдения, наоборот, «… происходит расщепление людского общения, растет количество одиноких и изолированных индивидов, ослабляются семейные узы». (1.78).Поэтому необходимо специальное внимание педагогов к организации общения детей. Способность общаться дана человеку практически с самого начала его жизни. Улыбка в ответ на взгляд — это уже общение. В улыбке рождается основа всех положительных переживаний и чувств маленького человека. Зарождение и становление коммуникативной деятельности происходит на протяжении первых семи лет жизни ребенка. В этот период общение со взрослым ведет за собой и направляет развитие ребенка, создавая зону ближайшего развития, помогает ему реализовывать свои потенциальные возможности. (6.117).В психолого-педагогических исследованиях показана ведущая роль общения детей с взрослыми и сверстниками в формировании основных психических функций, обеспечении эмоциональной устойчивости, интеллектуального и речевого развития детей на разных возрастных этапах. Задача развития и формирования коммуникативных навыков актуальна не только для воспитания детей, имеющих нормальное развитие, но и в большей мере — для детей с ограниченными возможностями. Способность общаться или коммуникативные способности, психологи определяют как индивидуально-психологические особенности личности, обеспечивающие эффективность ее общения и совместимость с другими людьми. Способность к общению включает в себя: − желание вступать в контакт с окружающими («Я хочу»); − знание норм и правил, которым необходимо следовать при общении с окружающими («Я знаю»); − умение организовать общение («Я умею»). Поэтому наш задача, как воспитателей состоит в том, чтобы научить детей общаться, взаимодействовать друг с другом, развивать необходимые умения и навыки общения. Для этого необходимо: − сформировать коммуникативную грамотность воспитанников, заключающуюся в знании ими функций общения, роли общения в жизни человека и коллектива; − вооружить воспитанников основными правилами эффективного коммуникативного поведения в различных ситуациях; − способствовать коррекции эмоционально-волевого развития воспитанников, создавать ситуацию успеха; − содействовать воспитанию умения взаимодействовать друг с другом.(1.156). Одним из главных качеств личности, которое помогает устоять в жизненных невзгодах, преодолеть трудности и достичь совершенства, является умение сотрудничать с другими. Следовательно, у воспитанников нужно формировать интерес к самому процессу общения, а не только к его результату, понимание того, что общение — это диалог, требующий терпимости и к идеям, и к мелким недостаткам партнера, умения слушать. Наконец, воспитанников надо ориентировать на то, что в общении надо не только что-то получать самому, но и как можно больше давать другим.

Общение — сложная, многогранная деятельность, требующая специфических знаний и умений, которыми человек овладевает в процессе социализации. (3.128). Оптимальным возрастным периодом для подготовки человека к общению является школа, поскольку именно в этот период обучающиеся легче приобретают, долго сохраняют и удерживают сформированные умения и навыки. Учитывая особенности детского возраста, можно сказать, что одним из лучших способов организации формирования умений и навыков общения является игра. Кроме того, игры ближе всего к категории общения. Слово «играть» применительно к ребенку в давние времена означало «жить» и «дружить». Вспомните, как мы с вами в детстве говорили, и сейчас дети так же говорят: «Я хочу с тобой играть» или «Я с тобой больше не играю». Это, в сущности, означает: «Я хочу с тобой дружить» или «Я с тобой больше не дружу!». Учитывая многовековой опыт игрового общения, можно сказать, что правильно организованное общение является не только залогом успешной профессиональной деятельности, но и условием сохранения культуры общения. Следовательно, в процессе игровой деятельности накапливается опыт коллективных переживаний, формируется нравственное здоровье ребенка, формируется необходимый для общения эмоциональный запас уважительности к людям, бескорыстность, доброта, контактность. (4.223).Каждому ребенку свойственно радостно уметь и мочь. В игре рождается детское содружество, а значит, и дружба, такие ее слагаемые, как независимость, самостоятельность, защищенность, взаимопомощь. Использование игровых ситуаций в работе с детьми, позволяет развивать у них эмоционально-чувственную сферу, нравственные качества, интеллектуально-познавательные способности, умения устанавливать контакт; развивать способности слушать и понимать других; формировать уважительное отношение к взрослым и сверстникам и умение взаимодействовать друг с другом.(6.124-126) Педагогическими условиями, способствующими совершенствованию коммуникативных навыков у детей являются: − наличие педагога — воспитателя, обладающего знаниями, умениями и навыками, позволяющими эффективно осуществлять педагогический процесс целенаправленного и систематического формирования навыков общения; − наличие комплексной воспитательной программы, способствующей развитию коммуникативных качеств у воспитанников; − партнерство педагога и воспитанника в процессе социально-культурной реабилитации, а так же включения его в активные формы деятельности; Воспитатель должен не просто «работать с детьми», он должен жить с ними, делить радости и печали, успехи и падения, не допуская фальши в отношениях. Дети обычно представляют своего воспитателя как творца их радости, способного придумать что-то новое, весёлое и неожиданное, и как мудреца, всё знающего и всё умеющего, и как защитника, готового оградить их от бед и несправедливости, зла и обид, и как арбитра, который всегда рассудит по совести. Дети связывают личность своего воспитателя с эталоном нравственности и требуют от него высокого профессионального мастерства. Словом, жестом, действием, молчанием педагог непрерывно влияет на всех воспитанников сразу и на каждого из них в отдельности. (11.179-181). Доверие в возможность в форме дидактической игры с определенной системой упражнений раскрывают творчески работающие учителя, имеющие широкие возможности для целенаправленного обучения, воспитания, развития учащихся и контроля за их деятельностью. Следует понимать, что эффективные технологии обучения могут играть положительную роль только в том случае, если они применяются в системе, а их взаимосвязь и взаимозависимость учитываются в процессе решения определенных образовательных задач. [96]

Очень точно подметил эту особенность А. С. Макаренко: «Не думайте, говорил он, что вы воспитываете ребёнка только тогда, когда с ним разговариваете, или поучаете его, или приказываете ему. Вы воспитываете его в каждый момент вашей жизни. Как вы одеваетесь, как вы разговариваете с другими людьми и о других людях, как вы радуетесь или печалитесь, как вы общаетесь с друзьями и с врагами, как вы смеётесь, читаете газету — всё это имеет для ребёнка большое значение». Каждый воспитатель должен стремиться к тому, чтобы подопечный чувствовал удовлетворение от общения с взрослыми и со сверстниками при выполнении какой-либо совместной деятельности, чтобы воспитанник испытывал глубокие эмоциональные переживания нравственных ценностей, предстающих перед ним в данный момент. Благодаря этому будут создаваться условия для формирования у воспитанника соответствующей коммуникативной культуры.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Акатов Л. И. Социальная реабилитация детей с ограниченными возможностями здоровья. Психологические основы: учеб. пособие для студ. высш. учебн. заведений. — М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2003
2. Волкодав, Н. М. Совершенствование коммуникативных навыков во внеурочной деятельности / Н. М. Волкодав. — Текст : непосредственный //
3. Грецов А. Г. Тренинг общения для подростков. — СПб.: Питер, 2006. — 160с.
4. Иматова Л. М. Педагогические условия обеспечения непрерывности коммуникативной деятельности старших дошкольников и младших школьников. - Душанбе, 2013 .-- 223 с.
5. Киселёва Т. Ю. Педагогическая арт-терапия. Справочник старшего воспитателя дошкольного учреждения № 1/2008.
6. Лутфуллоев М. Урок / М. Лутфуллоев [Текст]. - Душанбе: Маориф, 1995. - 117 с.
7. Львов, С. И. Язык в речевом общении / С. И. Львов [Текст]. - М .: Образование, 1991 .-- 227 с.
8. Образование и воспитание. — 2016. — № 5 (10). — С. 124-126. — URL: htt ps://moluch.ru/th/4/archive/48/1679/ (дата обращения: 18.03.2023).
9. Сергеечева В. Как говорить убедительно: Стратегия и тактика общения. СПб: Питер, 2002. — 221с.
10. Садыкова М.С. Педагогические технологии в образовании / В сб .: Материалы республиканской научно-практической конференции: «Роль науки в современную эпоху» / М.С. Садыкова [Текст]. - Душанбе, 14.05.2008. - С. 82-86.
11. Садыкова М.С. Развития коммуникативной деятельности старших школьников на уроках русского языка: //Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные вопросы преподавания и изучения языков в современном поликультурном и полилингвальном образовании» /М.С. Садыкова [Текст]. – Душанбе, 26.11.2018,– С.179-181.
12. Садыкова М.С. Формирование коммуникативных и речевых навыков учащихся 5-9 классов в общеобразовательном процессе / М.С. Садыкова [Текст] // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе. - № 3/6 (176). - 2015 .-- С. 229-232.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНЫХ НАВЫКОВ ВО ВНЕУРОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Автором данной статьи сделана попытка совершенствование коммуникативных навыков во внеурочной деятельности в изучении русского языка в национальной школе.

Воспитатель должен не просто «работать с детьми», он должен жить с ними, делить радости и печали, успехи и падения, не допуская фальши в отношениях. Дети обычно представляют своего воспитателя как творца их радости, способного придумать что-то новое, весёлое и неожиданное, и как мудреца, всё знающего и всё умеющего, и как защитника, готового оградить их от бед и несправедливости, зла и обид, и как арбитра, который всегда рассудит по совести. Дети связывают личность своего воспитателя с эталоном нравственности и требуют от него высокого профессионального мастерства. Словом, жестом, действием, молчанием педагог непрерывно влияет на всех воспитанников сразу и на каждого из них в отдельности.

**Ключевые слова:** *коммуникация , развитие, возможности, информация, навыки, образовательная методика, письмо , воспитанник, опыт, совокупность, наблюдение, сфера деятельности.*

## БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЛАКАҲОИ МУОШИРАТ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Муаллифи ин мақола кӯшиш кардааст, ки малакаи муоширатро дар машғулиятҳои берунaзсинфӣ дар омӯзиши забони русӣ дар мактаби миллӣ такмил диҳад. Мураббӣ набояд танҳо «бо кӯдакон кор кунад», балки бо онҳо зиндагӣ кунад, ба шодиву ғам, бурду бохт шарик шавад, дар муносибатҳо аз дурӯғ дурӣ ҷӯяд. Кӯдакон одатан муаллими худро офаринандаи шодии худ тасаввур мекунанд, ки қодир ба як чизи нав, хурсандиовар ва ғайричашмдошт , ки ҳама чизро медонад ва аз уҳдаи ҳамаи кор мебарояд. Ҳамчун ҳимоятгар омода аст, ки онҳоро аз мушкилот ва беадолатӣ муҳофизат кунад. Ҳамчун ҳакам, ки ҳамеша аз рӯйи виҷдонаш ҳукм хоҳад кард. Кӯдакон шахсияти тарбиятгари худро ба меъёри ахлоқии худ мепайвандад ва аз ӯ маҳорати баланди касбиро талаб мекунанд. Муаллим бо як сухан, имову ишора , хомӯшӣ пайваста ба ҳамаи хонандагон якбора ва ба ҳар яки онҳо алоҳида таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо:** *муошират, рушд, имкониятҳо, маълумот, малака, методологияи таълим, хаттӣ, донишҷӯ, таҷриба, маҷмуа, мушоҳида, соҳаи фаъолият.*

## IMPROVING COMMUNICATION SKILLS IN EXTRACURRICULAR ACTIVITIES

The author of this article made an attempt to improve communication skills in extracurricular activities in the study of the Russian language in a national school.

The educator should not just “work with children”, he should live with them, share joys and sorrows, successes and falls, avoiding falsehood in relationships. Children usually imagine their teacher as the creator of their joy, able to come up with something new, funny and unexpected, and as a sage who knows everything and can do everything, and as a defender, ready to protect them from troubles and injustice, evil and insults, and as an arbiter who will always judge according to his conscience. Children associate the personality of their educator with the standard of morality and demand high professional skills from him. With a word, gesture, action, silence, the teacher continuously influences all pupils at once and on each of them individually.

**Key words:** *communication, development, opportunities, information, skills, educational methodology, writing, student, experience, totality, observation, field of activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф** : *Содиқова Матлюба Сайфуллоевна -Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, номзади илмҳои педагогӣ,дотсент ,мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ :734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе ,кӯчаи Садриддин Айни,41 .Тел.:(+992)937177133.*

**Сведение об авторе:** *Содикова Матлюба Сайфуллоевна - Технический колледж Технического университета Таджикистана имени академика М. Осими, кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой иностранных языков. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Садриддина Айни, 41. Тел.: (+992) 937177133.*

**Information about the author:** *Sodikova Matlyuba Saifulloevna - Technical College of the Technical University of Tajikistan named after Academician M. Osimi, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Foreign Languages. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin Aini street, 41. Tel.: (+992) 937177133.*

**УДК: 73:419.550**

# РОҲҲО ВА УСУЛИ ТАРҶУМАИ СЛЕНГҲО АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ТОҶИКӢ

***Кабиров Л. А.***
**унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забони англисии**
**Донишгоҳи Давлатии Данғара**

Имрӯзҳо дар баробари болоравии раванди инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, рушди босуръати илм ва техника, ба ҳаёти инсон воридшавии технологияи иттилоотӣ раванди муносибати меъёри забони адабӣ ва гуфтори омма «сленг» дар забони англисӣ муҳим шуморида мешавад. Технологияи иттилоотӣ, ки имрӯз қариб идоранашавандааст ба воридшавии сленгизм ба фаъолияти соҳаи гуногуни инсон мусоидат менамояд.

Рӯи ин матлаб мо мақсад гузоштем, ки мушкилиҳои тарҷумаи сленгҳоро аз забони англисӣ ба тоҷикӣ таҳқиқ намоем. Пеш аз ҳама, мо бояд тазаккур диҳем, ки сленг чист ва чӣ хусусият дорад?

Сленг яке аз зуҳуроти пуртазоди забонӣ ба шумор меравад. Дар вақти баҳо додан ба мафҳуми сленг, новобаста ба мавҷудияти ақидаҳои зиёд, мо ба шарҳи Э.Партриҷ такя намудем, ки мегӯяд: «Сленг ин мазмуни вожаҳои лексикии тасодуфие мебошад, ки шуури одамони гуногуни ба муҳитҳои мухталифи иҷтимоӣ ва касбӣ таааллуқ доштаро инъикос мекунад [17, с.22].

Дар илми забоншиносӣ сленгро аксар вақт дар муқобили мафҳумҳои забони адабӣ мегузоранд. Аммо бояд зикр намоем, ки сленгро ҳамчун зуҳуроти забоншиносӣ қабул намудан ҷоиз аст, зеро истифодаи онро дар нутқи гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва намояндагони касбҳои гуногун дида метавонем.

Муҳаққиқони варзида Э.Партриҷ, Ҷ.Тринок, К.И.Китриҷ мафҳуми сленгро чунин шарҳ медиҳанд: «Сленг ин мавҷудияти лексикони ноустувор, тасодуфӣ, бетартибонаи дар муоширот мавҷуд буда мебошад ва шуури ҷамъиятии одамони ба гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун таааллуқ доштаро ифода менамояд [8, с.9].

Забоншиноси рус В.А.Хомяков чунин мешуморад: «Сленг ин вожаҳою ибораҳои нисбатан дар давраи муайян устувор будаеанд, ки дар гуфтугӯи зинда ва дар нутқи хаттӣ истифода мешаванд, ҳамзамон аз забони адабӣ фарқ мекунанд [10, с.44].

Агар ба муайянкунии «нисбатан дар давраи муайяни устувор» таваҷҷуҳ зоҳир кунем, ошкор мегардад, ки дар семантикаи худ сленг раванди инкишофи фарҳанги мардумро ифода менамояд. Ҳамчунон интиқоли ин фарҳанг аз насл ба насл иҷро мегардад [7,с.43.]. Аз ин ҷост, ки сленгро ҳамчун лаҳҷаи забонии харитаи дунё дидан ҷоиз аст.

Тибқи андешаи мо, сленг барои таъсир гузоштан бо навовариҳо, новобаста ба фарқи мавҷудияти воҳидҳои лексикии қолабӣ эҷод шуда, ҳадафи он ифодаи руҳияи гӯянда ё нависанда мебошад. Он мушаххасӣ, муҷазӣ, аниқӣ, тахаюлиро дар худ дар бар гирифта, дар як вақт истифоданакардани воҳидҳои анъанавии лексикиро фаро мегирад.

Пас, ба хулосае метавон омад, ки сленг новобаста аз паҳншавиаш, ҳамчун зуҳуроти забонӣ, аниқияти маҳфумиро доро намебошад. Бинобар ин, бо гуногунмаъноӣ ва пуртазодӣ сленг барои тарҷумонҳо ҳангоми тарҷума барои ифода кардани вожаи сленгӣ мушкилиҳо эҷод менамояд. Зеро тарҷумонро лозим меояд бе осеб расонидан ба сухани гӯянда ё нависанда муродифи мутобиқро пайдо намуда, маънои аслро равшан намояд.

Имрӯзҳо дар забони англисӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонҳо шумораи зиёди истифодаи сленгҳо мушоҳида мешавад, ки дар аксар вақт бо ҳамдигар зиданд ва ҳангоми тарҷума мушкилиҳои зиёдеро эҷод менамояд ва аз тарҷумон дониши амиқу ҳаматарафаро тақозо менамояд.

Ин душвориҳо ва зиддиятҳо дар он зуҳур меёбад, ки дар сленгҳо вожаҳои ифодаи баёни маҷозӣ истифода мешаванд, ки аксар вақт синонимҳои мафҳумҳои дар забони адабӣ истифодашавандаро ифода мекунанд. Дар ин замина, зимни кор бо тарҷумаи сленгҳо, мокӯшиш намудем, кидар вақти тарҷума аз методҳои эвфемистикӣ, ҷубронкунӣ, мушаххаскунӣ, ивазкунии лексикӣ, антонимӣ, замкунӣ, калкакунӣ истифода барем. Ҳар яке аз методҳо ба мо имкон доданд, ки сленгҳоро ба забони тоҷикӣ аз нуқтаи маъноӣ дуруст тарҷума намоем.

Аз рӯйи натиҷаҳое, ки зимни тарҷума ба даст овардем, хулоса менамоем, ки дар вакти тарҷумаи сленгҳо тарҷумон бояд омилҳоеро ба назар гирад, ки истифодаи ин ё он сленгро асоснок менамояд. Мо дарк намудем, ки тарҷумаи сленгҳо аз забони англисӣ ба тоҷикӣ бояд бо роҳҳои гуногун иҷро гардад ва эҷодкорӣ асоси сифати тарҷумаро ташкил диҳад. Албатта, кӯшиш ба он карда шавад, ки муродифи дурусти сленг истифода шавад ва тибқи тарҷума матн маънои худро гум накунад. Барои мисол ифодаи «get out» бо чунин муродифҳо - 1.Ҳа. 2.Наход. 3.Ҳа, биё. 4.Гум шав аз ин ҷо. 5. Канӣ дафъ шав аз ин ҷо- дар тарҷума омаданаш мумкин аст.

Дар вакти таҳқиқ ва тарҷумаи сленг бояд ҳадафи гӯянда ё нависанда дар истифодаи воҳиди сленг дар нутқ муайян карда шавад. Ин имконияти бештарро дар фаҳмидан ва минбаъд тарҷума кардани ин воҳидҳою ибораҳо фароҳам оварда, кори тарҷумонро осон мегардонад. Сабабҳои истифодаи сленгҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки гӯянда ё нависанда кӯшиш менамояд таваҷҷуҳи дигаронро ба худ ҷалб намояд, ҳамчунон заковати худро нишон диҳад. Ин ба он меорад, ки гӯянда ё нависанда бо ҳадафҳои дар боло ёдрасшуда вожа ё ибораи маълуми забонро сарфи назар карда, ба ҷои он сленгро истифода мебарад.

Сабаби дигари истифодаи сленг аз тарафи гӯянда ё нависанда ин намоиши салоҳиятҳои забонӣ мебошад, зеро дар ҷомеаи имрӯза истифодаи сленг ҳатмӣ набуда, аксар вақт аз тарафи дигарон мавриди интиқод қарор мегирад. Аксари мухаққиқон истифодаи сленгро мазамат намуда, истифодаи онҳоро фаҳш ва берун аз доираи одоби ҷомеа мешуморанд.

Дигарон чунин мешуморанд, ки истифодаи дурусти сленгҳо дараҷаи рушди фарҳанги забонро нишон медиҳад ва мавҷуд набудани фарҳанги забонӣ нест. Зеро истифодаи моҳиронаи сленгҳо дар муошират ё забони адабӣ салоҳияти волои забониро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки вазифаи асосии тарҷумон, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯи воҳидҳои лексикии қобили қабули семантикӣ ва услубӣ буда, тарҷумаро ба доираи тамошобинҳо ва шунавандаҳо мувофиқ намудан аст. Аз ин хотир, дониши васеи лексикии сленгҳо ва мазмуни онҳо ба тоҷикӣ дар вақти тарҷума зарур аст, зеро махсусияти семантикӣ ва услубии сленгҳо дар вақти тарҷума муҳим мебошанд.

Махсусияти сленг, ҳамчун гуфтори омма ва берун аз лексикаи адабӣ, моро водор месозад хулосанамоем, ки воҳиди сленг аз нуктаи назари забонӣ як қатор мушкилиҳоро доро мебошад. Ин далелро дар вақти тарҷумаи сленг аз забони англисӣ ба дигар забон бояд ҳатман тарҷумонҳо дар мадди назари гиранд.

Ҷавонон, чӣ хеле ки маълум аст, гурӯҳи иҷтимоии серҳаракатанд, ҳамеша аз тарафи онҳо кӯшиши навовариро қабул намудан мущоҳида мегардад. Ин зуҳурот дар забон ва истифодаи сленг низ мушоҳидамегардад.

Алалхусус, дар гуйтугӯйи шифоҳӣ ва хаттии ҷавонон мо он дигаргуниҳои фарҳангиро ки дар ҷомеаи англисзабонҳо ба вуҷуд меоянд, мушоҳида менамоем. Қобили қайд аст,

кидигаргуниҳои фарҳангӣ ба инкишофи таърихи ҷомеаи англисзабонҳо марбутанд. Маҳз бо назардошти ҳамин зарурат ба тарҷумаи сленгҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудан лозим аст [2, с. 11].

Мо чунин мешуморем, ки мавҷудияти сленгҳо дар фарҳанги муосири бритонӣ ва амрикоӣ ба зуҳуротидар ин ҷомеаҳо руй медода вобастаанд. Бинобар ин, аз ин ҷо дар вақти тарҷумаи таҳтуллафзӣ бо сабаби мазмуни дағал, дашном доштанва берун аз одобу ахлоқ будан тарҷумаи таҳтуллафзиро сарфи назар кардан зарур аст. Намунаи муайяни машҳури ин зуҳурот истифодаи вожаи «fucker», “to be fucked up”, “fuck off” мебошад. Бо такя ба методи эвфемистикӣ сленгҳои мазкурро чунин тарҷума кардан мумкин аст: «to be fucker»-гумроҳшуда,“fuck off”-ба ҳолам гузор,«fucker «- аблаҳ.

Ҳамин тариқ, дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ шуури ҷомеа низдигар мешавад,ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ мутобиқ мегардад. Ҷавонон бошанд, бо нуқтаи назари нав, ҷаҳонбинии дигар зери таъсири ин дигаргуниҳо меафтанд ва ин, пеш аз ҳама, дар гуфтори шифоҳӣ ва нутқи хаттии онҳо мушоҳида мегардад.

Мо зимни таҳқиқи масъала сленгҳои ҷавонони бритонӣ ва амрикоиро қиёс намуда, мушоҳид гаштем, ки таркиби лексикии онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Мушоҳид гаштем, ки бештари сленгҳои амрикоӣ хусусияти ҳазлро дороанд ва сленгҳои бритонӣ бештар дағал, дашном ва мазмунан берун аз одоби ахлоқианд. Чунончи, истифодаи номи Худованд дар вақти дашном додан намунаи ин андеша аст. Бинобар ин, ба тарҷумон лозим меояд, ки бештар ба методи эвфемистикӣ такя намояд. Инчунин дар вакти тарҷумаи сленгҳои бритонӣ ба забони тоҷикӣ хуб мешуд, ки бештар методи ивазкуниро истифода бурд, то ки меъёрҳои ахлоқи миллӣ риоя гардад. Яъне, дар тарҷума бояд муродифи дуруст, мувофиқ ва дар доираи ахлоқи миллӣ истифода шавад.

Дигар тарафи масъала дар он зуҳур меёбад, ки вақти истифодаи сленгҳо масъалаи муҷазкунии лексикӣ ҳоло то ҳадди даркорӣ дар забони англисӣ омӯхта нашудааст ва ҳамчунон, ҳангоми тарҷума, вобаста ба забони адабии тоҷикӣ, ин масъала низ душворииро эҷод менамояд.

Истфодабарии сленг, асосан дар байни ҷавонони синну соли аз 12-солагӣ то 30-солагӣ бараъло мушоҳида мегардад, зеро онҳо бештар хусусияти намоишдиҳии заковати худро дар вақти муошират дороанд. Чунончӣ, сленгҳои зер андешаи моро тақвият мебахшанд:

Dude-дугона ба ҷои friend-рафиқ, дӯст, ба ҷои drink-нушокӣ вожаи beverage-нушокӣ, ба ҷои He is drunk-ӯ маст аст, ибораи He is pissed - ӯ фаромӯш карда аст, бештар дар нутқи ҷавонони англисзабон мушоҳида мегардад.

Сленг тарафи муқобили забони расмӣ ба шумор рафта, ба ақидаи забоншиносон истифодаи сленгҳо ба ҳамон гурӯҳе тааллуқ дорад, ки онро мавриди истифода қарор додаанд. Пайдоиш ва рушди сленгҳо дар муҳити муайян дар гурӯҳҳои алоҳида, ба монанди донишҷӯён, барномасозон, гурӯҳи одамоне, ки аз рӯи касбу кор ё ҷаҳонбинӣ муттаҳид шудаанд, рӯй медиҳад. Ҳамчунон, сленг тавассути телевизион, радио, интернет паҳн шуда, истифодаи он маъмул гашта истодааст ва ба инкишофи забон таъсири муайян мегузорад. Ба ғайр аз ин, сленг дар ВАО бештар дар шакли мухтасарот, аббревиатура паҳн шуда, ба рушди забон таъсир мегузорад.

Аз ин ҷо ба хулосае метавон омад, ки сленг, аввалан, забони гурӯҳи иҷтимоӣ ё намояндаҳои касбҳои гуногун буда, ба забони адабӣ зид аст. Дуввум ин ки, он намунаи забони гуфтугуии омма буда, аз меъёри забони адабӣ берун аст.

Дар забони қолабӣ ба воҳидҳои лексикии ивазшаванда асосан номҳои ҷуғрофӣ, номҳои васоити оммавии иттилоотӣ, номҳои киштиҳо, ҳавопаймоҳо ва муассисаҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Ин ҷо истифодаи сленг шартан мамнуъ аст ва воҳидҳои лексикии дар забони асл истифодашуда дар вақти мавҷуд набудани муродифи он ҳангоми тарҷума душвориҳоро эҷод менамояд. Барои мисол, ибораи tobuc habour-маънои шикоят кардан, дашном додан, касеро таҳқир карданро ифода мекунад ваин ҷо, албатта, вобаста ба матн муродифи мутобиқро бояд истифода намуд.

Ин ҷо бояд таъкид намуд, ки сленг то имрӯз бахши мураккаб ва нисбатан кам таҳқиқшуда дар назарияи тарҷума маҳсуб меёбад. Дар навбати аввал ин ба худи мафҳуми сленг алоқаманд буда, аз мавҷуд набудани анъанаи тарҷумаи ин воҳиди лексикӣ ба забони тоҷикӣ бармеояд. Аксари муҳаққиқон ин душвориҳоро дар муайянкунии худи сленг хотиррасон мекунанд. Тарҷума нақши аҳамиятноки ду забон буда, мазмуни матни аслро

инъикос менамояд. Дар вақти тарҷумаи сленг, пеш аз ҳама махсусияти матни аслро бояд дар мадди назар гирифт, зеро ба сленгҳо ивазшавӣ ва ноустувории услубӣ хос аст, ки тарҷумаро душвор менамояд. Пас яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон ҳангоми тарҷумаи сленгҳо ин ба инобат гирифтани хусусияти инфиродии услуби муаллифи матн мебошад. Истифода намудани воҳидҳоилексикии нутқи шифоҳӣ бо мақсади ба роҳ мондани тарҷумаи дурусти нутқи асл ба чунин воситаи услубӣ мувофиқ аст.

Як қатор воҳидҳои лексикие дар забони англисӣ мавҷуданд, ки ба инкишофи воқеии ҷомеаи англисзабонҳо пайдо шуданд ва тарҷумаи онҳо хеле душвор аст. Чунончи tupper-tea, supper, brunch-breakfast, lunch ва ғайраҳо. Дарин ҳолат ҳангоми тарҷумаи сленгҳои ҷавонони англисзабон бояд тарҷумаи тавсифӣ истифода шавад [6, с.22].

Дар ҳолати набудани муродиф ва душвории интихоб вожа ё ибораи ба он наздикро мавриди тарҷума бояд қарор дод. Чунончӣ, Well I guess here is nousetome sticking aretill the end of theday- ман фикр мекунам, ки дар ин ҷо то охири рӯз наистам [14,с.26].

Муҳаққиқи забоншинос В.С.Виноградов қайд менамояд, ки муродиф ин баробарии нисбии нигоҳ доштани мундариҷа, мазмун, семантика, услуб ва вазифаи муошират иттилоот ба шумор меравад [3, с. 162]. Исботи ин гуфтаҳо дар он зуҳур меёбад, ки мавҷудияти намудҳои гуногуни муродиф дараҷаи наздиккунии матни аслро ба намунаи тарҷумаи он наздик менамояд. Аммо барои амалӣ сохтани муошират байнизабонии бомуваффақият танҳо истифодаи муродиф басанда нест. Ин ҷо мо бояд мафҳуми «дурустии тарҷума»-ро пеши худ гузорем. Аз рӯйи ақидаи В.Н.Комисаров мафҳуми «дурустии тарҷума» ин мувофиқати тарҷума ба матни асл ва шартҳои вазъияти муоширатро ба эътибор гирифтан ба шумор меравад [3,с.138]. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки дурустии тарҷума дар худ намуди муайяни муродифро дар бар мегирад, аммо на дар ҳама ҳолат тарҷумаи муродифӣ тарҷумаи дуруст ба ҳисоб меравад.

Як қатор сленгҳои англисӣ ҷой доранд, ки дар аксари забонҳо бе тарҷума ворид шудаанд. Чунончӣ-bucks-бакс, gue-гай, money-манӣ, cravy-крейзи, party-патӣ, okay-окей, wow-вау. Чунин сленгҳоро дар гуфтугӯйи ҷавонҳои олуфта зиёд вохӯрдан мумкин аст.

Барои тарҷумонҳо лозим аст, ки дар вақти тарҷумаи сленгҳо бевосита маънои маҷозиро ҳам дар мадди назар гирифта, ҳангоми тарҷума истифода намоянд. Барои мисол чунин ҷумларо меорем:What cannot say? Hewill never shit as seamen stard [8.с.18]. Ин ибора ба онҳое нисбат дода мешавад, ки ҳеҷ гоҳ маллоҳи хуб шуда наметавонад. Ин ибораро вобаста ба меъёри ахлоқии забони тоҷикӣ айнан тарҷума кардан ҷоиз нест. Зеро дар забони имрӯзаи англисӣ, махсусан дар англисии Амрико бисёр воҳидҳои фаҳш истифода мешаванд. Вожаи shit хеле дағал буд ва ба меъёри ахлоқӣ ҷавобгӯ нест. Ин ҷумла беҳтар мебуд чунин тарҷума шавад: «Чӣ гӯем? Ин сагбача ҳеҷ гоҳ гурги баҳрӣ шуда наметавонад.

Бояд зикр намоем, киду роҳи тарҷумаи сленгҳои англисӣ мавҷуданд:

1.Транскрипсиа.

2.Калкакунӣ (айнан нусхабардорӣ).

Ин ду роҳро танҳо дар ҳолатҳое истифода намудан мумкин аст, ки вожа ё ибора дар забони тарҷума мешуда муродиф дорад ва фаҳмо аст. Чунончӣ:

«Old Din at the buck near laughed gilliver off –ho, ho, ho»-Пирамард Дин дар курсии ақиб то мурдан чун Гуливер механдид. Ҳа-Ҳа-ҳа.Дар ин ҷо вожаи гуливер аз рӯйи мазмуни матн фаҳмо аст. Аммо бояд зикр намоем, ки инр роҳро танҳо дар ҳолатҳое истифода намуд, ки ҳангоми тарҷума ҳама вожаҳо барои хонанда ё шунаванда бидуни шарҳи иловагӣ фаҳмо бошад.

Дар бештар ҳолатҳо усули тарҷумаи маҷозиро бояд истифода намуд ва албатта, ҳангоми тарҷума кӯшиш намудан лозим аст,ки матн фаҳмо бошад.

Дар вақти иваз кардани лексика ҳамагуна ивазшавии воҳидҳои лексикӣ (вожа, ибораҳои устувор) рух медиҳад, ки ҳангоми тарҷума барои тарҷумон муҳим аст [9, с.18].

Дар вақти иваз кардани лексикон, вожаҳои серистеъмол мавҷуданд, бинобар ҳангоми тарҷума вазифаҳои баёнӣ, ҷаҳонбинӣ ва эҳсосотӣ-баҳодиҳиро бояд дар мадди назар гирифт.

Бо омӯзиши таҳқиқотҳои муҳаққиқон ва пажӯҳиши худ мафҳуми «сленг»-ро ҳамчун зуҳуроти фарҳангии ҷомеа чунин хулоса менамоем:

1.Сленг ин зуҳуроти мураккаб на танҳо аз нуқтаи забонӣ, балки аз нуқтаи тарҷума низ ба ҳисоб меравад.

2. Вазифаи муҳими тарҷумон ин дарёфти муродифи мувофиқи вожаҳо ва ибораҳо ҳангоми тарҷумаи матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ маҳсуб меёбад.

3. Дар вақти тарҷумаи сленгҳо бо сабаби мавҷудияти душвориҳои зиёд тарҷумон ба мушкилиҳои лексикӣ дучор мегардад.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, новобаста бо истифодаи зиёди сленгҳо дар забони англисӣ, онҳо ҳангоми тарҷума ба дигар забон аниқияти маҳфумиро доро нестанд. Ин далелро мо дар таҳияи луғатҳо, фарҳангҳои тафсирӣ дида метавонем.

**АДАБИЁТ:**


1. Бархударов Л.С. Язык и перевод: вопросы общей и частной теории перевода. – М.: Международные отношения. 1975. – 237 с.
2. Берджесс А. Заводной апельсин. – М.: Эксмо-пресс, 2004. – 221 с.
3. Виноградов В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы). – М.: Издательство института общего среднего образование РАО,2001.-162 с.
4. Волошин Ю.К. Американский сленг в разговорной речи // Лингвистические единицы разных уровней и их функциональные характеристики. – Краснодар, 1982. – С. 13-17.
5. Казакова Т.А. Художественный перевод: в поисках истины [Текст]. – СПб., 2006. – 224 с.
6. Лихачев Д. Черты первобытного примитивизма воровской речи. Язык и мышление. – М.- Л., 1935.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ, Душанбе-"Эр-граф" 2011. -1013 с.
8. Маслов Ю.С. Введение в языкознание/Ю.С.Маслов.-М.:Высшая школа, 1987.-231 с.Понятие и функции сленга// [захираи интернетӣ]: http://yun.moluch.ru/archive/8/533/- муроҷиат: 15.03.2023.
9. Мюллер. В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. -М., 1961.- 912 с.
10. Хомяков В.А. Три лекции о сленге: пособие для студентов педагогических институтов. –Вологда, 1970. – 62 с.
11. Ҷамшедов П. Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 978с.
12. Шаҳобова М.Б. Луғати хурди англисӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1972. – 204 с.
13. Швейцер А.Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы. – М., 1976.
14. Hornby A. Oxford advanced learner's dictionary/ A. Hornby.- Oxford University Press, 1989. -1580 p.
15. Oxford American dictionary. Colleges Edition, New York, 1986.–1094 p.16. Longman Dictionary of contemporary English – 2003.1949 p.
17. Partridge E. Slang To-Day and Yesterday. London, 1960. 215p.


**РОҲҲО ВА УСУЛИ ТАРҶУМАИ СЛЕНГҲО АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ТОҶИКӢ**


Дар мақола тарзу усули тарҷумаи сленгҳо аз забони англисӣ ба тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд гардидааст, ки сленгҳо хусусияти духӯрагӣ доранд. Аз як тараф сленгҳо вазифаи воҳидҳои номинативии нутқро ҳамчун зуҳуроти махсус ифода кунанд, аз тарафи дигар сленгҳо мафҳумҳое мебошанд, ки дар забон муродифи худро доранд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам вожаҳои ҳамшабеҳ моҳиятан аз якдигар фарқ мекунанд. Дар ҳолати аввал зимни тарҷума танҳо вожаҳо ба таври оддӣ оварда мешаванд, дар ҳолати дуюм сленг ё махсусияти ин падидаро дар асл ифода мекунад ва ё мафкураи соҳибони ин сленгро нишон медиҳад.



**Калидвожаҳо:** *сленгҳои забони англисӣ, калимаҳои маҷозӣ, сленги ҷавонон, фарҳанги омма, лексика, воҳидҳои лексикӣ.*


**СПОСОБЫ ПЕРЕВОДА СЛЭНГА С АНГЛИЙСКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ**


В статье отмечается, что сленгу свойственна двоякая номинация. С одной стороны, номинативную функцию выполняют сленгизм, обозначающие специфические явления, присущие данной скульптуре, а другой - сленгизмы, обозначающие понятия, для которых уже существуют обиходные слова в языке. В обоих случаях номинации, схожие по форме, отличаются по своей сути. В первом случае происходит простое заполнение терминологических лакун, во втором случае сленговое слово передает специфику данного явления в действительности или сознания носителей определенного сленга.



***Ключевые слова:*** *ироничные слова, молодёжный сленг, субкультура, англоязычные,транскрипция, транслитерация, калькирование, лексика, лексические единицы.*


**METHODS AND TECHNIQUES SLENGIZM TRANSFER FROM ENGLISH INTO TAJIK**


It is noted in the article that a double nomination is peculiar. On the one hand, the nominative function is performed by slangisms, denoting specific phenomena inherent in this sculpture, and on the other hand, slangisms denoting concepts for which everyday words already exist in the language. In both cases, nominations that are similar in form differ in essence. In the first case, there is a simple filling of terminological gaps, in the second case, the slang word conveys the specifics of this phenomenon in reality or the consciousness of the carriers of a certain slang.

**Key words:** *ironic words, youth slang, subculture, English, transcription, transliteration, tracing, vocabulary, lexical units.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Кабиров Лутфулло Абдусаломович-унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи Давлатии Данғара. Lutfullo.Kaburov95@mail.ru 907151628.*

**Сведение об авторе:** *Кабиров Лутфулло Абдусаломович-соискатель кафедры теории и практики Дангаринского Государственного Университета Lutfullo.Kaburov95@mail.ru 907151628.*

**Information about the author:** *Kaburov Lutfullo Abdusalomovich-applicant of the Dangara State UniversityLutfullo.Kaburov95@mail.ru 907151628.*

# ОМИЛ ВА ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ИҶТИМОИИ НАВРАСОН ДАР РАВАНДИ ДАРСҲО ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢАЗ БИОЛОГИЯ

***Каримзода Мирзобадал***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

***Начмиддинова Гулнора***
**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

«Таҷрибаи иҷтимоӣ» ҳамчун таҷрибаи умумӣ бо тамоюли иҷтимоишавии наврасон асосан, ҳамчун таҷрибаи шахси ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ, таҷрибае, ки барои ҳаёти ҷамъятӣ аҳаммияти муҳим дорад, дониста мешавад. Таҳлили маводи назариявӣ доир ба мавзуи мазкур имкон дод, моҳияти таҷрибаи иҷтимоӣ ба чунин тарз тавзеҳ дода шавад [7, С. 48-52]:

- дар ибтидо, илм таҷрибаи иҷтимоиро ҳамчун таҷрибаи шуур, ки тавассути равобити тарафайн миёни шахс ва олами моддӣ ташаккул ёфтааст, муайян карда буд;
- бо мурури замон дониши андӯхта имкон дод, муфассалтар мавзуи мазкур таҳқиқ шавад, алоқамандии таҷрибаи иҷтимоӣ бо масъалаҳои тарбиявӣ, иҷтимоишавӣ, фардикунонӣ, рушди шахс хамчун шахсият дар раванди азхудкунии арзишҳое, ки ба ҷомоеи муайяне тааллуқ дорад, пайдо гардид;
- таҷрибаи иҷтимоӣ аз маҷмуи ба ҳам алоқаманди ҳиссиёт, дарк, воситаҳои тафаккур, муносибат, фаъолият, малака, дониш, маҳорат, одобу рафтор, дастурҳои иҷтимоӣ таркиб меёбад;
- азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ тавассути механизми фаъолият, мавқеъ ва робитаи иҷтимоӣ, худогоҳӣ имконпазир мегардад.

Таҷрибаи иҷтимоӣ метавонад, хеле гуногуншакл бошад. Хусусиятҳои он зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва таҳқиқоти ҷиддиро доир ба мураттабсозӣ ва таснифоташ тақозо мекунад [10].

Таҷрибаи иҷтимоӣ дар ҳаёти шахс мавқеи махсусро дар иттилоотнокӣ ишғол мекунад, ки ҳамчун ашёи ҳиссиёти зеҳнӣ тавассути азнавшавии иҷтимоиёт, фарҳанги ҷомеа ва худташкилёбии иҷтимоӣ мебошад [3, С. 402-403] .

Масъалаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасонро таҳқиқ намуда, мо хусусияти худбаҳодиҳӣ (рефлексивӣ) доштани тафаккури ӯро муайян мекунем, ки ин хусусияти ҳамин давраи синнусолӣ мебошад. Тавассути худбаҳодиҳӣ наврас на танҳо ба таҷрибаи иҷтимоии андӯхта сарфаҳм меравад, балки он арзиш, тамоюл ва дастурҳои ҳаётии шахсии наврасро ташаккул медиҳад.

Тавссути худбаҳодиҳӣ дар шахс худшиносӣ ташаккул меёбад, яъне симои худи ӯ ҳамчун «Ман». Худбаҳодиҳӣ дар тағйирёбии ботинии шахсият ва дар қобилияти наврас барои дарк намудани шахсоне, ки бо ӯ дар ҳамкории муайян қарор доранд, зоҳир мегардид [9, С. 84–88].

Ба андешаи мо, унсури асосии рушди таҷрибаи иҷтимоии наврасони синни хурд худшиносӣ мебошад, ки барои дарки ҳолати ҳақиқии олами иҷтимоӣ ва дарки мавқеи худ дар он мусоидат менамояд.

Танҳо дар ҳолати фаъолнокии баланди рушди худшиносии кӯдак дар ӯ дар сатҳи зарурӣ таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Худшиносӣ дар раванди ҳамкории наврас бо ҷомеа ташаккул ёфта, дар ӯ рушди «Ман – консепсия» фаъол мегардад.

Зери мафҳуми «Ман – консепсия» тартиби устувор ва фардии таассуроти шахс дар бораи худаш «Ман» мебошад, ки дар дараҷаи муайян даркшаванда аст. Дар асоси чунин таассурот фард дар бораи худаш назареро асос намуда, ҳамкориро бо дигар намояндагони муҳити иҷтимоӣ бунёд менамояд. Дар давраи синнусоли наврасии хурд арзишҳои тамоюлӣ

зери таъсири таҷрибаи ҳаёт ташаккул ёфта, дар эътиқод, худбаҳодиҳӣ, идеалҳо таҷассум мегардад. Сатҳи худшиносии хонандагон тағйир ёфта, сайъ мекунанд, ки хусусиятҳои фардӣ, имконият ва қобилиятҳои худро муайян кунанд [5, С. 51–64].

Барои наврасони хурдсол хусусиятҳои зерин хос аст:

- талабот ба эътибори ҷамъиятӣ тавассути фаъолияти фаиданок;
- тавассути муносибат барои устувор намудани мавқеи худ, сайъ кардан;
- ҳассосият ба азхудкунии одобу рафтор, арзишҳои ҳаётӣ, шаклҳои муносибат;

Ҳамин тариқ, далелҳои овардашуда ба мо имкон медиҳад, ки хусусияти наврасони хурдсоли дар ҳолати муносиби азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ қарордоштаро ошкор намоем. Сатҳи ташакулёфтаи таҷрибаи иҷтимоӣ аз рӯйи як қатор ченакҳо арзёбӣ мегардад. Яке аз унсури муҳимми ин арзёбӣ ягонагии сохтори таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад [2, С. 26–46], [1], [8], [10].

Унсурҳои таҷрибаи иҷтимоӣ дар амсилаи коркарднамудаи мо, ки дар поён оварда мешавад, аҳаммияти ягона дошта, дар алоқамандӣ қарор дорад. Дар амсила сохтори объективии таҷрибаи иҷтимоӣ инъикос ёфтааст, ки бояд азхуд карда шавад.

Амсила таҷрибаи иҷтимоиро, ки дар раванди зиндагии одамон пайдо шудааст, худро дар дониш, воситаҳои фаъолият, одобу рафтор, принсипҳои аҳлоқӣ ва омода ба эҷоду камолёбӣ таҷассум менамояд.

Олимони муосир бисёршаклии сохтори таҷрибаи иҷтимоиро пешниҳод доранд, ки дар он унсурҳои таркибии гуногун намоён мешавад. Бо вуҷуди ин чунин унсурҳо ҳарчанд аз рӯйи калимасозӣ мухталифанд, аммо хеле ба моҳияташ наздиканд. Аз ин шумора унсурҳои маърифатӣ, арзишӣ-ҳиссиётӣ ва рафториро қайд кардан мумкин аст [12, С. 268–274 ].

Ба сохтори таҷрибаи иҷтимоии баррасишавандае, ки нисбат ба наврасони хурд тааллуқ дорад, мо диққати худро ба гуруҳи унсурҳои аксиологӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивӣ равона намудем.




*Расми 1. Сохтори таҷрибаи иҷтимоии хонандагони хурдсол*

Унсури аксиологӣ сатҳи тамоюлҳои арзишиеро муайян мекунад, ки ба ташаккулёбии амрҳои иҷтимоии хонандагони наврасони хурд таъсир мерасонад. Унсури маърифатӣ, ки сохтори таҷрибаи иҷтиоиро ташкил менамояд, аз тааccурот, дониши кӯдак вобаста ба синнусоли гурӯҳи мазкур оид ба қоидаҳои ҷамъиятии муносибат ва ҳақиқати иҷтимоӣ иборат мебошад. Унсури фаъолиятӣ бошад, аз маҷмуи кордонии иҷтимоӣ, малакаҳо, ки барои гирифтани таҷрибаи ҳамкории наврасони хурд дар ҷомеа дар ҳадди фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ ва шахсӣ иборат буда, асоси онро арзишҳои иҷтимоӣ ва тааccурот ташкил менамояд. Унсури рефлексивӣ омодагии наврасони синни хурдро ба таҳлили ҳамкориҳои иҷтимоӣ, ҳолати рефлексии он, фаъолияти ба натиҷа равонашуда ифода менамояд [4, С. 148-154 ].

Тамоми унсурҳои таҷрибаи иҷтимоиро, ки дар боло тазаккур додем, байни худ робитаи ногусастанӣ доранд. Онҳо бо ҳам мусоидакунандаанд.

Унсурҳои ишорашударо ба инобат гирифта, мо тавонистем, меъёрҳо, сатҳҳо, нишондодҳои аосиеро муайян намоем, ки тавассути онҳо метавонем ташаккулёбии таҷрибаи

иҷтимоии наврасони хурдро дар раванди чорабиниҳои дар чорчӯбаи фаъолияти беруназсинфӣ ташкил шудааст, тавсифу арзёбӣ намоем.

***Ҷадвали 1. Ташаккули таҷрибаи иҷтимоии наврасони хурдсол: меъёрҳо, сатҳҳо, нишондиҳандаҳо***

| Меъёрҳо | Сатҳҳо, нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Ҳавасмандӣ-арзишӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва шахсии наврасони хурд, ки онҳоро ба фаъолияти дорои аҳамияти иҷтимоидошта барои ҷомеа равона мекунад. | Сатҳи баланд: наврасони хурд барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ ҳавасманд гардидаанд. Дар арзишҳои шахсии онҳо арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ бартарӣ дорад. |
| | Сатҳи миёна: наврасони хурд барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ пурра ҳавасманд нагардидаанд. Дар баробари ин дар арзишҳои шахсии онҳо арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ дохи ласт. |
| | Сатҳи паст: ҳавасмадӣ барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ надорад. Дар арзишҳои шахсии онҳо ба арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ таваҷҷуҳ нест. |
| Мундариҷавӣ, ҳамчун маҷмуи мутаҳҳидкунадаи дониш, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, дарки зарурияти истифодаи воситаи ҷалбкунанда ва ҷалбнакунанда мебошад. | Сатҳи баланд: мураттабсозии дониши арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки наврасон бошуурона қабул намудаанд. Дарки муҳимият ва самарадори истифодаи муносибати ҷалбкунанда ва ҷалбнакунада. |
| | Сатҳи миёна: нопурра мураттабсозии дониши арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки дар ҷомеа қабул шудааст. |
| | Сатҳи паст: дарки ҳисачавии арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки дар ҷомеа қабул шудааст. дараҷаи пасти дарккунии муносибати ҷалбкунанда ва ҷалбнакунада. |
| Амалиётӣ-ҷамъкунандаи малакаҳои муносибат бо одамони дигар. Ташкил ва иштирок дар фаъолияти якҷоя ва дастаӣ. | Сатҳи баланд: дар муносибат бо ҳамсолон, наврасони калон ташаббускор аст. Дар ӯ хоҳиши устувори муносибат доштан бо одамони дигар мушоҳида мешавад ва доираи муносибатро васеъ менамояд. Дар вақти муносибат наврас эмотсияи ҳамсуҳбаташ хис ва пай мебарад ва ба худ вазифаи ташкилкунандаи муносибатро гирифта, босаводона вазифаҳоро дар байни иштирокчиёни фаъолияти дастаӣ тақсим менамояд. Дар ин маврид, худаш бошад, фаъолона ба корҳои дастаӣ машғул мешавад. |
| | Сатҳи миёна: дар муносибат бо ҳамсолон камфаъолӣ нишон медиҳад. Хоҳиши махсуси васеъ кардани давраи муносибатро надорад. На ҳамеша холати эмотсионалии ҳамсуҳбаташро ҳис мекунад, инчунин пай намебарад. Фаъолияти одамони дигарро метавонад ташкил намояд, аммо нақшаи аниқи татбиқи фикрҳои мушаххасро надорад. Дар раванди фаъолияти дастаӣ метавонад, вазифаҳоро байни иштирокчиён тақсим намояд, аммо на ҳамеша худаш дар фаъолияти дастаӣ иштирок мекунад. |
| | Сатҳи паст: хоҳиши муносибат бо ҳамсолонаш ва дигар одамон доштанро надорад. Барои васеъ кардани доираи муносибат ҳавасмандӣ надорад. Тағйирёбии ҳолати эмотсионалии ҳамсухбаташро ҳис мекунад, инчунин пай намебарад. Барои гирифтани вазифаи ташкилотчии фаъолиятиякҷоя омода нест. Дар байни даста вазифаҳоро тақсим карда натавонистанд. Дар фаъолияти дастаӣ иштирок намекунад. |

| | |
|---|---|
| Арзёбишаванда, муайянкунандаи сатҳи малакаҳои рефлексивӣ хусусияти худбаҳодиҳӣ | Сатҳи баланд: маҳорати хуби арзёбӣ ва ислоҳи фаъолитяи худ, рафтор ва фаъолияти одамони дигарро таҳлил кардан, сатҳи комили танқидиро зоҳир кардан. |
| | Сатҳи миёна: маҳорати ҳудслоҳкунии фаъолияти худ пурра ташаккул наёфтааст. Худбаҳодиҳӣ кам поён ё каме боло рафтааст. |
| | Сатҳи паст: натавонистани арзёбӣ ва ислоҳи фаъолияти худро ошкоро зоҳир кардан, рафтори худ, ҳамсолон ва дигаронро таҳлил кардан. Худбаҳодиҳӣ хеле поён ё хеле боло рафтааст. |

Дар ҷадвали мазкур зери мафҳуми «меъёр» мо нишондодеро, ки барои сифати арзёбӣ аст, овардаем. Яъне ин ченаки шартӣ барои ченкунии объект ва арзёбии он истифода мешавад.

Дар меъёри сатҳи баланд иҷроиши тамоми нишондодҳо дар ҳаҷми пурра муайян карда мешавад. Агар танҳо нишондодҳои асосии меъёр иҷро шавад, пас он ба сатҳи миёна дохил мешавад. Ба сатҳи паст иҷроиши як нишондоди меъёр ё тамоман дар раванди арзёбӣ набудани онҳо дохил мешавад.

Тамоми раванди инкишофро дар маҷрои гузариш аз холатии сифатан паст ба баландтар ба таҳқиқот шуруъ мекунанд.

Зери мафҳуми «сатҳи ташаккул» мо дараҷаи муайянеро мефаҳмем, ки барои ноил гардидан ба ягон чиз зарур аст.

Таҷрибаи иҷтимоӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ба ҷомеа мутобиқ шавад. Сатҳи ташаккулёбӣ бевосита ба пешравии навраси хурдсол дар ҷомеа таъсир мерасонад. Маълумотҳои дар раванди омӯзиши масъала гирдомада ба мо имкон дод, се сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимотро муайян намоем. Сатҳи паст - муайянкунандаи набудани нишондодҳои арзёбӣ, сатҳи миёна - мавҷуд будуни ҷузъҳои нишондодҳои арзёбӣ, сатҳи баланд бошад, дар он тамоми меъёрҳои арзёбӣ муайян карда мешавад.

Таҳлили назариявии адабиёти вобаста ба мавзуъ имкон дод, хулосаҳои зеринро барорем:

- яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасии хурд мебошад. Ҳалли масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки мустақилияти наврас, пешравии онҳо дар ҷамъият, тарбияи боварӣ ба қувваи худ таъмин гардад. Ин сифатҳо дар ҷамъият ҳамеша зарур аст;
- таҷрибаи иҷтимоӣ – ин синтези арзишҳо, одобу рафтори дар чамъият қабулшуда, маҳорати иртиботи иҷтимоӣ, ки тавассути он наврасони хурд мавқеи худро дарк ва устувор менамояд;
- унсурҳои алоҳидаи таҷрибаи иҷтимоӣ, ки ба хонандагони синни наврасии хурд тааллуқ доранд, ҷуфтанд: аксеологӣ-маърифатӣ, фаъолиятӣ-худбаҳодиҳӣ;
- унсурҳои алоҳидаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ тибқи меъёрҳои ҳавасмандӣ-арзишӣ, мундариҷавӣ, амалиётӣ-ҷамъкунанда, арзёбишаванда- муайянкунанда арзёбӣ карда мешавад;
- ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ бо се сатҳ: паст, миёна, баланд муайян карда мешавад.

Вазифаи асоси ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасони синнусоли мазкур дар раванди таҳсил бояд дастгирии педагогии шахс бошад, яъне шаҳрванди хушахлоқи Тоҷикистон ба воя расад, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолнокӣ нишон диҳад, барои тақдири Ватанаш масъул бошад, ба ояндаи дурахшони давлат боварӣ дошта бошад, арзишҳои миллиро эҳтиром кунад ва барои рушди он мусоидат намояд.

Аввалин шароити педагогиро таъмин намуда, муҳити ҳавасмандиро ташкил намуда, мо барои муайян намудани омилҳое, ки иштироки наврасонро дар иттиҳодияҳои кӯдакон ҳавасманд гардонад ва ба хонандагон моҳияти фаъолияти ҷамъитӣ фаҳмонад, кор бурдем. Кор дар ин самт тариқи суҳбат ва саволномаҳо гузаронида шуд.

Ба ақидаи мо ҳавасмандгардонии наврасон барои иштирок дар фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии кӯдакон бояд дар раванди намоишҳои зоҳирии комёбиҳое, ки собиқ

иштирокчиёни иттиҳодия ноил шудаанд, инчунин тариқи шиносоии аъзои нав бо пешвоёни иттиҳодия, анъанаҳояш, расму оинаш ба роҳ монда мешавад.

Шароити педагогии дуюм бошад ин тавсеаи дониши хонандагон дар бораи моҳияти иҷтимоии воқеият барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии маъифатии наврасони хурдсол бояд мусоидат намояд. Интизорӣ меравад, ки хонандагони синфҳои 5-6 аъзои « Ҳаракати мактаббачагони Тоҷикистон» мебошанд, дар раванди татбиқи барномаи «Бо ҳам – беҳтар!» дониш ва маҳорати заруриро, ки барои татбиқи нақшаҳои ташкилоти кӯдакон талаб мекунад, азхуд менамоянд.

Шароити педагогии сеюм бошад ин ҷалби наврасон ба фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ мебошад, ки бояд воситаи асосии азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон бошад.

Таҷрибаи муҳими иҷтимоии фаъолиятиро хонандагони наврас тавассути иштирок дар чорабиниҳои амаливу эҷодӣ азхуд мекунанд. Масалан, дар консертҳо, ҳамоишҳо ва дигар иқдомҳои ватанпарварона.

Ҳамин тавр, мо тавонистем шароити педагогиро муайян ва асоснок намоем, ки барои муҳити маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хос аст ва барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони наврас мусоидаткунада мебошад.

Ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни хонандагон зарурати фароҳам овардани шароити зеринро талаб мекунад:

а) Ташаккули арзишҳои фарҳангии шахсият:

- рушди маънавии наврасон, ошкор намудани неруи эҷодии онҳо тавассути иштирок дар фаъолияти фоиданоки иҷтимоӣ, аз ҷумла эҷодӣ, бозӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ-истехсолӣ. Дар шахсияти таҳким бахшидани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар асоси принсип ва меъёрҳои ахлоқӣ, салоҳиятҳои маънавӣ, худомӯзӣ ва худтаълимӣ имконпазир аст;

- таҳкими ахлоқ бо роҳи аз худ намудани донишҳо оид ба анъанаҳои халқҳои тоҷик, озодии ирода, муносибатҳои ботинӣ, ҳавасмандии дар шуури шахс ташаккулёфта бо тамаркуз ба виҷдон ва шаъну шараф;

- ташаккули худшиносии наврас, ки уҳдадориҳои шахсии ахлоқиро аниқ муайян карда, амалҳои худро назорат карда метавонад;

- ташкили раванди таълим ва фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари ахлоқӣ;

- азхуд намудани арзиш ва анъанаҳои асосии халқи тоҷик;

- ташаккули ахлоқ, яъне дарки зарурати танзими рафтори худ бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа, ҳамсинфон ва одамони дигар бо тамаркуз ба адолат, ғояҳои барои шаҳрванд нолозим;

- таҳкими худбаҳодиҳии наврас, ташаккули некбинӣ ба зиндагӣ, муносибати мусбат ба худ ва дигар аъзои ҷомеаи атроф;

- ҳавасмандӣ барои қабули қарорҳои мустақил, майл ба амал, изҳори мавқеи худ, ҳимояи он, муносибати интиқодӣ ба масъалаҳои арзёбии фаъолияти худ;

- ташаккули мехнатдустӣ, мақсаднокӣ, талаботи эстетикӣ;

- ташаккули шавқу ҳавас вобаста ба интихоби касби оянда, дарки ахамияти интихоби касб барои ҳаёти оянда, ки барои он дар давраи таҳсил дар мактаб зоҳир кардани муносибати эҷодкорона ба фаъолияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ зарур аст;

- дарки масъулият барои саломатӣ ва ҳаёти худ, зарурати қадри имкон муқовимат кардан ба таҳдидҳо ба амнияти шахсӣ;

- ташаккули тарзи ҳаёти солим, фарҳанги экологӣ.

б) Ташаккули меъёрҳо, қоидаҳо, арзишҳои фарҳанги иҷтимоӣ:

- ташаккули ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, маҳорати ташкилотчигӣ, ҳавасмандӣ ба муоширати бо омӯзгорон, ҳамсинфон, шахсони дигар дар ҳалли масъалаҳои барои ҷомеа муҳимтарин дар асоси донишу малакаи дар муассисаи таълимӣ гирифта;

- таҳкими арзишҳои миллӣ, ғамхорӣ дар бораи рушди кишвар, масъулияти шахсӣ барои сарнавишти Тоҷикистон;

- ташаккули шахсияти шахсӣ, аз ҷумла ҳувийяти ҳудудӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, ҳувият ба узви оила, иттиҳодияи донишҷӯён;

– ташаккули малакаи аз худ намудани таҷрибаи ичтимоӣ, дарки шахсии арзишҳои зиндагӣ, афзалиятҳо, самти рафтори худ ба амалияи мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоӣ,

муносибат бо намояндагони дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

-ташаккули салоҳиятҳои асосие, ки дар ҷомеа барои мутобиқшавии бомуваффақияти наврасон дар ҷомеа заруранд;

- таҳкими муносибати мусбат ба мақомоти давлатӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ, иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ, гуруҳҳои одамон ва шахсони алоҳида;

- андӯхтани таҷрибаи ёрии ҳамдигарӣ, ташаккули муносибати некӯкорӣ нисбат ба ҳамсолон, калонсолон, хурдсолон, ҳамдардӣ нисбат ба одамони дигар;

- қабули арзишҳои инсондӯстонаи ҷомеа, принсипҳои демократии бунёди давлат;

- ташаккули эҳтиром ба ақидаҳои мардум, анъана ва фарҳанги онҳо;

- ташаккули эҳтиром ба дин, дарки аҳамияти он барои давлат, халқҳои Тоҷикистон, нақши анъанаҳои динӣ барои устувории ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар.

в) Ташаккули фарҳанги оилавӣ:

- эҳтироми бошуурона ба оила, муносибатҳои оилавӣ, волидайн, хоҳиши некхоҳӣ, ғамхорӣ дар бораи хурдсол, дастгирии насли калонсол;

- эътирофи аҳамияти оила барои ҷомеа ва ҳар як шахс;

- қабули арзишҳои хоси муносибатҳои оилавӣ;

- ташаккул додани таҷрибаи нигоҳубини хешовандон, оила;

- донистани анъанаҳои оилавӣ, ҳам шахсӣ ва ҳам ҷомеаи тоҷикон.

4) Барои наврасон фаъолияти асосӣ фаъолиятҳои фоиданоки иҷтимоӣ мебошад, ки ба ташаккули амсилаи рафтори ӯ бо ҳамсолон ва калонсолон бевосита таъсир мерасонад.

Ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани наврасон онҳоро ба корҳое водор менамояд, ки боиси манфиати одамон, ҷамъият ва оила мегардад. Ҳамин тариқ, дар хонандагон талабот ба эътирофи иҷтимоӣ рушд меёбад.

Дар давраи наврасӣ муошират бо ҳамсолон бояд ҳамчун як намуди махсуси фаъолият, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мустақилонаи кӯдак буда, ба рушди ӯ ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад, ҷудо карда шавад.

Тавассути муошират наврасон худро тасдиқ карда, дар баробари ин, онҳо ҳамзамон мехоҳанд «мисли ҳама бошанд» ва бо кадом роҳе аз дигарон фарқ кунанд ва эътирофи ҳамсолони худро пайдо кунанд.

5) Барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни мактаббачагоне, ки фанни «Биология»-ро меомӯзанд ва бо фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар ин самт машғуланд, вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

- васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагон дар бораи арзишҳои иҷтимоӣ, нақшҳо, меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда;

- такмили малакаи муошırати хонандагон, шаклу усули муошират;

- ба наврасон омӯзонидани тақсими масъулият дар гуруҳ, иҷрои нақши мушаххас;

- ташаккул додани кобилияти ташкилотчигии хонандагон;

- рушд додани малакаҳои худбаҳодиҳии хонандагон;

- ба хонандагон омӯзонидани пешбурди мубоҳиса, пешгирии ҳолатҳои мунокишавӣ, пайдо кардани роҳи муносиби баромадан аз мунокишаҳо.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Архангельский, С. И. Лекции по научной организации учебного процесса в высшей школе / С. И. Архангельский. – Москва: Высш.шк., 1976. – 200 с.
2. Афанасьев, В. Г. Моделирование как метод исследования социальных систем / В. Г. Афанасьев. // Системные исследования: Методологические проблемы. Ежегодник. – Москва: Наука, 1982. – С. 26–46.
3. Бондаренко, Н. Г. Язык, знание и социальный опыт в структуре трансляции ценностей / Н. Г. Бондаренко. // Евразийский юридический журнал. - 2019. - № 5 (132). - С. 402-403.
4. Земсков, А. Е. Возможности детских общественных объединений в формировании социального опыта младших подростков / А. Е. Земсков // Саранск: Мордовский государственный педагогический институт имени М.Е. Евсевьева, 2019. – С. 148-154.
5. Иванова, И. А. Проблемы становления рефлексивности в младшем подростковом возрасте / И. А. Иванова. // Психология и школа. – 2012. – № 1. – С. 51–64.
6. Кочергин, А. Н. Моделирование мышления / А. Н. Кочергин. – Москва: Политиздат, 1969. – 224 с.
7. Неясова, И. А. Организационно-педагогические условия формирования социального

опыта у младших школьников в образовательном процессе / И. А. Неясова // Гуманитарные науки и образование. - 2015. - № 2 (22). - С. 48-52.
8. Новик, И. Б. О моделировании сложных систем / И. Б. Новик. – Москва: Мысль, 2000. – 335 с.
9. Пчелинцева, Д. Г. Развитие волевых качеств на занятиях внеурочной деятельности как фактор становления личности подростков / Д. Г. Пчелинцева. // Высшее образование сегодня. – 2022. – № 1-2. – С. 84–88.
10. Фрейд, З. Ведение в психоанализ / З. Фрейд. - Москва: Наука, 1989. - 216 с.
11. Штофф, В. А. Моделирование и философия. / В. А. Штофф. – Москва; Ленинград: Наука, 1966. – 301 с.
12. Эльконин, Д. Б. Возрастные и индивидуальные особенности младших подростков / Д. Б. Эльконин. // Избранные психологические труды. – Москва: Педагогика, 1989. – С. 268–274.

## ОМИЛ ВА ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ИҶТИМОИИ НАВРАСОН ДАР РАВАНДИ ДАРСҲО ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ АЗ БИОЛОГИЯ

Дар мақола мафҳуми “таҷрибаи иҷтимоӣ” таснифу тафсир шуда, шароитҳои педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонанддагон дар ҷараёни дарсҳо ва корҳои берунаsсинфӣ аз фанни биология мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин росто, муаллиф таъкид мекунад, ки таҷрибаи иҷтимоӣ метавонад, хеле гуногуншакл бошад, хусусиятҳои он зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва таҳқиқоти ҷиддиро доир ба мураттабсозӣ ва таснифоташ тақозо мекунад.Масъалаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасонро таҳқиқ намуда, мо хусусияти худбаҳодиҳӣ (рефлексивӣ) доштани тафаккури ӯро муайян мекунем, ки ин хусусияти ҳамин давраи синнусолӣ мебошад. Тавассути худбаҳодиҳӣ наврас на танҳо ба таҷрибаи иҷтимоии андӯхта сарфаҳм меравад, балки он арзиш, тамоюл ва дастурҳои ҳаётии шахсии наврасро ташаккул медиҳад.

Ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани наврасон онҳоро ба корҳое водор менамояд, ки боиси манфиати одамон, ҷамъият ва оила мегардад. Ҳамин тариқ, дар хонандагон талабот ба эътирофи иҷтимоӣ рушд меёбад. Дар давраи наврасӣ муошират бо ҳамсолон бояд ҳамчун як намуди махсуси фаъолият, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мустақилонаи кӯдак мебошад, ба рушди ӯ ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** *иҷтимоишавӣ, фардикунонӣ, малака, дониш, маҳорат, худбаҳодиҳӣ арзишӣ-ҳиссиётӣ рефлексивӣ*

## ФАКТОРЫ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО ОПЫТА ПОДРОСТКОВ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ И ВНЕУРОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО БИОЛОГИИ

В статье интерпретируется понятие «социальный опыт», анализируются и рассматрив аются педагогические условия формирования социального опыта учащихся на уроках и внеурочной деятельности по предмету биология. Наряду с этим, автор подчеркивает, что социальный опыт может быть очень разнообразным, его характеристики формируются под влиянием различных факторов, и это требует серьезных исследований по его классификации и формированию. Изучив вопрос формирования социального опыта подростков, мы обнаружили характеристику рефлексивности его мышление, что характерно для данного возрастного периода. Через рефлесии подросток не только осмысливает накопленный социальный опыт, но и формирует ценности, тенденции и ориентиры личной жизни.

Привлечение подростков к полезным общественным работам побуждает их совершать поступки, приносящие пользу людям, обществу и семье. Таким образом, у учащихся развивается потребность в социальном признании. В подростковом возрасте общение со сверстниками следует рассматривать как особый вид деятельности, являющейся неотъемлемой частью самостоятельной жизни ребенка, способствующей его развитию как социального индивида.

**Ключевые слова:** *деятельность, умение, знание, социализация, персонализация, самооценка ценностно-эмоциональный, рефлексивный.*

## FACTORS AND PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR FORMATION SOCIAL EXPERIENCE OF ADOLESCENTS DURING THE LESSONS AND EXTRACOURSE ACTIVITIES IN BIOLOGY

The article interprets the concept of "social experience", analyzes and considers the pedagogical conditions for the formation of students' social experience in the classroom and extracurricular activities in the subject of biology. Along with this, the author emphasizes that social experience can be very

diverse, its characteristics are formed under the influence of various factors, and this requires serious research on its classification and formation. Having studied the issue of the formation of the social experience of adolescents, we found a characteristic of the reflexivity of his thinking, which is typical for this age period. Through reflection, a teenager not only comprehends the accumulated social experience, but also forms values, trends and guidelines for his personal life.

Engaging teenagers in useful community service encourages them to do things that benefit people, society, and families. Thus, students develop a need for social recognition. In adolescence, communication with peers should be considered as a special type of activity that is an integral part of the child's independent life, contributing to his development as a social individual.

**Keywords:** *socialization, personalization, skills, knowledge, self-esteem, value-emotional reflexive*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Каримзода МирзоБадал – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Аакадемияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога: 734024, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11\2. Тел:. (992) 90 085 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru.*

*Наҷмиддинова Гулнора Мирзоевна унвонҷӯйи ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ почтаи электронӣ: nadzmidinova@gmail.com., тел: 937433988*

***Сведения об авторах:*** *Каримзода Мирзо Бадал – доктор педагогических наук, главный учёный секретарь Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2. Тел:. (992) 90 085 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru.*

*Наджмиддинова Гулнора Мирзоевна, соискатель Института развития образования им. А.Джоми АОТ, e-mail: nadzmidinova@gmail.com., тел.: 937433988*

**Information about the authors:** *Karimzoda Mirzo Badal - Candidate of Philology, Chief Scientific Secretary of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 A. Adhamov,St.. tel:. (992) 90 085 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru.*

*Nachmiddinova Gulnora Mirzoevna, applicant of the Institute of develop education named after A. Jomi, AET, e-mail: nadzmidinova@gmail.com., phone: 937433988*

**ТДУ:372, 894 (575, 3)**

# ТАЪРИХИ ИСТИҚЛОЛ ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

***Маҳкамов Д.*** **мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ.**

***Маҳмадализода Б.***

**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Таърихи Истиқлолияти миллӣ, ваҳдат ва сулҳи пойдори тоҷикон гувоҳ аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию- амалӣ бахшида ба ҷашнвораҳои 15- солагии Ваҳдати миллӣ, 21- солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 20- солагии Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурбинона қайд намуда буд: *«Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳама шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст, дар ҳама оилаҳо интизор буданд, фаро расид. Баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва дар натиҷаи кӯшишҳои мунтазами Ҳукумат дар кишвар фазои сулҳу оштии миллӣ мо тавонистем ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Ватанамонро таъмин намуда, чорабиниҳои бузурги умумимиллии худро гузаронем».* [2, 25].

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ меваи дастоварди ҳар як халқу миллат буда, соҳибихтиёрии давлат дар ҳама соҳаи зиндагӣ, чӣ сиёсӣ, чӣ иқтисодӣ, чӣ иҷтимоӣ ва чӣ фарҳангӣ эҳсос мегардад. Дар ин замина муассисаҳои таълимӣ ҳамчун рукни мустақил бо симои хоси худ ва дар пояи маданияти миллӣ, забон, таъриху суннатҳои анъанавии мардуми сарзамин арзи вуҷуд намуданд.

Методологияи илм ва таҷрибаи ҳаёт собит месозад, ки муассисаҳои таҳсилоти миллии тоҷик комилан дорои хусусиятҳои хос ва низоми мустақил буда, ба худ унсурҳои маълумот, шаклҳои ташкили кори омӯзишу парвариш, усул ва тарзу воситаҳои таълиму тарбиятро таҷассум менамояд. Ин гуна муассисаҳо дар ҳолате ташаккул меёбанд, ки агар кадоме аз ин унсурҳо дар заминаи маданияти миллӣ комилан мустақилона нумуъ кунад. Аз ин ҷиҳат барои эҳёи муассисаҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи он омилҳои дохилӣ ва берунӣ заруранд.

Агар инкишоф ва пешрафти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро аз солҳои 1990 то соли 2022 қиёс кунем, маълум мегардад, ки дар ин давраи таърихӣ мо ба дастовардҳои назаррасе бо шарофати истиқлолият ва ваҳдату сулҳу субот ноил гардидем. Ин далелҳо аз мубраму зарурӣ будани истиқлолият ва ҳамдигарфаҳмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дастовардҳои истиқлолият ва ваҳдати миллӣ аз ҳама бештар дар рушди зинаҳои таълим назаррас мебошанд. Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз ин иборат аст: аз ҷумла, дар ВМКБ 1 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият намуда, теъдоди донишҷӯёнаш 372 нафар, вилояти Суғд 22, теъдоди донишҷӯёнаш 7913 нафар, вилояти Хатлон 18, шумораи донишҷӯён 5875 нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 11 муассиса, ки 3461 нафар донишҷӯро фаро мегирад, дар шаҳри Душанбе 11 муассиса 5345 нафар донишҷӯро фаро мегиранд, ки дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ 22966 нафар донишҷӯро ташкил медиҳад, ки аз он 4925 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. [3,34].

Дар ин муассисаҳо, дар солҳои пешин қариб омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ намерасиданд. Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ тамоми норасоиҳо бартараф гардида, ҳоло бештар аз 2452 нафар омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият доранд, ки аз онҳо 2109 нафарашон асосӣ, 218 нафарашонро ҳамкорон ташкил медиҳанд. 125 нафар соатбайъ фаъолият менамоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 4 нафар омӯзгорон бо унвони доктори илм, 12 нафар омӯзгор бо унвони номзади илм фаъолият менамоянд, ки дар сифати таълим таъсири мусоид мерасонад. Зиёда аз 524 нафар омӯзгорон бо маълумоти олии нопурра, 363 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ ва 371 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ кору фаъолият доранд.

Таъминоти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро бо устоҳои таълимӣ- истеҳсолӣ чунин метавон арзёбӣ намуд: дар шароити кунунӣ аз 725 нафар устои таълимӣ 253 нафар бо маълумоти олӣ, 133 нафар бо маълумоти олии нопурра, 176 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 163 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, ки ин миқдор, мутаассифона, сифати арзандаи таълимро ба пуррагӣ таъмин карда наметавонад. [3,55].

Дар раванди омодагӣ ба ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 118 бинои таълимӣ, 1110 синфхона бо 23835 ҷои нишаст барои касбомӯзии хонандагон муҳайё карда шудааст, ки ин дастоварди арзанда мебошад. Вобаста ба барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 545 синфҳонаи компютерӣ ташкил дода шудааст, ки дар онҳо бештар аз 1194 компютер маҳфуз мебошад.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ қариб ҳамаашон дорои китобхона, тахтаҳои электронӣ ва се китобхонаи электронӣ мебошанд. Таърих гувоҳ аст, ки дар даврони истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дорои 51 толори замонавии маҷлисгоҳ, 28 ҳуҷраи тиббӣ, 61 нуқтаи хӯроккхӯрӣ, 48 толори варзишӣ, 65 майдончаҳои варзишӣ, 80 ҳуҷраи хизматрасонӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва устохонаҳои замонавию озмоишгоҳҳо мебошанд, ки ин ифодагари рушди босуботи таҳсилоти касбӣ мебошад. [3,64].

Дар Паёми пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «*Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаи илму маориф ҳамчун соҳаи афзалятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад*». [1,24].

Истиқлолият дар инкишоф ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавқеи босазоро ишғол менамояд. Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои миёнаи касбӣ низ афзоиш ёфта аз 52 тои соли 2006 дар соли 2016 ба 60- 65 адад ва дар солҳои 2020- 2021 ба 78 расидааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2020- 2021 зиёда аз 93531 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, дар асоси талаботи бозори меҳнат аз рӯи касбу ҳунарҳои гуногун барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мутахассисонро омода месозанд.

Ҳамасола дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бештар аз 11740 нафар мутахассисони ҷавон омода гардида, ба хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мераванд. Дар

шароити имрӯза муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 320 ихтисос бо такроршавӣ аз рӯйи ихтисоси техникӣ, технологӣ ва сохтмон 12 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои кишоварзӣ 2 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодиёт 1 муассиса, аз рӯйи ихтисоси омӯзгорӣ 17 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ варзиш ва мақомоти қудратӣ 22 муассиса, санъат 7 муассиса ба омода намудани кадрҳо барои бозори меҳнат машғуланд. [4,115].

Таърих гувоҳ аст, ки дар даврони истиқлолият барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бештар аз 62 бинои хобгоҳбаҳри донишҷӯён бо тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардонида шудааст. Дар хобгоҳи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ имконияти фаро гирифтани 59356 нафар донишҷӯ мавҷуд аст. Аммо ба хобгоҳ ва ҷойи зист танҳо 4012 нафар донишҷӯ ниёз доранд, ки аз онҳо 1674 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тамоми шароити моддӣ- маиширо барои зиндагии арзандаи донишҷӯён дар хобгоҳ муҳайё намудаанд. Барои назорати ҳолати саломатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 26 бунгоҳи тиббӣ пайваста фаъолият менамояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 45 хонаҳои истироҳатӣ ва 31 китобхона баҳри баланд гардидани сатҳи дониш ва маърифати донишҷӯён хизмат мерасонад.

Таърих гувоҳи он мебошад, ки бо шарофати истиқлолияти миллӣ ва сулҳу субот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 286 синфхонаи кампютерӣ ташкил дода шудааст, ки аз шумораи умуии 4050 компютер дар синфхонаҳои компютерӣ 1353 компютер васл карда шудааст ва дар истифода қарор доранд. Ин, албата, талаботи замон дар рушди фарҳанги техникии насли наврас мебошад. [3,76].

Таъминоти кадрии муассисаҳои миёнаи касбии Тоҷикистон дар муқоиса ба солҳои пешин хеле ҳуб гардида истодааст. Агар дар солҳои 2006- 2007 дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 3044 омӯзгор фаъолият дошта бошанд, соли 2015-16 ин теъдод ба 4500 нафар расид, имрӯз бошад 6819 нафарро ташкил медиҳад, ки 2910 нафарашро занон ташкил медиҳанд. Дар муддати даҳ сол теъдоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 1400 нафар зиёд гардид, ки ин натиҷаи ғамхории иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. [3,74].

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон шумораи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ афзоиш ёфта истодааст, ки ин гувоҳи беҳтар гардидани сифати таълим мебошад. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 7 нафар профессорон, 62 нафар дотсентон, 39 нафар докторони илм, 98 нафар номзадҳои илм, 27 нафар омӯзгорони калон, 165 нафар ассистентон ба кори таълим ва тарбияи насли наврас машғуланд.

Дар такя ба ишораҳои боло қайд кардан бо маврид аст, ки раванди таърихи на чандон тулонӣ дар Тоҷикистон худинкишофёбӣ ва худтакмили муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии мамлакат ба даст омадаанд.

Барои боз ҳам рушду нумуъ ёфтани муассисаҳои мазкур вазифаҳои зеринро иҷро намудан зарур аст:

1.Мушаххас намудани мақсаду вазифаҳо.

2.Муайян намудани мазмуни маълумот дар асоси талаботи инноватсионӣ;

3.Аниқ кардани шаклҳои ташкили таълим.

4.Муносибати оқилона бо усули тадрис.

5.Муҳайё сохтани воситаҳои таълим.

6.Истифода аз шаклҳои маълумот бо технологияи муосир.

7.Қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба маълумот ва тахассус мувофиқи талаботи бозори меҳнат;

8.Мутобиқ гардонидани таҳсилоти касбӣ ба талаботи бозори меҳнат.

9.Ба стандарти ҷаҳонӣ наздик гардонидани таҳсилоти касбӣ.

10. Муҳайё сохтани базаи моддӣ- техникии омӯзиши касб ва ҳунар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар асоси талаботи бозори меҳнат.

Муҳаиё сохтани шароит барои варид гардидани навгониҳо дар таҳсилоти касбӣ дар раванди демократӣ, низоми кредетӣ ва таҳсилоти фосилавӣ. [2,125].

Имрӯз мо дар арафаи омодагӣ ба ҷашни 35- солагии Истиқлолияти давлатии ҶумҳурииТоҷикистон қарор дорем, ки барои ҳар яки мо тоҷику тоҷикистонӣ муқаддасу азиз мебошад. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки дар урфият мегӯянд: Агар хоҳӣ ояндаро бубинӣ, ба гузашта назар кун. Аз ҳамин хотир, мо гаштаю баргашта ба гузаштаи таҳсилоти ибтидоӣ ва

миёнаи касбӣ назар афканда, ояндаи онро дар асоси талаботи ҷаҳонишавӣ дар фазои ҷаҳонии таҳсилот мебинем.

Вобаста ба ин Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин мегӯяд: «*Имрӯз бо соҳибистиқлол гардидани кишвари тоҷикон ва ба миён омадани ниёзи ҷиддӣ барои дарёфти роҳу мароми мустақили ҷумҳуриамон ба сӯйи ояндаи мутамаддин вақташ расидааст, ки мо низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифро дар заминаи ҳамон сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонии халқамон ва педагогикаи миллӣ бо дарназардошти имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монем*». [1,22].

Таҷрибаи таърих ва амалияи истиқлолият собит месозад, ки муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд ҳамқадами замон бошанд ва дар ин раванд дар фаъолияти хеш низомҳои нави таҳсилотро татбқ намоянд. Яке аз чунин низом- низоми кредитии таҳсилот, муносибати босалоҳият дар фаъолияти касбӣ ва таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Эҳёи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии миллӣ ҷараёни педагогиро фаро гирифта, пеш аз ҳама, дар мазмуни таълим, тарбия, тараққиёт ва рушду нумуъи соҳа ифода меёбад. Дар ин ҳолат вазифаи ҷараёни таълим нисбатан васеъ шарҳ дода мешавад, ки баёни чанде аз онҳоро лозим мешуморем.

1.Вазифаи асосии таълим омӯхтан ё роҳу тарзҳои омӯхтанро омӯзондан ва татбиқи донишҳои андӯхта дар вазъиятҳои гуногун мебошад.

2.Усул ва тарзи таълим ҳамон вақт арзиш доранд, ки агар майли табиии ҷавононро нисбат ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ фаъол намуда, оҳанги таъсирро барангезанд, фаъолияти эҷодӣ ва мустақилиятро бедор намуда, муносибати донишҷӯёнро доир ба ҳаёти воқеи ҷиддӣ намоянд.

3.Муассисаҳои таълимӣ муваззафанд, ки дар андӯхтани дониши иловагӣ ба шогирдон, ки дар пешрафти он нақши муайян мебозанд, кӯмак расонанд.

4.Дар шароити имрӯза бояд сифати корҳои курсӣ ва дипломии донишҷӯён бештар характери эҷодӣ, ҷустуҷӯйӣ ва ихтирокорӣ пайдо намояд. [5,125].

Аз рафти озмоиш ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бармеояд, ки ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ самти ахборӣ бештар бартарӣ дорад, тамоми вазн бар дӯши хотира бор карда шудааст,ки ин мақсаднок нест. Хотираи шогирдонро аз қонуну қоида, маърифат ва далелу рақамҳои шахшуда пур кардан зарурат надорад.

Ба инкишофи тафаккури интиқодии онҳо, ба озодии афкор бештар бояд диққат дод, то ки онҳо аз ғуломии ақидавии меросӣ озод гарданд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва рушди фарҳанги техникӣ дар мафкураи донишҷӯён ва хонандагон як рафтори тайёрахӯрӣ ба мушоҳида мерасад. Онҳо ҳоло ҳам кӯшиш мекунанд,ки ҳама донишҳоро дар шакли тайёр аз устодон гиранд.

Мояи ифтихор аст, ки миллати мо истиқлолияти миллиро ба даст оварда, дар ҳама ҷабҳаҳо рушду нумӯ ёфт. Дар соҳаи таълиму тарбия ин миллат ҳақ дорад намунаи маъруфи эътирофгаштаи мактаби миллии хешро интихоб намояд, кимуҳимтарин вазифаҳояш инҳоянд:

1.Зоҳир намудани ғамхорӣ, дар бобати сиҳату саломатии насли наврас,ки мувофиқи омӯзишҳо ҳамаи онҳо бе нуқс нестанд

2.Заминаи боэътимод фароҳам овардан баҳри инкишофи қобилият ва истеъдоди фардии ҳар як толибилм.

3.Дар заминаи донишҳои маънавӣ- ахлоқӣ онро ба ҳақнигорӣ, шарафмандӣ, ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ, некбинӣ, ҳимматбаландӣ, покиюросткорӣ, парҳезкорӣ, шарму ҳаё, омӯзиши илму маърифат, эътиқод, кушиш баҳри истиқлолияту эҷодкорӣ, дӯстиву рафоқат, сулҳу салоҳ, муқаддас донистани об, хок, замин, оташу ҳаво, ҳурмати падару модар калонсолон, эҳтироми хурдсолон ва амсоли инҳо ҳидоят намудан.

4. Диққати ҷиддӣ додан ба инкишофи ақлу хирад, диққат, хотира, ирода, эҳсоси инсонӣ.

5.Тарбияи гуманистӣ ва тарғиби пайвандии наслҳо.

6. Бедор намудани ҳисси шаҳрвандии шогирдон бо мақсади риояиуҳдадориву ҳуқуқи худ дар назди халқу ҷомеа ва давлату миллат.

7.Ба роҳ мондани иштироки фаъолонаи ҷавонон дар муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ. [5,73].

Дар даврони истиқлолият ва бархурди тамаддунҳо ҳаҷми (маълумот) дониш ва азхудкунии он ҳатто қисман ғайри имкон гардидааст. Ҳаҷми иттилоот (маълумот) инкишоф

ёфта, аз рӯйи баъзе баҳодиҳиҳо ҳар 10 сола ду маротиба афзоиш меёбад. Ҳар як ширкаткунандаи ҷараёни таълим хоҳ омӯзгор бошад, хоҳ донишҷӯ, ҳамаи донишҳоро ҳатто аз рӯйи як фан аз худ карда наметавонад.

Барои рушду ташаккули шахсияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пеш аз ҳама то андозае фаҳмидан, дарк кардан, дар ҳалли ин ё он масъала саҳм гузошта тавонистан, маҳорати эҷодии худро ба кор дароварда, маҳорату малакаи мустақилонаи донишҳои азхудкардаро истифода карда тавонистан зарур мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ
2. Лутфуллоев М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва маорифи навин.-Душанбе, 2006, 157 с.
3. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2015.
4. Истиқболи истиқлол, ваҳдати миллӣ ва иҷлосияи тақдирсоз.- Душанбе, 2012, 131с.
5. Государственная программа развития образования в Республики Таджикистан на 2010-2015
6. годы. Душанбе, 2009.
7. Корсгаард О. Демократия и просвещение- неотъемлемые части образовательного процесса. М.1999.


## ТАЪРИХИ ИСТИҚЛОЛ ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди миллат меравад ва соҳибхтиёрӣ дар ҳама соҳаи зиндагӣ, эҳсос мегардад. Дар ин замина муассисаҳои таълимӣ ҳамчун рукни мустақил бо симои хоси худ ва дар пояи маданияти миллӣ, забон, таърихи суннатҳои анъанавии мардуми сарзамин арзи вуҷуд намуданд.



**Калидвожаҳо:** *истиқлолият, ваҳдат, таҳсилот, касбӣ, демократикунонӣ, низоми кредитӣ, таҳсилоти фосилавӣ, муносибати босалоҳият.*


## ИСТОРИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ В РАЗВИТИИ НАЧАЛЬНОГО И СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ


В данной статье речь идет о Независимости и национальном единстве, что является плодом мечты каждого народа и нации, и понятно, что суверенитет государства воплощается во всех сферах жизни, политической, экономической, социальной и культурной. В этом контексте образовательные учреждения создавались как самостоятельный стиль со своим воплощением и на основе национальной культуры, языка, истории и национальных традиций жителей страны.



**Ключевые слова:** *независимость, единство, образование, профессиональный, демократизация, кредитная система, дистанционное обучение, компетентностный подход.*


## THE HISTORY OF INDEPENDENCE IN THE DEVELOPMENT OF PRIMARY AND SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION


In this article we are talking about Independence and national unity, which is the fruit of the dream of every people and nation, and it is clear that the sovereignty of the state is embodied in all spheres of life, political, economic, social and cultural. In this context, educational institutions were created as an independent style with its own embodiment and on the basis of the national culture, language, history and national traditions of the country's inhabitants.



**Key words:** *independence, unity, education, professional, democratization, credit system, distance learning, competency-based approach.*



**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Маҳкамов Дастам, н.и.п, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ. Нишонӣ, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.*

Б. *Маҳмадализода - унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тел: (+992) 937434874 E-mail: bobojon-1974@mail.ru*

**Сведения об авторах***: Махкамов Дастам, к.п.н. заведующий отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени А. Джоми АОТ. Адрес: г. Душанбе, ул. Айни, 126.*

*Б. Махмадализода – соискатель Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана Тел: (+992) 937434874 E-mail: bobojon-1974@mail.ru*

**Information about the authors:** *Makhkamov Dastam, Ph.D. Head of the Department of Primary and Secondary Vocational Education of the Institute for the Development of Education named after A. Jomi AOT. Address: Dushanbe, st. Aini, 126*

*B. Mahmadalizoda - applicant of the Institute of Development of Education named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Tel: (+992) 937434874 E-mail: bobojon-1974@mail.ru*

УДК: 378.4

# ТЕХНИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ИНЖЕНЕРНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ СТУДЕНТОВ

*Назарова М. Р.*
**Технологический университет Таджикистана**

На современном этапе жизни к профессии инженера и инженерному образованию предъявляются высокие требования. Первостепенное значение имеет в инженерном деле проектирование, которая охватывает все направления: социальное, организационное, техническое, образовательное. Человек проводит анализ и осуществляет прогноз будущего и стремится к его воплощению.В процессе воплощения и материализации замыслов главную роль играет инженерная деятельность, которая, организует этот процесс и воплощает данный проект с учетом новейших технологий.

Системный характер инженерной деятельности определяет стиль мышления, полностью отличающий от естественно-научного и математического мышления и логическими операций, широкой эрудицией, которая охватывает не только область изучаемого предмета, но и знание экономики, дизайна, художественного и бытового мышления. Все больше обращают внимание на новые тенденции и интеграции, связанные с изменением понимания процесса проектирования, с изменением технологии инженерного труда.

В современном понимании под инженерно-техническое образование понимаются практически все аспекты творческой деятельности людей - этические, эстетические, психологические. Инженерно-техническое образование в широком значении есть деятельность людей, направленная на преобразование среды обитания, на достижения не только технических, но и социальных, психологических, эстетических целей. Самым важным составляющим остается инженерная деятельность, определяющая функциональные и технологические характеристики изделия, объединяющая новое знание, новые представления и образы среды с возможностями материального воплощения. Термин «инженер» - имеет два неразрывных значения:

а) человек, который имеет данную специальность, которая, зафиксирована сертификатом об окончании колледжа или другим общепризнанным документом;

б) или же это человек, занимающийся инженерным трудом в различных организациях, связанных с решением конкретных, практических проблем в области техники и технологий.

Инженерный и научный труд объединяют несколько близких определений: открытия научно-технический прогресс, научно-технические нововведения и т.п. Особенно часто они употребляются, когда речь идет о проблемах так называемой инновационной экономики. Между тем, труд инженера и труд ученого принципиально различны: ученый исследует природу, чтобы открыть общие принципы и законы бытия, тогда как инженер применяет уже установленные законы и принципы для решения стоящих перед обществом проблем. Инженер не открывает «новизну», он ее создает.

В различных областях жизни «инженер» -это название определенных должностных позиций, связанных с техникой.

Надо отметить, что существуют определенные ограничения на использование самого термина «инженер», особенно «профессиональный инженер», применительно к областям деятельности, которые регулируются государством, например, в строительстве.

Данная профессия – одна из самых востребованных в наше время. Это объяснимо, ведь с развитием новых технологий растет и спрос на узкие и специфические компетенции, необходимые во многих сферах: машиностроении, энергетики, металлургии, строительстве, медицине и множество других отраслях.

В период обучения в вузах инженерных направлений проходят практику на предприятиях. Это дает возможность углубить знания и расширить профессиональные взгляды молодых специалистов в данной области. Реальный опыт работ и практических навыков в дальнейшем упростят не только учебный процесс, но и поиск работы по профессии. На протяжении десятков лет большое внимание уделялось развитию технической базы инженерной сферы и выпуску квалифицированных специалистов этой области.

Доступная база образования, наличие программ на иностранных языках, многопрофильность учебных заведений, совмещении теоретических и научных знаний -все эти возможности предлагаются молодёжи вузам. При поступлении в вуз, как правило, на инженерные специальности, выпускнику необходимо хорошо знать математику, физику, информатику, в некоторых случаях биологию или химию, и будущий студент должен начать усиленную подготовку ещё со школьной скамьи.

Технические системы в современном мире образуют сложные сети и комплексы компьютерных сетей и энергетических систем. Внимательно следя за биржей рынка труда, можно сделать выводы что уже сейчас прогнозы выделяют десять самых доходных на сегодняшний день и в будущем профессий, практически все эти позиции занимают именно инженерные специальности:

1. Инженеры в сфере нефтедобычи и нефтепереработки
2. Инженеры в сфере аэрокосмических технологий
3. Инженеры-химики
4. Инженеры-энергетики
5. Инженеры-ядерщики
6. Специалисты в сфере прикладной математики
7. Инженеры в биомедицинской сфере
8. Физики
10. Экономика.

Подробно проанализировав должностные инструкции специалистов, работающих на инженерных должностях на предприятиях и в организациях отрасли можно выделить ряд групп инженеров по выполняемым ими функциям:

- инженеры-организаторы (менеджеры) - занимаются организацией работы на производстве и принимают управленческие решения (мастер, начальник участка, цеха, отдела, лаборатории, директор предприятия и т.п.);
- инженеры-конструкторы - занимаются проектированием машин, приборов, оборудования, различных устройств;
- инженеры-технологи - заняты проектированием и внедрением технологических процессов;
- инженеры-эксплуатационники - обеспечивают функционирование производственных процессов на заданном уровне (механики, энергетики, технологи и др.);
- инженеры-исследователи - занимаются научно-исследовательской работой в заводских лабораториях или в научно исследовательских организациях;
- инженеры прочих функциональных подразделений (информационно-вычислительные центры, отделы научно-технической информации, материально-технического снабжения, патентные бюро и др.) - обеспечивают функционирование производства

Развитие и совершенствование научно-технических открытий диктует рынку труда новые требования: сегодня есть необходимость в специалистах, обладающих междисциплинарными знаниями, умеющими быстро перепрофилироваться, принимать эффективные решения в динамично меняющихся условиях. Предприятию нужен не просто исполнитель, необходим специалист, который действительно знает экономику, менеджмент, умеет претворять те или иные идеи в жизнь.

В настоящее время подготовка инженеров должна давать два типа специалистов – «штучных» проектировщиков, которые создают новые технологии и продукты, и «массовых» технологов, обеспечивающих серийный выпуск, которые организовывают производственный процесс, контролируют соблюдение технологий на производстве. То есть, высшая школа для промышленности должна готовить различающиеся по профессиональным компетенциям два типа инженерных кадров: тех, кто создает новый интеллектуальный продукт и тех, кто этот продукт квалифицированно применяет. Исходя из этих требований и должна высшая школа вести эффективную и качественную подготовку инженерных кадров на современном этапе.

Информационный взрыв технического образования и стремительные наглядные изменения его в обществе, предъявляют все более высокие требования к профессии инженера и к инженерному образованию. Для реализации таких высоких требований на первый план выдвигается ведущая роль всех сторон человеческой деятельности.

Грамотное и профессиональное проектирование – это крепкий фундамент для дальнейших работ инженеров, которые в платную занимаются внедрением новой технологии.

Инженеры по вычислительной технике занимаются анализом и исследованием аппаратных и программных компьютерных систем. Например, они могут участвовать в создании систем гибкого автоматизированного производства или "умных" устройств и приборов. Они принимают участие в проектировании, разработке, испытаниях и даже организации производства компьютерных аппаратных средств.

Биоинженерия или биомедицинская инженерия - это сравнительно молодая дисциплина, направленная на углубление знаний в области инженерии, биологии и медицины и укрепление здоровья человечества за счет междисциплинарных разработок, которые объединяют в себе инженерные подходы с достижениями биомедицинской науки и клинической практики. Биомедицинская инженерия - это применение технических подходов для решения

медицинских проблем в целях улучшения охраны здоровья. Эта инженерная дисциплина направлена на использование знаний и опыта для нахождения и решения проблем биологии и медицины.

Инженеры по ядерной технике исследуют и разрабатывают процессы, приборы и системы для государственных институтов, частных компаний и университетов, использующих ядерную энергию и радиацию в интересах общества. Они занимаются разработкой методов применения радиоактивных материалов в производстве, сельском хозяйстве, медицине, энергетике и других сферах.

Таким образом, можно утверждать, что несмотря на некоторые сложности хорошо отработанная качественная система подготовки инженерного персонала является залогом развития и процветания экономики республики. В этой системе можно наблюдать четкое разделение функций между образовательными учреждениями, которые организуют и обеспечивают учебный процесс, и представляющими интересы рынка рабочей силы профессиональными инженерными ассоциациями. Подводя итоги, необходимо подчеркнуть, что для восстановления престижа инженера и инженерного сословия в обществе понадобится много лет. Несмотря на то , что процесс реабилитации инженера и инженерного труда в общественном сознании займёт много времени дальнейшая жизнь покажет правомерность такого шага.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Дума Е.А. Уровни сформированности инженерного мышления / Е.А.Дума, К.В. Кибаева, Д.А.Мустафина, Г.А. Рахманкулова, И.В. Ребро // Успехи современного естествознания. – 2019.№10. – 143 с.
2. Зуев П. В. Развитие инженерного мышления учащихся в процессе обучения / Зуев Петр Владимирович, Кощеева Елена Сергеевна // Педагогическое образование в России. — 2019. — № 6. — С. 44-49.
3. Зуев П.В., Кощеева Е.С. Развитие инженерного мышления учащихся в процессе обучения // Педагогическое образование в России. 2016.№6. – С.44-Урал.гос.пед.ун-т. – Екатеринбург : [б.и.], 2000. –148 с.
4. Соколова И.Ю., Кабанов Г.П. Качество подготовки специалистов в техническом вузе и технологии обучения. Томск, 2003.
5. Усольцев А.П., Шамало Т.Н. О понятии «инженерное мышление» // Формирование инженерного мышления в процессе обучения [Текст] : материалы междунар. науч.-практ. конф., 7-8 апреля 2015 г., Екатеринбург, Россия : / Урал.гос.пед.ун-т; отв. ред. Т.Н.Шамало. – Екатеринбург: [б.и.], 2021. – 284 с.

## ТЕХНИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ИНЖЕНЕРНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ СТУДЕНТОВ

На современном этапе жизни к профессии инженера и инженерному образованию предъявляются высокие требования. Первостепенное значение имеет в инженерном деле проектирование, которая охватывает все направления: социальное, организационное, техническое, образовательное. Человек проводит анализ и осуществляет прогноз будущего и стремится к его воплощению. В процессе воплощения и материализации замыслов главную роль играет инженерная деятельность, которая, организует этот процесс и воплощает данный проект с учетом новейших технологий.

**Ключевые слова**: *инженерия, проектирование, мышление, деятельность, техническое образование, инженерное направление.*

## ТАЪЛИМИ ТЕХНИКӢ ВА САМТИ МУҲАНДИСИИ ДОНИШҶӮЁН

Хусусияти асосии фаъолияти таълими техникӣ дар замони муосир истифодашаванда, навсозиҳои техносфериро дорост, ки нисбат ба касби муҳандисӣ ва таҳсилоти муҳандисӣ талаботи рӯзафзунро ифода намуда, айни замон он мавқеи муҳимро дар самтҳои гуногун ишғол менамояд.

Яке аз хусусиятҳои асосии давраи муосир нақши пешбарандаи таҳризии тамоми ҷанбаҳои ичтимоӣ, ташкилӣ, техникӣ, таълим, фароғатӣ ба ҳисоб рафта самтҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар раванди чунин амалӣ гардонидани ғояҳо фаъолияти муҳандисӣ, ки раванди мушахассро ташкил менамоянд, тобеъи лоиҳаи асоси технологияҳои навтарин ибтидо ёфтан, нақши муҳимро мебозад.

**Калимаҳои асосӣ:** *муҳандисӣ, таҳрезӣ, тафаккур, фаъолият, таҳсилоти техникӣ, самти муҳандисӣ.*

## TECHNICAL EDUCATION AND ENGINEERING DIRECTION OF STUDENTS

The principal feature of the design activity of the modern era is the use and renewal of technospheres, which represent ever higher requirements for the profession of an engineer and for engineering education. One

of the main characteristic features of the modern period is the leading role of designing all aspects of social, organizational, technical, educational, recreational areas.

That is, a person moves from ordinary circumstances to predicting his future and to its speedy implementation. In the process of such implementation and materialization of ideas, a significant role is played by engineering activity, which organizes this process and implements a particular project based on the latest technologies.

**Key words:** *engineering, design, thinking, activity, technical education, engineering direction.*

**Сведения об авторе:** *Назарова Мавлуда Раджабалиевна - к.п.н. старший преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования Технологического университета Таджикистана. Тел. (+992) 918-62-54-68.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Назарова Мавлуда Раҷабалиевна – н.и.п. муаллими калони кафедраи забонирусӣ ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тел. (+992) 918-62-54-68.*

**About the author:** *Nazarova Mavluda Radzhabalievna - Ph.D. Senior Lecturer at the Department of Russian Language and Vocational Education, Technological University of Tajikistan. Tel. (+992) 918-62-54-68.*

**ТДУ 371.12**

# ПРОБЛЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ НАВРАСОН ДАР ҶОМЕА

***Чобулова Н. М.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Тарбияи кӯдак кори осон нест ва имрӯзҳо аксарияти падару модарон бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Хусусан, дар давраи наврасӣ, яъне дар давраи шадиди гузариш аз кӯдакӣ ба наврасӣ.

Дар солҳои охир афзоиши бегонапарастӣ, афзоиши изтироб, хашмгинӣ ва мунокишаҳои эҳтимолии наврасон боиси ташвиши махсус гардидааст. Аксарияти тадқиқот аз тарафи педагогҳо, психологҳо ва ҷомеашиносон дар ин самт бо ҳам мувофиқат мекунанд-яъне аҳамияти бузург доштани муошират дар ҳаёти наврасон, зеро муошироти байниҳамдигарӣ дар ҳаёти наврасон аҳамияти калон дошта, тамоми ҷиҳатҳои дигари рафтору фаъолияти ӯро муайян мекунад.

Агар дар синни хурди мактабӣ асоси муттаҳидшавии кӯдакон фаъолияти муштараки таълимии онҳо бошад, дар синни наврасӣ баръакс ҷолибияти синфҳо ва шавқу рағбатҳо асосан бо имконияти муошироти васеъ бо ҳамсолон муайян карда мешавад.

Муносибат-ин мавқеи ишғолкардаи шахс нисбат ба ҳама чизе, ки ӯро иҳота кардааст ва ба худаш мебошад. Одам ҳамеша ба ашё, ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, одамон дар муносибат аст.

Муносибати байниҳамдигарӣ-ин мавқеи ишғолкардаи байниҳамии як шахс нисбат ба дигар шахс ё мавқеи ишғолкардаи шахс нисбат ба умумияти одамон мебошад.

Наврас ҳанӯз ба қадри кофӣ ба камол нарасидааст ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба қадри кофӣ баркамол нест. Наврас шахсест, ки дар марҳилаи махсуси ташаккули муҳтимтарин сифатҳо ва хислатҳои худ қарор дорад. Хусусияти асосии наврас ноустувории шахсӣ аст. Маҳз дар ҳамин вақт наврас худро ҳамчун бузург мешиносад, лекин ӯ ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст, ки калонсол ҳисобида шавад ва дар айни замон то он дараҷае инкишоф наёфтааст, ки тавонад бошуурона муносибат кунад ва дар рафтору кирдораш меъёру қоидаҳои ахлоқии ҷамъиятиро риоя намояд.

Муносибатҳои байнишахсӣ аз зуҳуроти муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба ҳисоб рафта, тобиши эмотсионалиро дорад. Аз ин рӯ, муносибатҳои байнишахсиро ҳамчун омили «муҳит»-и психологии гурӯҳ ҳисобидан мумкин аст. Ҳамин тавр, муносибатҳои байнишахсӣ дар асоси маромҳои зерини психологӣ ба амал меоянд: ҳусни таваҷҷуҳ, умумияти ақидаҳо, шавқу ҳавасҳо, пурракунии шахсияти якдигар, душманӣ, нафрат ва ғайра [7].

Раванди инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарӣ ҷараён ва механизми танзими муносибатҳои байнишахсӣ ва шароити инкишофи онро дар бар мегиранд. Муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷараёни педагогӣ ташаккул меёбанд: онҳо оғоз мешаванд, мустаҳкам мешаванд, ба камолот мерасанд, сипас тадриҷан суст мешаванд. Ҷараёни инкишофи муносибатҳои байнишахсӣ ба якчанд марҳила ҷудо мешавад: шиносоӣ, дӯстӣ, муносибатҳои рафиқона ва дӯстона. Шиносоӣ вобаста ба меъёри иҷтимоию фарҳангии ҷомеа сурат мегирад. Муносибати дӯстона омодагиро ба рушди минбаъдаи муносибатҳои байнишахсӣ ташаккул медиҳад. Марҳилаи муносибатҳои рафиқона бо роҳи ба ҳам наздик шудани ақидаҳо ва

дастгирӣ намудани якдигар ба амал меояд. Муносибати дӯстона дорои мазмуни умумии предметӣ - умумии ҳадафҳо, манфиатҳои фаъолият ва ғайра мебошад.

Муносибатҳои байниҳамдигарии наврасон бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд. Дар психологияи хориҷӣ ва ватанӣ дар бораи мақоми муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар ҳаёти наврасон андешаҳои гуногун мавҷуданд. То имрӯз корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, ки муошират ва муносибатҳоро аз ҳамдигар ҷудо таҳлил мекунанд, дар ҳоле ки онҳо бояд якҷоя баррасӣ карда шаванд, зеро бисёр далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки муносибатҳо дар муошират зоҳир ва ташаккул меёбанд.

Муносибатҳои байнишахсӣ - омодагии муштараки шахсон ба як намуди мушаххаси мутақобила, ки бо таҷрибаи эҳсосотӣ ҳамроҳ мешавад: мусбат, бепарво, манфӣ.

Муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар гурӯҳи таълимӣ дар натиҷаи меҳнати пайвастаи омӯзгор ба вуҷуд меояд. Чунки танҳо ӯ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки фазои муайяни психологиро ба вуҷуд орад. Дар ин ҷо сарчашмаҳои қаноатмандӣ аз муносибатҳои байнишахсӣ ва қаноатмандӣ аз муошират воқеӣ дониста мешаванд, ки он инчунин бо тамоили гуногуни наврасон ба муносибатҳои байнишахсӣ тавсиф дода мешавад.

Муҳити иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳи таълимӣ ҳамчун қаноатмандӣ ё норозигии аъзои ин гурӯҳ аз муносибатҳои байнишахсӣ тавсиф карда мешавад. Аксар вақт наврас дар байни интихоби гурӯҳи расмӣ ва ғайрирасмӣ дучор мешавад. Наврас гурӯҳеро интихоб мекунад, ки дар он худро бароҳат ҳис кунад ва дар он муҳит ӯро эҳтиром намоянд. Ин метавонад гурӯҳи варзишгарон, маҳфилҳои гуногун бошад, инчунин метавонад гурӯҳи наврасоне бошад, ки дар он ҷо тамокуву май истеъмол мекунанд. Дар натиҷа муносибати наврас бо калонсолон ва одамони гирду атроф тағйир меёбад, дар ӯ хусусияти худтасдиқкунӣ ба вуҷуд меояд ва ӯ андешаи худро аз ақидаҳои дигарон боло ва тасдиқшуда ҳисоб мекунад. Ин «Ман»-и наврас бештар дар шароити номусоид ба вуҷуд меояд, ки ӯ дигар манфиати дигаронро ба ҳисоб намегирад.

Муносибати мунтазами наврас бо ҳамсолон ӯро водор мекунад, ки барои ишғоли ҷойи сазовор дар гурӯҳи таълимӣ кӯшиш намояд. Талабот ба худшиносӣ ва худмуайянкунӣ дар давраи наврасӣ хеле қавӣ аст ва аз ин рӯ, барои он ки наврас аз тарафи ҳамсолон дар гурӯҳ эътироф карда шавад ба бисёр чиз омода аст: ӯ ҳатто метавонад аз фикри шахсии худ даст кашад, кореро анҷом диҳад, ки ба муносибатҳои ахлоқии ӯ монанд нестанд.

Бисёр далелҳои вайрон кардани қоидаҳои рафтор аз тарафи наврасони ба ном «душвор» низ бо эҳтиёҷоти тасдиқ кардани мавқеи худ дар гурӯҳ шарҳ дода мешавад. Дар назди ҳамсолон дар гурӯҳи таълимӣ аз даст додани эътибор (авторитет) паст шудани обрӯю этибор барои наврас фоҷиаи бузург аст. Аз ин рӯ, наврас ба эродҳои омӯзгор дар ҳузури ҳамсолон махсусан сахт вокуниш нишон медиҳад. Чунин эродҳоро наврас дар паст задани шаъну шарафи инсон мебинад. Чунин падидаҳоро дар аксуламали наврас ба эродҳои ҳамсолон ва ҳатто падару модарон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, аксар вақт дар байни онҳо низоъҳои байнишахсӣ ба вуҷуд меоянд. Дар айни замон наврас дар ҷустуҷӯйи фаъоли дӯстон, аз ҷумла дар гурӯҳи таълимӣ қарор дорад, зеро раванди таълим ва гурӯҳи таълимӣ дар ин давра вақти зиёди наврасро мегирад, аммо на ҳамеша дӯст пайдо мекунанд ва ин душвории давраи наврасӣ низ мебошад.

Инкишоф додан ва мустаҳкам намудани дӯстии шахсӣ дар ягонагӣ бо муносибати васеи дӯстона дар гурӯҳи таълимӣ яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорон ва падару модарон мебошад.

Дар раванди ташкил ва ташаккули гурӯҳ меъёрҳои мушаххаси гурӯҳӣ ба вуҷуд меоянд ва муқаррар мешаванд, ки ба андозаи муайян онҳоро бояд ҳамаи аъзоёни гурӯҳ иҷро ва риоя намоянд. Меъёрҳои гурӯҳӣ маҷмуи қоидаҳое мебошанд, ки аз тарафи гурӯҳ таҳия шуда, аз ҷониби аксарияти онҳо қабул карда мешаванд, ки системаи муносибатҳои байни аъзои гурӯҳи таълимӣ ва фаъолияти онро дар ҷомеа танзим мекунанд. Меъёр ва қоидаҳои гурӯҳ асоси услуби муошират (одоб)-ро ташкил медиҳанд, ҳадди иҷозат ва мамнуъият, дараҷаи ошкорбаёнӣ, усули тобеият, тақсими «даромад»-и гурӯҳ ва ғайра.

Бо мақсади риояи қоидаҳо аъзоёни гурӯҳ системаи қоидаҳоро таҳия мекунанд, ки хусусияти ҳавасманкунӣ (баланд бардоштани мақом, эҳтироми баланд) ё манъкунанда (эътироз, паст кардани мақом) доранд. Дар ҳақиқат қоидаҳои истифодашуда барои наврас хеле муҳиманд, ки ин ба хусусиятҳои синнусолӣ, зарурати қабул, муошират, эътироф вобаста аст.

Наврас аз қабул нашудан аз ҷониби гурӯҳ тарси воқеиро ҳис мекунад. Дар давраи наврасӣ бо омодагӣ ба қабули қоидаҳои гурӯҳӣ, тағйир додани рафтор ё эътиқод дар самти ақидаи гурӯҳ тавсиф дода мешавад. Дар баробари ин, механизмҳои муҳофизатӣ нисбат ба таъсир ва идоракунӣ дар наврас ба қадри кофӣ ташаккул наёфтаанд. Наврас намедонад, ки чӣ гуна рад кардан, танқид кардан ва танқидро қабул кардан, мустақилона қарорҳои вазндор

қабул кардан ва ғайраро надорад, ташаккули ин сифатҳоро бояд мақсади муҳимтарини раванди таълимии гурӯҳи таълимӣ арзёбӣ кард.

Ду намуди таъсири гурӯҳӣ ба наврасон вуҷуд дорад: танзимкунанда (меъёрӣ) ва иттилоотӣ.

Таъсири меъёрӣ бо тобеъ шудан ба таъсири гурӯҳи таълимӣ (қабули қоидаҳои гурӯҳӣ) тавсиф карда мешавад, ки бо гирифтани (ё тарси аз даст додан) самараи мусбат - эҳтироми гурӯҳ, эътироф алоқаманд аст.

Таъсири иттилоотӣ ба тобеъ шудан ба таъсири гурӯҳи таълимӣ дар робита бо қабули қарори шахсони дигар дар бораи воқеият асос меёбад.

Ба наврас намунаи ибрат лозим аст, вай бошуурона обектеро ҷустуҷӯ мекунад, ки ба он пайравӣ кунад. Аз ҳама хатарнокаш он аст, ки барои ибрат онҳо шахсонеро интихоб мекунанд, ки машрубот ё маводи мухаддирро суистифода намуда, тарзи ҳаёти бадахлоқона пеш мебаранд.

Ҳар як гурӯҳи таълимӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун, ки бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд, ба зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1) табақабандии иҷтимоӣ;

2) иерархияи дохилимактабӣ ва дохилисинфӣ, дохилигурӯҳӣ, ки ба мақоми расмии талабагон, нишондиҳандаҳои хониш ё мансубияти фаъолон асос меёбад;

3) тақсимоти ваколат, мақом, нуфуз дар асоси арзишҳои ғайрирасмӣ, ки дар худи муҳити наврасон қабул шудаанд.

Тадқиқоти Коломинский Я.Л., ки методикаи таҳиякардаи психологи иҷтимоии ИМА Ҷ.Мореноро тағйир дод ва истифода бурд, маълум кард, ки дар ҳар як гурӯҳи таълимӣ якчанд гурӯҳи хонандагонро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар гурӯҳ мавқеъҳои гуногунро ишғол мекунанд.

Дар ин бобат беҳтар аз ҳама «ситораҳо», яъне онҳое мебошанд, ки ҳамсолони зиёде хоҳиши бо онҳо муошират, дӯстӣ кардан, корҳои ҷамъиятиро иҷро кардан ва дилхӯшӣ кардан доранд.

Гурӯҳи дуюм «бартарӣ» аст, онҳое, ки низ ба қисми назарраси ҳамсолони худ писанданд, вале камтар аз «ситораҳо».

Гурӯҳи сеюм - «ҷудошуда» - ин ҳамсолоне мебошанд, ки шумораи ками ҳамсолонашон бо онҳо дар робитаанд.

Гурӯҳи чорум - «беруншудагон» - хонандагоне, ки дар гурӯҳи таълимӣ аз аҳамият тамоман дуранд. Дар натиҷа ин гуна хонандагон дарундор ва ба дарсҳо аҳамият намедодагӣ мешаванд, ба дарс бепарвоӣ зоҳир мекунанд ва дар аз худ намудани маводи таълимӣ қафо мемонанд.

Қисмати аъзои гурӯҳ баъзан танҳо худро ба гурӯҳи таълимӣ боварӣ мебахшанд ва аз якдилӣ бо дигарон қаноат мекунанд, дар ин вақт деиндивидуализатсия (ғайрифардикунонӣ) зоҳир мешавад, яъне, дар зери таҳқири мунтазами ҳамсолони заиф гирифтор мешаванд. Олимон қайд мекунанд, ки чунин амалҳо дар танҳоӣ ҳатто барои наврасони махсусан хашмгин хос нестанд.

Проблемаи қабули қоидаҳои гурӯҳӣ аз тарафи аъзои нави гурӯҳи таълимӣ, ки ба низоми ғайриоддии муносибатҳо барои ӯ мутобиқ мешавад, хеле тезутунд аст. Ӯ бо саволи қабул ё рад кардани қоидаву меъёрҳо ва арзишҳои гурӯҳи нав дучор мешавад [4].

Равоншиносон вариантҳои гуногуни рафтори наврасонро дар чунин вазъиятҳо чунин муайян кардаанд:

- наврас меъёрҳо ва арзишҳои гурӯҳи таълимиро бошуурона ва озодона қабул мекунад;
- наврас дар зери таҳдид маҷбурӣ қоидаҳои гурӯҳро қабул мекунад;
- наврас нисбат ба гурӯҳи нав зиддият нишон медиҳад (принсипи «на мисли дигарон»);
- наврас озодона, бошуурона меъёру қоидаҳои гурӯҳиро бо назардошти ҳама оқибатҳои имконпазир, аз ҷумла тарки ин гурӯҳ рад мекунад.

Аҳамияти механизми таъсиррасонӣ ба шахс аз тарафи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла гурӯҳи таълимӣ, барои фаҳмидани сабабҳои ин ё он рафтори наврасон хеле муҳиманд ва он имконият медиҳад, ки падару модарон ва омӯзгорон баъзан бовар намекунанд, ки «наврас чӣ тавр тавонистааст содир кунад» шарҳ дода шавад. Яъне, баъзан наврас барои рад нашудан аз ҷониби гурӯҳи таълимӣ ва ҳамсолони худ маҷбуран кореро ба анҷом мерасонад, ки ин амал қонуну қоидаи мактабро вайрон мекунад. [9].

Дараҷаи баланди иҷтимоии наврасон дар гурӯҳи таълимӣ бо инҳо таъмин карда мешавад:

- мавҷудияти сифатҳои мусбати шахсият, ки аз тарафи гурӯҳи таълимӣ қадр карда мешаванд;

- мувофиқати арзишҳои наврасон бо арзишҳои гурӯҳи таълимӣ;

- худбаҳодиҳии мувофиқ ва ҳатто андаке нодида гирифтани сифатҳое, ки аз тарафи ҳамсолон махсусан қадр карда мешаванд.

Дар давраи наврасӣ аз тарафи гурӯҳ нописанд ва бегона, худбаҳодиҳӣ аксар вақт хато аст ва ӯ худбаҳодиҳиашро аз ҳад зиёд арзёбӣ мекунад.

Хусусияти худбаҳодиҳии наврас муҳимтарин лаҳзаи ташаккули муносибат бо ҳамсолон мебошад.

Дар давраи наврасӣ амали ҳар як фард нисбат ба гурӯҳи ҳамсолон бетаъсир монда наметавонад ва ба қоидаҳои гурӯҳ мувофиқ ё номуносиб муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, наврасон «хиёнат» ба ҳамсолон ва гурӯҳи худ, вайрон кардани аҳду паймон, даст кашидан аз кумак, худбинӣ ва тамаъкорӣ, саъй ба бартарӣ ва фармонфармоӣ, мағрурӣ ва нишон додани қудрати худ, ба ҳисоб нагирифтани ақидаи ҳамсолон, ба таври фаъол маҳкум мекунанд, бевосита ва бавосита паст задани шаъну эътибори шахсро маҳкум мекунанд. Чунин рафтор боиси кина, задухурд, низоъ ва пайдо шудани дигар кирдорҳои манфӣ мегардад.

Дар давраи наврасӣ муҳимтарин хусусияти муносибатҳои байниҳамдигарӣ - қобилияти худмуайянкунӣ дар талаботи рафиқон ва ба назар гирифтани онҳо фаъолона ташаккул меёбад. Ин барои муносибатҳои бомуваффақияти байнишахсӣ дар гурӯҳи таълимӣ зарур аст. Набудани ин қобилиятро ҳамсолон қафомонӣ медонанд. Асоси муносибатҳои номуносиб аксар вақт худбаҳодиҳии аз ҳад зиёди наврас мебошад, ки ӯро аз танқид ва талаботи ҳамсолон эмин мекунад. Ва аз ин рӯ, чунин наврас барои ин гурӯҳ ғайри қобили қабул мегардад.

Аз ин рӯ, падару модарон, калонсолон ва омӯзгоронро зарур аст, ки нисбат ба таълиму тарбияи фарзанд-наврас бепарво набошанд ва онҳоро ҳамчун шахси комилҳуқуқ эҳтиром намоянд ва ақидаи онҳоро ба ҳисоб гиранд. Ин имконият медиҳад, ки наврас дар оила, мактаб ва ҷомеа мавқеи худро муайян кунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Адлер А. Воспитание детей. Взаимодействие полов. Ростов н/Д: Феникс, 1998.
2. Андреева Г.М. Социальная психология. – М.: ИЦ «Академия», 2010.
3. Андреева Г.М. Социальная психология: учебник// Г.М.Андреева.- Москва Аспект Пресс, 2000, 288 с.
4. Аракелов Г.Г., Жариков Н.М. Учителям и родителям о психологии подростка. – М.: Изд-во УРАО, 2006.
5. Давлатов М. Психология. Душанбе, 2010.
6. Драгунова Т.В. Психологические особенности подростка. Возрастная и педагогическая психология. – М.: ВЛАДОС, 2010.
7. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. Душанбе, 2004. 132 с.
8. Коломинский Я.Л. Психология личных взаимоотношений в детском коллективе. – Минск, 1969.
9. Лисина М.И. Общение детей со взрослыми и сверстниками: общее и различное исследование по проблемам возрастной и педагогической психологии. – М.: Просвещение, 1980.
10. Раҳимов Б. Системаи педагогии А.С.Макаренко. Душанбе, 1982.с.54.=


**ПРОБЛЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ НАВРАСОН ДАР ҶОМЕА**


Дар мақола масъалаҳои муҳими муносибатҳои байниҳамдигарии наврасон дар ҷомеа дарҷ гардидааст. Хусусияти инкишофи иҷтимоии наврас дар он аст, ки вай дар гурӯҳи таълимӣ ба низоми нави муносибат ва муошират бо калонсолон ва ҳамсолон дохил шуда, дар байни онҳо мавқеи худро ишғол намуда, вазифаҳои навро иҷро мекунад. Наврас маҷбур аст, ки натанҳо бо як нафар, балки бо якчанд ҳамсолон муносибат барқарор кунад, хусусиятҳои шахсият ва талаботи онҳоро ба назар гирад. Аммо дигаргунии асосӣ дар ин давра нақше аст, ки коллективи наврасон иҷро менамоянд. Маҳз дар гурӯҳи таълимӣ чунин мотивҳои муҳими рафтору фаъолияти наврас, ба монандӣ: ҳисси вазифадорӣ, масъулиятшиносӣ, коллективизм ва дӯстиву рафоқат ташаккул меёбанд. Ҳар он чизе, ки мақоми наврасро дар гурӯҳи таълимӣ муайян мекунад, ба рафтор ва худшиносии ӯ таъсири зиёд мерасонад. Мавқеи номусоид дар гурӯҳи таълимӣ яке аз сабабҳои асосии аз муассисаи таълимӣ дур шудани наврасон маҳсуб мешавад, илова бар ин, чунин наврасон аксар вақт берун аз муассисаи таълимӣ зери таъсири бад қарор мегиранд. Бинобар ин, падару модар, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа бояд дар робита бо ҳам дар таълиму тарбияи дурусти насли наврас бетараф набошанд.



**Калидвожаҳо:** *муносибат, муошират, наврасон, мавқеи иҷтимоӣ, ҷомеа, коллектив, шавқу ҳавас, ҳолатҳои эмотсионалӣ, таъсири муҳити иҷтимоӣ ва оилавӣ, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ҳавасмандкунӣ.*

**ПРОБЛЕМА ОТНОШЕНИЙ МОЛОДЕЖИ В ОБЩЕСТВЕ**

В статье рассматриваются важные вопросы взаимоотношений подростков в обществе. Характеристика социального развития подростка состоит в том, что он вступает в новую систему отношений и общения со взрослыми и сверстниками в учебной группе, занимает свое место среди них, выполняет новые задачи. Подросток вынужден устанавливать отношения не только с одним человеком, но и с несколькими сверстниками, учитывать их личностные особенности и потребности. Но главное изменение в этот период - роль подростковый команды. Именно в учебной группе формируются такие важные мотивы поведения и деятельности подростка, как: чувство долга, ответственность, коллективизм и дружба. Всё, что определяет статус подростка в образовательной группе, оказывает большое влияние на его поведение и самосознание. Неблагоприятное положение в образовательной группе является одной из основных причин ухода подростков из образовательного учреждения, кроме того, такие подростки часто находятся под дурным влиянием вне образовательного учреждения. Поэтому родители, педагоги и общество не должны быть нейтральными в отношениях друг с другом в правильном воспитании и обучении подрастающего поколения.

**Ключевые слова:** *отношение, общение, подростки, социальная позиция, общество, коллектив, увлечение, эмоциональное состояние, влияние социальной и семейной среды, взаимоотношения подростков, поощрение.*

**THE PROBLEM OF YOUTH RELATIONS IN SOCIETY**

The article contains important issues of mutual relations of teenagers in the society. The characteristic of the adolescent's social development is that he enters a new system of relations and communication with adults and peers in the educational group, takes his place among them, and performs new tasks. A teenager is forced to establish a relationship not only with one person, but with several peers, take into account their personality characteristics and needs. But the main change in this period is the role played by the youth team. It is in the educational group that such important motives of behavior and activity of the teenager are formed, such as: sense of duty, responsibility, collectivism and friendship. Everything that determines the status of a teenager in an educational group has a great impact on his behavior and self-awareness. Unfavorable position in the educational group is one of the main reasons for teenagers to leave the educational institution, in addition, such teenagers are often under a bad influence outside the educational institution. Therefore, parents, teachers and society, should not be neutral in their relationship with each other in the proper education and training of the younger generation.

**Keywords:** *attitude, communication, adolescents, social position, society, team, passion, emotional state, influence of the social and family environment, interpersonal relationships, encouragement.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Чобулова Наргиза Мемондустовна муаллимаи калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Чобулова Наргиза Мемондустовна, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии начальных классов Государственного педагогического университета Таджикистана имени Садриддина Айни Тел: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru*

**Information about the author:** *Chobulova Nargiza Memondustovna, senior teacher of the department of pedagogy and psychology of elementary grades of the State Pedagogical University of Tajikistan named after Sadriddin Aini Tel: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru*

# МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Назиров Н. Файзуллоева И.***

**(дар мисоли муассисаҳои таълимии ш.Ҳисор ва ноҳияҳои тобеи маркази ш. Душанбе -н. И.Сомонӣ, н. Сино, н. Фирдавсӣ ва Шоҳмансур)**
**(пажуҳиши педагогӣ-ҷомеашиносӣ)**

Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ дар бозори хидматрасониҳои таҳсилот, мушкилоти таъмини сифати баланди таҳсилот на танҳо иштирокчиёни ҷараёни таълим, балки олимону муҳаққиқон, ки ба рушди маориф ҷалб карда мешаванд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. На танҳо талабот, балки самаранокии ташкилоти таълимӣ, ҳамкориҳои байни муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаҳо низ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим ба шумор меравад. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як вохурӣ бо аҳли зиё ва маорифи кишвар таъкид менамоянд, ки «дар татбиқи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлатии Тоҷикистон се омили асосӣ – ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъолият дошта бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбият ёбанд» [3].

Масъалаи идоракунии механизми сифати таҳсилот ва тайёр намудани мутахассисони бомаҳорат дар замони муосир яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми мамлакат маҳсуб меёбад. Доир ба истилоҳоти сифати таълим ва таҳсилот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» чунин омадааст:

- сифати таълим ин тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим мебошад, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад;
- сифати таҳсилот ин маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ маҳсуб меёбад;
- стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмуи меъёрҳое мебошад, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту муҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи аз худкунии донишро аз тарафи таълим гирандагон ифода намуда, талаботи асосӣ ба таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳидонишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умуми башарӣ муайян мекунанд [1, с.15].

Аз ин ҷо метавон гуфт, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба механизмҳои идоракунии сифтати таҳсилот шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Дар ин самт як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи таҳсилоти муттасил ва ғайраҳо қабул гардидаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” омадааст, ки **идоракунии сифати таҳсилот** сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро амалӣ карда, низоми ягонаи миллии баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро муайян ва самаранокии онро таъмин менамояд. Ҳамчунон, қайд шудааст, ки идоракунии сифати таҳсилот бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад [1].

Таҳия ва тасдиқи “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 012, №334) яке аз ин иқдомҳое мебошад, ки ба механизмҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот равона гардидааст.

Таъмини сифати таҳсилот дар М-ҳои ТМУ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ мунтазам мафҳум, мақсад ва моҳияти таҳсилот тағйир ёфта истодааст. Сифати таҳсилот хусусияти муҳимми намоён дорад, ки пайваста дар инкишоф ва рушд бояд қарор бигирад. Дар ин робита, вобаста ба таъмин ва идоракунии сифати таҳсилот дар М-ҳои ТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таҳлил муайян гардид, ки онҳо на он қадар пешсаф мебошанд.

Ҳангоми банақшагирии кори муассисаи таълимӣ бояд чӣ ба назар гирифта шавад, то ин ки барои пешрафти таъмини сифати дохилии он мусоидат намояд?

Мо ба он андешаем, ки барои пешрафту ба натиҷаҳои баланд ноил шудан дар муассисаҳои таълимӣ ҳангоми банақшагирӣ дар нақшаи стратегии муассисаи таълимӣ нишондиҳандаҳои сифатро ба ҳафт самти асосӣ равона кардан лозим аст:

- ба сифати барномаҳои таълимӣ;
- ба сифати ҳайати омӯзгорон;
- ба сифати азхудкунии дониши хонандагон;
- ба сифати технологияҳои таълимии истифодашаванда;
- ба сифати таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим;
- ба сифати амнияти молиявӣ;
- ба сифати назорати раванди таълим.

Ҷанбаҳои номбаршуда ба ҳам робитаи ногусастанӣ дошта, якдигарро ташаккул медиҳанд. Сифати барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳияи барномаҳои маъмултарини нави таълимиро барои хонандагон талаб менамояд. Ин ҷо бояд хотирнишон сохт, ки дар муассисаҳо барои такмилу татбиқи мундариҷаи барномаҳои таълимӣ корҳои зиёде анҷом дода мешаванд.

Сифати ҳайати омӯзгорон дар муассиса аз сатҳи баланди таълим, яъне тарзу равишҳои дарсдиҳии онҳо фаҳмида мешавад. Омӯзгори муосир бояд доираи васеи салоҳиятҳои касбӣ дошта бошад, аз ҷумла: дониши аълои фанни худ, такмили ихтисоси муттасили касбӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ-коммуникативӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ, фарҳанги баланди иттилоотӣ ва ғайра. Омӯзгори муассисаи таълимӣ бояд шахси бомаърифат, барҷаста ва эҷодкори дорои сифатҳои роҳбарӣ бошад. Танҳо чунин омӯзгор имрӯз метавонад хонандагонро ба таҳсил ҷалб кунад.

Илова ба маҷмуи донишҳо ва малакаҳо, салоҳияти педагогии омӯзгор инчунин мавҷудияти қобилияти тадқиқотӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои таълимии ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон зарур аст, муҳим мебошад. Дар ин самт истифодаи усули лоиҳа дар дарсҳо хеле натиҷабахш мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти таълимӣ бояд бо фаъолияти амалӣ алоқаманд бошад. Зеро дар ҳама рейтингҳо, ҳам рейтингҳои дохилӣ ва ҳамчунин, рейтингҳои минтақавию байналмилалӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ барои муайян кардани сатҳи сифати тахсилот дар мадди аввал гузошта мешаванд. Ба назари мо,чунин таҳияи савол комилан қонунист, зеро ҳар як муаллим, бояд муҳаққиқ бошад ва барои аз дастовардҳои нав дар соҳаи илм огоҳ шудан кӯшиш кунад.

Доир ба дарсҳои амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки имрӯз, дар шароити мавҷудияти ҳама гуна маълумот дар интернети глобалӣ хонанда на танҳо аз доираи барномаи таълимии ин фан огоҳ мешавад, балки аксар вақт берун аз он низ имконияти истифодабарӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ба таълим ҷалб намудани хонандагони имрӯза омӯзгор бояд мунтазам дар ҷустуҷӯ ва навоварӣ бошад ва он дар фаъолияти илмӣ ва инноватсионии худи ӯ ба таври возеҳу равшан бояд зоҳир карда шавад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир, таълими хушсифат бо рушди технологияҳои муосири таълим зич алоқаманд аст. Чуноне қайд кардем, омӯзгорон бояд эҷодкор бошанд, ки ин дар ҷустуҷӯйи усули нави таълим, аз ҷумла истифодаи фаъоли усули интерактивии таълим (мубоҳиса, бозӣ, омӯзиш ва ғайра) ва технологияҳои муосири таълимӣ, масалан, усули лоиҳа, ки дар мактабҳо хеле хуб пешбарӣ карда мешавад, фаъолона ширкат варзанд. Танҳо бо омезиши моҳиронаи шаклҳо ва усули гуногуни таълим таваҷҷуҳи хонандагони ҳозира ба мавзуи дарсҳо ва дар натиҷа ҳавасмандии устувори онҳо ба фаъолияти таълимӣ ва интихоби касби муносиб ҷалб карда мешавад.

В передовых странах существует двухступенчатая система предъявления требований к качеству инженерной подготовки и признанию инженерных квалификаций. Первая ступень – оценка уровня образовательных программ бакалавров в области техники и технологий через процедуру их аккредитации. Вторая ступень – признание профессиональных квалификаций инженеров через их сертификацию и регистрацию. Такие системы реализуются в каждой стране национальными, как правило, неправительственными профессиональными организациями – инженерными советами, имеющими в своем составе органы по аккредитации образовательных программ и сертификации специалистов: Аккредитационный совет по технике и технологиям (Accreditation Board for Engineering and Technology, ABET, США), ECUK (Великобритания), CCPE (Канада), IEAust (Австралия) и др. Мировым лидером в области разработки новых критериев, процедур и методов оценки качества образовательных программ является ABET, США.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Ващенко В. П. От «внедрения» до «осознания» и «принуждения»: об инновациях и их производных / Рос. науч.-исслед. ин-т экономики, политики и права в науч.-техн. сфере // http://riep.ru/upload/iblock/385/3858d7e006fa247844183ecfce6fb44b.pdf.
2. Давидович, В. Е. Сущность культуры [Текст] / В. Е. Давидович, Ю. А. Жданов. – Ростов-на-Дону : Изд-во РГУ, 1977. – 145 с.
3. Дементьева, М. В. Педагогические условия готовности к деловому иноязычному общению у студентов неязыковых факультетов вузов : автореф. дис. …канд. пед. наук [Текст] : 13.00.08 / М. В. Дементьева. – Челябинск, 2001. – 22 с.
4. Демин, В. А. Профессиональная компетентность специалиста: понятие и виды [Текст] / В. А. Демин // Стандарты и мониторинг в образовании. – 2000. – № 4. – С. 34–42.
5. Деркач, А. А. Методолого-прикладные основы акмеологических иссле- дований / А. А. Деркач. – Москва : РАГС при Президенте РФ, 1999. – С. 17.
6. Добрович, А. Б. Общение: наука и искусство [Текст] / А. Б. Добрович. – Москва, 1978. – 144 с.
7. Зеер, З. Ф. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход [Текст] / З. Ф. Зеер. – Москва : МПСИ, 2005. – 216 с.
8. Колесник, Н. Е. Роль дисциплин общеобразовательного цикла в формировании профессионально важных качеств учащихся в условиях компетентностного подхода / Н. Е. Колесник. — Текст : непосредственный // Педагогика: традиции и инновации : материалы I Междунар. науч. конф. (г. Челябинск, октябрь 2011 г.). — Т. 2. — Челябинск : Два комсомольца, 2011. — С. 43-46.

9. Коршунов А., ведущий научный сотрудник Центра системного анализа и стратегических исследований НАН Беларуси, к.ф-м.н., https://cyberleninka.ru/article/n/problemy-podgotovki-inzhenerov-v-sovremennyh-usloviyah, | №2 (192) | Февраль 2019 | наука и инновации стр. 19-23;
10. Кочетков Г. Б. Роль и место инженера в инновационной экономике // Российское предпринимательство. 2000. Т. 1. №11.С. 68–75.
11. Образование в Республике Беларусь. Статистический сборник. Минск, 2017, // www.belstat.gov.by
12. Послание Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемего Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», 21.12.2021, г. Душанбе;
13. Системный подход в обучении иностранным языкам в техническом вузе, Корягина, И. А. Системный подход в обучении иностранным языкам в техническом вузе / И. А. Корягина. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2014. — № 11 (70). — С. 337-339.


## ПРОБЛЕМЫ ПОДГОТОВКИ ИНЖЕНЕРОВ-ТЕХНОЛОГОВ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ С УГЛУБЛЕННЫМ ИЗУЧЕНИЕМ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА


В данной статье рассматриваются проблемы подготовки будущих инженер-технологов текстильной промышленности средством углублённого изучения английского языка, а также пути решения освоения учебного программы для специалистов инженер-технологов текстильной промышленности. Цель исследования заключается в том, чтобы выявить перспективы использования инновационных технологий в процессе обучения инженер-технологов текстильной промышленности. Использование искусственного интеллекта в вузах и внедрение новых технологий в образовательный процесс в будущем будут приоритетными.

Нужно отметить, что в преподавании иностранных языков коммуникативная направленность давно считается приоритетной, однако, следует отметить, что в большей степени это касается языковой подготовки специалистов гуманитарной области, а когда речь идет о специалистах технической сферы, акцент смещается в сторону обучения переводу технической литературы и научных статей, изучению лексического корпуса узкоспециализированных терминов.


**Ключевые слова:** *инженер-технолог, образования, сотрудничество, специалист, иностранный язык, коммуникативность, текстиль, промышленность, инновация.*

## МУШКИЛИҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР НАМУДАНИ МУҲАНДИС- ТЕХНОЛОГҲОИ САНОАТИ НАССОҶӢ БО ОМУЗИШИ АМИҚИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тайёр намудани муҳандисони ояндаи технологияҳои саноати нассоҷӣ тавассути омӯзиши амиқи забони англисӣ, инчунин роҳҳои ҳалли барномаи таълимии мутахассисони муҳандисони коркарди саноати нассоҷӣ баррасӣ карда мешаванд. Мақсади тадқиқот муайян намудани дурнамои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муҳандисони равандҳои саноати нассоҷӣ мебошад. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар донишгоҳҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди таълим дар оянда аз авлавият хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки дар таълими забонҳои хориҷӣ самти коммуникативӣ кайҳо боз як авлавият маҳсуб мешуд, вале бояд гуфт, ки ин бештар ба омӯзиши забонҳои мутахассисони соҳаи гуманитарӣ дахл дорад ва дар мавриди мутахассисони сохаи техникӣ, ба таълими тарҷумаи адабиёти техникӣ ва мақолаҳои илмӣ, омӯхтани баданаи лексикии истилоҳоти хеле махсус диққат дода мешавад.


**Калидвожаҳо:** *муҳандис-технолог, маориф, ҳамкорӣ, мутахассис, забони хориҷӣ, муошират, нассоҷӣ, саноат, инноватсия.*

## PROBLEMS OF TRAINING ENGINEER-TECHNOLOGIST OF THE TEXTILE INDUSTRY WITH IN-DEPTH LEARNING OF THE ENGLISH LANGUAGE


This article deals with the problems of training future process engineers of the textile industry by means of in-depth study of the English language. As well as ways to solve the development of the curriculum for specialists in process engineering of the textile industry. The purpose of the study is to identify the prospects for the use of innovative technologies in the process of training process engineers in the textile industry. Using of Artificial intelligence in universities and the introduction of new technologies in the educational process in future will be priority.

It should be noted that in the teaching of foreign languages, the communicative orientation has long been considered a priority, however, it should be noted that to a greater extent this concerns the language training of specialists in the humanitarian field, and when it comes to specialists in the technical field, the emphasis is shifted towards teaching the translation of technical literature and scientific articles, the study of the lexical corpus of highly specialized terms.


**Key words:** *engineer-technologist, education, cooperation, specialist, foreign language, communication, textiles, industry, innovation.*

**Сведения об авторе:** *Абдуллозода Хабибулло Абдулло - начальник отдела международных связей Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, Республика Таджикистан, г. Куляб Борбадский р-н. E-mail: habibullo-n@yandex.ru, тел:, +(992) 918 55 45 48*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Абдуллозода Ҳабибулло Абдулло – сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. E-mail: habibullo-n@yandex.ru, тел:, +(992) 918 55 45 48*

**Information about the author:** *Abdullozoda Khabibullo Abdullo - Head of the International Relations Department of the Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbad district. E-mail: habibullo-n@yandex.ru, phone:, +(992) 918 55 45 48*

**ТДУ811.222.8,22**
**ТКБ - 81.2 ТОҶ**
**Қ -76**

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОН

***Шаропов Ш. А., Қодирова М. А.***
**МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров"**

Ташаккули дарки нақши фаъоли иҷтимоӣ ва ё шахсият дар ҷомеа барои хонандагон, бахусус хонандагони хурдсол давраи хеле муҳими ҳаёт маҳсуб ёфта, барои зиндагии минбаъдаашон нақши калидӣ дорад. Тасаввуроти кӯдак оид ба ҷомеа ва нақши инсон дар ҷамъият барои мутобиқшавии ӯ таъсири муҳим мерасонад, зеро, махз дар синни хурди мактабӣ тахкурсии тарбияи кӯдак ва ташаккули хислатхои хуб гузошта мешавад. Модернизатсияи системаи маорифи миллӣ ташаккули шахсияти фаъоли иҷтимоиро, ки дар шароити муосир пурсамар зиндагӣ карда, онро дигаргун сохта, мустақилона тасмимҳои дурусту ҳаётан муҳим қабул мекунад ва дар сохахои мухталифи ҷомеаи муосир мавқеи мусбат дорад, вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимӣ мешуморад.

Ҷаҳони пуртазоду тағйирпазир, ки инсони муосир дар он зиндагӣ мекунад, ӯро маҷбур месозад, ки бо омилҳои берунӣ ва дохилӣ муборизаи доимӣ барад. Он чизе, ки дар атрофи одами одӣ рӯй медиҳад, баъзан нофаҳмо буда, боиси эҳсоси нороҳатӣ мегардад.

Равоншиносону асабшиносон рух додани ҳолати тезутунди изтиробнокӣ, шубҳанокӣ, ваҳму васвосаи гуногунро дар шумораи зиёди одамони одии ҷомеаи муосир муайян намудаанд. Ҳаёти инсон дар замони муосир бо суръати тез ҷараён гирифта, вақти истироҳат кардан аз мушкилоти сершумори ҳаррӯза воқеан вуҷуд надорад. Доираи сарбаста, ки аз масофаи марафонӣ иборат буда, бо суръати баланд (спринт) ҷараён дорад, одамонро маҷбур мекунад, ки бо худ дар мусобиқа бошанд.

Дар илми равоншиносӣ категорияи «шахсият» яке аз мафҳумҳои умумӣ маҳсуб мeёбад, яъне «шахсият» танҳо хоси мафҳуми илми равоншиносӣ набуда, онро ҳамаи илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, сотсиология, педагогика ва ғайра меомӯзанд. Мафҳуми «шахсият» ва «сифатхои шахсӣ» - ро В. Д. Шадриков (доктори илмҳои равоншиносӣ, профессор) чунин шарҳ медиҳад: «сифатҳои шахсӣ шакли устуворшудаи рафтор буда, дар паси он мақсадҳои (ангеза) шахсӣ вуҷуд дорад» [11].

Олим – равоншиноси рус, профессор А. В. Петровский қайд мекунад: «… инсон, ки тавассути мехнат аз олами ҳайвонот баромада, дар ҷамъият инкишоф меёбад, тавассути забон бо одамони дигар муошират мекунад, ба шахсият — субъекти шинохт ва дигаргунсозандаи фаъоли воқеият табдил меёбад» [9, саҳ. 67].

А. Г. Маклаков қайд мекунад, ки шахсиятро бештар дар маҷмӯи хислатҳои иҷтимоӣ ва ҳаётии инсон, ки дар ҷараёни инкишофи иҷтимоӣ ба даст меорад, мефахманд. Бештар мафҳуми «шахсият» шахси дорои хосиятҳои устуворе, ки амалҳои нисбат ба одамони дигар аҳамиятдоштаро муайян мекунад, ифода менамояд. [9].

Дар навбати худ, равоншиноси немис Зигмунд Фрейд ба масъалаи ошкор кардани хислатҳои шахсият таваҷҷуҳ карда, кӯшишҳои асосии худро барои ошкор кардани механизмҳое, ки рафтори инсонро таъмин мекунанд, равона кардааст. Бо ин мақсад ӯ сохтори муайяни шахсиятро (Ид, Эго, Суперэго) пешниход кард, динамикаи ташаккули шахсиятро ошкор намуд. Ба ибораи дигар, сохтор ба системае табдил дода шуд, ки таъсири мутақобилаи унсурҳои алоҳидаи онро нишон медиҳад, механизмҳои лаҳзаҳои мухими ба ташаккули рафтори патологӣ (ғайритабиӣ) мусоидаткунандаро ошкор карда, тартиботи мудофиавӣ, ки ба воситаи онҳо шахс ҳалли ноумедиҳо, низоъҳо ва изтиробҳоро меомӯзад, тасвир карда мешавад.

Холл ва Линдсей менависанд, ки шояд хусусияти фарққунандаи равиши юнгианӣ (асосгузори назарияи юнгианӣ - яке аз ҷараёни психодинамиқа Карл Густав Юнг) ба инсон дар он аст, ки он телеология ва казуалнокиро (тасодуф) ба хам мепайвандад. Рафтори инсон на танҳо аз рӯи таърихи фардӣ ва нажодӣ (тасодуф), балки бо ҳадафҳо ва кӯшишу ғайрат (телеология) низ муайян карда мешавад. Ҳам гузашта чун тасодуф ва ҳам оянда ҳамчун иқтидор (потенсиал) рафторро дар ҳозир идора мекунанд...

Шахсият тибқи таҳқиқоти Карл Густав Юнг маҳсул ва махзани таърихи ниёгон мебошад ва бо назардошти ақидаи мазкур метавон гуфт, ки онҳо дар маҷмуъ мазмуни ҷаҳони ботинии шахсро ташкил медиҳанд ва дар истилоҳоти аслӣ оварда шудаанд. Юнг ба тавсифи шахсият тавассути хислатҳои фардӣ муроҷиат намекунад. Аммо, агар мо ба тафсири пурмазмуни мафҳумҳои инфиродӣ муроҷиат кунем, он гоҳ ногузир ба зарурати истифода аз мафҳуми хислат ё табъияти шахсият бояд назар андозем. Мо метавонем шахсро ҳамчун шахси ҷамъиятӣ танҳо тавассути нақшҳои иҷтимоӣ ва хислатҳои шахсие, ки тавассути он нақшҳоро амалӣ мекунад, тавсиф карда бошем. Агар дар бораи шахсияти худ (алоҳида) сухан ронем, пас то андозае мухолифи шахсияти оммавӣ мебошад ва бо истилоҳҳои муқобил тавсиф мешавад. Ҳамин тариқ, бидуни истинод хислат ва хусусиятҳои шахсиятро муайян кардан ғайриимкон аст (12, саҳ. 23).

Хусусияти шахсият хислати устувори шахсӣ, маҷмуи муносибатҳо ва самтҳои арзишӣ, ғояҳо тадқиқоти эмпирикӣ, ки хусусияти таъсири фаъолиятро ба муносибатҳо ва ҳамкории одамон дар муошırати байнишахсию муштарак ва ғайра нишон медиҳад. Барои ин ба хусусиятхои психологии аз ҷониби Айзенк муайяншуда муроҷиат кардан кифоя аст. Г. Айзенк дар сохтори типологии худ доир ба мафҳуми типи экстраверсивӣ маҷмӯи хислатхои ба ҳам алокаманди шахсият: фаъолнокӣ, инсонгароӣ, омодагӣ ба хавф (таваккал), импулсивнокӣ (ҳардамхаёл), тундхӯӣ, кордонӣ, бемасъулиятӣ ва ғайраро ба ҳам овардааст. Мутаносибан, шахсони интроверсивӣ (дарундор, хаёлӣ) ба таври сустфаъолиятӣ, улфатнопазирӣ, эҳтиёткорӣ, назоратпазирӣ, қафомонӣ, ғайриихтиёрӣ ва масъулиятшиносӣ тавсиф карда шудааст. Ҳамчун консепсияи дуюми типологӣ Айзенк мухолифан фарзияи «ноустувории эмотсионалӣ - ботамкинӣ» - ро пешниҳод менамояд. Ноустувории эмотсионалиро чун маҷмуи норасоиҳо аз қабили руҳафтодагӣ, изтиробнокӣ, безор кардан, тобеият, маъюсӣ (андӯҳгинӣ), гунаҳкорӣ тавсиф менамоянд. Барои инсонҳои қавиирода ва ё аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор худбаҳодиҳии баланд, қаноатмандӣ, оромӣ, интизомнокӣ, мустақилият, солимӣ ва бегуноҳӣ хос аст. Ниҳоят, Айзенк мафҳуми сеюми типологӣ – «матонат – нармтабиат» - ро пешниҳод мекунад. Ба инсонҳои гурӯҳи боматонат: серталабӣ, майлнокӣ ба муваффақият, манфиатпарастӣ (манипулятсия), ҷустуҷӯии омилҳои ҳавасмандкунӣ, догматизм (танқиднопазирӣ), қавиародагӣ хос аст; ба гурӯҳи инсонҳои нармтабиат бошад - мусолиҳакорӣ, тобеиятпазирӣ, фурӯтанӣ, ҳамдард будан (ба ғаму дарди дигарон бетараф набудан), мавзунӣ, уҳдабароӣ, назокатнокӣ хос мебошад.

Намунаи баррасишавандаи мафҳуми типологии «интроверсия - экстраверсия» аз бисёр ҷиҳатҳо шарҳ дода мешавад. Фарзияҳои Карл Юнг ва Ганс Эйзенкро муқоиса намуда, мебинем, ки ҳангоми аз ҷиҳати терминологӣ муайян кардани навъи мафҳумҳо муаллифон ба сохторхои чуқури психикӣ, олами ботинии инсон бо тарзҳои гуногун баррасӣ менамоянд. Ва агар Юнг аз мафҳуми ифодкунандаи рӯҳӣ андешаронӣ намояд, пас Айзенк - аз маҷмӯи аломатҳои рафторӣ сухан мекунад. Масъалаи таносуб дар шахсияти принсипҳои марду зан, ки дар назарияи Юнг аз нуқтаи назари Анима ва Анимус (истилоҳи юнонӣ – оғози ҳаёт) инъикос ёфтааст, аз ҷониби О. Вайнингер [5, саҳ. 64] қабл аз Юнг хеле пурра таҳия шуда буд, ки дар он хислатҳои шахсият барои тавсифи хусусиятҳои марду зан истифода кардааст. Баррасиву таҳлили ақидаҳои Фрейд, Юнг ва Айзенк имкон медиҳад, ки хулосаи муҳим бароварда бошем.

Шахсиятро ба таври фарзиявӣ, аз ҷониби сохторҳои амиқ тавсиф кардан мумкин аст ва баъд муаллиф истилоҳоти худро истифода мебарад. Аммо, агар мо кӯшиш кунем, ки шахсиятро тавассути маҷмӯи аломатҳои рафтор тавсиф кунем, пас мо ногузир ба хислатҳои шахсият, ки рафторро амалӣ мекунанд, муроҷиат намоем. А.В. Петровский менависад, ки одам хамчун фард ба дунё омада, ба системаи муносибатхо ва равандҳои иҷтимоӣ дохил мешавад, ки дар натича вай сифатҳои махсуси иҷтимоӣ пайдо мекунад, яъне ҳамчун шахсият ташаккул меёбад. Ин аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки шахс ба системаи муносибатҳои иҷтимоӣ дохил шуда, ҳамчун субъект – инсони бошуур амал мекунад ва дар раванди фаъолият

ташаккул ва инкишоф меёбад. Шахс, шахсият, фардият. Шахс гуфта, мо метавонем инсони муқаррариву солими калонсол, навзод ва инсонҳои бемору камақлро, ки забон ва малакаи одитарини муоширатро намедонанд, дар назар дошта бошем. Вале, танҳо категорияи аввали номбар намудаамон шахсият мебошанд, яъне мавҷудоти иҷтимоӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ воридшуда, фаъолиятбарандагони рушди иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд. Инсон ҳамчун шахс ба дунё омада, минбаъд ба шахсият табдил меёбад ва ин раванд хусусияти таърихӣ дорад. Ҳанӯз дар давраи кӯдакӣ шахс ба системаи муайяни муносибатҳои иҷтимоии таърихӣ муқарраршуда дохил мешавад, ки вай аллакай онро дар шакли тайёр мебинад. Инкишофи минбаъдаи шахс дар дохили гурӯҳи иҷтимоӣ муносибати пурпечутоберо ба вуҷуд меорад, ки ӯро минбаъд ҳамчун шахс ташаккул медиҳад [9].

Мафхумхои инсон, шахсият, фард, фардият, ки дунёро дигаргун месозад, бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст: "Инсон ҳамчун шахс таваллуд шуда, ҳамчун шахсият ташаккул меёбад ва ҳамчун фардият боқӣ мемонад. (истодагарӣ менамояд)"

Якҷоя бо истилоҳи «шахсият» мафҳумҳои «фард», «фардият», «инсон» мавриди истифода қарор дода мешаванд ва мафҳумҳои зикршуда бо ҳам алоқамананд. Ҳамин тавр, шахсият - шахси мушаххаси дар алоқамандии системаи хислатхои психологии устувори ичтимоӣ ки дар ҷараёни муносибатхои ҷамъиятӣ зохир гардида, фаъолияти ахлоқии ӯро муайян менамояд ва барои худашу атрофиёнаш зарур аст, фаҳмида мешавад [9].

Шахсият маҳсули инкишофи равонии (психикии) инсон дар шароити иҷтимоӣ мебошад. Инсон дар сатхи муайяни инкишофи иҷтимоӣ ва равонӣ ба шахсият табдил меёбад [9].

Шахсият хусусияти умумии инсон буда, дар тамоми намудхои фаъолияти ӯ зохир мегардад. Бо назардошти ақидаи зикршуда, А. Н. Леонтев гуфта буд: «муносибати фаъолона оид ба таҳлили равонӣ (психика) - и инсон дар айни замон муносибати фардӣ (инфиродӣ, шахсӣ) мебошад». Баръакс, муносибати шахсӣ ҳамзамон як амали фаъолнокӣ аст. Дар баробари ин, шахсият инсонро танҳо аз як ҷиҳат тавсиф мекунад: ҷалби ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, майлу ҳоҳиш, ки мақсадҳои пешбарандаи фаъолияту рафторашро муайян мекунад. Майлу ҳоҳиш ва ё самтнокии шахсият метавонад иҷтимоӣ ё худбинона (эгоистӣ) бошад. Дар баъзе мавридҳо майлу хоҳиш (манфиатҳои) шахсӣ ва ҷамъиятӣ метавонанд мувофиқат кунанд, дар дигар ҳолатҳо бошад, самти худбинӣ (эгоистӣ) метавонад ба одамони дигар, умуман ҷомеа зарар расонад. Дар асоси ин метавон дар бораи инкишофи мусбат ва манфии шахсият сухан ронем. Дараҷаи инкишофи мусбии шахсият бо дараҷаи масъулиятшиносии одам дар назди одамони дигар, дар назди ҷамъият (муҳит), дар назди фаъолияти шахсӣ ва ҳатто дар назди худаш муайян карда мешавад. Меъёрҳои ахлоқие, ки аз ҷониби шахс қабул мешаванд ва ба олами ботинӣ, ҳаёти рӯҳии ӯ интиқол меёбад бо ёрии ҳиссиёт идора карда мешаванд, ки онҳоро вазифа, виҷдон, ору номус ном мебаранд. Мафҳумҳои садоқат, шаъну шараф, қадру қимат низ бо мафхуми шахсият ва ахлоқ алоҳамананд [7].

Дар замони муосир ва ҷаҳонишавии босуръат, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ором намегузорад ва хатар ба таъриху фарҳанг, тамаддун, бештар шуда, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ ва ба аз байн рафтани урфу одат, анъана ва ҳувияти миллӣ боис мегардад. Дар шароити феълӣ масъалаи ташаккули шахсият ва иҷтимоишавии хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин ру, моро мебояд дар ҳамкорӣ тарбияи насли наврo таҳким бахшида, пояҳои онро мустаҳкам созем ва наврасону ҷавононро ба дарки вуҷуди хеш, шинохти аслу насаб, донистани моҳияти маънавӣ, мавқеи худ дар ҷомеа ҳидоят намоем. Зеро танҳо тарбияи хуб метавонад рушди бомароми кишварро таъмин карда, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад ва устувор гардонад. Агар мафкура ва шуури сиёсӣ ҳар қадар баланд шавад, ҳамон қадар шахс дар сиёсату сиёсатмадорӣ ва дарки арзишҳои демократӣ ба хато роҳ намедиҳад, ҳар қадар муносибат ва психологияаш тарҳи демократӣ гирад, ҳамон қадар майлу рағбаташ ба ин сохт меафзояд ва худаш ташаббускору ҳиссагузор ва фаъол мешавад. Дар акси ҳол, аз як сӯ, ба шахси мушоҳидакори афсӯсхӯр мубаддал мегардад ва аз суи дигар, хубиҳо ва пешравиҳои хурду калонро, ки дар ҷомеа рӯй медиҳад, дида наметавонад ва агар бинад ҳам, худро ба нодонӣ зада, нодида мепиндорад.

Инсон дар ҷомеа зиндагӣ карда наметавонад агар берун аз он бошад, дарки раванди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тмаориф буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд аст. Зимни пешниҳоди вазифаҳои нав онро бояд мадди назар дошт, ки дар ташаккули шахсият муҳити ҷамъиятӣ ва оила мақоми аввалиндараҷа доранд.

Мактаб ва муассисаҳои ба он монанд ин равандро ба маҷрои низоми муайяни педагогӣ равона месозад.

Дар замони муосир муассисаи таълимӣ онест, ки ҳайаташ ҳар кадом хонандаро ба самти фаъолияти ташаббускорона ва эҷодӣ мувофиқи қобилияташ сафарбар намояд. Бинобар он рукнҳои иҷтимоишавиро дар робита бо ҷомеаи муосир бояд донист, ки ин рукнҳо чунинанд:

- фарогирии арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, ҳунар, илм, техника, ахлоқ, ҳифз, эҳё ва идомаи онҳо;
- фаъолияти хонандагон дар созмонҳо ва иттиҳодияҳои мухталифи ба манфиати ҷомеа ва шахс;
- ташаккули рафтори шахс, ҷонибдорӣ аз ҳуқуқи инсон, омодагӣ ба ҳалли масъалаҳое, ки ҷомеа пеш мегузорад;
- ташаккули шаклҳои нави муносибат ва фаьолият, ки метавонад хонандагонро аз карахтии шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ раҳоӣ бахшанд, мустақилиятро инкишоф диҳанд;
- парвариш дар рӯҳи принсипҳои арзишҳои умумибашарӣ: рушди эҷодкории бадеӣ, техникӣ ва илмӣ;
- ҳифзи табиат ва муҳити зист, муоширати нек бо дустон, волидайн ва калонсолон;
- таҳияи шароити мусоид барои рушди малака ва маҳорати меҳнатии ҷавонон дар зинаҳои ибтидоии инкишофи шахсият;
- ошноӣ бо тарзи ҳаёти солим, ташкили мактабҳои тандурустӣ, толорҳо, ки ба таҳкими саломатии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Аз ин рукнҳо маълум мешавад, ки ҷомеаи демократӣ ба гардани мактабу маориф ягон идеологияи абарқудратро бор намекунад. Бунёди тарбия ва рушди шахсиятро дар мактаб арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо аз манфиати ҳар гуна сиёсату идеология, ҳизбу созмонҳо афзалтаранд. Моҳияти ин гуна арзишҳоро:

- ватану ватандӯстӣ;
- озодии Ватан ва шахс;
- муомилаю муносибат бо халқу миллатҳои кишварҳои дуру наздик.
- меҳнати софдилона;
- рушду нумӯи арзишҳои маънавӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳанд.

Яке аз тамоилҳои муҳимтарини ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоии хонандагон дар мактаби муосир башардӯстист, ки муносибати фардии раванди педагогиро дар назар дорад, ки он гардиш ба сӯи кӯдак, эҳтироми шахсияти ӯ, боварӣ ба ӯ, пазируфтани арзишҳо, талабот ва рағбати ӯ мебошад ва таҳияи мусоидтари шароит барои шукуфоӣ ва инкишофи қобилияти ӯ; рӯ овардани мактаб ба фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, арзишҳои маънавии мардумро дар назар дорад.

Дар баробари ин гуманизатсия ё башардӯстӣ дар мактаб фақат бо тағйири моҳият ва тарзи муносибат бо кӯдак маҳдуд намешавад. Вай ба тарбияи шахсияти тамоюли гуманистидошта равона шудааст, яъне муносибати башардӯстона бояд башардӯстӣ ба бор оварад.

Ҷараёни педагогӣ дар мактаби муосир ба шакли демократӣ сурат мегирад, ки муҳтаво ва моҳияти он дар имконияти расидани ҳама ва ҳар кас ба дастовардҳои олии фарҳангӣ, шукуфонии истеъдоди хонандагон дар бартараф сохтани монеаҳо дар роҳи инкишофи фардҳо ва умуман иҷтимоишавии онҳо дар ҷомеа мебошад.

Ба рушди манфии шахсияти инсон меъёрҳое роҳнамоӣ мекунанд, ки ба меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда мухолифанд. Рафторе, ки ба қоидаҳои бадахлоқона (бадрафторона) асос ёфтааст, ба одамони дигар зарар мерасонад; дар ин маврид аз муносибати бемасъулиятонаи одам сухан меравад. Аммо, дуршавӣ аз меъёрҳои қабулшуда на ҳамеша маънои инкишофи манфии шахсиятро дорад, балки аксар вақт масъулияти баланди шахсро дар назди одамони дигар низ нишон медиҳад.

Маълум аст, ки бо мурури замон одамон дар шароити нави иҷтимоӣ зиндагӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфт кардани мазмуни ҳаётро меомӯзанд, вале ин озодиро талаб мекунад. Инсон фазои холигӣ ба вуҷуд оварда, анъанаҳо, табақаву тоифабозиро вайрон мекунад ва инчунин чӣ гуна пур кардани фазои холиро меомӯзонад. Дар Ғарб одамон аллакай дар ин самт ба баъзе пешравӣ ноил шуда истодаанд, зеро онҳо бештар меомӯзанд. Оид ба ин мавзӯъ фикру мулохизахои хеле шавқоварро психоаналитики австриягӣ В. Франкл баён намуда,

нигоштааст: «табиист, ки инсон барои пурмазмун шудани зиндагии худ саъй мекунад. Зиндагии бемаъно мушкилтарин ҳолати шахс буда, маънои умумии зиндагӣ вуҷуд надорад, он барои ҳама гуногун аст». Маънои зиндагиро, ба ақидаи В. Франкл, эҷод кардан ва ё ихтироъ кардан мумкин нест, баръакс онро ёфтан лозим аст, вай ба таври объективӣ берун аз одам вуҷуд дорад. Муносибати ҷиддии байни инсон ва олами беруна бавуҷудоянда ҳолати муқаррарӣ ва солими равонӣ мебошад. Инсон бояд ин маъниро дарёбад, дарк созад ва дар амал татбиқ намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Андреева Г.М. Социальная психология [текст] / - М.: МГУ, 1999. - с. 416.
2. Аристова Л.П. Активность учения школьника [текст] / - М.: Просвещение, 2001. - с. 138.
3. Божович Л.И. Проблемы формирования личности: избранные психологические труды / Под ред. Д.И. Фельдштейна. - Москва; Воронеж: Ин-т практической психологии, 1995.
4. Воспитание школьников / Научно-методический журнал [текст] / - № 4,6,7,9. М., 2010.
5. О. Вайнингер «Пол и характер. Принципиальное исследование». Москва, 1909
6. Дубровина И.В., Данилова Е.Е., Прихожан А.М. Психология. / Под ред. И.В. Дубровиной. - М.: Просвещение, 1999. - с. 464.
7. А.Н. Леонтьев . Психологическое развитие ребёнка в дошкольном возрасте // Вопросы психологии ребёнка дошкольного возраста. — М.-Л., 1948
8. Маклаков А.Г. Общая психология. — СПб.: Питер, 2001. — 592 с.: ил. — (Серия «Учебник нового века»)
9. Петровский А.В. Личность. Деятельность. Коллектив. М.: Политиздат, 1982.— 255 с.
10. Шадрин В.Д. Мир внутренней жизни человека. М.:Университетская книга. Логос, 2006
11. Щадриков Ю.Д. Общая психология: Учебник для академического бакалавриата. М.: Юрайт, 2015 (соавтор Мазилов В. А.)
12. К.Г. Юнг .Человек и его символы — Серебряные нити, 2017. -352 с.


**АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОН**


Мақолаи мазкур ба масъалаи муҳими илми педагогика - ташаккули шахсият, асосҳои методологӣ - назариявии ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоии хонандагон, бахусус хонандагони хурдсол бахшида щуда, ақидаву фарзияву таҳқиқоти олимони соҳа оварда шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки тасаввуроти кӯдак оид ба ҷомеа, нақши инсон дар ҷамъият барои мутобиқшавии ӯ ба муҳит таъсири муҳим мерасонад зеро, махз дар синни хурди мактабӣ таҳкурсии тарбияи кӯдак ва ташаккули хислатҳои хуб гузошта мешавад.



**Калидвожаҳо:** *шахсият, мавқеи фаъоли иҷтимоӣ, сифатҳои шахсӣ, хислатҳои фардӣ, равандҳои иҷтимоӣ, инкишофи равонӣ, гурӯҳи иҷтимоӣ.*


**МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ АКТИВНОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЗИЦИИ УЧАЩИХСЯ**


Данная статья посвящена актуальному вопросу педагогической науки - становлению личности, представлены теоретико - методологические основы формирования активной социальной позиции учащихся, особенно младших школьников. Авторы отмечают, что восприятие ребенком общества, роли человека в обществе оказывает важное влияние на его адаптацию, ведь именно в раннем школьном возрасте закладывается фундамент воспитания ребенка и формирования хорошего характера.



**Ключевые слова:** *личность, активная социальная позиция, личностные качества, индивидуальные особенности, социальные процессы, психологическое развитие, социальная группа.*


**METHODOLOGICAL AND THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE FORMATION OF AN ACTIVE SOCIAL POSITION OF STUDENTS**


This article is devoted to the topical issue of pedagogical science - the formation of personality, presents the theoretical and methodological foundations for the formation of an active social position of students, especially younger students. The authors note that the child's perception of society, the role of a person in society has an important impact on his adaptation, because it is at early school age that the foundation is laid for raising a child and forming a good character.



**Key words:** *personality, active social position, personal qualities, individual characteristics, social processes, psychological development, social group.*



**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович-доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров".(735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1). Тел.92-7717870. E-mail: Sharofzod1954@mail.ru*

**Қодирова Муҳайё Абдуҷабборовна** –*сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров".(735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1). Тел.92-7175053.*

**Сведения об авторах:** *Шаропов Шавкатджон Ахмадович-доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ "Худжандский государственный университет им.акад.Б.Гафурова". (735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). Тел.92-7717870. E-mail: Sharofzod1954@mail.ru*

**Кодирова Мухайё Абдужабборовна** –*ст.преподаватель кафедры теория и методика преподавания родного языка ГОУ "Худжандский государственный университет им.акад.Б.Гафурова". (735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). Тел.92-7175053.*

***Information about authors:*** Sharopov Shavkatjon Akhmadovich - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov". (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1). Tel. 92-7717870. E-mail: Sharofzod1954@mail.ru*

***Kodirova Muhayo Abdujabborovna*** – *senior lecturer of the Department of Theory and Methods of Teaching the Native Language of the State Educational Institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov". (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1). Tel. 92-7175053.*

## ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ МАҲСУЛИ САНОАТИКУНОНӢ

**Сатторова Ш. И. Ҳусейнова Ш. З.**

Тавре ки дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда мешавад «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад». Аз ин рӯ, нигоҳ доштани тамоюлҳои мусбат муайян намудани афзалиятҳо ва таҳияи механизмҳоро дар ин соҳа талаб мекунад, ки имконияти фаъолгардонии амалкарди сармоягузориро медиҳад.

Ин барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят зарур аст, ки рушди босуръати иқтисодиёт дар маҷмуъ ба он вобаста аст. Дар робита ба ин, гузаронидани тадқиқоте, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолии дар асоси такмили механизми сармоягузорӣ дар шароити муосир равона шудааст, бешубҳа, мубрам ҳисобида мешавад. Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати рушду воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ қарор дошта, ба намуду услуби ҷадиди идоракунӣ гом мезанад, ки дар он муҳимият ва нақши корхонаҳои саноатӣ назаррасанд. Бамаврид аст қайд намоем, ки ин дар шароити мураккаби фаъолияти бисёре аз корхонаҳо ва ширкатҳои истеҳсолии ватанӣ амалӣ мегардад. Гузаштан ба ҳолату механизмҳои муосири иқтисодӣ аз ҳама ҷиҳат инҷумла ҷиҳатҳои техник, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дар ниҳоят психологӣ масъалаи мураккаб ба шумор меравад. Ҷаҳони муосир шароитҳои нави иқтисодиро ба миён оварда, ҷараёну равандҳои қаблии фаъолияти истеҳсолӣ – техникиро дигаргун намудааст ва истеҳсокунандагонро водор месозад, ки фаъолияти худро дар доираи талаботи ҳаррӯзаи бозор ба роҳ монда, пешниҳод намояд.

Корхонаҳои истеҳсолӣ як воҳиди махсусгардонидашуда буда, меҳвари онро ҳайати меҳнатии муташаккили касбӣ ташкил дода, бо истифода аз воситаву маводҳои истеҳсолӣ (кор, хизматрасонӣ) маҳсулоти бозоргири муфидро тайёр менамояд. Корхонаву ширкатҳо, комбинату конҳо, бандарҳову роҳҳо ва дигар муассисаҳои хоҷагидории хусусияти истеҳсолидоштаро корхонаҳои истеҳсолӣ меноманд. Ба вазифаҳои муҳимтарини корхонаҳои саноатӣ дохил мешаванд:

- Дастраснамоии даромад аз фаъолияти гуногунҷабҳаи ширкат;
- Омӯзишу таҳлили бозор ҷиҳати пайдосозии талаботи доимӣ ба маҳсулот;
- Нигоҳ доштани сифати баланди маҳсулот ва таъмин намудани рақобатпазирии он;
- Дастрасии доимии истеъмолкунандагон бо маҳсулоти ширкат;
- Таъминнамоии музди меҳнат кормандон, эҳдои шароити мусоиди кор ва имкони такмили ихтисоси ҳайати кормандони ширкат;

- Ташкили ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон;
- Ҳифз намудани муҳити зист, замин, об, ҳавзаи ҳавоӣ ва дигар сарватҳои табиӣ;
- Пешгирии ширкат аз бозистиву танаффус

Дар шароитҳои муносибатҳои нави бозоргонӣ асоситарину муҳимтарин вазифаи ширкат ба даст овардани фоида аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамуда (кори иҷрокарда ё хидмати расонидашуда) мебошад. Пас аз гирифтани фоида талаботи гуногунҷабҳаи иҷтимоиву иқтисодии ҳайати кормандони ширкат ва соҳибмулкони он қонеъ мешавад, инчунин ташаккулу рушди босуботи ширкат таъмин мегардад. Корхонаҳои азими саноатӣ, бахусус ширкатҳои саноати металлургӣ дорои хусусиятҳои махсус аз ҷумла маводталабӣ, энергияталабӣ ва меҳнаттабии зиёданд, ки дар арзиши аслии маҳсулот вазни қиёсии зиёд доранд. Ҳангоми коҳишу нигоҳ доштани ин хароҷотҳои ҳамарӯзаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ фаъолияти корхона пурсамар гардида, омили ба даст омадани на танҳо фоида, балки даромадҳои иловагӣ мегардад. [1-3]

Асоси соҳибкории истеҳсолиро барориши неъматҳои моддӣ ва ё амалигардонии корҳои хусусияти истеҳсолӣ дошта мебошад. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ раванди истеҳсоли маҳсулоти навин ва ё моли пештараро бо хусусиятҳои нав, яъне табдил додани ашёи хом ба молу маводи нави маҳсулотро ифода мекунад. Натиҷаи асосии раванди истеҳсолӣ ин бароришӣ неъмати модии нав аст, бо ибораи дигар, истеҳсоли маҳсулоти нав маҳсулоти такмилдодашуда аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъияти пешбинӣ шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи сармоягузории ноил шудан ба рушди устувори авзавият касб мекунад. "Дар стратегияи қабулшудаи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 татбиқи тамоми чорабиниҳои оид ба саноатикунонии мамлакат амалӣ мешаванд, ки аз ҳисоби давлат (47,5 фоиз), бахши хусусӣ (46,3%) ва аз маблағҳои шарикони рушд (6,2%)".

Дар марҳилаи нави рушди иқтисоди кишвар бахши хусусӣ мақоми муҳим дода шудааст, ки фаъол кардани бахши хусусӣ аз ҳисоби афзоиши соҳибкории сармоягузорӣ ҳамчун асос баромад мекунад. Раванди соҳибкории сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ дар як қатор принсипҳои асоси нигаронида мешавад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳибкорӣ ва риоя накардани онҳо барои самаранокии сармоягузорӣ таъсири манфӣ расонида метавонад. Риоя кардани принсипҳои соҳибкории сармоягузорӣ дар бахши истеҳсолӣ ба фаъол кардан ва истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ имкон фароҳам оварда, метавонад ба талаботҳои стратегии мақсадҳои соҳибкорӣ ҷавобгӯ бошад. Аммо, дар шароити номуайянии механизми бозорӣ принсипҳои сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ бо сиёсати давлатии сармоягузории рушди соҳаи саноат бояд мувофиқат кунад. Дар шароити муосир барои дастгирии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ нақши калон дорад. Маҳз сармоягузориҳо ҳамчун воситаи асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, ки дар таҷдиди сохтор ва такмилдиҳии истеҳсолоти саноатӣ, ташаккули субъектҳои нави соҳибкорӣ, таъмини тағйиротҳои сохторӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, вусъат бахшидан ба татбиқи пешрафти илмӣ-техникӣ, нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт баромад мекунад.Дар шароити рушди босуръати иқтисоди миллӣ, рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз сиёсати сармоягузории давлат вобаста аст, ки ба фазои сармоягузорӣ ва шароити сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад.

Муҳити мусоиди сармоягузорӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди бозор равона карда шудааст, ки ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷиро ба бахшҳои афзалиятноки истеҳсолоти иқтисоди Тоҷикистон ҳавасманд мекунад. Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ тамоми заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд, шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуданд, ки ба ворид шудани на танҳо сармоягузориҳои дохилӣ, балки хориҷӣ низ дар татбиқи азнавсозии соҳаи истеҳсолот мусоидат мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак на танҳо дар васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии кишвар, балки дар тавсеаи иқтидори содиротии иқтисодиёти миллӣ низ ширкат меварзанд. Дар кишвар як қатор корхонаҳои муштарак фаъолият мекунанд, ки маҳсулоти содиротиро низ истеҳсол мекунанд. Ҳамин тариқ, дастгириву таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ дар иқтисоди миллии кишвар нақши назаррас доранд. Дар робита бо ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ,

бояд истеҳсоли маҳсулоте таъмин карда шавад, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он талаботи нисбатан устувор дошта бошанд.

Таҳлили иқтидори саноатии хоҷагии халқ нишон медиҳад, ки дар маҷмааи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳое мавҷуданд, ки маҳсулоти онҳо бартарии қиёсӣ доранд ва ҷалби сармоя ба ин соҳаҳо на танҳо барои рушди соҳибкоривии истеҳсолӣ дар ин соҳа аҳамияти калон дорад, балки барои тамоми иқтисоди миллӣ дар маҷмӯъ аҳамиятноканд. [2-4]

*«Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад»* Эмомалӣ Раҳмон

Иқтисодиёти ҳар як давлат аз соҳаҳои зиёд иборат аст: саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо ва ғайраҳо. Аммо асоси иқтисодиёт, пояи асосии он саноат ба ҳисоб меравад. Саноат бо сабабҳои зерин соҳаи муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад:

1) тараққиёти саноат, махсусан, электроэнергетика, мошинсозӣ ва химия, асоси тараққиёти прогресси илмӣ-техникӣ дар тамоми хоҷагии халқ мебошад;

2) саноат, махсусан, саноати вазнин, пояи асосии тамоми иқтисодиёт, ҳамчун асос барои такрористеҳсолоти васеъ ва инкишофи иқтисодии ҳамаи субъектони давлат баромад мекунад;

3) қудрати иқтисодии давлат аз бисёр ҷиҳат бо дараҷаи тараққиёти саноат муайян карда мешавад;

4) аз тараққиёти саноати сабук ва хӯрокворӣ таъмини аҳолии мамлакат бо молҳои ниёзи мардум вобаста аст.

5) тараққиёти саноати миллӣ дар таъмини бехатарии иқтисодиёти давлатро аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамин тавр, саноат соҳаи муҳимми хоҷагии халқ ва асоси баландбардории самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти саноат бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ, сифатӣ, арзишӣ ва аслӣ тавсиф меёбад. Таназзули истеҳсолоти саноатӣ бо бӯҳрони умумӣ дар иқтисодиёт алоқаманд буд, ки ба ин омилҳои зерин сабаб гашт:

- барҳамхӯрии иттиҳоди шӯравӣ, ки боиси кандашавии алоқаҳои коопериронӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатии ҷумҳуриҳо гардид;
- дар ҷумҳурӣ барои гузариши иқтисодиёт ба шароити бозор шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда нашуда буд (инфрасохтори бозорӣ, қонунгузории мувофиқ, барномаи асосноккардашудаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат вуҷуд надошт);
- вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки бо сабабҳои муайян ба вуҷуд омада буд, ба фаъолияти мӯътадили иқтисодиёт мусоидат накард;
- аксарияти роҳбарони корхона таҷрибаи кофӣ надоштанд, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ самаранок идора карда тавонанд;
- таназзули истеҳсолот ба пур шудани бозор бо молҳои воридотӣ оварда расонид ва маҳсулоти ватанӣ ба рақобат тоб оварда натавонист;
- номукаммалии қонунгузории андоз, ки фаъолияти истеҳсол-кунандагонро мушкил гардонид;
- бӯҳрони иқтисодӣ дар мамлакат бо беқурбшавии пули миллӣ ҳамроҳӣ мекард, ки нисбатан муаммои аз бӯҳрон баромаданро мушкил гардонид.

Саноат аз миқдори зиёди соҳаҳо ва истеҳсолоти ба ҳам алоқаманд иборат аст. Бавуҷудоии саноат ҳамчун соҳаи мустақили хоҷагии халқ, тафриқабандии соҳавии он – ҷараёни мунтазам мебошад, ки бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асос ёфтааст. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар се шакл зоҳир меёбад: умумӣ, хусусӣ, воҳидӣ. Тақсимоти умумии меҳнат дар тақсимоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба соҳаҳои бузурги истеҳсолоти моддӣ зоҳир меёбад: саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт ва ғ. Тақсимоти ҷузъии меҳнат дар ташаккули соҳаҳои гуногуни мустақил дар дохили саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ифода меёбад. Тақсимоти воҳидии меҳнат дар тақсимот ва ташкили меҳнат бевосита дар корхона ифода меёбад. [5-6] Ҳамаи шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат байни ҳамдигар алоқаманданд. Дар зери таъсири тақсимоти умумии меҳнат тақсимоти ҷузъӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар зери таъсири тақсимоти меҳнати ҷузъӣ бо сабаби махсусгардонии соҳаҳои алоҳидаи саноат дар корхона тақсимоти меҳнати воҳидӣ такмил дода мешавад. Дар навбати худ бо сабаби консентратсияи истеҳсолот ва прогресси

илмӣ-техникӣ тақсимоти воҳидии меҳнат ба ташаккули соҳаҳои нави саноат таъсир мерасонад.

Истеҳсоли ин ё он маҳсулот соҳаи мустақили саноат ва ё истеҳсолоти мустақилро ташкил медиҳад, агар як қатор корхонаҳои якҷинса, ки махсус бо истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот машғуланд, мавҷуд бошад. Соҳҳаҳои саноат – ин маҷмӯи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки новобаста аз шакли моликият ва мансубияти он маҳсулоти (кору хизматҳои) намуд ва таъиноти муайяндоштаро истеҳсол менамояд. Тавсифи махсуси зерин низ истифода мешавад: соҳаи саноат – ин маҷмуи корхонаҳои мустақил мебошад, ки бо ягонагии таъиноти иқтисодии маҳсулоти истеҳсолшаванда, умумияти ҷараёнҳои технологӣ ва базаи истеҳсолию технологӣ, хусусияти ашёи хоми истифодашаванда тавсиф дода мешавад. Бинобар ин, ҳар як корхона бояд бозореро муайян кунад, ки дар он фаъолият кардан мехоҳад.

Таҳлили зиёди мафҳумҳои бозор, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудааст, ба хулосае меорад, ки бозор шакли муносибатҳои байни субъектони хоҷагидори мустақил мебошад. Бозор – ин ҳодисаи мураккаб ва бисёрҷонибаи иқтисодӣ; ин муттаҳидкунандаи талабот ва таклифот; ин шакли робитаи ҷамъиятӣ-иқтисодии байни корхонаҳо ва истеъмолкунандагон мебошад, ки дар хариду фурӯши мутақобилаи молҳо (кору хизматҳо) асос ёфтаанд. Танҳо дар бозор арзиши ҳақиқии молҳои истеҳсолшуда муайян карда мешавад: агар онҳо ба фурӯш нараванд, корхона ҳаҷми фоидаи ба нақша гирифтаро ба даст оварда наметавонад. Пас, бозор на танҳо муҳити фаъолияти корхонаҳо, балки омили муҳимми тараккиёти соҳибкорӣ дар мамлакат мебошад ба шарте ки бозори ҳамаи омилҳои истеҳсолот вуҷуд дошта бошад ва тараққӣ кунад.

Бозори муосир низоми ташкилӣ ва нисбатан мутавозинро ифода мекунад, ки ба корхонаҳо озодии интихоби тарзҳои истеҳсол ва фурӯши намудҳову ҳаҷми гуногуни мол (кору хизмат)-ҳоро таъмин мекунад ва ба ҳамаи истеъмолкунандагон мустақилияти бадастоварии онҳоро кафолат медиҳад. Ҳеҷ кас аз ҷиҳати маъмурӣ (ҳуқуқӣ) барои истеҳсоли ягон мол ё ба даст овардани он маҷбур карда наметавонад. Бозор ин гурӯҳи субъектони хоҷагидори мустақил, соҳибихтиёр мебошад, корхона бошад – субъекти мустақили хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Бозор, ба ифодаи образноки олимони америкоӣ Р. Липси, П. Стайнер, Д. Пэрвис, - ин саҳнае мебошад, ки дар он ҳамкории ҳамаи шахсони қарорҳои иқтисодӣ қабулкунанда нишон дода мешавад: миллионҳо истеъмолкунандагон мустақилона қарор қабул мекунанд, ки кадом молҳо ва ба кадом миқдор харида шаванд; миқдори зиёди корхонаҳо - чиро ва чӣ тавр истеҳсол намоянд; соҳибони омилҳои истеҳсолот – ба кӣ ва чӣ тавр онҳоро фурӯшанд. Ҳамаи ин ҷараёнҳо ба воситаи бозор, ба воситаи механизми бозорӣ ба амал баровarда мешаванд.[8-10]

Дар ягон давлат бозори озод вуҷуд надорад, зеро барои он шароитҳои иқтисодии муайян нестанд, балки бозори рақобатӣ бо мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият амал мекунад. Бо вуҷуди ин, бештар моликияти ғайридавлатӣ бо мавҷуд будани инфрасохтори бозории тараққикарда, ки ба худ се унсури асосиро дар бар мегирад – бозори молу хизматҳо, бозори омилҳои истеҳсолот, бозори молиявӣ ва низоми тараққикардаи сохторҳои бозории ба онҳо мувофиқ дида мешавад. Бозор дар муқоиса бо иқтисодиёти фармонфармоӣ афзалиятҳои зиёд дорад. Якум, ба воситаи бозор тақсимоти самараноки ҳама намудҳои захираҳо ба амал баровarда мешавад. Бозор захираҳоро ба истеҳсоли танҳо молҳои (кору хизматҳо) ба истеъмолкунандагон зарур равона месозад. Дуюм, бозор бо мавҷуд будани ахбори иқтисодии нисбатан маҳдуд фаъолият мекунад: маълумот дар бораи нархҳо, рақибон, хароҷоти истеҳсолӣ, миқдори маҳсулоти (хизмати) истеҳсолшуда. Сеюм, афзалияти бозор дар чандирӣ, мутобиқшавии он ба шароити тағйирёфтаистодаи истеҳсолот ва истеъмолот мебошад. Чорум, аз тарафи иштирокчиёни бозор самаранок истифода намудани натиҷаҳои прогресси илмӣ-техникӣ. Панҷум, соҳибкор ва истеъмолкунанда дорои интихоб ва амалкунии озод мебошад. Онҳо дар қабули қарор, бастани шартномаҳои гуногун, кирояи қувваи корӣ ва ғайра мустақил мебошанд. Шашум, бозор қонеъгардонии талаботи гуногунро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, бозор тарафи манфӣ низ дорад. Бинобар ин, ҳангоми ташаккули иқтисоди бозаргонӣ дар мамлакат, рушди шароитҳои нави иқтисодӣ, онҳоро донистан зарур аст. Таҷрибаи хориҷиро омӯхта, камбудиҳои зерини бозорро ҷудо кардан мумкин аст:

1) бозор ба нигоҳдории захираҳои барқарорнашаванда мусоидат намекунад;

2) бозор низоми амалкунандаи ҳифзи иқтисодии муҳити атрофро надорад; танҳо давлат метавонад соҳибкоронро маҷбур созад, ки ба истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза маблағгузорӣ намояд;

3) бозор дуруст истифода кардани захираҳои ба давлат (ҷамъият) тааллуқдоштаро танзим карда наметавонад;

4) бозор ба ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ ба меҳнат ва даромадро кафолат дода наметавонад;

5) бозор бо сабаби ҷараёнҳои беқурбшавӣ ба тараққиёти ноустувор дучор аст.

6) Бинобар ин, қисми функсияҳоро, ки механизми бозорӣ иҷро карда наметавонад, давлат бар дӯши худ мегирад.

Тавре қайд кардем, бозор муҳити фаъолияти корхонаҳо мебошад, бе бозор миллионҳо корхонаҳо вуҷуд дошта наметавонанд ва бе корхонаҳо бошад, ҳамчун субъектони мустақили хоҷагидорӣ бозори тараққикарда буда наметавонад. Бинобар ҳамин ҳамаи шароитҳо ва омилҳои барқароршавии бозори тараққикардаи муосир дар як вақт шароитҳои барқароршавӣ ва тараққиёти корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Корхонаи саноатӣ танҳо ҳамон вақт метавонад ба муваффақият ноил гардад, ки саривақт ва дуруст имкони бозории соҳаи фаъолияти худро баҳо дода тавонад, маҳсулоти ба истеъмолкунанда заруриро бо хароҷоти камтарин ва бо сифати муносиб истеҳсол намояд. .[7-9]

## АДАБИЁТ


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», 2004 г.-Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. «Кодекси меҳнати ҶТ» соли 2009 - Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3. Журнал «Цветные металлы» N 1,3,4,7,8 2007 года.
4. М. Я. Лемешев, Пока поздно… М. , 1991г.
5. В. В. Боголсовский, Проблемы богатства и бедность в современном мире, М.1979 г. 6. М. Рахимов, Табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон, Пинк «Офсет»2001 г.
7. Г. Хефлинг, Тревога в 2000 году, М. , 1990 г.
8. Моисеев «Человек и ноосфера», М. , 1990г.
9. В. Б. Козлов. Энергетика и природа, М. , 1982г.
10. Н. Н. Воронцов, Л. Н. Сухарукова, Эволюция органического мира, М. , 1991г.


Повышение эффективности процесса воспитания подрастающих поколений находятся в прямой зависимости от того, насколько целенаправленно и эффективно преподаватель будет управлять культурой педагогического общения и общительности как фактором, влияющим на процесс успешности учебной и общественной деятельности в развитии личности студента.

Одной из главных проблем является проблема культуры педагогического общения, как проявление совокупности педагогических отношений, формирующих личность студента. В данной ситуации, на преподавателе лежит задача создания и поддержания

доброжелательности и взаимопонимания. В основе отношений между преподавателем и студентом лежит их совместной труд, а также успехи в достижении педагогической цели. Характер отношения преподавателя к своей профессиональной работе, выступает как основной фактор успешного развития взаимоотношений в коллективе. Конечно, на профессиональные взаимоотношения существенное влияние оказывают характер и стиль руководства, и состояние психологического, нравственного климата. Для создания благоприятных условий педагогической деятельности необходимо постоянных поиск и выработка способов и форм культуры общения.

Прежде всего, анализируя, культуру общения педагога можно определить её как форму учебного взаимодействия и сотрудничества. Используя всю совокупность вербальных, изобразительных, символических и кинетических средств, оно реализует коммуникативную, персептивную функцию.

Именно поэтому преподавателю необходимо координировать свою деятельность по совершенствованию, с учётом выбора существенного определяющего его профессиональный статус и формы культуры общения.

Одной из задач культуры общения педагога в педагогической деятельности - обеспечение психолого-педагогического взаимоотношения преподавателя и воспитанников, так как, прежде всего, оно удовлетворяет моральную потребность участников к общению, передачи мысли и создаёт благоприятную атмосферу для дальнейшего укрепления отношения.

Следовательно, развитие и существование человека как личности невозможно в обществе вне общения с другими людьми. Естественно, процессы воспитания, формирования, развития личности и межличностные контакты немыслимы без культурного общения, где необходимы передача, усвоение информации и обмен ею. Необходимо подчеркнуть, что культура общения предполагает необходимость знания его закономерностей, норм и особенностей, проявляющихся в различные виды деятельности. Безусловно, всё это придаёт проблеме культуры педагогического общения исключительную актуальность.

Культура общения преподавателя является результатом не только его личных качеств, знаний, умений, навыков, но и операциональные средств осуществления взаимоотношений, достижения определённых контактов.

Например, операциональные средства культуры общения преподавателя, т.е. способы, с помощью которых реализуется процесс общения, достигая тех или иных конкретных целей педагогической деятельности. Их отбор соотносится с личностными качествами преподавателями. Общение преподавателя во многом зависит от умения эффективно использовать психолого-педагогические механизмы операциональных средств воздействия, как одобрение, поощрение, просьба, принуждение, пример и т.д.

Следовательно, важнейшим признаком культуры педагогического общения преподавателя является его способность, используя те или иные методы и формы обучения студентов, выражать и каждому из них свое личное отношение. Умение разбираться в своих студентах, объективно оценивать их поступки, способность адекватно откликаться на их поведение, эффективно использовать методы воздействия обучения и воспитания, которые наилучшим образом отвечают их индивидуальным особенностям.

Естественно, овладеть всем

Следует отметить, что культура педагогического общения является сложным интегральным качеством личности педагога, которая включает:

▪ культуру речи, ▪ культуру поведения, ▪ культуру организации различной деятельности, ▪ взаимодействия учащихся, ▪ познание личности.

Итак, преподаватель имеет много возможностей, чтобы организовать со студентом педагогически целесообразные отношения как основу творческого общения.

Наиболее важным социально-психологическом механизмом педагога является трансформация знания, мудрости и опыт, в ходе которого обеспечивается усвоение знаний и навыков, формируется нравственные и эстетические качества.

Педагог - это тот, кто делится знаниями, мудростью и опытом, а учащиеся их усваивают и в ходе усвоение знаний и навыков формируются нравственные и эстетические качества и отношения к окружающему миру.

Педагог как организатор учебно-воспитательного процесса ▪ планирует, ▪ руководит, ▪ учит, ▪ воспитывает, ▪ способствует всестороннему развитию личности, т.е. он постоянно ▪ строит свои взаимоотношения с учащимися, соблюдая при этом основные принципы культуры педагогической деятельности.

Образование студентов основывается на принципе свободы выбора и, если параметры взаимодействия «преподаватель-студент», не удовлетворяют потребности обоих сторон, то об эффективности обучения говорить не приходится.

Следует ответить, на вопрос, каким образом нужно организовывать взаимоотношения со студентами, чтобы получать максимальный результат. Конечно, ответом на данный вопрос может стать сотрудничество или модель взаимодействия «субъект-субъект» и задача её направлена на оптимизации учебного процесса через культуру общения.

Педагоги часто не осознают свою ведущую роль в организации отношений. В первую очередь в общении преподавателя и студентов должны быть отношения, основанные на: ▪ коллективизме, ▪ трудолюбии, ▪ организованности, ▪ уважении, ▪ требовательности.

Педагогу следует делать акцент на оперативность начала взаимоотношений, основанных на ▪ взаимном уважении, ▪ доверии, ▪ взаимопонимании, ▪ целенаправленной организованности контакта с индивидом, ▪ курсом, а также ▪ коррекции стереотипных и негативных установок в поведении и отношении отдельных студентов.

Культура педагогического общения, являясь основным формой учебного сотрудничества, создаёт условие для оптимизации обучения и развития личности студента.

Культура педагогического общения определяется личностной, социальной, предметной ориентированностью. Преподаватель, работая с одним студентом над освоением учебного материала, ориентирует его результат, на всех студентов в аудитории, и наоборот, работая с аудиторией, воздействует на каждого присутствующего.

Таким образом, своеобразие культуры педагогического общения выражается в сочетании личностно-ориентированного социально-ориентированного и предметно-ориентированного общения.

Следует отметить, что культура педагогического общения - это система психолого-педагогического взаимодействия преподавателя со всеми студентами, содержанием которого является ▪ накопление опыта взаимодействия с людьми, ▪ обмен информацией, ▪ интеллектуальное развитие в результате взаимного обогащения информацией, ▪ осознание себя через сравнение с другими, ▪ формирование этико-эстетические взгляды и ▪ представления. Особенно интерес к проблемам отношений и поведения людей является благоприятной предпосылкой для воспитания культуры общения у студентов.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Андреева Г.М. Принципы деятельности и исследование общения // Общение и деятельность. - Прага, 1998. - С.56-58.
2. Бодалев А. А. Личность и общение: Избранные - М.: Педагогика, 2003 - 272с.
3. Захарченко Е.Ю. Развитие педагогической культуры учителя в условиях обновления школы: дис. канд. пед. наук. - Ростов - на - Дону, 1995. - 38с.
4. Леонтьев А.Н Деятельность. Сознание. Личность. - Москва. Политиздат, 2005. - 304с.
5. Ломов Б.Ф. Общение и социальная регуляция поведения индивида. М.: Наука, 1996 - С.64-93.


## ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛА ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ.


Мақола моҳияти фарҳанги педагогии муоширатро ҳамчун сифатҳои ба шахсият нигаронидашуда ва шахсию касбии омӯзгор ошкор менамояд. Хусусиятҳои психологию педагогии фарҳанги муошírати байни миллатҳо ва хушмуомилагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва таъсири онҳо ба муваффақияти фаъолияти таълимӣ ва ҷамъиятӣ махсусан қайд карда мешавад.

Махсусан дар мӯҳтавои мақола шартҳои муҳимтарини саъй ба муносибатҳои субъектӣ дар рафти муошírати касбии педагогӣ баррасӣ шудааст, ки аз пешниҳоди аксиологии мундариҷаи таълим ба бунёди «донишҳои зинда»-ро ҷонибдорӣ мекунад.

Дар мақола муаллиф қайд мекунад, ки баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия бевосита аз он вобаста аст, ки омӯзгор фарҳанги муошírати педагогиро ҳамчун омили таъсиргузор ба раванди муваффақият дар фаъолияти таълимии хонандагон то чӣ андоза мақсаднок ва самаранок идора мекунад.

**Калидвожаҳо:** *фарҳанги муоширати педагогӣ, фарҳанги нутқ, фарҳанги рафтор, муносибатҳои субъектӣ, муоширати байни миллатҳо, навсозии таълим, шахсият, малакаҳои муошират, коллективизм, мутобиқшавии психологӣ.*

## ИСТОРИКО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ИССЛЕДОВАНИЯ КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ, КАК ФАКТОР ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье раскрывается сущность педагогической культуры общения и общительности, как личностно-ориентированного и личностно- профессионального качества педагога. Особенно отмечены психолого-педагогические особенности культуры межнационального общения и общительности студентов педагогических вузов и их влияние на успешность учебной и общественной деятельности.

Особенно в содержании статьи рассматривается важнейшие условия стремления субъект-субъектных отношений в ходе профессионального педагогического общения, который выступает переход от аксиологического изложения содержания обучения к построению «живого знания».

В статье автор отмечает, что повышение эффективности процесса воспитания и обучения находятся в прямой зависимости от того, насколько целенаправленно и эффективно преподаватель будет управлять культурой педагогического общения как фактором, влияющим на процесс успешности учебной деятельности студентов.

**Ключевые слова:** *культура педагогического общения, культура речи, культура поведения, субъект - субъектные отношения, межнациональное общение, модернизация образования, индивид, коммуникативные умения, коллективизм, психологическая адаптация.*

## HISTORICAL AND PEDAGOGICAL ANALYSIS OF THE STUDY OF THE CULTURE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION AS A FACTOR OF INTERACTION IN PEDAGOGICAL ACTIVITY

The article reveals the essence of the pedagogical culture of communication and sociability, as a personality-oriented and personal-professional quality of a teacher. The psychological and pedagogical features of the culture of interethnic communication and sociability of students of pedagogical universities and their influence on the success of educational and social activities are particularly noted.

Especially in the content of the article, the most important conditions for the aspiration of subject-subject relations in the course of professional pedagogical communication are considered, which is the transition from the axiological presentation of the content of learning to the construction of "living knowledge".

In the article, the author notes that improving the effectiveness of the process of education and training is directly dependent on how purposefully and effectively the teacher will manage the culture of pedagogical communication as a factor influencing the process of success of students' educational activities.

**Keywords:** *culture of pedagogical communication, culture of speech, culture of behavior, subject- subject relations, interethnic communication, modernization of education, individual, communicative skills, collectivism, psychological adaptation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Арбобова Ф.А. - муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 908 -48 -79 -28*

**Сведения об авторе:** *Арбобова Ф.А. – старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел: 908 -48 -79 -28*

**About the author:** *Arbobova F.A. – senior lecturer, Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel: 908 -48 -79 -28*

**ТДУ 372.8:75 ( 575.3 )**

## НАҚШИ МАШҒУЛИЯТҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ ИБТИДОИ

***Хайруллоев Б., Боев.Ш.Р.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Баланд бардоштани сатҳи малакаҳои муошироти хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути машғулиятҳои суруду мусиқӣ яке аз роҳҳои самарабахши ташаккули салоҳиятҳои хос буда, ба шакли ташкили машғулият ва шеваи корбурди методии омӯзгор вобаста аст. Мушоҳидаҳои анҷомдодаи мо зимни таҳқиқу омӯзиши ин мавзуъ бар асоси нақшаиКороткова Н.А , Михайленко Н. тасбит намуданд, китаҷаммуи машғулиятҳои мусиқию коммуникативӣ ба инкишофи қобилияти мусиқӣ, эҷодӣ ва иртиботии бачагон таъсири мусбат мерасонад. Бачаҳо якдигарро хубтар мефаҳманд, ба андешаҳои шарикони дигари муошират гӯш медиҳанд ва ба корҳои онҳо ҳамоҳанг шуда, дӯстию рафоқаташонро мустаҳкам менамоянд.

Марҳилаи ниҳоии омӯзиш низ сӯҳбатро дар бар гирифт. Дар натиҷаи сухбат бо омӯзгорон маълум гардид, ки ин кор натиҷаҳои зиёди мусбат мебахшад ва бачаҳо бештар хушмуомила гардида, дӯстона, ба гузашт кардан ба ҳамдигар шуруъ мекунанд, ба шарикони худ дар бозиҳои дидактикии мусиқӣ-коммуникативӣ ёрии хаматарафа мерасонанд, муҳити коллектив беҳтар гардида, заминаи эмотсионалии умумӣ баланд мешавад. Кӯдаконе, ки дар муошират ғайрифаъоланд, мавқеъҳои фаъолтарро ишғол мекунанд ва кӯдакони дорои мақоми "ситора" на танҳо бо онҳое, ки қабланмуошират карда буданд, балки бо онҳое ҳам муошират мекунанд, ки қаблан намехостанд мушорикат кунанд .

Аз ин рӯ, давраи таҳсили ибтидоӣ дар ташаккули салоҳиятҳои шахсии кӯдак, аз ҷумла, салоҳиятҳои иртиботӣ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ,таълими суруд ва мусиқӣ барои хонандагони хурдсол ҳамчун воситаимуҳимми ташаккули салоҳиятҳо арзёбӣ мегардад. Бозиҳои дидактикӣ- мусиқӣ на танҳо миёни ҳамсолон, балки дар байни омӯзгор ва кӯдак робита барқарор мекунанд, ҳисси назорати ботиниро инкишоф медиҳанд, қобилиятҳои нави эҷодиро ошкор месозанд ва қобилияти баҳодиҳии кӯдакро зиёд менамоянд.

Ташаккули салоҳиятҳои шахсияти кӯдак дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ як раванди бисёрпаҳлу буда,дорои динамикаи инкишоф ва сохтори дохилии худмебошад.Бозиҳо, чун қоида, дар асоси тамос, муошират сохта мешаванд, бинобар ин, муошират ҳам як ҷузъи онҳо ва шарти онҳо мегардад. Санъати мусиқӣтаъсири мусбатро ба тамоми паҳлуҳои инкишофи кӯдакон ва махсусан, хонандагони хурдсол таъмин менамояд. Дар ин ҷараён мусиқӣ метавонад ба кӯдакон дар фаҳмидани унсурҳои марбут ба аломатҳои мусиқӣ ё ҳикояи мушаххас кӯмак кунад.

Дар марҳилаи таҷрибаҳадаф аз он иборат буд, ки ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ёрии бозиҳои дидактикӣ - мусиқӣ тавассути дарсҳои суруд ва мусиқӣ инкишоф дода шавад. Қисми аввали марҳила, ки аз кори таълимӣ иборат аст, ба васеъ намудани имкониятҳои муқаррар намудани алоқаи байниҳамдигарӣ дар вазъиятҳои гуногуни бозии дидактикӣ-мусиқӣ нигаронида шуда буд. Тадқиқот чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

- ташаккули салоҳиятҳои ( малакаҳо, қобилиятҳои) хонандагон;
- азхуд кардани малакаҳо ва қобилятҳои зарурӣ;
- инкишоф додани доираи кобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни бозиҳои дидактикӣ ва бартараф намудани монеаҳо;

Дар ин раванд бозиҳои дидактикӣ- мусиқӣ ба се гурӯҳ тақсим карда шудаанд:

1) бозиҳо барои ташаккули қобилияти дидани сифатҳои мусбат дар шахси дигар, эҳтироми ӯ, қобилияти зоҳир намудани муносибати мусбат ба шахси дигар .

2) бозиҳо барои ташаккули устувори салоҳиятҳо: сароидан, ҳис кардан,эҷод намудан (дарк кардан ) иҷро кардан:

3) бозиҳои барои рушди қобилияти ҳамкорӣ.

Ҳаминро бояд кайд кард, ки гузаронидани як қатор машғулиятҳо оид ба бозиҳои дидактикӣ бо хонандагони хурдсол, барои нишон додани фазои умумии эмотсионалӣ дар гурӯҳ ва хусусиятҳои муносибати байни иштирокчиён хеле хуб ёрӣ мерасонанд.

Баъди ба поён расидани ҳар як машғулият мо ба онҳо сухбат мегузаронидем, ки иштироккунандагондар бораи душвориҳосухан меронданд. Бачагоне, ки дар мубоҳиса фаъолтар буданд, дигаронро ба он ҷалб намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба фаъолият дар ҷараёни бозӣ зиёд менамуданд.

Ҳамчун марҳилаи муҳим, пас аз анҷоми машғулият дар гурӯҳи таълимӣ бояд ҳамеша муваффақияти он муайян карда шавад. Аз ин рӯ, мо ба кори гурӯҳва инчунин ба сифати кори анҷомдодаи ҳамаи иштирокчиёни ин тренинг баҳо додем. Бо ҳар як кӯдак имкон дада шуд, ки андешаи худро баён созад, таассуроти худро гӯяд ва бубинад, ки дар худи иштирокчӣ ё дар гурӯҳе, ки фаъолият дар он сурат гирифтааст, чӣ гуна тағйирот ба амал омадааст.

Ҳаминро бояд зикр намуд,ки Ҷаласаи омӯзишӣ аз марҳилаи муқаддимавӣ ва марҳилаи анҷомдиҳӣ иборат буд, ки он якчанд машқҳои махсусро дар бар мегирифт.

Дар ҷараёни сухбат бо иштирокчиёни бозӣ баррасӣ чунин сурат гирифт:

-тавсифи амалҳои анҷомдодашуда дар ҷараёни бозӣ бо тафсири минбаъда;

-тавсифи эҳсос ҳангоми машқи бозии дидактикӣ.

Дар ҷараёни машғулият мубоҳиса бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ сурат гирифт, ки дар он як катор саволҳо аз қабили: «Чӣ шуд?», «Дар вақти бозӣ шумо ба чӣ диққат додед?», «Бачаҳо ин бозӣ ба шумомаъқул шуд?» дода шуданд.

Чунин саволҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон доданд, ки бештар фаъол гардида, хулоса бароранд.

Аксар вақт, дар рафти муҳокима баҳсҳои ҷиддӣ ба миён меомаданд, ки нотавонбинии худро ба таври возеҳбачаҳо нишон медоданд.

Дар марҳилаи ниҳоии ҷараёни таълими дарс, ки дар гурӯҳ гузаронида шуд, фазои равонӣ, инчунин заминаи эмотсионалӣ ба таври назаррас беҳтар гардида, имкони барқарор намудани робитаҳо дар ҳолатҳои гуногуни бозиҳои дидактикӣ- мусиқӣ васеъ гардида, корҳои муассир оид ба такмили маҳорат ва малакаи хонандагони хурдсол анҷом дода шуданд. Дар баробари ин, фаъолшавии интенсивии раванди худшиносӣ ва васеъ гардидани доираи қобилиятҳо дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол ба мушоҳида мерасид.(1;с.67)

Дар марҳилаи навбатии таҷрибаи шаклгирӣ комплекси бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ тартиб дода шуд. Мақсади ин бозиҳо аз рӯйи таҳкими дигаргуниҳои мусбати бадастомада дар гурӯҳ, хусусияти ҳузур ва рушди гурӯҳ ва ҳар як иштирокчии алоҳида муайян мегардид.

Маҷмуи бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ:

**Бозии** "Биёед, дӯст бошем"

**Мақсад:** фароҳам овардани фазои ороми таълим, ҳавасманд намудани кӯдакон ба иҷрои бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ

**Таҷҳизот**: диск (флешкорт) бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ.

**Раванди бозӣ**: хонандагон давра меистанд, дар маркази довра ронанда аст (дар аввал омӯзгор нақши худро мебозад). Кӯдакон дар доира қадам мезананд ва дар дохили давра як ҳаракати муқобилро иҷро мекунанд ва суруд мехонанд:

Сипас, бозӣ такрор мешавад, аммо бо ду роҳбар, то даме ки ҳамаи бачаҳо барои худ ҷуфт интихоб мекунанд. Пас, шумо метавонед рақсҳои ҷуфтро “дар намоиш” истифода баред, ки бидуни омодагии пешакӣ иҷро карда мешаванд.

Бозии "Сагвор ва ором"

**Мақсад:** рушди шунавоии динамикӣ, суръати реаксия, диққат.

**Таҷҳизот:** диск (флешкорт) бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ. Дар шаклҳои мураккабтар - (зангӯлаҳо, дастаҳои чубӣ, рангҳо ва ғайра).

Раванди бозӣ: Кӯдакон дар атрофи толор озодона ҷойгиранд.

Мусиқии А (баланд) - Бачаҳо сахт кафкӯбӣ мекунанд (созҳо навохта мешаванд), бачаҳо ҷаҳида дар паҳлуи ҳамдигар қарор мегиранд.

Мусиқии В (хомӯш) - Кӯдаконоҳиста чапакзанӣ мекунанд.

Бозии «Дӯстӣ пайдо кунед»

**Мақсад**: Рушди сифатҳои коммуникатсионӣ, суръати реаксия,
фаъолсозии диққат. Эҷоди фазои ором у осуда.

**Таҷҳизот:** диск (флешкорт) бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ.

**Раванди бозӣ:** Ҳамаи кӯдакон зери садои мусиқӣ ба осонӣ дар дохили толор давиданд. Ҳамин ки садои мусиқӣ тағйир меёбад, ҳар як аз бачаҳо бояд ҷуфт интихоб намуда, гардиш кунанд. Вақте ки мусиқӣ такрор мешавад, кӯдакон боз дар толор пароканда мешаванд, то суруди дуюми мусиқиро такрор кунанд, онҳо дубора ҷуфт мешаванд, аммо ин дафъа бояд дӯсти нав интихоб намояд.

Бозии "Лентаҳои рангинкамон"

Мақсад: Барқарор намудани алоқа байни кӯдакон, эҷоди фазои мусоиди эмотсионалӣ. Мустаҳкам намудани қобилияти тасаввури рангҳо бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ.

Раванди бозӣ: Кӯдакон дар доира меистанд, ҳар кадом дар даст 1 лентаи ранга доранд. Дар доира пеш бурда, дар дасташ лентаҳои ранга (7 ранги рангинкамон) дорад.

Мусиқӣ А - кӯдакон таҳти садои мусиқӣ дар толор ба осонӣ ҳаракат мекунанд.

Мусиқии Б - Омӯзгор лентаи ранги муайянро мебардорад (масалан, кабуд, хонандагоне, ки дар дасташон ҳамон лентаро доранд, давида мебароянд; онҳобадоҳатан мерақсанд. Дафъаи дигар, роҳбар лентаи ранги дигарро мебардорад. ва барои дафъаи охир — ҳамаи лентаҳои гуногунрангро боло мебардорад.

Бозии "Роботҳо ва балеринаҳо"

Мақсад: Рушди малакаҳои муошират, таҳкими консепсияи шакли 2-қисм. Инкишофи қобилиятҳои импровизатсия.

Таҷҳизот: диск (флешкорд) бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ.

Раванди бозӣ: Писарон - "роботҳо", духтарон - "ситораҳо".

Мусиқии А ("роботҳо") - писарбачагон дар гирду атрофи толор ҳаракат карда, бо ҳаракатҳои худ симои "робот"-ро интиқол медиҳанд. Бо анҷоми мусиқӣ, "роботҳо" бояд дар ягон мавқеъ боз истанд.

Мусиқии В ("балерина") - духтарон дар гирди толор ҳаракат карда, симои "балерина"-ро интиқол медиҳанд. Мавриди ба охир расидани мусиқӣ онҳо саф мекашанд ва меистанд.

Ҳар дафъа фосилаҳои мусиқӣ кӯтоҳтар мешаванд ва диққати бештар ва аксуламали зудтарро талаб мекунанд. (3;с.98)

Бозии"Кулоҳҳои мусиқӣ"

Мақсад: Барқарор намудани алоқа байни кӯдакон, эҷоди фазои орому осуда ва дӯстона.

Таҷҳизот: диск (флешкорт) бо мусиқӣ, маркази мусиқӣ, кулоҳ.

Раванди бозӣ: Кӯдакон дар давра меистанд. Дар зери мусиқӣ бачаҳоаз зери кулоҳ мегузаранд. Кӯдаке, ки мусиқӣ дар баробари ӯ қатъ мешавад, кулоҳ мепӯшад ва ягон амалро ба монанди ҷаҳиш, гардиш кардан,якчанд ҳаракати рақс иҷро мекунад.

Бозии "Ба тарафи ман табассум кунед"

(Кӯдакон дар давра қадам мезананд. Дар марказ ҷодугаре бо асои сеҳрнок рост меистад).

Ҷодугар ба хабаргирии мо омад,
Ба тарафи ҳамаи кӯдакон табассум кард.
Вай даҳонашро бо кафи дасташ пӯшид.
Ва ба сӯйи бачаҳо таббасум кард.

(кӯдакон бо кафи даст даҳонашонро мебанданд, ҷодугар асои худро меҷунбонад, кӯдакон дастонашонро ба паҳлу гузошта, табассум мекунанд, баъд вай бо асои ҷодугарӣ ба кӯдак наздик мешавад, ӯро ламс мекунад.

Бозии **"Хори ҳайвонот"**

Соҳибхона кӯдаконро ба ду даста тақсим мекунад: яке «гурбаҳо», дигаре «сагон». Аз «Гурбаҳо» хоҳиш мекунанд, ки мисли гурба суруд хонанд: «Мияв, мияв» ба мақсад: «Меравем, меравем, ба мамлакатҳои дур меравем», бо фармони соҳибхона «гурбаҳо» " хомӯш шуда, "сагҳо" ба сурудани шуруъ мекунанд. Сипас, ҳарду даста яке бо овози гурбаҳо дигаре бо овози сагҳо якҷоя суруд мехонанд.

Бозии "Ту дӯсти ман ҳастӣ ва ман дӯсти ту"

Бачаҳо ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд (писар ва духтар); дар паҳлуи ҳамдигар истода, даст ба даст ба саҳна мебароянд. Мусиқии шавқангез ба гӯш мерасад, бачагон озодона дар толор ҳаракат мекунанд. Бо сигнали омӯзгор дар лаҳзаи катъ кардани мусиқӣ бачаҳо ҷуфти худро тарк карда, барои худ ҷуфти ( дугона ё ҷура)– и дигарро интихоб мекунанд. Касе, ки аввал ҷуфти худро пайдо кард, соҳиби тухфа мегардад. Бозӣ бо салоҳияти хонандагон ва салоҳдиди роҳбари мусиқӣ вобаста ба шавку завқ ва табъибачаҳо якчанд маротиба такрор карда мешавад.

Баъди таҳлили натиҷаҳои коре, ки дар марҳилаи таҷрибаи ташаккулёбанда гузаронида шудааст, ба тағйироти ҳолати умумии эмотсионалии аъзои гурӯҳ ки сифати нав ёфтааст, диққати махсус дода мешавад.Ташаббус ва фаъолияти бачагон дар машғулиятҳои якҷоя торафт меафзояд. Бо ёрии бозиҳои дидактикӣ –мусиқӣ дар гурӯҳҳо байни хонандагони хурдсол муносибатҳоро барқарор кардан мумкин буд. Дар марҳалаи озмоишӣ назоратӣ муфассалтар омӯхтан ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҷрибаи муайянкунанда ва шаклгирӣ, умумӣ ва ба низом даровардани маълумоти бадастовардашуда гузаронида шуд. Мақсади марҳилаи назоратии таҷрибаи умумӣ ва қиёсӣ таҳлили натиҷаҳо, тартиб додан ва ба низом даровардани хулосаву пешниҳодҳо мебошад.

Марҳилаи назоратии таҷриба нишон дод, ки аксарияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ дарбозиҳои дидактикӣ фаъолтар ва озодтар иштирок мекарданд. Аз ин рӯ,салоҳияти онҳо торафт ташаккул меёбад. Он бачаҳое, ки дар бозиҳои

дидактикӣ душворӣ мекашиданд, дар бозиҳои дидактикӣ -мусиқӣ озод буданд ва баъзан дар иҷрои ҳаракатҳо, импровизатсияҳо нисбат ба кӯдаконе, ки ба ҷуфтҳо ихуд машғул буданд, натиҷаҳои беҳтар нишон медоданд. Кашф карда шудааст, ки мусиқӣ боиси баланд гардидани рӯҳияи кӯдак мегардад. Аз ин рӯ, давраи таҳсили ибтидоӣ дар ташаккули салоҳиятҳои шахсияти кӯдак ва махсусан салоҳиятҳои иртиботӣ давраи муҳим ба шумор меравад. Имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ ба ҷанбаи инкишофи иҷтимоию коммуникативӣ ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Бозии дидактикӣ-мусиқӣ на танҳо бо ҳамсолон, балки дар байни омӯзгор ва кӯдак робита барқарор мекунад, ҳисси назорати ботиниро инкишоф медиҳад, қобилиятҳои нави эҷодиро ошкор мекунад, баҳодиҳии кӯдакро зиёд менамояд.

Ташаккули салоҳиятҳои шахсияти кӯдак дар хонандагони синфҳои ибтидоӣяк раванди серпаҳлу буда, як системаи мураккаби ягонаи дорои динамикаи инкишоф ва сохтори дохилии хос мебошад.

Фаъолияти рушддиҳандаи салоҳияти кӯдакон (хусусан дар синфҳои ибтидоӣ) бозии дидактикӣ мебошад. Бозиҳо, чун қоида, дар асоси тамос, муошират сохта мешаванд, бинобар ин, муошират ҷузъи онҳо ва шарти онҳо мегардад. Санъати мусиқӣ дорои таъсири махсусимусбат ба тамоми соҳаҳои инкишофи кӯдакон ва махсусан, хонандагони хурдсол мебошад. Мусиқӣ метавонад ба кӯдакон дар фаҳмидани унсурҳои марбут ба аломатҳо ё ҳикояи мушаххас кӯмак кунад. Он инчунин кӯдаконро ба таври мусбат тарбия мекунад ва барои фаъолияти мустақилонаи иҷрои бозиҳои дидактикӣ ҳавасманд мекунад.

Аҳамияти педагогии бозиҳои дидактикии мусиқӣ дар он аст, ки онҳо ба кӯдак имконияти дар амалияи ҳаёт татбиқ намудани донишҳои гирифтаашро муҳайё месозанд. Амалҳои бозӣ ба кӯдакон барои шунидан, муқоиса ва фарқ кардани кайфият ва тасвирҳое, ки мусиқӣ мерасонад, кӯмак мекунад ва кӯдаконро ба мавқеи фаъолтари бозӣ тела медиҳад.

Марҳилаи озмоиши муайянкунанда дар ҷараёни фаъолияти амалӣ мушкилоти муносибатҳои байнишахсии хонандагон, паст будани фаъолият ва ташаббуси бачагон дар фаъолияти бозӣ, шиддати эмотсионалӣ ва ноустувориро ошкор намуд.

Фаъолияти баъдӣ ба беҳтар намудани фазои психологӣ дар синфҳои ибтидоӣ, рафъи монеаҳои муошират, ҳолати эмотсионалии хонандагон тавассути машғулиятҳо,рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак, ташаккули сифатҳои коммуникатсионӣ, барқарор кардани алоқа дар ҳолатҳои гуногуни муошират, рушди малакаҳои муошират,такмили муносибатҳо дар коллектив, фаъолсозии диққати шунавоӣ, худшиносӣ, қобилиятҳо бахусус,ташаккули салоҳиятҳои зарурии хонандагон мусоидат мекунад.

**Хулоса**

Кӯдакон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар мавриди иҷрои бозиҳои дидактикӣ ба мазмуни дониш, қобилият ва малакаи гуногуни мусиқӣ соҳиб мегарданд. Қайд кардан бамаврид аст, кигузариши кӯдакон ба давраҳои синнусолӣ гарави инкишофи минбаъдаи мутаносиби шахсият буда, нақши омӯзгор дар ин марҳилаҳо муҳим дониста мешавад, зеро ӯ дар интихоби мазмун ва мақсади фаъолият бояд аз маҳорати касбӣ, санъати баланди педагогӣ ва маҳорати низомдорӣ моҳирона истифода барад.

Бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ бояд тавре таҳрезӣ гарданд, ки мақсад, вазифа ва раванди муайяни иҷрокунандагиро нигоҳ доранд, то хонандагон бо ҳавасмандӣ онҳоро намуда, хастагии худро эҳсос нанамоянд ва ҳар як машғулияти суруд ва мусиқиро бесаброна интизор шаванд.

**АДАБИЁТ**

1.Куликова О.Л. Инкишофи малакаҳои муошırати кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ [Матн] / О.Л. Куликова // Маҷаллаи Ярославл Бюллетени педагогӣ - 2011 - № 1 - Ҷилди 2 (илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ)

2 Куприн, Н. Бозиҳои мусиқии коммуникатсионӣ дар рушди иҷтимоии кӯдакон [Матн] / Н.Г. Куприн. - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Урал. - Екатеринбург, 2002

3.Леонтьев А.А. Психологияи муошират дар раванди бозии дидактикӣ [Матн] / А.А. Леонтьев. - М.: Маънои, 2010.

4.Менджерицкая Д.В. Омӯзгор дар бораи бозии кӯдакон [Матн] / Д.В. Менджерицкая. - М., 2013.

4.Михайленко Н.Я., Короткова Н.А. Ташкили бозии сюжетӣ дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ: Дастур барои муаллим. нашри 2. М., 2012.
5.Минкин, Е. Аз бозӣ ба дониш: Дастур барои муаллим. - Нашри 2, аз нав дида баромада. - [Матн] / Э.М. Минкин - М.: Равшансозӣ, 1987.
6.Никитин, В.Р. Бозиҳои таълимӣ. - нашри 2. [Матн] / В.Р. Никитин - М.: Педагогика, 1985.
7.Хайруллоев Б. Методикаи тарбияи мусикӣ дар синфхои ибтидои Душанбе,матбаа 2019.

## НАҚШИ МАШҒУЛИЯТҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мавриди назар роҷеъ ба марҳилаи ташаккули таҷриба сухан меравад ваҳадаф он аст, киташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ёрии бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ тавассути дарсҳои суруд ва мусиқӣ инкишоф дода шавад.Маҳз хамин максад имкон медихад, ки кори таълимӣвобаста, ба васеъ намудани имкониятҳои муқаррар намудани алоқаи байниҳамдигарӣ дар вазъиятҳои гуногуни бозии дидактикӣ нигаронида шавад.

Дар мақола гузаронидани як катор машғулиятҳо оид ба бозиҳои дидактикӣ бо хонандагони хӯрдсол нишон дода шудааст, ки барои муҳити умумии эмотсионалӣ дар гурӯҳ ва хусусиятҳои муносибати байни иштирокчиён хеле хуб ёрӣ мерасонад.

Натиҷаҳои ба даст омада вобаста ба охир расидани ҳар як машғулият дорои хусусияти илмӣ ва методь мебошанд, ки дар мақолаи мазкур ҳама ҷихата ифодаи худро ёфтаанд.

**Калидвожа:** *фаъолият, ташаккул, бозӣ, дидактикӣ,хонандагон, сифнҳои ибтидоӣ, суруду мусиқӣ,қобилият, малака салоҳиятҳо*

## РОЛЬ УРОКОВ ПЕНИЯ И МУЗЫКИ В РАЗВИТИИ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В рассматриваемой статье говорится об этапе формирования опыта, целью которого является развитие компетентности учащихся начальных классов с помощью дидактико-музыкальных игр через уроки пения и музыки, направленных на расширение возможностей установления взаимного общения при различных ситуациях в дидактической игры.

В статье показано проведение серии упражнений по дидактическим играм со старшими школьниками, что очень хорошо помогает общей эмоциональной обстановке в группе и особенностям взаимоотношений между участниками.

Результаты, полученные в конце каждого мероприятия, имеют научно-методический характер, все аспекты которого были выражены в данной статье.

**Ключевые слова:** *деятельность, образование, игра, дидактика, учащиеся, младшие классы, песня и музыка, умение, навыки, компетентности.*

## THE ROLE OF IN THE DEVELOPMENT OF THE COMPETENCE OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The article in question talks about the stage of experience formation, and the goal is to develop the competence of primary school students with the help of didactic and musical games through song and music lessons aimed at expanding the possibilities of establishing mutual communication in various situations of didactic play.

The article shows a series of exercises on didactic games with older students, which very well helps the overall emotional situation in the group and the characteristics of the relationship between the participants.

The results obtained at the end of each event are of a scientific and methodological nature, all aspects of which were expressed in this article.

**Key words:** *activity, education, game, didactics, students, junior classes, song and music, skill, competence,.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Хайруллоев Баҳриддин номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ ДДОТ ба номи С. Айнӣ Тел 900224481*

**Сведение об авторах:** *Хайруллоев Бахриддин – кандидат педагогических наук, доцент кафедры теории и методики музыкально-художественного воспитания Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, Тел: (+992) 900224481*

**About the authors:** *KhairulloevBakhriddin - Candidate of Pedagogical Sciences, AssociateProfessor of the Department of Theory and Methods of Musical and ArtisticEducation, Tajik State PedagogicalUniversity named after S. Aini, Tel: (+992) 900224481*

**Маълумот дар бораи муҳаққиқ:** *Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаи Донишго�и давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 909934241*

**Сведение об авторе***:* *Боев Шахобиддин Раджабалиевич заведушей кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел (+992) 909934241*

**Author information:***Boev Shahobiddin Rajabalievich Senior Lecturer, Department of Theory and Methods of Music and Art Education, Pedagogical Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel (+992) 909934241*

## ТАҲЛИЛ ВА ОЗМОИШҲОИ ПЕДАГОГӢ БО ТАТБИҚИ АМСИЛАИ КОМПЮТЕРИИ «РОҲНАМОИ АЛГЕБРА» ДАР РАВАНДИ ДАРСИ АЛГЕБРАИ СИНФИ 8-УМ

***Ҷалилов Х. М.*****, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

***Саидҷаҳфаров А. И.* Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ғояи коркарди амсилаи компютерии барномаи роҳнамои алгебра барои синфи 8-ум мустақиман пас аз қисман бо хонандагони гурӯҳҳои таҷрибавӣ гузаронидани озмоишҳои педагогии вобаста ба санҷиши тестӣ ва гузаронидани дарсҳои лексионӣ рӯйи кор омадааст. Гарчанде дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ хонандагон дарсҳои омӯзгоронро тавассути супоришҳои вазифаи хонагӣ, хондани мавзуъ дар ҳалли масъалаҳои дар наздашон гузошташуда хеле бозавқ, ҷиддӣ ва самаранок истифода бурда тавонанд ҳам, тавассути барномаҳои махсуси компютерӣ дар назди экрани компютер нишастан, ба саволҳои маҷозии пешниҳодшуда ҷавобҳои мувофиқ додан ва ба мақсадҳои ниҳоии худ расидан, боиси ҷолибияти бештар пайдо намудани онҳо мегардад [7;8].

Аз ин рӯ, мо зарур шуморидем, ки бо истифода аз технологияҳои навини амсиласозӣ барномаи роҳнамои алгебраро барои фанни алгебраи синфи 8-ум бо истифода аз методи муосир дар шакли худкор таҳия намоем. Хушбахтона ҳадафи мазкурро мо бо ёрии забонҳои барномасозии объектгарои Python, JavaSicript, HTML, CSS ва барои нигоҳдори намудани иттилоот барномаи SQL-ро истифода намуда, рӯйи кор овардем.

Бояд қайд намуд, ки барномаи компютерии таҳиянамудаи мо натанҳо барои омӯхтани мавзӯъҳо, супоридани тестҳо, балки барои ворид намудани рӯнамоҳо, бозиҳои таълимӣ, супоришҳо аз ҳар гуна мавзуъҳои дигар низ метавонад хизмат расонад. Барои истифода намудани барномаи мазкур кифоя аст, ки дар алгоритми барномаи сохташуда тағйироти зарурӣ ворид карда шавад ва дар раванди дигар дарсҳо ҳам мавриди истифода қарор гирад. Ҳангоми иҷрои барнома хонанда дар экрани компютер бо чор равзанаи робитавӣ сару кор дорад: якум, *равзанаи асосӣ*, дуюм, *равзанаи бақайдгирӣ ва воридшавӣ*, сеюм*, равзанаи меню,* чорум*, равзана барои супоридани тест.*

Равзанаи асосӣ барои иҷро кунанда, яъне хонанда пешбинӣ шудааст. Шакли ин равзана аз дигар равзанаҳои системаи амалиётии MS Windows ягон фарқи ҷиддие надорад. Он аз «Сатри сарлавҳа», «Майдони корӣ» ва тугмаи амрии «Воридшавӣ» иборат буда, андозааш вобаста ба экрани компютер тағйир меёбад. Интерфейси равзанаи асосии барномаи «Роҳнамои алгебра» дар расми 1 инъикос ёфтааст.




***Расми 1 – Равзанаи асосии барномаи «Роҳнамои алгебра»***

Дар сатри сарлавҳаи равзана ғайр аз се тугмаи системавӣ-стандартии «Ғункунӣ», «Паҳнкунӣ» ва «Пӯшидан», инчунин номи равзана оварда шудааст. Дар қисмати болоии майдони кории равзана бошад, ба таври худкор матни масъалаи эҳтимолии (тасодуфии) ҳалшавандаи навбатӣ ва ҷадвали ададии дуқисмаи ба он мувофиқ намудор мегардад.

Яке аз мақсади асосии таҳияи барномаи мазкур ин рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди дарсҳои алгебраи синфи 8-ум ва алоқаманкунии ин фанни таълими бо технологияи иттилоотӣ мебошад. Амсилаи компютерии таҳияшуда имконият медиҳад то раванди пешниҳоди мавод таълимӣ якчанд маротиба осон гардад. Зеро тавассути имкониятҳои барнома тамоми мавзуъҳои дарсӣ дар шакли парвандаҳо бо формати пдф ва технологияи рӯнамосозӣ омода шудаанд, ки истифодаи онҳо барои ҳамагон дастрас аст.

Ҷиҳати арзёбӣ ва баҳодиҳии самараи азхудкунии мавзуъҳои дарсии фанни алгебраи синфи 8-ум тавассути имкониятҳои худсанҷи барномаи «Роҳнамои алгебра» саволномаи тестиро дарду вариант аз боби якуми китоби дарсӣ, ки фарогири мавзуи «Касрҳои ратсионалӣ»мебошанд, тартиб додем. Инчунин, санҷиши азхудкунии мавзуҳои боби мазкурро бо таври анъанавӣ ва тавассути амсилаи компютерӣ дар МТМУ-и №1, №25-и н.Рашт ва №14-и н. Нуробод бароҳ мондем.

Қайд менамоем, ки саволномаҳои тестӣ аз доираи мавзуъҳои боби якуми китоби дарсиифанни алгебраи синфи 8-ум бо таври тасодуфӣ интихоб шудаанд. Ҳар як омӯзгори фаннӣ дар доираи имкониятҳои худ метавонад, вариантҳои гуногуни саволномаи тестиро таҳия намуда, самаранокии дониши хонандагонро баҳодиҳӣ намояд. Зеро барои таҳия намудани саволномаҳои тестӣ дар барнома қисмати махсус барои омӯзгорон ҷудо шудааст ва онҳо метавонанд озодона саволномаҳои тестиро ворид намоянд [7-8].

Гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ҷиҳати муайянсозии самаранокии амсилаи компютерии «Роҳнамои алгебра» дар якчанд марҳила сурат гирифт. Озмоишҳои педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, №25-и ноҳияиРашт ва №14-и ноҳияи Нуробод, ки пойгоҳҳои измоишӣ интихоб шуда буданд, гузаронида шуд. Дар раванди таҷрибагузаронӣ синфҳои 8А аз бо усули анъанавӣ ва 8Б бо таври таҷрибавӣ тавассути имкониятҳои худсанҷи барнома аз рӯйи саволномаҳои тестӣ мавриди таҳлил қарор гирифт.

Натиҷаи озмоиш дар муассисаи таҳисоти миёнаи умумии №14 дар ҷадвали 1 оварда шудааст:

**Ҷадвали 1 – Натиҷаи санҷиши азхудкунии мавзуъҳои боби якуми фанни алгебраи синфи 8, дар МТМУ-и №14, н.Нуробод**

| **Соли хониш** | **с/х2021-2022** | |
|---|---|---|
| **Синф** | **Санҷиш бо усули анаъанавӣ дар синфи 8А** | **Санҷиш дар гурӯҳи таҷрибавии синфи 8Б** |
| МТМУ №14 | 53% | 62% |

Дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ муайян намудем, ки барои санҷиши саволномаи тестии тартибдодашуда бо усули анъанавӣ дар синфи 8А (24 нафар) бо ҳисоби миёна 30 даққиқа вақт сарф шуд. Тавассути иконениятҳои барнома дар синфи 8Б (25 нафар) бошад, 5 даққиқа вақт сарф шуд, ки ҳамаи ин аз афзалиятнокии кори барнома гувоҳӣ медиҳад.

Натиҷаи санҷиши барнома дар МТМУ-и №1 ва №25-и н. Рашт дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2 – Натиҷаи санҷиши азхудкунии мавзӯъҳои боби якуми фанни алгебраи синфи 8-ум, дар МТМУ-и №1 ва №25-и н. Рашт**

| **Соли хониш** | **с/х2021-2022** | |
|---|---|---|
| **Синф** | **Санҷиш бо усули анаъанавӣ дар синфи 8А** | **Санҷиш дар гурӯҳи таҷрибавии синфи 8Б** |
| | 49% | 56% |
| МТМУ №25 | 54% | 68% |

Диаграммаи қиёси усули анъанавӣ ва таҷрибавии ҷадвалҳои 1 ва 2 дар расми 2 оварда шудааст.




***Расми 2 – Диаграммаи қиёси санҷиши тестӣ дар МТМУ-и №1, №25, н. Рашт ва №14, н. Нуробод***

Дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ муайян намудем, ки тавассути барномаи компютерии худсанҷ баҳо додани савияи дониши хонандагон якчанд маротиба вақтро сарфа ва кори омӯзгорони фанниро осон мегардонад. Ин гуфтаҳоро баръало аз диаграммаи қиёсии расми 2 мушоҳида намудан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки якчанд маротиба ҷиҳати муайянсозии вақт дар санҷиши саволномаҳои тести озмоиш гузаронида, муайян намудем, ки бо таври анъанавӣ агар тестҳо санҷида шаванд, дар синфҳои 20-25 нафара бо ҳисоби миёна 30 дақиқа вақт сарф мешавад. Тавассути барномаи компютерӣ бошад, дар мудати 5 дақиқа ба пуррагӣ савияи дониши хонандагонро баҳо додан мумкин будааст [8].

Дар қисмати навбатии озмоишҳои педагогӣ байни хонандагони синфи 8-ми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1, №2, №25 ва № 26-и ноҳияи Рашт ва №14-и ноҳияи Нуробод, дар маҷмуъ 322 нафар, тариқи саволнома пурсиши сотсиологӣ ҷиҳати татбиқи амсилаи компютерии «Роҳнамои алгебра» гузаронида шуд (намунаи саволнома дар замимаи 2 оварда шудааст). Пас аз гузаронидани озмоиш муайян намудем, ки қисми зиёди хонандагон таваҷҷуҳ ба татбиқи амсилаи мазкурро дар раванди дарс доранд. Зеро аз гурӯҳҳои интихобшуда, тавассути амсиласанҷиши тестӣ гирифта шуд ва онҳо бо алгоритми кории оншинос буданд. Натиҷаи пурсиши саволнома дар ҷадвали 3 оварда шудааст:

**Ҷадвали 3 – Натиҷаи саволномаҳои пурсишӣ**

<table>
<tr><th colspan="8">Ба Шумо кадом намуди дарс маъқул аст?</th></tr>
<tr><th rowspan="2">Синфҳо</th><th colspan="2">МТМУ №1, ноҳияи Рашт</th><th colspan="3">МТМУ №2, ноҳияи Рашт</th><th colspan="2">МТМУ №25, ноҳияи Рашт</th></tr>
<tr><th>8А</th><th>8Б</th><th>8А</th><th>8Б</th><th>8В</th><th>8А</th><th>8Б</th></tr>
<tr><td>Дарсҳои дар шакли анъанавӣ</td><td>38%</td><td>35%</td><td>40%</td><td>43%</td><td>20%</td><td>27%</td><td>45%</td></tr>
<tr><td>Дарсҳо бо истифодаи барномаи «Роҳнамои алгебра»</td><td>62%</td><td>65%</td><td>60%</td><td>57%</td><td>80%</td><td>73%</td><td>55%</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="4">МТМУ №26, ноҳияи Рашт</td><td colspan="3">МТМУ №14, ноҳияи Нуробод</td></tr>
<tr><td>Синфҳо</td><td>8А</td><td>8Б</td><td>8В</td><td>8Г</td><td colspan="2">8А</td><td>8Б</td></tr>
<tr><td>Дарсҳо дар шакли анъанавӣ</td><td>25%</td><td>39%</td><td>32%</td><td>46%</td><td colspan="2">18%</td><td>36%</td></tr>
<tr><td>Дарсҳо бо истифодаи барномаи «Роҳнамои алгебра»</td><td>75%</td><td>61%</td><td>68%</td><td>54%</td><td colspan="2">82%</td><td>64%</td></tr>
</table>

Диаграммаи натиҷаҳои муқоисавии пурсиш, дар расми 3 пешниҳод шудааст:




***Расми 3 – Диаграммаи муқосиавии пурсиши саволнома дар МТМУ-и №1, №2, №25, №26, н. Рашт ва №14, н. Нуробод***

Аз натиҷаҳои қиёсии диаграммаи дар расми 3 овардашуда айён аст, ки қисмати зиёди хонандагон таваҷҷуҳ ба татбиқи технологияҳои муосири компютерӣ, хусусан барномаи «Роҳнамои алгебра»-ро дар раванди таълим дошта, хоҳиш доранд то раванди дарс тавассути технологияҳои муосири компютерӣ бароҳ шавад. Ҳангоми таҳлили диаграммаи мазкур аз ҳама нишондоди беҳатарин дар МТМУ №2, синфи8В, н. Рашт 80%ва синфи 8А дар МТМУ №14-и н. Нуробод бақайд гирифта шуд. Паз аз таҳлилҳо муайян намудем, ки сабаби асосии чунин нишондод пеш аз ҳама аз технологияҳои иттилоотӣ бохабар будани ҳам омӯзгори фаннӣ ва ҳам хонандагони синфҳои номбаршуда мебошад. Аз ин рӯ, бояд омӯзгори имрӯза, роҳҳои беҳтарини татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва дигар технологияҳои муоссири таълимиро ҷустуҷӯ намуда, дар раванди таълим татбиқ намояд [7].

Ҳамин тавр, дар раванди гузаронидани таҷрибаҳои озмоишии педагогӣ муайян намудем, ки татбиқ ва истифодаи амсилаи компютерии «Роҳнамои алгебра», ки барои фанни алгебраи синфи 8-ум пешбинӣ шудааст, раванди дарсҳоро ҷолиб ва малакаи эҷодии хонандагонро рушд медиҳад. Дар раванди санҷиши саволномаҳои тестӣ муайян намудем, ки тамоми марҳилаи муайянсозии сифати таҳсилотҷиҳати азхуднамоии мавзӯъҳои дарсӣ чанди маротиба осон гардида вақт сарфа мешавад. Инчунин, бо истифода аз имкониятҳои дигари барнома, ки дар раванди дарс татбиқ мешаванд, аз қабили пешниҳоди мавзӯъҳои дарсӣ дар шакли электронӣ ва дар шакли рӯнамоҳи чандрасонаӣ сарбориҳои барзиёди омӯзгорон кам гашта, айёнияти бештари таълимӣ таъмин мегардад.

Озмоишҳои педагогие, ки дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавии МТМУ-и №1, №2, №25, №26 ва №14, давоми солҳои 2020-2023 гузаронида шуданд, нишон доданд, ки татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар рушди салоҳиятнокии донишомузии хонандагон нақши созгор дошта, малакаҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагонро рушд медиҳанд. Ин гуфтаҳоро озмоишҳои педагогии дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ гузаронидашуда собит намуданд.

## АДАБИЁТ

1. *Беспалько, В.П.* Программированное обучение: дидактический аспект / В.П. Беспалько // – М.: Педагогика, 1970. – 300 с.
2. *Герман, Ю.В.* Дидактические аспекты применения информационных технологий на уроках математики / Ю.В. Герман // Содружество наук. Барановичи-2010: тезисы докладов VI Междунар. науч.-практ. конф. молодых исследователей, 19–20 мая 2010 г., Барановичи,Респ. Беларусь: в 2 ч. / редкол.: А.В. Никишова (гл. ред.) [и др.]. – Барановичи: РИО БарГУ, 2010. – Ч. 1. – С. 97-98.

3. *Ефремов, И.* Компьютерные технологии обучения: дайджест: Газета «Математика» № 15 / И. Ефремов //– М.: «Первое сентября», 2008.
4. *Каллаур Н.А.* Методтка обучения математике учащихся средней школы с помощью информационных технологий / Каллаур Н.А., Герман Ю.В. // Монография, – Минск: БГУ, 2008. – 51с.
5. *Каллаур, Н.А.* Проблемы проведения педагогического эксперимента по использованию информационных технологий на уроках математики в средней школе / Н.А. Каллаур, Ю.В. Герман // Педагогичнӣ науки: теория, история, инновации технологии: науковий журнал – №2(4), – СумПДУ им. А.С. Макаренка, 2010. – С. 302-309.
6. *Миронова, М.* Конструирование урока математики с использованием ИКТ: Газета «Математика» № 15 / М. Миронова // – М.: «Первое сентября», 2008.
7. *Саидзода, И.М.* Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / Саидзода И.М., Ҳайётов Қ.// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ, Душанбе, 2021. №3. – С. 293-300.
8. *Саидов, И.М.* Истифодаи технологияҳои компютерӣдар фаъолияти таълимӣ [Матн]/ Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ, Душанбе, 2021. №4. – С. 220-227.
9. *Саидов, И.М.* Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон [Матн] / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика психология. 2021. №1,(33). – С. 60-64. ISSN 2617-5620.
10. *Саидов, И.М.* Хизматрасониҳои технологияҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди таҳсилоти фосилавӣ [Матн]/ Саидов И.М., Ҳайётов Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. №4(4). Душанбе, 2020. – С. 160-164.
